# ҲНИТ-ЗОДАИ ОРМОНИ МАРДУМ

(Ба ифтихори 30-солагии таъсиси
Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон)



Душанбе - 2003
Таҳти назари устод
Сайид Абдуллоҳи Нурӣ

Муаллиф ва мураттиб: Қиёмиддини Сатторӣ

Муҳаррири масъул: Муҳаммадалии Ҳаит

Муҳаррири техникӣ: Абдуқаҳҳори Давлат

Ин китоб ба ифтихори 30-юмин солгарди таъсиси ҲНИТ бахшида шудааст. Боби аввали он таърихи шифоҳии Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон буда, аз фаъолияти дирӯза, имрӯза ва ояндаи ин созмон нақл мекунад. Мавзӯъи боби дуюми китоб ҳаёт ва корномаи шаҳидони роҳи Ҳақ мебошад. Боби сеюм ҳикоятест ҷонсӯз аз рӯзгори талхи ҳиҷрат. Дар боби охир намунаҳо аз ашъори суханварони ин ҷунбиши исломӣ оварда шудааст.
Китоб арзиши илмӣ, маърифатӣ ва фарҳангӣ дошта, барои доираи васеъи хонандагон пешкаш мегардад.

Ба ҷои сарсухан

Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ

Чист таърих? Эй зи худ бегонае,
Достоне, қиссае, афсонае.
Ин туро аз хештан огаҳ кунад,
Ошнои кору марди раҳ кунад.
Рӯҳро сармояи тоб аст ин,
Ҷисми миллатро чу аъсоб аст ин.
Ҳамчу ханҷар бар фасонат мезанад,
Боз бар рӯи ҷаҳонат мезанад.
Ваҳ, чӣ сози ҷоннигору дилпазир,
Нағмаҳои рафта дар тораш асир.
Шӯълаи афсурда дар сӯзаш нигар,
Дӯш дар оғӯши имрӯзаш нигар.
Шамъи ӯ бахти умамро кавкаб аст,
Равшан аз вай имшабу ҳам дишаб аст.
Чашми паргоре, ки бинад рафтаро,
Пеши ту боз офаринад рафтаро.
Бодаи садсола дар минои ӯ,
Мастии порина дар саҳбои ӯ...
Забт кун таърихро поянда шав,
Аз нафасҳои рамида зинда шав.
Дӯшро пайванд бо имрӯз кун,
Зиндагиро мурғи дастомӯз кун.ы
Риштаи айёмро овар ба даст,
Варна гардӣ рӯзкӯру шабпараст...

БОБИ I

ДИРӮЗ, ИМРӮЗ ВА ФАРДОИ ҲНИТ

Ҳизбе, ки реша дар ормони
мардум дорад

Мусоҳиба бо раиси ҲНИТ устод
Сайид Абдуллоҳи Нурӣ

Бунёдгузори ҲНИТ. Соли 1947 дар деҳаи Оштиёни собиқ ноҳияи Сангвор (Тавилдара) ба дунё омадааст. Баъдан аҳли хонадони онҳо дар қатори дигар мардуми кӯҳистон ба Вахшонзамин, барои ободии ин диёр кӯчонида мешаванд. Ӯ соли 1964 мактаби таҳсилоти ҳамагониро хатм кард. Сипас курси муҳандисиро дар назди муассисаи баҳисобгирии шаҳри Қӯрғонтеппа ба итмом расонида, дар идораи мазкур ба ҳайси муҳандис-геодезист то соли 1986 адои вазифа намуд.

Дар назди донишмандони маъруф, амсоли мулло Сиёмиддини Наҷмиддин ва Қорӣ Муҳаммадҷони Хуқандӣ, маъруф ба Мавлавии Ҳиндустонӣ илмҳои мухталифи шаръӣ, мисли «Сарфу наҳв», «Маъонӣ», «Мантиқ», «Таърихи ислом», «Ҳадис, «Тафсири Қуръон» ва ғайраро омӯхтааст. Моҳи июни соли 1986 аз ҷониби мақомоти амниятии собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ аз сабаби озодандешӣ ба ҳабс гирифта шуд. Моҳи феврали соли 1987 бо ҳукми Додгоҳи вилояти Қӯрғонтеппа аз рӯи моддаи 203-и Кодекси ҷиноятии РСС Тоҷикистон бо иттиҳоми "Паҳн кардани хабарҳои бардурӯғе, ки сохти ҷамъиятиву давлати сотсиолистиро бадном мекунанд", ба муддати 1,5 сол аз озодӣ маҳрум карда шуд. Мӯҳлати ҷазоро дар маҳбасҳои Сибир ва Шарқи Дур паси сар кардаст.

Устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ бо чаҳор нафар шогирдонаш 20 апрели соли 1973 созмони «Наҳзати Ҷавонони Исломии Тоҷикистон"-ро дар водии Вахш таъсис дод, ки баъдан он ба ҲНИТ табдил ёфт. Ин нахустин созмони сиёсии исломӣ дар кишварҳои Осиёи Миёна буд. Аз соли 1989 то соли 1992 вазифаи сардабирии маҷаллаи "Минбари Ислом", нашрияи Идораи Мусалмонони ҶТ-ро ба ӯҳда дошта, дар як вақт ба ҲНИТ ба таври ғайрирасмӣ роҳбарӣ мекард. Бар асари ҷанги шаҳрвандӣ, дар оғози соли 1993 ба Афғонистон ҳиҷрат намуд ва дар он ҷо Ҳаракати Наҳзати Исломии Тоҷикистонро таъсис карда, ба муборизаи сиёсиву низомӣ пардохт ва барои бозгардонидани ҳуқуқҳои аздастрафтаи муҳоҷирин ва оворагони тоҷик кӯшишҳои зиёде ба харҷ дод. Ин созмони сиёсиву низомӣ бо роҳбарии ӯ дар оғоз гардидани музокироти сулҳи байни тоҷикон дар моҳи апрели соли 1994 нақши асосиро бозид. Раванди музокироти сулҳи байни тоҷикон (апрели 1995 то июни соли 1997) таҳти сарварии устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ бомуваффақият анҷом ёфт. Ба мақсади ҳарчӣ тезтар расидан ба тавофуқи ниҳоӣ ӯ ҳафт маротиба берун аз кишварамон бо Раиси Ҷумҳури Тоҷикистон Э.Ш. Раҳмонов дидору мулоқот намуд. Ин вохӯриҳо дар раванди музокироти сулҳ дар Тоҷикистон нақши ҳалкунанда доштанд.

Аз моҳи июли соли 1997 то 31 марти соли 2000-ум устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ раисии Комиссияи Оштии Миллӣ (КОМ) -ро ба ӯҳда дошт ва дар истиқрори сулҳу оштӣ ва ваҳдату ҳамдигарфаҳмии мардуми кишварамон саҳми бузурге гузошт.

Аз 18 сентябри соли 1999-ум раиси ҲНИТ мебошад. Чун сиёсатмадори донову варзида, ботамкину дурандеш ва чун фақеҳу донишманди улуми исломӣ дар арсаи байналмилалӣ шинохта шудааст. Муаллифи чандин асарҳои илмӣ, сиёсӣ ва диниву фалсафист. Аз ҷумла китобҳои пурарзиши ӯ «Дар он сӯи сиёсат» (соли 1996), «Имрӯзу фардои Тоҷикистон» (соли 2000) «Назаре ба ҳуқуқи башар аз дидгоҳи Ислом», «Оштинома», «Истиқлол чӣ мафҳум дорад?», (соли 2001), ба табъ расидаанд. Барои хидматҳои шоиста дар ҷодаи татбиқ кардани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон бо ордени «Исмоили Сомонӣ» сарфароз гардонида шудааст. Оиладор, соҳиби ҳашт фарзанд аст.

* * *

- Устоди гиромӣ, аввалан Шумо ва дар шахси Шумо ҳамаи аъзои ҲНИТ ва тамоми ҷонибдорони ин ҳизбро ба муносибати 30-солагии таъсиси он табрику муборакбод менамоям.
-Ташаккур!
- Сониян, дар иртибот ба ин санаи муҳим аз Шумо, ки ташаббускор ва бунёдгузори ҲНИТ ҳастед, пурсиданием, ки фикри таъсиси ин созмони сиёсии исломӣ кай ва чӣ гуна пайдо шуд? Ангеза ва омилҳои пайдоиши онро шарҳ медодед.
- Бисмиллоҳи-р- раҳмони-р- раҳим.
Воқеъан, фикри таъсис додани як ҳаракати исломӣ ҳанӯз дар айёми ҷавонии мо пайдо гардида буд. Он вақтҳо камина ҳудудан 25-26 сола будам. Бояд бигӯям, ки аввалан омили асосии ин афкор худи таълимоти исломӣ буд, зеро вақте аз маънои Қуръони маҷид дарак ёфтем, аз фармудаи Пайёмбари Ислом (с) огоҳ шудем, ҳамчунин аз китобҳои дини мубини Ислом таълимотеро ҳосил кардем ва он гоҳ ба ҷомеъае, ки моро иҳота мекард, муқоиса мекардем, хеле кам ба он таълимоти исломӣ мутобиқат мекард. Аз ҳамин сабаб фикре, андешае пайдо гардид, ки мо бояд созмоне ё ташкилоте дошта бошем, тавассути он таълимоти исломиро дар ҷомеъа роиҷ намоем. Албатта, таъсиси як созмон ё ташкилот маънои сиёсӣ дошт, вале фикр мекунам, ки таълими улуми динӣ он қадар зиёд маънои сиёсӣ надошт. Омили дуюме, ки маро ба таъсиси як созмони сиёсӣ водор кард, ба андешаи ман, афкори пешқадам ва таълиму тарбияи падарам буд. Падари мо эҳтиёт мекарданд, ки аз корҳои ӯ хабар надошта бошем. Он кас андеша мекарданд, шояд мо рафта, дар мактаб мегӯему овоза мешавад, бинобар ин корҳои худро пинҳонӣ ва махфӣ анҷом медоданд. Ба ғайр аз шуғли диние, ки анҷом медоданд, ишон барномаҳои радиоҳои хориҷиро ба забони форсӣ, аз ҷумла барномаҳои «Радиои озодӣ»-ро гӯш мекарданд. Дар баъзе мавридҳо суханонеро мегуфтанд, ки мо ва дигар бародарҳоямон, ки дар замони Шӯравӣ калон шуда будем, бисёр нороҳат мешудем. Хаёл мекардем, ки худашон аз пеши худ чунин ҳарфҳоро мезананд. Баъдтар маълуми мо шуд, ки он кас ин суханонро аз дунболагирии сиёсатҳои байналмилалӣ, аз манбаъҳои мухталиф ҷамъоварӣ мекардаанд. Воқеъан, ман дар бораи он ки падарам низоми онвақтаи Шӯравиро, ки худашон низ як замоне дар он кор мекарданд, он қадар ҷонибдор набуданд, ҳаминро медонистем, ки алайҳи Сталин бисёр гап мезаданд. Зеро он вақт аллакай режими замони хрушёвӣ Сталинро мардуд карда буд, бинобар ин ӯ ҷуръат намуда, сиёсати нодурусти вайро, ки миллионҳо нафарро несту нобуд сохта буд, маҳкум мекарданд. Дар бораи ҳодисаҳои қатлу куштори уламои бузурги Ислом, китобу мадраса ва масҷидсӯзӣ, ки солҳои бистум ва сиюми асри гузашта рух дода буданд, нақлҳо мекарданд ва дар зеҳни мо ҳам як навъ рӯҳияи озодандешӣ ва озодихоҳиро бедор менамуданд. Омили сеюм, ки фикри таъсиси ҳаракати ислоҳотхоҳии исломиро ба вуҷуд овард, набудани озодии афкор, баёну андеша ва фишору тазъиқ сари мардуми мусалмон ба шумор меравад. Ин омили равшан ва асосии ба вуҷуд омадани афкори озодихоҳӣ ва бунёди як созмони сиёсиву иҷтимоӣ буд. Аз тарафи Кумитаи амнияти давлатии Шӯравӣ, ки бо номи КГБ машҳур аст, мо ҳамеша зери назорат, таъқибу фишор будем, ҳамаи ин боис шуд, ки дар шуури мо як афкори бедорӣ ва озодихоҳӣ ба вуҷуд ояд.
Омили чаҳорум, ба андешаи камина омӯзиш ва мутолиаи шоҳасари академик Бобоҷон Ғафуров «Тоҷикон» буд. То соли 1972-ум мо дар китобҳо, бахусус китобҳои дарсӣ мехондем, ки халқи тоҷик дар гузашта ҳеҷ чиз надошт, бесаводу бефарҳанг буд ва ба шарофати Инқилоби Уктабр ва халқи рус ба чунин пешравиҳо ноил гардид. Вақте китоби «Тоҷикон»-и Бобоҷон Ғафуров дар шаҳри Маскав нашр шуд ва бори аввал дастраси мо гардид, ман чанд бор онро бодиққат хонда баромадам. Бо вуҷуди он ки шодравон Бобоҷон Ғафуров бисёр боэҳтиёт роҷеъ ба гузаштаи бостонӣ, фарҳангу тамаддуни волои миллатамон мулоҳиза меронад, камина бисёр нуктаҳои муҳими таърихи халқамон, аз ҷумла мубориазаҳои милливу озодихоҳӣ, ҷунбишу ҳаракатҳои мардумӣ, наҳзатҳои динӣ ва ғайраро барои худ кашф намудам, ки барои ташаккули афкори озодихоҳӣ дар ниҳоди ман ёрии калон расониданд.
- Мутолиаи адабиёти хориҷӣ дар ташаккули афкори Шумо таъсир дошт?
- Мо он вақт дастрасӣ ба адабиёти хориҷӣ надоштем. Зеро имкони вуруди чунин китобҳо набуд, зеро Иттиҳоди Шӯравӣ бо панҷараи оҳанин аз ҷаҳон иҳота шуда буд ва ашхосе, ки ба хориҷи

кишвар мерафтанд, адабиёти хориҷиро оварда наметавонистанд. Масалан, шахсе, ки ба ҷониби мамолики араб мерафт ва бояд гуфт, ки чунин сафарҳо хеле кам иттифоқ меафтод, ба ҷуз як китоби Қуръон дигар чизеро намегузоштанд, ба ин ҷо биёрад, онро ҳам агар шинос медошту риояаш мекарданд. Бинобар ин ҳеҷ гуна адабиёти хориҷӣ омили ба вуҷуд омадани ҷунбиши ислоҳотхоҳии исломӣ дар кишварамон нагардид. Ман инро бо қатъият мегӯям, ки то ба ҳама, бахусус ба муҳаққиқони таърихи сиёсии кишварамон равшан гардад. Фикри пайдоиши афкори исломи сиёсӣ, таъсиси созмон ё ҳаракати сиёсии исломӣ дар ҷумҳуриамон ба ягон омили берунӣ, ба ягон шахсияти хориҷӣ иртибот надорад ва мо бо онҳо ҳамкорӣ ҳам накардаем ва ба мо таъсире ҳам нарасонида буданд. Бинобар ин ман гуфта метавонам, ки фикри таъсиси созмони сиёсии исломӣ маҳсули афкори ислоҳотхоҳӣ ва озодихоҳии ҷомеъаи кишварамон аст ва ҲНИТ ҳизби сирф миллист, худҷӯш аст ва реша дар умеду ормонҳои мардуми мусалмони Тоҷикистон дорад. Ҳамаи ин омилҳо боиси пайдоиши афкоре гардид, ки ман бояд ашхоси ҳамфикру ҳамақидаи худро ҷустуҷӯ карда биёбам ва як созмони сиёсии исломиро таъсис бидиҳам.

- Устоди мӯҳтарам, дар баъзе сарчашмаҳо қайд кардаанд, ки яке аз омилҳои пайдоиши афкори ислоҳотхоҳии исломӣ дар Тоҷикистон шодравон Қорӣ Муҳаммадҷони Хуқандӣ буданд, ки Шумо ва чанд нафар шахсиятҳои маъруфи Тоҷикистону Ӯзбекистон дар назди ишон таълим гирифтаед. Азбаски он кас дар Ҳиндустон таҳсили илм карда, бо афкори пешқадами ислоҳотхоҳии исломӣ ошно буданд, гӯё ҳангоми дарсҳо ва сӯҳбатҳо Шуморо дар ҳамин рӯҳия тарбия карда бошанд. Дар ин бора равшанӣ меандохтед.

- Аслан, устоди асосии ман домулло Сиёмуддин буданд, ки камина ҳаштод-навад дар сади дониши худро дар назди он кас ҳосил кардаам. Қайд кардан лозим аст, ки домулло Сиёмуддин ҳам яке аз шогирдони рашиди Мавлавӣ Муҳаммадҷони Хуқандӣ буданд. Сипас ду - се сол улуми боқимондаи исломиро дар назди шодравон Мавлавӣ Муҳамадҷони Хуқандӣ ё Ҳиндустонӣ (р) омӯхтаам. Бинобар ин гуфта метавонам, ки худи таълимот дар маҷмӯъ шахси огоҳро метавонист роҳнамоӣ кунад ва одами ноогаҳ дарсҳоро зоҳирӣ мефаҳмиду халос. Чуноне дар боло зикр кардам, аввал таълимоти исломӣ буд, ки зеҳнияти моро барои ин кор омода сохта буд. Вале худи ҳазрати Мавлавӣ (р) дар ин бобат ошкор ҳеҷ гуна ҳарф ҳам намезаданд ва ҳеҷ ташвиқу тарғибе ҳам намекарданд ва коре ба ин чизҳо ва афкор надоштанд. Ва худи мо ҳам он вақтҳо ҳозир набудем, ки фикру андешаҳои худро, ҳатто дар пеши падарони худ дар миён бигузорем. Бинобар ин бисёр эҳтиёткорона амал мекардем. Дар ибтидо ман ба шогирдон ва наздикони худ як силсила китобҳоеро, ки барои ташкили як ҳаракати исломӣ ҳидоят мекарданд, таълим додам. Китобҳои мазкур асарҳое набуданд, ки аз хориҷи кишвар оварда шуда бошанд, онҳо ҳадисҳое буданд, ки мо пештар мехондем, вале услуби таълими дарс тарзе буд, ки дар шуури онҳо афкори навро бедор мекард, то перомуни ташкили як созмони сиёсии исломӣ биандешанд ва зарурияти онро пай баранд. Ин кори бисёр заруру муҳим буд ва мо тавонистем аз байни шогирдонамон ашхоси фаҳмидаву озодихоҳ ва ислоҳталаби исломиро тарбия намоем. Ҳамин тавр бо он чанд нафар шогирдон ва дӯстону рафиқони ҳамфикру ҳамақидаам ҷаласа оростем ва созмони сиёсии исломиро таъсис додем.

- Шумо созмони худро кай ва дар куҷо ташкил кардед ва он чӣ ном дошт?

- Омодагӣ ва тайёрӣ ба таъсиси созмон аз соли 1971 шурӯъ шуд, вале дар охири моҳи феврали соли 1973-ум як воқеъаи муҳим рӯй дод, ки боиси ҳарчӣ тезтар таъсис додани созмон гардид. Он замон мо дар маҳаллаи Ипподроми шаҳри Душанбе ҷои дарс доштем ва дар назди Мавлавӣ Муҳаммадҷони Ҳиндустонӣ машғули омӯзиш будем, баногоҳ нерӯҳои амнияти давлатӣ, яъне КГБ мо - як гурӯҳ толибилмонро дастгир карда, мавриди тафтишу бозпурсӣ қарор доданд. Хушбахтона, устоди мо ҳазрати Мавлавӣ Муҳаммадҷон (р) он рӯз ташриф надоштанд, вагарна он касро низ боздошт мекарданд. Яъне фишору тазйиқ сари мо пурзӯр шуд. Мо ҳам ба рағми фишороварии онҳо 20 апрели соли 1973 дар хонаи Ҳоҷӣ Қаландари Садриддин ҷамъ омадем ва ҷаласа гузаронида, созмони исломии хешро таъсис додем.

Ҳоҷӣ Қаландар агарчанде аз ҷиҳати донишу саводи улуми динӣ ба пояи дигарон намерасид, вале аз ҷиҳати фаҳмиш, бедории фикрӣ назар ба дигарон шахси пешқадам ба ҳисоб мерафт. Бинобар ин ӯ

иҷозат дод, ки аввалин ҷаласаи созмонро дар манзили он кас гузаронем ва дар он нишаст ба ҷуз ман, Қорӣ Муҳаммадҷон (р), Эшони Неъматуллоҳ, Холиди Абдусалом, Ҳоҷӣ Қаландар, ҳамагӣ панҷ нафар ширкат доштем ва созмонро ба таври махфӣ ташкил кардем. Азбаски аз ҷиҳати синну сол калонтар ва ба ишон ҳақи устодӣ доштам, онҳо тасмим гирифтанд, ки ин ҳаракат ё созмони исломиро бояд камина сарварӣ кунам. Ман низ бе дудилагӣ розӣ шудам ва роҳбарии ин созмонро ба дӯши худ гирифтам. Баъдан бародарҳои мӯҳтарам: устод Муҳаммадшариф Ҳимматзода, Мавлавӣ Муҳаммадқосими Раҳим, Давлати Усмон, эшони Қиёмиддини Ғозӣ, Зубайдуллоҳи Розиқ, мулло Муҳаммадшарифи шаҳид, мулло  Абдуғаффори шаҳид, мулло Ҳақназари Соҳибназар, мулло Айёмиддин Сатторзода, мулло Муҳаммадрасули Салом, мулло Абдуллоҳи Хитоби шаҳид, мулло Аҷики шаҳид, мулло Абдураҳими Карим, мулло Саъдиддини Рустам, мулло Муҳаммадии Навид, эшони Мирзоюсуф, эшони Шамсиддинхон, мулло Убайдуллоҳ ва дигарон бо ҳузури худашон  ин созмонро музайян сохтанд.
Мо бо таъсиси созмони худ ягон ҳадафи зиддидавлатӣ надоштем, фақат мехостем ақоиди исломиро дар байни ҷавонон густариш диҳем. Аслан созмон ё ҳаракати мо дар оғоз як ҷунбиши ислоҳхоҳии иҷтимоии исломӣ буд, на ҷунбиши сиёсӣ. Чунки мақсад пеш аз ҳама даъват ба Ислом буд ва дигаре таълиму тарбияи фарзандони мусалмонон. Бояд бигӯям, ки созмони аввалияи мо аз чанд бахш иборат буд: яке масъулияти даъват, дигаре масъулияти амният, сеюмӣ масъалаи молу дороиро ба ӯҳда  дошт, чаҳорумӣ ба таълиму тарбия муваззаф буд. Амният ба он хотир, ки ҳар як шахси ба созмон қабул мешударо пинҳонӣ месанҷид, ки аз куҷост, чӣ ақида дорад, бо чӣ мақсад мехоҳад ба созмони мо бипайвандад. Танҳо бо ин роҳ метавонистем аз он гумоштаҳое, ки КГБ мехост вориди созмони мо кунад ва аз асрори мо огоҳ гардад, ҷилавгирӣ намоем. Сохтори созмони мазкурро мо аз ягон ҷо нусхабардорӣ накарда будем ва онро худи ҳамин панҷ нафари мо тарҳрезӣ кардем ва ҷомаи амал пӯшонидем. Аз ин рӯ возеҳу равшан гуфта метавонам, ки дар таъсиси ҳаракат ё ҷунбиши мо ягон омили хориҷӣ таъсир надошт ва ниёзу зарурати дохилии ҷомеъаи кишварамон боиси пайдоишу фаъолияти он гардид. Худи ҷӯшиши афкори дохилии ҷомеъаи кишварамон ташкили чунин созмон ё ҳаракати сиёсии исломиро ногузир сохт ва мо як гурӯҳ ҷавонони озодихоҳу ислоҳталаб онро дар маркази Вахшонзамин - шаҳри Қӯрғонтеппа амалӣ сохтем. Қиссаи номи ин созмон ҳам аҷиб аст. Вақте  мо ин созмонро ташкил кардем, ба он ягон номи мушаххас нагузоштем. Номи ин созмон дар як - ду сол ҳам ба вуҷуд наомадааст ва бо мурури замон мо ба он «Наҳзати Ҷавонони Исломии Тоҷикистон» унвон гузоштем, ки ин ном ба ҳамагон писанд омад. Воқеъан, номи рӯзномаи «Наҷот» - нашрияи ҲНИТ аз ҳарфҳои аввали арабиаслу кӯтоҳшудаи ин калимот гирифта шудааст ва он як номи рамзист. Аз тарафи дигар «Наҷот» -  раҳоӣ аз ҷабру  ситамро низ ифода мекунад. Бо пешниҳоди банда соли 1992-ум нашрияи ҳизбиамонро чунин номгузорӣ намудем.
Бармегардем ба сари созмони «Наҳзати Ҷавонони Исломии Тоҷикистон». Қайд кардан зарур аст, ки мо дар ҷаласаи нахустини худ ва боз чанд соли дигар ягон протокол наменавиштем, ҳама чизи мо шифоҳӣ буд. Агар ягон кас барои худ ёддоште мекард, дар дафтарчаи худ чизе бо тариқи рамзӣ қайд мекард. Зеро моро ба ин кор эҳтиёт аз нерӯҳои қудратӣ, бахусус КГБ водор мекард, ки далеле барои тасдиқи чунин созмони исломӣ ба дасти онҳо наафтад. Аз ҷониби дигар мо қариб, ки номи аслии созмони худро ба забон намегирифтем, гоҳҳо «Наҳзат» ва гоҳҳо «Ҷамъият» мегуфтем, вале ҳеҷ гоҳ номи пурра ва асосӣ гирифта намешуд. Ҳамаи ин барои амнияти аъзои созмон сурат мегирифт.

- Чаро чунин созмон ё ҳаракати исломӣ дар дигар минтақа не, балки маҳз дар Вахшонзамин зуҳур кард? Сабаб ва омилҳои онро шарҳ медодед.

- Ин саволи бамаврид аст. Воқеъан, вақте ки як созмон ё ҳаракат ба вуҷуд меояд, кас тааҷҷуб мекунад ки чаро пайдо шуд, чаро дар он ҷо таъсис ёфт? Ман фикр мекунам, ки сабаби аввалинаш ин аст, ки шаст дар сади сокинони Вахшонзаминро мардуми водиҳои Қаротегину Вахё ташкил медоданд ва онҳо аз қадимулайём назар ба мардуми дигар минтақаҳои Мовароуннахр бештар ба дини мубини Ислом дилбастагӣ ва алоқамандӣ зоҳир мекарданд ва дар байни онҳо донишмандони улуми шаръӣ хеле зиёд буданд. Аз ҷониби дигар ин мардум шавқу рағбат ва меҳру муҳаббати

беандоза ба дини Ислом доранд, фарзандонашон бештар таълиму тарбияи исломӣ мегирифтанд ва ба ҳамин роҳ мерафтанд. Ҷиҳати дигар ин буд, ки ин мардум дар натиҷаи кордонӣ ва заҳмат хеле сарватманду доро ҳам шуда буданд ва фарзандони худро ба шаҳри Душанбе ва дигар марказҳои тамаддуни исломӣ мефиристоданд, ки онҳо дар натиҷа чун толибилмони пешқадаму варзида ба камол мерасиданд. Аз ҳамин ҷо буд, ки аксари ҷавонони толибилми Вахшонзамин дар шаҳри Душанбе илму маърифати исломӣ омӯхта, ба зодгоҳашон баргашта буданд ва дар байнашон ашхоси равшанфикр, бедордил ва озодихоҳ хеле зиёд ба чашм мерасид. Яъне барои ба вуҷуд овардани як созмон ё ҳаракати исломӣ дар Вахшонзамин заминаҳои мустаҳками маънавӣ ва иқтисодӣ фароҳам омада буд ва дар натиҷа созмони «Наҳзати Ҷавонони Исломии Тоҷикистон» зуҳур кард.

Боз як чизи дигарро метавонам илова кунам, ки дар пайдоиши ин созмони сиёсӣ ва интишори ақоиди исломӣ роҳбарони вилояту шаҳру навоҳӣ, раисони колхозу совхозҳо ва корхонаҳо саҳм гузоштаанд. Агарчанде онҳо узви ҳизби коммунист буданд, вале дар ботин асолати имониашонро нигаҳ дошта ва чун фарзандони мардуми мусалмон боқӣ монда буданд. Алоқамандии онҳо ба дини Ислом зиёд буд, бинобар ин агарчӣ моро ёрӣ накарда бошанд  ҳам, нисбати ин кор як чашмпӯшие карданд, нодида гирифтанд, аз ин рӯ ҳамин рафторашон барои интишори афкори пешқадам ва рӯҳияи озодихоҳӣ дар Вахшонзамин мусоидат намуд.

- Ба андешаи Шумо созмони «Наҳзати Ҷавонони Исломии Тоҷикистон» дар минтақаи Осиёи Миёна ҳаракати нахустини сиёсии исломӣ буд ё чунин созмону ҷунбишҳо аллакай дар дигар минтақаҳо, бахусус водии Фарғона вуҷуд доштанд?

Воқеъан, мо гуфта метавонем, ки адабиёти динӣ ба Ӯзбекистон аз хориҷи кишвар пештар омадааст. Чунки  Тошканд маркази минтақа ба шумор мерафт, дар ин ҷо дафтари марказии Идораи Мусалмонони Осиёи Миёна ва Қазоқистон, ки баъдтар номи Идораи Мусалмонони Мовароуннаҳрро ба худ гирифт, воқеъ гардида буд ва тавассути он аз мамолики Шарқи исломӣ адабиёти гуногун ворид мегардид ва аз рӯи шунидам шахсиятҳои динии хориҷӣ ҳам ба он сарзамин омада буданд ва дар густариши афкори исломӣ таъсир доштаанд. Дар натиҷа дар Ӯзбекистон, бахусус дар водии Фарғона як ҷунбиши ислоҳотхоҳии исломӣ арзи вуҷуд кард ва хеле фаъол гардида буд. Аз тарафи дигар мулки Ӯзбекистон васеътар ва рафту омадҳо ба кишварҳои хориҷӣ зиёдтар буданд.  Тоҷикистон таҳти  султаи Шӯравӣ зиёдтар монда ва имконияташ назар ба Ӯзбекистон маҳдудтар буд.

- Муҳаққиқон аллома Раҳматуллоҳро асосгузори ҷунбиши сиёсии исломӣ дар водии Фарғона меҳисобанд. Дар баъзе сарчашмаҳо зикр кардаанд, ки гӯё он кас ба Шумо ҳаққи устодӣ доштаанд. То кадом дараҷа ин  ақида дуруст аст?

- Бояд возеҳу равшан бигӯям, ки ман чанд бор бо аллома Раҳматуллоҳ вохӯрдаам,  зеро он кас низ аз шогирдони пешқадами устоди марҳуми мо - Мавлавӣ Муҳаммадҷони Хуқандӣ буданд ва дар назди он ҳазрат таълими улуми динӣ мегирифтанд. Ман ба худ ифтихор медонистам, агар дар назди чунин шахси бузург илм меомӯхтам ва шогирди он кас ҳисоб мешудам. Мутаассифона, ман дар назди шодравон аллома Раҳматуллоҳи Андиҷонӣ на дар соҳаи улуми динӣ, на дар риштаи сиёсат чизе наомӯхтаам. Аз ҷониби дигар таъкид бояд  кард, ки аллома Раҳматуллоҳ шахсияти сиёсӣ набуданд, танҳо як ислоҳхоҳи динӣ ба шумор мерафтанд. Ман барои ин суханон далел дорам ва лозим шавад дар мавриди дигар онро шарҳу тавзеҳ медиҳам. Бинобар ин сароҳатан мегӯям, ки афкори сиёсии исломии муосир дар Тоҷикистон ҳеҷ гоҳ таҳти таъсири ақоиди ягон шахсияти хориҷӣ ба вуҷуд наомадааст ва реша дар умқи шуур ва маънавиёти худи мардуми мусалмони Тоҷикистон дошту дорад ва қабл аз водии Фарғонаи Ӯзбекистон пайдо гардидааст. Бинобар ин ман таъкид карданиям, ки пажӯҳишгарон решаҳо ва омилҳои зуҳури ин ҷунбиши сиёсии исломӣ ва миллиро дар дохили ҷомеъаи Тоҷикистон ҷустуҷӯ кунанд, на дар хориҷи кишвар.

- Баъдан бо ташаббуси КГБ ба Шумо, аъзо ва ҷонибдорони созмони ислоҳотхоҳии исломии таъсискардаатон тамғаи «ваҳҳобӣ» заданд. Чаро ин тавр шуд? Шумо ин қазияро чӣ гуна шарҳ медиҳед?

- Воқеъан, дар масири роҳ вақте ки мо шурӯъ ба фаъолият кардем, ду ҳадафи асосӣ доштем: яке фаҳмонда додани таълимоти Исломи ноб ба мардум, дуюм таълиму тарбияи онҳо, бахусус насли наврас. Дар вақти таълим барои фаҳмонда додани мардум гоҳо ҳақиқатро ҳам гуфтанӣ шудем, яъне мо дар таълим навоварӣ кардем, ислоҳот дохил намудем, барномаи махсуси таълимӣ дар асоси мазҳаби ҳанафӣ омода намудем. Муллоҳое, ки пештар дарс мегирифтанду улуми диниро хатм мекарданд, ҳатто хат навишта наметавонистанд. Онҳо донишмандони бузург буданд, вале имлову хат надоштанд. Дар таълимоте, ки мо ҷорӣ кардем, хондану навиштан дар як вақт, дар ҳамбастагӣ омӯзонида мешуд, ки ин усул хеле пурсамар буд. Зеро толибилмон на танҳо илмро меомӯхтанд, балки чашми хат низ мебароварданд, ки ин хеле муҳим ба шумор мерафт. Яке аз фаъолони созмони мо мулло Абдуллоҳи Хитоб, ки бо тахаллуси мулло Абдуллоҳи Хурдӣ машҳур буд, ҳамроҳи чанд бародари дигар дар пайравӣ ба усули «Заруриёти диния»-и Садриддин Айнӣ китоби муфиде навиштанд, ки онро мо аз ҳисоби маблағи созмонамон ба табъ расонидем, ки дар таълими улуми шаръӣ бо усули нав дастури хеле хуб ба шумор мерафт.Боиси хурсандист, ки китоби мазкур то ба имрӯз арзиши илмиву амалии худро гум накардааст ва мавриди истифодаи толибилмон аст. Аз ҳамин ҷо маълум мешавад, ки афкори аз табиат ва ниҳоди мардуми мо ба вуҷуд омада, ба афкори пешқадами рӯшанфикрони асри нуздаҳ ва аввали асри бисти Бухоро тақрибан монанд аст. Аз тарафи дигар, тақдири ҳар ду ҷараён, маорифпарварӣ ва ҷунбиши ислоҳотхоҳии исломии муосири дар Тоҷикистон ба вуҷуд омада, хеле шабеҳ иттифоқ афтод. Агар ҳаракати маорифпарвариро ду сол қабл аз Инқилоби Бухоро, яъне соли 1918 ва баъдан тамғаи «ҷадид» зада, саркӯб карда бошанд, дар кишвари мо низ душманон ба ҷунбиши ислоҳотхоҳии исломӣ тамғаи «ваҳҳобӣ» часпониданду ҷанги дохилиро ба роҳ андохтанд, то ки ин нерӯи озодихоҳу истиқлолталаби мусалмононро аз беху бун баркананд. Шукри Худованд, ки ба ниятҳои нопоку ғаразноки худ нарасиданд.

Вақте ки ин ҳаракатро таъсис додему ба фаъолият шурӯъ кардем, Исломи ноби Муҳаммадиро мехостем ба мардум бифаҳмонем, баъзе чизҳое ки дар Ислом амршуда нестанд ё аслан карданашон макрӯҳ аст, иҷрои онро ҷоиз намешумурдем. Яъне кӯшиш мекардем, ки расму русуми мардумиро тибқи фармудаҳои Худо ва Пайёмбари Ислом (с) ба роҳ монем. Ин иқдоми ислоҳхоҳии мо ба табъи як зумра рӯҳониёни қадиму ба истилоҳ «муҳофизакор» нафорид. Мо дар асоси китобҳои ҳазрати Имоми Аъзам – Абуҳанифа (р) ба ин чизҳо назар кардем, дидем ки исрофи зиёд дар маросимҳо, маҳрҳои гарони духтарону занон, ки боиси қашшоқии мардуми мусалмони мо мегардад, мамнӯъ будану раво набудани онҳоро ба халқ мефаҳмондем ва мо ин корро на ба хотири мубориза бо донишмандон ва рӯҳониёни он замон мекардем. Онҳоро ҳамон вақт ҳам эҳтиром мекардему ҳанӯз ҳам эҳтиромашон мекунем. Ман гуфта метавонам, ки мо аз ҷинси онҳо ҳастему онҳо аз ҷинси мо. Онҳо ба мо душман нестанд ва бародарони ҷониву динии мо буданд ва ҳастанд. Азбаски душманони Ислом моро бо чунин урфу одатҳои вазнини хурофотие, ки аслан робита ба аҳкоми шаръи Муҳаммадӣ надоранд, таъна мекарданд, мо хостем бифаҳмонем, ки ин русуми мардумист, урф аст, на фармудаи дини мубини Ислом. Маҳз ҳамин боис шуд, тавре ки замоне маорифпарваронро «ҷадид» гуфта, алайҳи онҳо ҳам ҳукумати Бухоро ва ҳам рӯҳониёну уламои муҳофизакор мубориза бурда, саркӯб карданд, дар ҷомеъаи мо низ ҳамон чизро шаклан тағйир дода, ба ҷунбиши ислоҳотхоҳии исломии мо тамғаи «ваҳҳобӣ» заданд. Вақте мо ин калимаро шунидем, ҳайрон шудем, ки «ваҳҳобия» чӣ ҷараён аст? Аввалин маълумотро ман дар бораи ҷараёни «ваҳҳобия» аз қомуси забони арабӣ- «Ал-мунҷид» пайдо кардам. То он вақт на аз ҷое хонда будам, на аз касе шунида будам, ки Муҳаммад ибни Абдуваҳҳоб кист ва фирқаи ӯ «ваҳҳобия» чӣ таълимотест ва кӣ вайро тарафдорӣ мекарду менамояд. Ҳамаи инро аз ҳамон китоб фаҳмидам. Умуман, созмони «Наҳзати Ҷавонони Исломии Тоҷикистон», яъне ҲНИТ ҳеҷ иртиботе ба ҷараёни ваҳҳобӣ надошт ва сароҳатан изҳор медорам, ки надорад.

- Шумо дар ин роҳ ба маҳрумиятҳо, шиканҷаҳои рӯҳиву ҷисмонӣ, таъқибу озорҳои сахт, зиндону бадарғаҳо дучор гардидед. Ин ҳама иродаи Шуморо шикаста натавонист?

- Оре, маро соли 1986 боздошт намуда, ба иттиҳоми бофтаву сохта ба мӯҳлати 1,5 сол зиндонӣ карданд ва камина мӯҳлати ҳабси худро дар дуртарин ва вазнинтарин зиндонҳои Сибир ва Шарқи

Дур гузаронидам, тазйиқу озор, шиканҷаву маҳрумиятҳо дидам. Шукри Худованд, ки имону эътиқоди қавӣ ба дини мубини Ислом доштам ва ҳамаи он азобҳоро паси сар кардам. Мо аз аввал барои расидан ба ҳадафи худ ба ҳама азобу уқубатҳо омода будем ва ҳоло ҳам тайёр ҳастем, ки дар роҳи ризои Худо ҷони худамонро нисор созем.
- Дар ин ҷо мехостам як суоли дигареро бипурсам. Ҳама медонистанд, ки Шумо идеологи асосӣ ва сарвари ҲНИТ будед, чаро дар конфронси таъсисӣ дар деҳаи Чортути ноҳияи Ленин раисии ҳизбро ба ӯҳда нагирифтед ва ба ҳайси сардабири нашрияи «Минбари Ислом»-и Идораи Мусалмонони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фаъолият пардохтед?
- Рост гуфтед, чун муассиси ин ҷунбиш мо будем, фаъолияти густурда ҳам доштем ва баъдҳо чуноне гуфтам, ин ҳаракат калонтару фарохтар ва бузург шуд, аз он чаҳорчӯбаи панҷнафараи аввал берун шуд, хусусан дар даврони бозсозии горбачёвӣ фаъолияти мо беш аз пеш авҷ гирифт. Бале, ҳамаи аъзо ва ҷонибдорони ин ҷунбиши сиёсӣ мехостанд, ки камина сарварии расмии ҳизбро ба дӯш бигирам. Ҳатто метавонам бигӯям, ки меҳвари асосии ҲНИ собиқ Иттиҳоди Шӯравиро низ ҳизби мо ташкил медод ва пешниҳод ҳам шуд, ки раиси Ҳизби Наҳзати Исломии Иттиҳоди Шӯравӣ каминаро интихоб кунанд, вале ман ба ин пешниҳод розӣ нашудам. Зеро шароити мусоид барои ин кор фароҳам наомада буд. Бинобар ин вақте ки ҲНИ Иттиҳоди Шӯравиро дар шаҳри Аштархон таъсис додем, ба хотири он ки фарзандони бумии сарзамини Русия дар ин ҷунбиши исломӣ саҳм бигиранд, зеро таъсиру имконияти онҳо бештар буд ва бо ин иқдом таваҷҷӯҳи олами Ислом ба ин қазия бештар мегардид, намояндаи Ҷумҳурии Доғистон шодравон Аҳмадқозӣ Ахтаев (Худо раҳматаш кунад), раиси ҲНИ Иттиҳоди Шӯравӣ интихоб карда шуд. Бо тавсияи банда ду нафар аз намояндагони мо: Саидиброҳим Гадозода муовини аввали раиси ҳизби мазкур ва Давлат Усмон раиси шӯъбаи ташкилии он интихоб шуданд, ки ба навбат рафта, дар шаҳри Маскав ин созмони сиёсиро дар миқёси Иттиҳоди Шӯравӣ роҳбарӣ мекарданд. Вақте ки Иттиҳоди Шӯравӣ пош хӯрду ҷумҳуриҳо озод шуданд, дигар мо наметавонистем чунин ҳизби сиёсии умумииттифоқиро нигоҳ дорем. Зеро аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ ба ин кор ҳақ надоштем, бинобар ин салоҳ донистем, ки ҲНИТ-ро ба таври мустақил ташкил намоем. Мо ин корро дар кишварамон амалӣ карда тавонистем. Мутаассифона, дигар бахшҳои ҲНИ собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ муваффақ нашуданд, ки ҳизбҳои мустақили худро таъсис диҳанд ва фаъолияти худро пеш баранд.
Мо машварат оростем ва ба натиҷае расидем, ки яке аз донишмандони барҷастаи исломӣ, шахсияти аз нигоҳи илмӣ ва сиёсӣ пешқадам устод Муҳаммадшариф Ҳимматзодаро раиси ҲНИТ интихоб намоем. Ҳамин тавр кардем.
Чаро ман раисии ҳизбро дар он замон ба ӯҳда нагирифтам? Ба хотири он ман ба ин иқдом розӣ нашудам, ки аз ин озодиҳову демократияҳо чандон бовар надоштам, бинобар ин нахостем, ки тамоми дору надори созмонамонро ба дигарон маълум намоем. Зеро ҲНИТ чун созмони сиёсӣ амал мекард, бояд шаффоф мебуд, тамоми ҷабҳаҳои фаъолияташ ошкор мегардид. Бинобар ин як теъдод нафароне боқӣ мондем, ки агар Худо нахоста ин озодиҳову демократияҳо ҳиллаву найранге бошанду ҳамаи аъзои ҲНИТ-ро бигиранду аз байн бибаранд ё зиндон кунанд, ҳаракати таъсискардаи мо боз як ҳастае дошта бошаду фаъолияти худро идома бидиҳад.
Чаро ба Идораи Мусалмонони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кор даромадам? Ин иқдоми камина низ якчанд сабаб дошт. Сабаби асосӣ ҳамин буд, ки оқои Ҳоҷӣ Акбар Тӯраҷонзода чун узви Президиуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият мекард ва намояндаи мардумӣ дар раёсати парлумони вақти Тоҷикистон буд. Вақте ки мо ба унвони Президиуми Шӯрои Олии Тоҷикистон барои гузаронидани конфронси таъсисии ҳизб нома навиштем, ҳангоми муҳокима дар ҷаласаи парлумон аз ҷумлаи касоне, ки мухолифат карданд, ишон буданд. Мо ба рағми сиёсати пешгирифтаи ҳукуматдорони ҷумҳурӣ конфронси таъсисии ҳизбро гузаронидему сипас аз парлумон иҷозаи фаъолияти расмии онро гирифтем. Вале ин рафтори оқои Тӯраҷонзода таъсири бисёр баде дар зеҳнияти аъзо ва ҷонибдорони ҲНИТ боқӣ гузошта буд. Онҳо фикр мекарданд, ки як нафар намояндаи мӯъмину мусалмон дар парлумон доштем, он кас ба ҷои он ки ҳизби моро тарафдорӣ намояд, баръакс мухолифат кард. Ин рӯҳияи носолим ва хатарнок буд ва боиси ҷудоии мусалмонон шуда метавонист. Мо бошем, ба ҳама мегуфтем, ки ин масъалаи ҷузъӣ набояд боиси

тафриқа гардад, вале онҳо ин қазияро камаҳамият намешумориданд. Вале оқои Тӯраҷонзода бо худаш далел ҳам дошт. Ӯ мегуфт, ки ҳоло фурсати фаъолияти сиёсии Ислом фаро нарасидааст ва ҳоло ҳам барвақт асту ҷомеъа ба ин кор омода нест. Далелҳояш аз нигоҳи таҳлил бемаънӣ набуданд, маъниҳои ба худ хосе доштанд. Ман ба хотири он ки ин ду ҷараёнро ба ҳам оштӣ бидиҳам, ба Идораи Мусалмонон ё худ Қозиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба ҳайси сардабири маҷалаи «Минбари Ислом» ба кор даромадам. Зеро кормандони қозиёту рӯҳониёни расмӣ, кормандони масҷиду мадрасаҳо низ яке аз ҷараёни қавию бузурги исломӣ ба шумор мерафтанд. Он замоне ки оқои Тӯраҷонзода Идораи Қозиёти Ҷумҳурии Тоҷикистонро сарварӣ мекард, хеле нуфуз, қадру қиммати баланд, престижи олӣ дошт. Ин ҳақиқатро бояд эътироф кард. Вақте ман ба он ҷо ба кор даромадам, аз тарафи оқои Тӯраҷонзода ва кормандони он идора мавриди иззату эҳтиром қарор гирифтам. Ин ду ҷараён, ки яке сиёсии хусусияти динидошта ва дигаре сирф динӣ буд, ба ҳам омаду пайваст гардид, яъне намояндагони ин ду ҷараён ҷудоӣ ва мухолифатро дигар дар байни худ надиданд ва дар паҳлӯи ҳам қарор гирифтанд. Аз ҳамин ҷо буд, ки дар ҳолатҳои зарурӣ ва махсусан дар давраи тазоҳурот ва муқовиматҳои сиёсию низомӣ Идораи Қозиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кормандону ҷонибдоронаш дар симои оқои Ҳоҷӣ Акбар Тӯраҷонзода бо мо ҳамроҳ буданд, аз манфиатҳои мусалмонон, аз дини мубини Ислом дифоъ карданд. Он кас то давраи имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон дар паҳлӯи мо қарор дошт, то ки дунё ором, сулҳу салоҳ барқарор шуд, ӯ рафт дунболи манофеъи худ...

- Бисёр коршиносон бар ин назаранд, ки сабабгори асосии ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон ҲНИТ мебошад. Шумо ба фаъолияти ҲНИТ дар давраи даргириҳои дохилӣ ва ҳиҷрати нерӯҳои демократию исломӣ ба қаламрави Афғонистон чӣ гуна баҳо медиҳед?

Раҳбарият ва аъзои ҲНИТ аз рӯзи аввали таъсиси ҳизб то имрӯзу минбаъд ҳам нияти ҷангу хунрезиро надоштанду надоранд. Бояд изҳор кард, ки роҳбарияти ҳизб аз сабаби надоштани таҷрибаи давлатдорӣ ва сатҳи баланди сиёсӣ ба ҳеҷ ваҷҳ дунболи расидан ба қудрат набуд, аслан лаззати курсӣ ва мансабро дарк намекард. Баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ ва беобрӯшавии ҳизби коммунист мардуми кишвари мо аксаран рӯ ба Ислом, аз ҷумла рӯ ба ҲНИТ оварданд ва наҷоти худро аз истибдоди ақидатӣ дар такя ба ҳизби мо диданд. Зеро ҲНИТ ягона гурӯҳи муташаккил ва мавриди эътимоди онҳо буд.

Душманони дохилӣ ва хориҷӣ аз ин фурсати барои онҳо муносиб истифода карда, ҳизбро ба гирдоби ҷанг кашиданд. Роҳбарият ва пайравони ҳизб дар тангно қарор гирифтанд. Назди онҳо ду роҳ буд, ки якеро бояд интихоб менамуданд ё даст ба яроқ бурда, аз ҷону имони хеш дифоъ мекарданд ё бо хориву зиллат тан ба мурдан медоданд.

Метавон гуфт, ки муҳаррики асосии ҷанги дохилӣ дар кишварамон тоҷикон набуданд. Ҷанг ба болои мардуми Тоҷикистон аз берун таҳмил шуд. Тарроҳони ҷанг чанд сол қабл ин ҷангро тарҳрезӣ ва ба он омодагӣ дида буданд. Онҳо ба хотири ба қудрат расидани гурӯҳи мавриди назари хеш ва ба ин васила ба даст овардани манофеъи худ омодагӣ диданд ва дар камин мунтазири фурсат менишастанд. Мувофиқи баъзе маълумотҳои бадастомада ин омодагиҳо ба хотири ба қудрат расидани доираҳои ғайриисломӣ сурат гирифта буд. Мо роҳбарони ҳаракати исломӣ аз ин рози нуҳуфта, мутаассифона, огоҳ набудем.

Аз хориҷ дигар аҳзоб ва ҷараёнҳо таҳрику ташвиқ ва роҳнамоӣ мешуданд. Вале ба мо аз берун ин гуна таъсиргузорӣ вуҷуд надошт, зеро мо ҳизби сиёсии исломӣ будем ва он доираҳои беруна ба мо аз дигар дидгоҳ менигаристанд ва бо мо иртиботе ҳам надоштанд, зеро мавриди назари ишон нерӯҳои исломӣ набуданд. Ҳоло дигар эҳтиёҷ ба исм бурдан аз он доираҳои беруна ва давлатҳои манфиатҷӯ нест, бо вуҷуди он ки маълумотҳои дақиқ дар хусуси аз куҷо ба вуҷуд омадани ҷангҳоро дар даст дорем.

Аз ин рӯ худ ногуфта маълум аст, ки дар он солҳо ҳаракати сиёсии исломии мо ҳеҷ гуна ҷангу хунрезӣ ва мубоpизаи мусаллаҳонаро на дар барномааш пешбинӣ карда буд ва на бо ягон қувваи берунае, ки дар ҷанг манфиатдор бошад, иртибот дошт. Баръакс, аз аввалин лаҳзаҳои ба вуҷуд омадани гирудорҳо роҳбарияти ҲНИТ ҳамеша парчами сулҳ дар даст дошт ва пайваста талош мекард, ки ташаннуҷи ба вуҷудомадаро аз байн бибарад. Ҳатто вақте ки ду майдон-Шаҳидон ва

Озодӣ ташкил шуда буд, саъю талоши зиёд ба харҷ додем, то дар байни миллати мо оташи ҷанг фурӯзон нашавад. Аз майдони муқобил ашхосеро пайдо кардем, ки афкори истиқлолияту озодихоҳӣ доштанд, мисли Ғаффор Мирзоев, Исмат Тӯрахонов ва чанд тан аз ҷавонони дигар. Бо ишон бо мақсади пеши роҳи ҷангро гирифтан ҷамъ шудем, сӯҳбат кардем ва роҳи бурун рафтан аз мушкилотро ҷустем. Боз чандин тадбирҷӯиҳо кардем, вале муваффақ нашудем.
Лозим ба ёдоварист, ки баъд аз шурӯъи даргириҳо ман бо ташаббуси ҳизб нӯҳ - даҳ бор бо тарафи мухолиф гуфтушунид кардам ва дар ҳама вохӯриҳо ба сулҳ расидам. Метавон ба унвони намуна нишастеро, ки дар сатҳи ҷумҳурӣ, дар шаҳри Хоруғ сурат гирифта буд, зикр кард. Дар он намояндаҳо аз ҳар ду тараф ба он шаҳр рафта, қазияро аз роҳи гуфтугӯ ҳал карданд ва сулҳ ҳам шуд. Мо бо хурсандӣ бозгаштем, вале нерӯҳои сеюм худи ҳамон рӯз ба деҳоти собиқ совхоз-техникуми ба номи Куйбишеви ноҳияи Бохтар ҳуҷум оварданд ва оташи ҷангу хунрезиро аз сари нав барангехтанд. Мақсади асосии ин гурӯҳ аз байн бурдан ва тира намудани фазои сулҳи бадастомада буд. Аз ин рӯ, ҳар гоҳ дар ҷое миёни тарафҳо ҳамдигарфаҳмӣ сурат мегирифт ва сулҳ ба даст меомад, ғайричашмдошт воқеъае ба вуқӯъ мепайваст, ки боиси пайдо шудани ҳисси нобоварии ҷонибҳо мегашт. Ин гуна воқеъаро ана ҳамон доираҳое, ки мардуми Тоҷикистонро ба ҷони ҳам андохтан мехостанд, ташкил медоданд.
Ба хотир дорам, сессияи 16-уми Шӯрои Олиии Тоҷикистон, ки дар шаҳри Хуҷанд баргузор гардид ва ҷаноби Э.Ш. Раҳмонов дар он раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб карда шуд ва сӯҳбати хеле ҷолиб ба манфиати миллату Ватан ва сулҳ ҳам кард. Бинобар ин ман бо оқои Ҳоҷӣ Акбар Тӯраҷонзода ба қароре омадем, ки ҷаноби Э.Ш. Раҳмоновро табрик намоем ва рӯзи ба шаҳри Душанбе омадан ишонро бо гулдастаҳо истиқбол кунем. Ҳамчунин қумондонҳои ҷониби мухолифинро барои ба шаҳри Хуҷанд рафтан ва ширкат дар иҷлосияи мазкур ташвиқ кардем. Мутаассифона, як гурӯҳ аз тарафи Регар ба пойтахт ногаҳонӣ ҳуҷум карда, мардуми зиёдеро ба қатл расонид ва он боварие, ки ба вуҷуд омада буд, аз байн бурд.
Эътироф бояд кард, ки ман дар ибтидои даргириҳо ҳамаро наметавонистам назорат кунам, вагарна ба он воқеъаҳо аз рӯзҳои аввал шахсан ман мухолиф будам. Бинобар ин ҳар коре, ки аз дастам меомад, чӣ дар вилояти Қӯрғонтеппа ва чӣ дар шаҳри Душанбе анҷом додам, вале гурӯҳҳои манфиатҷӯ ҳар як зарра комёбии бадастомадаро ба бод медоданд ва боз аз нав даргириҳо авҷ мегирифтанд.
Дар боло дар бораи камтаҷрибагии роҳбарияти ҲНИТ дар он замон ишора кардам. Бале, ин чиз вуҷуд дошт, аммо бояд ёдрас кунам, ки мо на бо роҳи сиёсӣ ва на бо роҳи мусаллаҳона қасди ба даст гирифтани қудратро дар кишварамон надоштем. Мо фақат мехостем дар дину ақида, таълимоти динӣ ва даъвати исломӣ озод бошем. Он замон мо аслан ба он дараҷае нарасида будем, ки раҳбарии як давлатро талаб кунем. Ин чизҳо ҳатто дар тасаввури мо набуд. Орзӯи ягонаи мо озодӣ дар умури диниамон буд. Бинобар ин наметавон гуфт, ки мо корро сар кардему аз сабаби бетаҷрибагӣ муваффақ нашудем. Ман инро қабул надорам, мо чизеро сар накардем, ҳама чиз ба тариқи фишор ва иҷборӣ пеш меомад. Масалан, мардум сараввал барои дифоъи имону ақидаи худашон ба майдон мебаромаданд. Аммо ҳангоме хунрезӣ сар шуд, дигар дифоъ аз ору номус, молу ҷон мавриди назари мардум қарор гирифт.
Вақте гурӯҳҳое пайдо шуданд, ки даст ба хонасӯзию қатлу куштор заданд, дигар ҳама чиз, дину имону ислом яксу монд ва як навъ қавмгароию маҳалгароӣ мавриди назар қарор гирифт. Бояд гуфт, ки аз ду ҷониби бо ҳам даргиршудаи тоҷикон ҳеҷ кадом инро намехост, ҳама таҳрики хориҷӣ буд. Аммо вақте фитна бархост, ҳалли проблема мушкил мешавад. Дар натиҷа маҷбур ба ҳиҷрат шудем, он дар асари эҷоди фитнае буд, ки аз тарафи душманони миллат ба сари мардуми мо таҳмил шуда буд. Дигар ин ки мақсади мо ва атрофиёнамон фақат бо роҳи маслиҳатомез ҳал кардани қазия буд. Таърих гувоҳ аст, ки барои истиқрори сулҳ мо чӣ қадар заҳматҳо кашидаем. Ба Афғонистон ҳиҷрат кардем, вале ҳамон эътиқоде, ки моро дигарон ба ҷанг кашидаанд: «бояд якдигарро бифаҳмем ва якдигарро бифаҳмонем ва аз хунрезӣ даст бикашем», ҳеҷ гоҳ аз қалби мо берун нарафта буд.
Дар паёми хеш ба қумондонҳои собиқи ҳукумат аз аввал то ба охир аз номуси миллӣ, манфиатҳои милливу мазҳабӣ, пайванди хешутаборӣ ва ғайра ёдовар шудам, то эҳсосоти милливу динии

онҳоро барангезонам ва онҳо қаноат ҳосил кунанд, ки ҷанг ба манфиати мардуми Тоҷикистон нест. Бо овардани ин далелҳо гуфтаниам, ки асли сулҳ хостаи мардуми Тоҷикистон буд, аммо дуруст аст, ки мо тоҷикон ба сари худ, бе кӯмаку мусоидати дигарон наметавонистем ба он комёб шавем. Пеш аз ҳама СММ, давлатҳои Афғонистон, Эрон, Русия бевосита ба сулҳ ташвиқ карданд ва таъсири мусбат гузоштанд. Пеш аз он ки ман бо намояндаи СММ вохурӣ кунам, бо ҷаноби Е. Примаков, ки он солҳо вазири корҳои хориҷии Русия буд, шояд моҳи июли соли !993 бошад, дар шаҳри Кобул мулоқот доштам. Дар ҷараёни сӯҳбат оқои Примаков ба ман гуфт, ки барои чӣ ҷанг мекунем, мақсад аз ҷанг чист? Ҳол он ки чизеро, ки бо тариқи сулҳу салоҳ ҳал карда шавад, чаро бо ҷангу хунрезӣ ба даст биёрем? Ба ӯ гуфтам, ки шумо ин суханонро ба ман нагӯед, ҷониби мухолиф моро аз Ватан берун кард. Нерӯҳои марзбони Русия бошанд, дар сарҳад пеши роҳи моро мегиранд. Агар пеши роҳи моро нагиранд ва Ҳукумати кунунии Тоҷикистон ҳуқуқҳои моро риоя кунад, мо бе ҷанг ба Ватани худ бармегардем. Аслан, мо нестем, касеро зада аз марз берун карда бошем, дар сарҳад ҳам мо нестем роҳи касеро баста бошем. Ман бо дилпурӣ омодагии хешро барои сулҳ эълом мекунам ва шумо ҷониби дигарро омода намоед ва мутмаъин бошед, ки мо ба ин кори хайр пурра омодаем.
Дар ҳақиқат рӯзи 27-уми июни соли 1997 дар Маскав, вақте ки Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ба имзо расид, ҷаноби Е.Примаков дар сӯҳбатҳои хеш он вохӯриро ба хотир оварда гуфт: «Мо хишти аввали сулҳро бо оқои Нурӣ дар Кобул гузошта будем ва охиринашро ҳам дар Маскав худамон гузоштем» Ногуфта намонад, ки ин суханонро худи он кас дар яке аз мақолаҳояш ба наздикӣ қайд кардааст.

Сулҳу оромӣ дар ҳар кишвар асоси пешравиҳои иқтисодӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ ва иҷтимоист. Мо - ду ҷониби даргир имрӯз бо ҳам ҷамъ шудем ва қариб шаш сол боз бо ҳам як ҷо кору зиндагӣ мекунем, набояд хотирҷамъ шавем, ки дигар мушкилие боқӣ намондааст. Аслан, на фақат дар кишвари мо, ҳатто дар мамлакатҳое, ки ҷангро надидаанд, шояд садсолаҳо дар сарзамини онҳо ҷанг набуд, мушкилӣ зиёд аст. Зеро эҷоди ташаннуҷ корест осон. Бо як гӯгирдчӯб метавон сӯхтори азиме эҷод кард, аммо хомӯш кардани он заҳмати зиёд мехоҳад.
Дар кишвари мо, ки ба фазли Худо сулҳу салоҳ барқарор шудааст, аз ҷониби душманони дохилӣ ва хориҷӣ хатарҳои зиёд вуҷуд дорад ва сулҳро таҳдид мекунанд. Пеш аз ҳама, кишварҳои манфиатдор дар сурати баровარда нашудани манфиатҳояшон ба эҷоди ташаннуҷ дар дохили кишвари мо даст мезананд. Моро лозим меояд аз сулҳ, истиқлолият ва тамомияти арзии кишвар дифоъ кунем ва ба ин хотир бо кишварҳои ҳамсоя ва дигар давлатҳо муносибатҳои хуб ба роҳ монем. Ҳушёриро аз даст надиҳем ва эҳтиёт намоем, то сулҳу оромӣ ва осоиштагӣ аз даст наравад.

- Аз рӯзҳои аввали муборизаҳо то ба даст омадани сулҳ чанд ҳизбу созмонҳо ва гурӯҳҳои мухолифи ҳукумат бо ҲНИТ ҳамроҳ ва зери сояи он барои худ сарпаноҳ ёфта буданд. Баъд аз он ки ҳаққи худро аз саҳмияи сифоиза гирифтанд, бо ҲНИТ муносибати хешро тағйир додаанд. Оё ҲНИТ имрӯз худро бе онҳо танҳо мебинад ё не?
-Шумо дуруст ёдовар шудед, аз рӯзи аввали шурӯъи муборизаҳо ҷараёнҳо ва ҳизбу созмонҳои мухталиф дар кишвар амал мекарданд, дар тасмимоти ҳар кадом ихтилофи назар вуҷуд дошт. Вақте мо ба қаламрави Афғонистон ҳиҷрат кардем, бо дарназардошти вазъи пешомада ва ба хотири иттиҳод тамоми ҳизбу созмонҳоеро, ки вориди ҷанг шуда буданд ё не, фаъолияташонро пеш аз он ки давлат мутавaққиф созад, боз доштем. Ин моҳҳои январ-феврали соли 1993 буд. Ба ҷои ҳамаи онҳо як созмоне бо номи Ҳаракати Наҳзати Исломи Тоҷикистон таъсис додем, ки он тамоми намояндагони аҳзоби дар хориҷбударо муттаҳид кард. Яъне гурӯҳе ташкил шуд, ки дар ҳамаи муборизаҳо тамоми афроди он ҳамфикру ҳамақида буданд.
Ин ҷо ман муборизаҳо гуфта, муборизаи мусаллаҳонаро дар назар надорам. Пеш аз ҳама мубориза барои сулҳ, мубориза бар зидди парокандашавӣ, мубориза бар зидди костагиҳои ахлоқӣ, мубориза бар зидди бесаводӣ, ки ба ин манзур мактабу мадрасаҳо созмон дода шуданд. Ҳамчунон бар зидди гуруснагӣ, ки мардум дар ибтидои рафтан ба хориҷ чизе намеёфтанд, ки бихӯранд. Ана дар ҳамин муборизаҳо ва талошҳо ҳама якҷо буданду бо ҳамдастӣ амал мекарданд. Воқеъан, ин тадбир боис шуд, ки дар дори ғурбат зери роҳбарияти ҲНИТ иттиҳоду якпорчагӣ ба вуҷуд ояд. Мо ба фазли

Худованд, дар ҳама самтҳои мубориза муваффақ шудем. Ин боиси он гашт, ки роҳбарони аҳзоби дигар, ки дар гӯшаву канори олам пароканда буданд, биёянд ва бо мо бипайванданд. Гузашта аз ин, яке аз аҳдофи Ҳаракати Наҳзати Исломии Тоҷикистон муттаҳид сохтани тамоми нерӯҳо буд, бинобар ин вақте дигар аҳзоб омаданд ва ба мо пайвастанд, ҳадафи мо ҷомаи амал ба бар кард. Дар натиҷа Иттиҳоди нерӯҳои мухолифини тоҷик (ИНОТ) ташкил ёфт.
Бояд зикр кард, ки ин ҷо на танҳо ақида, балки озодӣ, истиқлол ва сулҳ мавриди назар буд. Ҳамин тавр нерӯҳое, ки дар асл аз дигар ҳизбу созмонҳо буданд, бо мо омаданд, таҳти роҳбарии Наҳзати Исломӣ муваффақ ба сулҳ шуданд. Аммо баъд аз он ки саҳмияҳои худро аз сифоиза ноил шуданд, роҳи худро пеш гирифтанд ва дунболи манофеъи хеш рафтанд. Албатта, мо мехостем то чанд соли дигар дар муборизаҳои сиёсӣ бо мо бошанд, аммо дар ин роҳ талоши зиёд накардем, чун аз аввал ҳам ба онҳо он қадар такя надоштем, ки пояҳои ҳаракати моро ташкил диҳанд ва бо рафтани онҳо ин ҳаракат аз байн биравад. Рӯзи рафтани онҳоро пешакӣ дар назар доштем. Бояд гуфт, ки ҲНИТ роҳу равиши хоси худро дорад ва бо рафтани онҳо ҳеҷ гуна зараре дар фаъолияти мо ворид нашуд. Аммо эътироф бояд кард, ки Наҳзати Исломӣ аз рафтани он нерӯҳо таконе хӯрд, вале на то ҷое, ки боиси заъф ва фурӯпошӣ шавад.
Қобили тазаккур аст, ки мо метавонистем онҳоро водор созем, то биёянд ва ба манфиати Наҳзати Исломӣ кор кунанд, аммо чунин накардем, ба он хотир, ки аз як тараф аксарияти ин афрод метавонистанд дар оянда барои мо мушкилзо бошанд. Аз тарафи дигар ба ишон аксари вазифаҳоро додем, то бо мақомоти давлатӣ ҳамоҳанг шаванд. Вақте дидем, ки онҳо дар муборизаҳои сиёсӣ бо давлат ёр шуданд ва чунин кор ба манфиати сулҳ буд, хурсанд шудем, дигар барои дар сафи Ҳаракати Наҳзати Исломӣ нигоҳ доштани онҳо зиёд пофишорӣ накардем. Ба хотири дар интихоботҳо дигар ҳизбҳоро мусоидат карданашон ҳам, аксуламали шадид аз худ нишон надодем. Зеро ман худам мехостам, ки ишон бо мақомоти давлатӣ забон ёбанд, бо давлат омехта шаванд ва ҳамкорӣ дошта бошанд ва проблема эҷод накунанд. Зеро худи мо бо давлат ҳеҷ гуна мушкилоти ҷиддӣ надорем. Ман фикр мекунам, ки мо ба ҳадаф расидаем. Аз ин рӯ, ман бо боварӣ эълон мекунам, ки ҲНИТ бе он ҳизбу ҳаракатҳои собиқ мухолифин худро ҳаргиз танҳо намебинад.
Бояд ёдовар шуд, ки аслан мо мунтазир набудем дар соли аввали фаъолияти ҳизбамон натиҷаи хуб ба даст орем. Дар соли аввал мароми мо танҳо шурӯъ ба фаъолият ва вориди муборизаҳои сиёсӣ шудан буд. Ҳоло чанд сол шудааст, ки ҲНИТ фаъолият мекунад ва умед дорем, ки дар оянда натиҷаҳои хубе ба даст хоҳем овард.

- Оё ҳамаи бандҳои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон пурра татбиқ шуданд?

- Ба ростӣ, ҳамаи бандҳои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар амал татбиқ нашуданд. Аксари хабарнигорон дар ин мавридаз саҳмияи сифоиза мепурсанд. Бояд қайд кард, ки саҳмияи сифоиза дар сатҳи мақомоти боло сад дар сад татбиқ шуд. Чаҳордаҳ ҷо доштем, ҳамаро гирифтем. Дар сатҳи ҷонишинони вазоратҳо панҷоҳ-шаст фоиз ҳал шуд, дар сатҳи раисони вилояту ноҳияҳо чиҳил - панҷоҳ дар сади масъала ҳалли худро ёфт. Маъмулан, чизе ки дар коғаз навишта мешавад, ҳеҷ гоҳ дар амал сад дар сад татбиқи худро намеёбад. Гоҳо дар баъзе маврид аз нишондод зиёд амалӣ мешавад. Масалан, нерӯҳои низомии мухолифини қаблӣ ҳоло дар гӯшаву канори кишвар кор мекунанд. Вале тибқи нишондоди Созишнома оид ба ҳамоиш ин нерӯҳо баъди марҳилаҳои охир бояд пароканда мешуданд, вале ҷониби давлат инро салоҳ надид ва ба пиндори ман кори хуб ҳам кард. Ман гуфтаниам, ки ин қисми Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон аз нишондод зиёдтар амалӣ шуд.
Вале ман фикр мекунам, ки аслан созишнома ё шарт ниҳодан ба хотири дарёфти роҳи расидан ба ҳадафи асосӣ - ба сулҳ аст, на ба хотири тақсими қудрат дар сарзамин. Мо он қадар сарзамини васеъ надорем, ки хоки онро тақсим кунем, вазифаҳоро тақсим намоем, баръакс бояд хоки Ватан дар шакли тамомияташ боқӣ монад. Он саҳмияҳое, ки барои намояндаҳои мо дар давлат муайян шуда буданд, ба хотири мутмаъин шудан, барои баргаштану дар Ватан зиндагӣ кардан буд. Ҳадафи асосӣ, боз такрор мекунам, аз бист дар саду сӣ дар сад ҳамоишу баргардонидани муҳоҷирин ва сулҳу

амният аст. Чун натиҷа ҳосил шудааст ва ба ҳадафи ниҳоӣ даст ёфтем, рӯи баъзе қисматҳои Созишнома, ки амалӣ нагардиданд, зиёд бахс набояд кард.
-Дар мулоқотҳо ва баъди ба имзо расидани Созишнома ва кори КОМ аз ҷаноби олӣ ва ҳайати мухолифин дар гуфтушуниҷдо гузаштҳо бештар ба назар мерасиданд. Ин ба хотири чӣ буд?
-Дар ҳолатҳое, ки ташаннуҷу ташаддуд пеш меомад, аксаран гузашт аз ҷониби мо мешуд. Худи ман, бахусус аз ин услуб бештар истифода бурдаам. Гоҳо пофишорӣ барои дарёфти хостаҳои хеш то ҷое мерасид, ки баъди он ман оташи ҷангро медидам. Яъне оташро хомӯш карда будему зери хокистар ахгарҳо боқӣ буданд. Пофишории аз ҳад зиёд сари хостаи хеш, доман задан ба он ахгарҳо буд. Ба хотири он ки он оташпораҳо аз сари нав аланга нагиранд, азхудгузаштагӣ мекардем. Сулҳу ҳамбастагӣ, бозгашти мардум ба Ватан, бақои миллату кишвар, ин ҳадафу маромҳое буданд, ки моро водор ба гузашт менамуданд. Гоҳо дар вазъияти пешомада ҳатто эълони ҷангро низ аз ҷониби мухолиф шунидам, вале дар чунин ҳолат гузашт кардам, то ҳамон ҷанги сабилмонда бори дигар сар назанад.

- Ин албатта, аз рӯи тарс набуд?

- На! Ҳоло ки оромӣ шудаву эҳсоси ширинии ҷону мол пеш омадааст, шояд тарсид, лекин он вақт ҳеҷ гуна хавфу тарс вуҷуд надошт. Тарси ягона Имону Ислом, Миллат ва ҳамин Ватан буд, ҳар гоҳ бинем ин муқаддасот осеб мебинанд, дар ҳамон ҷо гузашт мекардем, аз баҳри ҳама чиз мегузаштему аз баҳри инҳо не!
- Айёми фаъолият дар Комиссияи Оштии Миллӣ як теъдод саҳифаҳои китоби зиндагии шуморо ташкил медиҳанд. Он саҳифаҳоро чӣ гуна арзёбӣ мекунед?
-Аз он ки он солҳо саросар пур аз мушкилот буданд, ҷои гап нест. Дар сари як миз бо мухолифон нишастан ва масоили марбути ба он ҳама мухолифатҳоро ҳал намудан корест сангин, вале дорои самараи дилхоҳ. Дар ин ду солу чанд моҳ ҷисму рӯҳам хаста шуданд, вале табиати одамӣ чунин аст, ки мушкилот ҳар қадар зиёд бошад ҳам, чун комёб ба натиҷаи дилхоҳ шавад, ҳама чизро фаромӯш мекунад .Аввалин самара бақои имону Ислом ва эътиқод буд. Аҳволи Ислому мусалмонҳоро дар солҳои ҷанг ба хотир биёред ва бинед, ки дар кадом вазъ қарор дошт ва ҳоло бинед дар кадом мақом аст, он гоҳ натиҷаро пай мебаред. Меваи дигар бозгашти муҳоҷирини аз Ватан, аз диёр, ёру бародар ва падару модар ҷудогашта. Вақте бинем, ки бо заҳматҳои хеш тавонистем барои бозгашти онҳо ба Ватан роҳеро пайдо кунем ва падару писар, модару духтар ба дидори якдигар бирасанд, он гоҳ аз меваҳои заҳмати хеш қаноатманд мешавем.
Неъмати дигар ҳифзи бақои миллат ва Ватан аст. Дар сурати идома кардани ҷанг миллати мо муталошӣ мешуд ва истиқлолияту якпорчагии кишвари мо аз байн мерафт. Ҳоло ки мебинем аз файзи сулҳ якпорчагии миллат боқӣ ва соҳиби кишвари мустақил аст. Ин ҳама аз натиҷаҳои қатъи ҷанг ва эҷоди сулҳу оромист. Мо имрӯз бо ин амали шоистаи хеш бори дигар ба ҷаҳону ҷаҳониён нишон додем, ки мо мардуми соҳиби ақлу хирад дар таърихи тамаддуни башарӣ саҳми босазое гузошта будем ва имрӯз ҳам дар муддати ёздаҳ соли истиқлолият тавонистем, то як андоза аз ақлу хиради хеш дуруст истифода кунем. Ҷанге, ки дар дигар кишварҳо тавассути дахолати нерӯҳои зиёди хориҷӣ қатъ карда мешавад, дар кишвари мо - Тоҷикистон тавассути ақлу фаросат ҳалли худро ёфт.
Имрӯз тамоми дунё моро ҳамчун миллате, ки тавонист ҷонибҳои он забон ёбанд ва сулҳ кунанд, мешиносад ва аз сулҳи мо барои иҷоди сулҳ дар дигар гӯшаву канори олам таҷриба мекунанд. Соли гузашта Конфронси байналмилалӣ дар шаҳри Душанбе дар мавзӯи «Таҷрибаи сулҳи тоҷикон дар Афғонистон» баргузор шуд, ки аз бисёр кишварҳои олам дар он намояндагон ҳузур доштанд. Метавон гуфт, сулҳи мо тоҷикон дар таърих ба таври ҳамешагӣ боқӣ хоҳад монд. Ҳар шахси соҳибхирад орзӯ дорад барои миллату Ватани хеш кори хайре бикунад. Ман дар ҳамин муддат барои дини мубини Ислом, эътиқоду имонам, барои миллатам ва барои Ватани азизам масъулияти хайреро анҷом додам ва ҳоло ҳам ҳушёру бедорам, ки ин дастовард мабодо аз тарафи касе ё гурӯҳе хароб нашавад ва аз байн наравад. Хулоса, камина рӯзҳои фаъолияти хешро дар КОМ аз саҳифаҳои дурахшони девони ҳаётам медонам.

- Вазъи сиёсии ҷаҳон бо рӯйдодҳои 11-уми сентябр ба куллӣ тағйир ёфт ва масъалаи мубориза алайҳи терроризм ба миён омад. Мубориза алайҳи терроризм агарчӣ сард нест, вале ба ҷанги сард, ки то соли 1991 идома дошт, шабоҳат дорад. Дар ҷанги сард ҳадаф пеш аз ҳама Иттиҳоди Шӯравӣ ва иттифоқчиёнаш буданд, дар мубориза алайҳи терроризм имрӯз ҳадаф Исломy муслимин аст.Оё таҳаввулоти вазъи сиёсии ҷаҳон ба сулҳи тоҷикон ва ба амнияти ҳизб таҳдид намекунад?

- Мубориза алайҳи терроризм ҳамеша буд, вале ҳоло бо услуби нав тамоми мамолики дунё ба мубориза бархостаанд. Мо низ аз рӯзи аввал эълом карда будем, ки ҲНИТ аз ҷумлаи аҳзобест, ки ҳамеша бар зидди терроризм қиём кардааст ва ҳоло ҳам терроризмро сахт маҳкум мекунад. Мутаассифона, гоҳо бо таҳлилу баррасии ҷараёни мубориза бар зидди терроризм, ба назар чунин мерасад, ки як гуна мубориза бар зидди Ислом бошад. Аз равиши воқеъаҳо дида мешавад, ки он як навъ мубориза алайҳи Ислом, ҳаракатҳои исломӣ ва кишварҳои исломист.

Дар зери шиори мубориза алайҳи терроризм мубориза алайҳи Ислом нуҳуфта аст. Бо таваҷҷӯҳ бар маҳкум кардани терроризм метавон гуфт, набояд он худиву бегона дошта бошад. Зеро терроризм ва террорист ҳеҷ гоҳ мансуб ба дин ё ба шахсе ва ё ба давлате шуда наметавонад. Бинобар ин тамоми шаклҳои муборизаҳои мусалмононро ҳаракати террористӣ маънидод кардан аз рӯи адолат нест. Масалан, ҷавонони фаластинӣ панҷоҳ-шаст сол аз падару бобоҳояшон сар карда, аз дасти саҳюнистҳо алам дидаанд. Бобоҳояшон кушта шуданд, падаронашон ба дасти онҳо ба ҳалокат расиданд ва худи онҳо ҳоло гирифтори мусибати тоқатфарсоанд. Саҳюнистҳо бо тӯпу танк аз замин, бо чархбол аз ҳаво, бо киштиҳо аз баҳр, бо тамоми аслиҳаи пешрафта ба фаластиниҳои дастхолӣ ҳамлавар мешаванд, ғорату таҷовуз мекунанд, хонаҳоро хароб карда, бо булдозер ҳамвор мекунанд. Ҷавони фаластинӣ аз ин гуна зиндагӣ безор шуда ба дод меояд, дигар роҳ надорад, мехоҳад дар ин дунё худаш ҳам набошад ва бо таркондани худ чанд тан душмани хешро ҳамроҳ аз ин олам бибарад.

Бо вуҷуди ин ҳама нобаробариҳо аз назари бархе аз сиёсатмадорони олам, ки марзу буми терроризмро тибқи хости дили хеш муайян мекунанд, саҳюнистҳо террорист маҳсуб намешаванд, аммо фаластинии бечора террорист аст. Ана ҳамин нобаробариҳо ва беадолатиҳо дар баҳо додан ба терроризм бозгӯӣ аз он мекунад, ки ин муборизаҳо алайҳи Ислом равона карда шудаанд. Ман изҳороти Раиси Ҷумҳури кишварамон Э. Ш. Раҳмоновро дар ин маврид пурра дастгирӣ мекунам, ки борҳост мешунавам, мегӯяд, ки бо баҳонаи терроризм набояд дини мубини Исломро ё мусалмононро осеб расонанд. Дар форуми байналмилалӣ бахшида ба ин мавзӯъ боз такрор карданд, ки терроризм ё террорист мазҳаб надорад, мазҳабу миллати ӯ силоҳи ӯст. Воқеъан, ин гуфтаҳо дастгирии мусалмонон аз ин мақоми баланд аст. Бояд тамоми кишварҳо, қатъи назар аз мусалмон ё ғайримусалмон будан ин воқеъияти реалиро бипазиранд. Ман мехоҳам, ки калимаи терроризм як бор тафсир ва марзу бумаш муайян шавад, то мардум бидонанд, ки чӣ гуна амалро амали террористӣ ва чӣ касеро террорист метавон гуфт. Бигузор СММ ё чанд созмони байналмилалӣ ё комиссияи бонуфузе аз миқёси байналмилалӣ ташкил шавад ва онро муайян кунад.

Дар робита ба ҲНИТ метавон гуфт, роҳбарияти давлати мо ҳеҷ гоҳ ба фаъолияти ҲНИТ мухолифат надорад. Ҷаноби Раиси Ҷумҳури ҶТ Э.Ш.Раҳмонов дар як вохӯрӣ гуфтанд: «Фаъолияти ҲНИТ дар асоси Конститутсияи Тоҷикистон аст ва Сарқонун моли мардуми Тоҷикистон мебошад, мақомоти давлатии кишвар ва мақомоти кишварҳои хориҷӣ ҳақ надоранд ин чизро мухолифат кунанд. Шумо дар чаҳорчӯбае, ки қонун муайян кардааст, фаъолият кунед, мо зери фишори каси дигаре сиёсатамонро нисбати ҲНИТ тағйир намедиҳем.»

*Лозим ба зикр аст, ки фишори берунӣ, шояд на ба хотири як ҳизби исломӣ, балки ба хотири эҷоди* ташаннуҷ вуҷуд дорад. Метавон гуфт, мушкилоти исломиҳо дар дунё проблемаи хеле бузург аст, ки роҳбарони кишварҳо наметавонанд онро ҳаллу фасл кунанд. Сиёсати хирадмандона ва фаросати баланди роҳбарияти кишвари мо боис гашта, ки танҳо мо, тоҷикон ин проблемаи глобалиро ҳал кардаем. Инак, соли шашум аст бо ҳам кору зиндагӣ мекунем ва тақрибан соли чаҳорум аст, ки ҳизби сиёсии хусусияти динидошта фаъолият мекунад ва роҳҳо ҳама барои мо боз аст. Роҳбарони кишварҳое, ки мусалмонон дар он зиндагӣ мекунанд, ба ивази он ки ба кишвари мо фишор оранд,

роҳи бурун омадан аз мушкилотро биҷӯянд, масъалаи дохилии худашонро ҳал кунанд. Бояд ҳуқуқҳои фитрии мусалмононро ҷавобгӯ бошанд, зеро онҳо ҳам одаманд, ҳаққи зиндагӣ кардан дар рӯи замин ва интихоб кардану интихоб шудан, ҳаққи фаъолияти сиёсиро доранд, ҳуқуқи онҳоро набояд поймол кард. Ишон шаҳрванди кишвари онҳоанд, бояд дар ҳаққи раъияти хеш хайрандеш бошанд.
-Имрӯз муносибати шумо бо Раиси Ҷумҳури Тоҷикистон Э. Ш. Раҳмонов чӣ гуна аст?
-Баъди ба охир расидани кори КОМ то воқеъаҳои 11-уми сентябри соли 2001 ҳар кас масъулияти худро анҷом медод. Раиси Ҷумҳури Тоҷикистон ҷаноби Э.Ш. Раҳмонов ба умури давлатдорӣ машғул буданд ва мо ба кори ҳизбӣ. Вале 11-уми сентябр ҳодисоте ба вуқӯъ пайваст, ки дунёро такон дод. Чун вазъи ҷаҳон, аз ҷумла вазъи кишвари мо ҳам хеле ҳассос буд, мо барои он ки дар ин марҳилаи сарнавиштсоз ҳусни тафоҳум дошта бошем ва халале аз ҷониби дигарон ворид нашавад, иртиботамонро бо ҷаноби Э.Ш.Раҳмонов бештар кардем. Инчунин мо ба Аҳднома, ки ба манфиати ҳизбу созмонҳои ғайридавлатӣ равона шудааст, имзо гузоштем. Ҳамчунин бо он кас мулоқоти расмӣ ҳам доштем, ки дар он масоили бузурги кишвар мавриди баҳсу баррасӣ қарор гирифт ва то имрӯз мо дар иртиботи ҷиддием. Дар умуре, ки ба манфиати миллат, кишвар ва корҳое, ки ба нафъи умумидавлатист, мо якдигарро ёрӣ мерасонем..
Дар вохӯрии охир ҷаноби Раиси Ҷумҳури Тоҷикистон Э.Ш.Раҳмонов дар бораи озодандешӣ ва озодии баён сӯҳбат намуданд ва он кас қайд карданд, ки агар дар раванди ошкорбаёнӣ кадом маҳдудият вуҷуд дошта бошад, ба хотири ҷилавгирӣ аз ноороми аст, чун мардуми мо аз озодӣ ва озодандешӣ ба хубӣ огоҳӣ надоранд. Аз суханони он кас чунин бармеояд, ки матбуот, аҳзоби расман амалкунанда бояд комилан фаъолияти озод дошта бошанд. Мо фарҳанги бисёрҳизбиро дар он мебинем, ки агар ҳизби ҳоким дар сиёсати иқтисодӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва дар роҳи пеш гирифтааш ба нафъи мардум ва кишвар кӯшиш кунад, дигар ҳизбҳо бояд ба ӯ мусоидат кунанд, то боз ҳам зиёдтар пешравӣ ба даст орад. Дар сурати инҳироф ёфтан, дигар аҳзоб росташ кунанд. Ҳизбҳои дигар набояд пайваста чашм ба курсӣ бидӯзанд ва ҳизби ҳокимро дар сурати инҳироф якбора ба чоҳи залолат наандозанд. Дар сурате, ки тамоми аҳзоб дар фикри ёрии якдигар бошанд, кишвар ба комёбиҳо ва пешравиҳо ноил мешавад ва мушкилот зуд ҳал мешаванд.
-Тақдири аъзои КОМ баъди қатъи фаъолият чӣ шуд ва дар оянда чӣ сарнавиште онҳоро интизор аст?
– Аъзои КОМ дар мансабҳои мухталифи давлатӣ кор мекунанд. Бисту шаш нафар аъзо ва чанд тани дигар аз тарафи Раиси Ҷумҳури Тоҷикистон бо ордену медалҳо ва нишонҳои давлатӣ қадр шуданд. Рости гап, афроде ки аз тарафи давлат намояндагӣ мекарданд, бо ҷои кор таъмин шуданд. Аммо намояндагони ИНОТ дар КОМ чанд тан аз саҳмияи сифоиза ба кадом коре пешниҳод шуда, боқӣ ба ягон вазифа пешбарӣ нашуданд ва касе дар суроғи эшон нест. Ба андешаи ман ин афрод дар таърихи Тоҷикистон ва ҳам дар таърихи ҷаҳон, аз ҷумлаи шахсиятҳои таърихӣ ба шумор мераванд. Ишон бояд пайваста бо ҳамон обрӯ ва ҳайсияташон сазовори эҳтиром бошанд. Ман бовар дорам, ки онҳо ин ифтихорро сазоворанд. Хуб мебуд, ки аз тарафи давлат ё созмонҳои байналмилалӣ онҳо имтиёзи махсус медоштанд, ки боиси дилгармии ишон ва тарғиби афроде мешуд, ки дар роҳи сулҳ заҳмат кашидаанд ва дар оянда мекашанд.
Бояд гӯям, ки мо бо собиқ аъзои КОМ алоқаи дӯстона дорем, на алоқаи корӣ. Мо мисли дӯстони шарикдарси як донишгоҳ аз дидори якдигар хушҳол мешавем.
- Инак, дар Анҷумани навбатии ҲНИТ 18 сентябри соли 1999 Шумо раиси ин созмони сиёсӣ интихоб шудед, мехостем оид ба фаъолияти ин давра ва минбаъдаи ҳизб нақл мекардед.
- Пеш аз барпо гардидани Анҷумани навбатӣ ҷаласаи Раёсати Олии ҲНИТ ва кумитаи тадорукотӣ доир гашт ва дар он тасмим гирифта шуд, ки банда раисии ҳизбро ба ӯҳда бигирам. Воқеъан, афроде пайдо шуд, ки ақида доштанд ки камина ба мисли пешина дар ақибгоҳ дар фаъолияти пасипардагӣ бошам. Шахсан банда ба ин фикр розӣ нашудам. Чаро? Барои он ки вақте мехостанд маро ба раисии КОМ интихоб кунанд, ҳамин нафарон маслиҳат доданд, ки ба ин кор розӣ нашавам. Онҳо мавқеъи пасипардагии манро ба манфиати кор меҳисобиданд. Вале камина ба ин розӣ нашудам ва роҳбарии КОМ-ро қабул кардам. Зеро медонистам, ки аксари мутлақи роҳбарони

сиёсӣ ва фармондеҳони саҳроӣ ба сухани банда гӯш медиҳанд ва итоат мекунанд. Фикр кардам, ки агар раисии КОМ-ро ба ӯҳда нагирам, барқарор гардидани сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон амри маҳол аст. Ҳамин корро ҳам кардаму шукри Худованд, ба сулҳу салоҳ муваффақ шудем. Аммо вақте хостанд, маро раиси ҲНИТ интихоб кунанд, мавқеъи ҳизб дар ҷомеъаи Тоҷикистон хеле ноустувор буд, яъне обрӯю эътибор ва ҷойгоҳи онро баланд бардоштан лозим буд. Камина дар вазифаҳои раиси ИНОТ ва КОМ обрӯи зиёди байналмилалӣ пайдо карда будам ва дар сурати раиси ҲНИТ интихоб шуданам, престижи сиёсиам то андозае коста мегардид. Аммо ман инро зарур медонистам, ки бояд бо ҳамон обрӯи сиёсие, ки дорам, дар сурати раиси ҲНИТ интихоб гардиданам, мақом ва манзалати ҳизбро баланд бардорам. Ҳамин тавр ҳам шуд. Феълан намояндагони созмонҳои байналмилалӣ, сафоратҳои мамолики гуногуни ҷаҳон худашон барои мулоқот ба қароргоҳи ҲНИТ меоянд, ки ин аз баланд гардидани обрӯю эътибори ҳизби мо шаҳодат медиҳад.

Имрӯз ҳизби мо ба эътибори таҳлилгарони сиёсии ҷаҳон яке аз ҳизбҳои бисёр обрӯманд ва зиндаи ҷомеъаи кишварамон ба шумор меравад. Аз ҳамин ҷост, ки намояндагони ҳизби моро ба нишастҳои байналмилалӣ, семинару симпозиумҳо тез-тез даъват мекунанд. Моҳи ноябри соли гузашта камина ҳамроҳи ҷонишини раиси ҲНИТ Муҳиддин Кабирӣ ба кишвари Таиланд барои ширкат дар конфронси ҳизбҳои сиёсии қитъаи Осиё рафта будем. Дар он ҷо Тоҷикистонро танҳо ҳизби мо намояндагӣ мекард. Вақте аз масъулини конфронс пурсидем, ки чаро аз дигар ҳизбу ҳаракатҳои ҷумҳурии мо даъват ба амал наомад, дар ҷавоб гуфтанд, ки мо ҲНИТ-ро ягона созмони фаъолу тавонои сиёсӣ дар кишваратон мешиносем, бинобар ин Шуморо барои иштирок дар ин чорабинӣ даъват кардему халос.

Хайр, дигар чӣ гӯям, чун раиси ҲНИТ ба фаъолият шурӯъ кардам, ба як қатор пешрафту комёбиҳо низ ноил гардидам. Мо аз соли 1999 то ин дам се марҳаларо аз сар гузаронидем. Соли аввал марҳалаи ташкиливу таъмири шикасту рехти ҳизб буд, соли дуввум марҳалаи барқароркунӣ буд, соли сеюм марҳалаи сиёсикунонӣ эълон шуда буд. Имсол бошад, соли ислоҳот барои ҳизб ба шумор меравад. Мо кӯшиш ба харҷ медиҳем, ки ҳар як узви ҳизб, аз шахси қаторӣ сар карда, то раиси ҳизб бояд ба кору фаъолияти худ ба назари танқидӣ бинигарад ва ҳатман бозсозию навсозӣ ҷорӣ созад, камбудию норасоиҳоро бартараф кунад.

- Агар давраи сисолаи ҲНИТ-ро пеши назар биёрем, беҳтарин комёбӣ ва муваффақияти ҳизбро кадом меҳисобед?

- Ба андешаи ман дар маҷмӯъ комёбии асосӣ ва бузурги ҲНИТ эҷоди сулҳу оштӣ дар кишварамон аст.

- Дар бораи робитаҳои ҲНИТ бо дигар аҳзоби сиёсии кишварамон ва умуман алоқаҳои байналмилалии ҳизб чанд сухан мегуфтед.

- ҲНИТ бо тамоми ҳизбу ҳаракатҳои сиёсии ҷумҳуриямон муносибати хуб дорад. Намояндагони мо дар тамоми чорабиниҳо, ҷаласаҳои аҳзобу ҳаракатҳои гуногун ширкат меварзанд. Дар навбати худ онҳо низ дар нишасту ҷаласаҳои ҳизби мо даъват мешаванд ва иштирок ҳам мекунанд. Бо ягон ҳизбу ҳаракати ҷумҳуриямон мухолифату хусумат надорем. Бо ҳамаи онҳо барои пешрафту гулгулшукуфии диёрамон ҳамкории самарабахш дорем.

Инчунин робитаҳои байналмилалии ҲНИТ сол то сол қавитар мегарданд. Чуноне қайд кардам, қариб бо тамоми сафоратҳои мамолики мухталифи ҷаҳон дар Тоҷикистон робитаҳои дӯстонаву ҳасана дорем. Бо намояндагони ин сафоратҳо вохӯриҳо мегузаронем, масъалаҳои мубрами сиёсию иҷтимоӣ ва фарҳангиро мавриди муҳокима қарор медиҳем, нуқтаи назари худро дар ҳаллу фасли ин мушкилот иброз медорем. Бо созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ, пеш аз ҳама СММ, САҲА иртиботи қавӣ дорем. Ҳини нишасту мулоқотҳо бо намояндагони ин созмонҳои байналмилалӣ на танҳо масоили ҳалталаби ҷумҳурию минтақа ва ҳатто баъзе қазияҳои глобалии ҷаҳон мавриди баррасӣ қарор мегиранд, ки аксар вақт бо ҳусни тафоҳум ба анҷом мерасанд. Ҳамаи ин вохӯрию мулоқот, робитаву алоқаҳо аз баланд гардидани обрӯи байналмилалии ҲНИТ гувоҳӣ медиҳанд.

- Беҳтарин давраи ҳаёти Шумо дар талошу муборизаҳо сарф шуд, оё боре ҳам шудааст, ки аз кору боратон, аз азму талошатон пушаймон шуда бошед?

- Чуноне пештар ҳам гуфтам, мақсад аз зиндагии ман дар ин дунё ҳадафи муқаддаси ман аст. Ҳадафи ман дар асоси ақоиди дини мубини Ислом ташаккул ёфтааст. Ман дар тӯли фаъолияте, ки доштам, дар ҳолатҳои бисёр сахту мушкил ҳам лаҳзае нашудааст, ки аз кору бори худ пушаймон шуда бошам. Аз Худованди бузург умеду орзу дорам, ки дар ин ҷода маро боз ҳам пойдортар ва устувортар гардонад.

- Беҳтарин ва сахттарин лаҳзаҳои давраи ҳаёти Шумо?

- Вазнинтарин лаҳзаи ҳаёти ман охири соли 1992 буд, ки мардуми бечораи мо бар асари ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ дар ҳолати хорию зорӣ ба қаламрави Афғонистон ҳиҷрат карданд. Онҳо дар ин даргириҳо қисман кушта ва зумрае ба мусибатҳои сахт дучор шуда буданд. Ба андешаи ман ҳамон давра барои камина бадтарин ва душвортарин лаҳзаҳои ҳаётам буд.

Беҳтарин лаҳза низ ба ҳамин қазия иртибот дорад. Рӯзи имзо гардидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ва бозгашти шарофатмандонаи муҳоҷирин ба Ватани азизамонро беҳтарин лаҳзаи ҳаёти худ меҳисобам.

- Агар Худованд ба Шумо умри дубора ато мекард, ҳамин роҳро интихоб мекардед ё роҳи дигареро?

- Ин роҳ бо вуҷуди душвориҳо, маҳрумиятҳо барои камина муқаддас ва ширин аст, зеро он хоҳишоте, ки як инсони озодихоҳу истиқлолталаб дорад, онҳоро ҷавобгӯ ва мувофиқ аст. Аз ин рӯ, бе ҳеҷ дудилагӣ метавонам бигӯям, ки агар Худованд ба ман умри дубора ато мекард, ман ҳамин роҳро интихоб мекардам, на роҳи дигарро.

- Идеали Шумо дар зиндагӣ?

- Барои мо мусалмонон, аз ҷумла барои камина шахсият ва кору фаъолияти Паёмбари бузурги Ислом Муҳаммад (с) идеал аст ва кӯшиш мекунам, ки ба он ҳазрат пайравӣ намоям.

- Шумо худро лидери сиёсӣ мешуморед ё пешвои мазҳабӣ?

- Ман ҳоло худро на ин мешумораму на он. Аслан, шуморидан аз тарафи дигарҳо мешавад, на аз ҷониби ман. Аммо шумо, ки ин саволро ба ман додед, посух чунин аст: -камина як марди мусалмон, бандаи Худо ва шаҳрванди Тоҷикистонам.

- Фарз кардем, Шумо ба сафари дур мебароед ва дар ҷомадонатон ҷои чаҳор китоб холист, Шумо кадом китобҳоро бо худ мегирифтед?

- Ба фикрам он чизе, ки ман дар сафарҳо ниёз дорам, пеш аз ҳама Қуръони маҷид аст. Дар ҳамаи сафарҳо ин китоби муқаддас ҳамсафари доимии ман аст. Баъдан аҳодиси Паёмбари Ислом Муҳаммад (с) «Саҳеҳи Бухорӣ», китоби фиқҳ «Ҳидоя»-ро, китоб дар бораи ахлоқи исломӣ бо номи «Тариқаи Муҳаммадӣ»-ро бо худ мебурдам. Агар боз ҷои холӣ мемонд, ҳатман бо худ «Гулистон» ва «Бӯстон»-и Шайх Саъдӣ ва Маснавии Мавлавиро мегирифтам.

- Шунидани шеър ва мусиқиро дӯст медоред?

- Ба ростӣ, ки табиатан ба шеър алоқа дорам, агар дар ҳақиқат шеър бошад. Ба мусиқӣ ҳам алоқамандӣ дорам, агар дар ҳақиқат мусиқӣ бошад, музика набошад.

- Пораи шеъри дӯстдоштаи Шумо, ки умеду армон ва шахсияти Шуморо ба хубӣ ифода кунад?

- Ғазали Аллома Иқболи Лоҳурӣ, ки ифодагари марому мақсади камина аст:

Мисли ойина машав маҳви ҷамоли дигарон,
Аз дилу дида фурӯ шӯй хаёли дигарон.
Оташ аз нолаи мурғони Ҳарам гиру бисӯз,
Ошёне, ки ниҳодӣ ба ниҳоли дигарон.
Дар ҷаҳон болу пари хеш кушудан омӯз,
Ки паридан натавон бо пару боли дигарон.
Марди озодаму он гуна ғаюрам, ки маро
Метавон кушт ба як ҷоми зулоли дигарон.
Эй, ки наздиктар аз ҷонию пинҳон зи нигаҳ,
Ҳаҷри ту хуштарам ояд зи висоли дигарон.

- Шахсияти намоёни сиёсию ҷамъиятии ҷаҳон, ки барои Шумо намунаи ибрат аст?
- Мутаассифона, то ба имрӯз дар фаъолияти сиёсию ҷамъиятӣ ҳеҷ касро намунаи ибрат пайдо накардаам, ки пурра ба идеали ман ҷавобгӯ бошад. Бинобар ин возеҳу рӯшан гуфта метавонам, ки ягон шахсияти сиёсиву ҷамъиятии ҷаҳонро ман дар фаъолияти сиёсиам намунаи ибрат қарор надодааму ба ӯ пайравӣ ҳам накардаам. Албатта, аз таҷрибаҳои онҳо истифода бурдаам.
- Мухтасаран дар бораи ҳаёти шахсиатон нақл мекардед?
- Оиладорам. Алҳамдулиллоҳ, ки соҳиби ҳашт фарзандам, панҷ писару се духтар дорам. Аз инҳо се нафарашон хонадор ҳастанд. Ҳар кадомаш як фарзандӣ доранд, соҳиби набераҳо ҳам ҳастем, яъне аллакай бобо ҳам шудаем.
Фарзанди нахустинам имсол Донишгоҳи исломии Ҷумҳурии Исломии Эронро дар риштаи улуми исломӣ хатм мекунад. Фарзанди дуюмам дар кишвари Фаронса дар Донишгоҳ, дар риштаи ҳуқуқи байналмилалӣ таҳсил дорад. Ду фарзандам дар Донишкадаи ҳуқуқу андози шаҳри Душанбе мехонанд. Писари аз ҳама хурдиам дар Донишгоҳи исломии ба номи Имом Тирмизии Тоҷикистон ба омӯзиши улуми исломӣ машғул аст.
- Мехоҳед, ягон фарзандатон роҳи Шуморо пеш гирад?
- Ростӣ, ин роҳи пуршараф аст ва мехоҳам, ки фарзандони мо низ дар ин ҷода қадам зананд, вале ин роҳ басо душвору сангин аст. Аз ин рӯ, ҳамчун падар намехоҳам фарзандони ман масъулияти сарварӣ ва роҳбариро дар ин ҷода ба дӯш дошта бошанд.
- Беҳтарин тафреҳ барои Шумо кадом аст?
- Беҳтарин тафреҳ барои камина ибодат ба даргоҳи Худованд ва дар ҳалқаи фарзандону наздикон будан аст.
- Ташаккур барои сӯҳбати пурмӯҳтавою самимиатон!
- Саломат бошед!

## ЗИНДАгӣ дар садафи хеш гуҳар сохтан аст

Мусоҳиба бо муовини раиси ҲНИТ, вакили Маҷлиси на-мояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон устод Муҳаммадшариф Ҳимматзода

Соли 1951 дар деҳаи Ғун-дараи собиқ ноҳияи Сангвор (Тавилдара) чашм ба олами ҳастӣ кушодааст. Баъди хатми мактаби таҳсилоти ҳамагонӣ дар назди донишмандони улуми исломӣ илмҳои сарфу наҳв, фиқҳ, таъриху фалсафа, мантиқ ва ғайраро фаро гирифтааст. Яке аз бунёдгузорон ва собиқадорони ҲНИТ мебошад. Дар конфронси таъсисии шӯъбаи тоҷикистонии ҲНИ Иттиҳоди Шӯравӣ дар деҳаи Чортути ноҳияи Ленин, 6 октябри соли 1990-ум ва дар Анҷумани нахустини ин ҳизб (соли 1991) раиси ҲНИТ интихоб гардид. Масъулияти раисии ҲНИТ-ро то соли 1999 ба ӯҳда дошт. Охири соли 1992 бар асари ҷанги шаҳрвандӣ иҷборан ба Ҷумҳурии Исломии Покистон ҳиҷрат карда, дар сохторҳои роҳбарикунандаи Ҳаракати Наҳзати Исломии Тоҷикистон ва ИНОТ фаъолона ширкат варзидааст. Ҳамзамон аз соли 1993 то соли 1997 дар Донишгоҳи байналмилалии Покистон таҳсил карда, онро бо ихтисоси ҳуқуқшинос–бакалавр хатм кардааст.
Ӯ аз соли 1994 то соли 1997 иштирокчии фаъолу бевоситаи музокироти сулҳи тоҷикон буд. Баъди бозгашт ба Ватан аз моҳи июли соли 1997 то моҳи октябри соли 1998 узви зеркомиссияи сиёсӣ буда, аз моҳи октябри соли 1998 то 1-уми апрели соли 2000 ба ҳайси раиси зеркомиссияи ҳуқуқии КОМ

ифои вазифа намудааст. Дар истиқрори сулҳ ва оштии миллӣ дар кишварамон хидматҳои арзандаеро ба ҷо овардааст

Аз 19 январ то 20-марти соли 2000 сафир доир ба супоришоти махсуси Вазорати умури хориҷии ҶТ буд. Аз 27 феврали соли 2000 вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ, узви кумита оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот мебошад.

Барои хидматҳои шоён бо фармони Раиси Ҷумҳури Тоҷикистон бо ордени "Дӯстӣ" сарфароз гардонида шудааст.

Устод Ҳимматзода чун олими файласуф, сиёсатшинос, ҳуқуқшинос ва донишманди улуми исломӣ на танҳо дар кишварамон, балки дар мамолики хориҷӣ низ машҳуру маъруф аст. Муаллифи даҳҳо мақолаву таҳқиқоти илмӣ, аз ҷумла китобҳои «Дар ҷустуҷӯи ҳақиқат», «Зиндагӣ ва осори Абуҳанифа» ва ғайра мебошад, ки аз ҷониби олимони ватаниву хориҷӣ хеле хуб пазируфта шудаанд.

Ба кишварҳои гуногуни ҷаҳон сафарҳо намудааст. Дар даҳҳо симпозиуму конфронсҳои байналмилалӣ дар мавзӯъи «Ислом ва сиёсат» гузоришу маърӯзаҳо кардааст. Ӯ донандаи хуби забонҳои арабӣ, русӣ ва англисӣ мебошад.

Ҳамзамон муовини раиси ҲНИТ мебошад.

Оиладор, соҳиби ҳафт фарзанд аст.

* * *

- Устоди гиромӣ, Шумо ки олим ва муҳаққиқи варзида ҳастед, мехостем андешаи худро дар бораи заминаҳо ва омилҳои пайдоиши ҷунбишҳои ислоҳотхоҳи исломӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон баён мекардед.

- Бояд гуфт, ки дар солҳои ҳафтодуми асри XX дар Тоҷикистон ҳаракати сиёсии исломие таҳти роҳбарии устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ таъсис ёфта, ба фаъолият пардохт, ки дар ҳалқаҳои махфии он асосан шогирдон ва афроди мӯътамади ишон аз ҷавонони таҳсилкарда ва рӯшанфикри исломӣ ҷамъ омада буданд. Ба назари банда ташаккулу таҳаввули ҷунбиши ислоҳотхоҳи исломӣ дар солҳои ҳафтодум ҳалқае аз силсилаи ҳаракати маорифпарварон, ки онҳоро ҷадидон ё ин ки ҷавонбухориён низ меномиданд ва дар охири асри XIX ва аввали асри XX дар саҳнаи сиёсати диёри Мовароуннаҳр зуҳур карда буданд, шуморидан мумкин аст. Вале мутаассифона, ормону омол, умеду орзӯ ва ҳадафҳои ислоҳотхоҳиашонро онҳо бо худ ба гӯр бурданд. Зеро баъди ишғоли Осиёи Миёна аз тарафи Русия, ки дар он кишвар нерӯҳои тундгарои болшевикӣ қудрати сиёсиро ба даст гирифта, дар ибтидо ба хотири ҷалби ҳимояи рӯшанфикрони бухороӣ, ки бидуни истисно ҳама ҷавонони таҳсилкарда ва рӯшанфикр, тарбия ва таълими исломӣ доштанд, ваъдаи ислоҳоти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва озодиҳои динӣ доданд. Бинобар ин онҳо аз инқилобу шиорҳои ҳуррияту озодӣ мафтун гашта, аз он пуштибонӣ кардаанд, зеро гумон доштанд, ки ин инқилоб метавонад ҳамон ҳадафу ормонҳоеро, ки онҳо доранд амалӣ намояд, вале қазия тавре ки тасаввур доштанд, сурат нагирифт, ки он ба ҳамагон маълум аст. Агарчӣ аз солҳои бистуми қарни гузашта то оғози ҳаракати нави ислоҳотхоҳии исломӣ, яъне ҲНИТ, тақрибан панҷоҳ сол фосилаи замонӣ аст ва гумон мерафт, ки устухонбандии чунин афкору ҳаракатҳо пӯсида нобуд гаштааст ва дигар чунин ҷунбишҳо дубора эҳё нахоҳанд гашт, вале маълум гардид, ки ин афкори пешқадам дар ҷавҳари ҳаёти мардуми мусалмони диёри Бухоро боқӣ монда будааст. Пас барои эҳё ва наҳзати дубораи он вақти муносиб ва роҳбари наве лозим буд. Аз ҳамин ҷиҳат зоҳир шудани ҳаракати сиёсии ҷавонони ислоҳотхоҳи исломӣ дар ин минтақа дар солҳои ҳафтодуми асри гузашта чизи ғарибу бегона набуд, балки он бидуни шакку шубҳа идомаи ҳамон наҳзате буд, ки солҳои бистуми қарни гузашта бо сабабҳои маълум, мисли Асҳоби Каҳф ба хоби беҳаракатӣ ба ғор паноҳ бурда буданд ва давомдиҳандагони роҳи онҳо барои исботи ҳақиқати ин роҳ дубора он афкори пешқадами ислоҳотхоҳӣ, истиқлолталабӣ ва озодихоҳии исломиро эҳё намуданд.

- Шумо лутфан мегуфтед, ки ба афкори ислоҳотхоҳии исломӣ кай ошноӣ пайдо кардед ва созмони аввалияи онро дар минтақаи Кофарниҳон ва шаҳри Душанбе чӣ гуна бунёд гузоштед?

- Аслан, даъвати банда барои ҳамроҳшавӣ ба ин ҳаракат соли 1978 аз тарафи як идда ҷавонон бо роҳбарии худи устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ сурат гирифт. Банда дар он солҳо ҳам дар байни

ҷавонон ва ҳам назди шайхони аҳли тасаввуф маҳбубият доштам. Зеро ҳалқаи дарсии банда дар байни толибилмон ба ҳайси як халқаи хосе машҳур гашта буд ва он шомили ҷавонон аз ҳамаи минтақаҳои ҷумҳурӣ буд. Аз тарафи дигар алоқаи хосе, ки банда бо яке аз машҳуртарин муршидони тариқаи Нақшбандия дар Бухорои Шаркӣ ҳазрати Эшони Абдураҳмонҷон доштам, боиси шӯҳрати афзоянда бароям гашта буд. Роҷеъ ба созмон додани ҳалқаҳои аввалини ҳаракати исломӣ бояд қайд намоям, ки дар он солҳо шароит тақозо мекард, то чунин афкору ақида танҳо бо одамони комилан мӯътамад ва аз санҷиш гузашта ба миён гузошта шавад. Аз ҳамин лиҳоз афроде шомили ҳаракат мешуданд, ки шогирдони бевосита ва ё бавоситаи худи банда буданд. Хулоса, ба ҳама бовар карда намешуд ва бояд корҳо комилан махфӣ ва бо эҳтиёти ҳарчӣ тамом сурат мегирифт. Зеро ифшо шудани сир боиси мушкилоти зиёд мегашт, ки ҳар гуна оқибатҳои сангин ҳамроҳ дошт.

- То ҷое, ки мо иттилоъ дорем, Шумо то норид гардидан ба ин ҷунбиш дорои ҳалқаҳои дарсии худ будед, оё дар вақтҳои дарсӣ аз афкори ислоҳотхоҳии исломӣ ҳарф мезадед?

- Қисман дар боло ба ин савол ҷавоб гуфтам ва аммо роҷеъ ба қисмати дуюми ҳамин савол бояд арз кунам, ки ҳангоми дарс ба шогирдон илова ба талқини афкору ҷаҳонбинии ҷадиди сиёсӣ ва таҳлилҳои илмӣ кӯшиш мекардем, ки қолаби кӯҳнаи тадриси классикиро, ки дар Бухоро машҳур буд ва он ҷавобгӯи замони муосир набуд, бишканем ва дар барномаи таълимӣ матолибу афкори наверо дохил кунем, ки ҳамқадами замони ҳозира бошад. Фикр мекунам, ки рӯшанфикрони мо дар аввалҳои қарни гузашта бисёр дар ин самт кӯшишҳо карданд, ки то ҳамин ҳадафро амалӣ созанд, вале мутаассифона, аз тарафи нерӯҳои муҳофизаткори ҷомеъа бо мушкилоту монеъаҳои зиёд ва тӯҳмату бӯҳтонҳои ноҳақ рӯ ба рӯ шуданд.

- Шумо дар Анҷумани таъсисии ҲНИ собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ширкат доштед ё не?

- Ман шахсан дар Анҷумани таъсисии ҲНИ собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ дар шаҳри Аштархони Русия ширкат надоштам , вале намояндагоне ки аз Тоҷикистон дар он иштирок карданд, маро низ ба узвият дар Шӯрои роҳбарии ин ҳизб пешиҳод намуданд, агарчӣ дар ин бора қаблан маслиҳату машварат доир нашуда буд.

- Дар конфронси таъсисии ҲНИТ, ки чун шӯъбаи ҲНИ собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ 6 октябри соли 1991 доир гардид, Шуморо ба ҳайси раиси ҳизби мазкур интихоб карданд. Шумо ин вазифаи масъулиятнок ва дар як вақт душвору хатарнокро чӣ гуна ба ӯҳда гирифтед?

- Конфронси таъсисии шӯъбаи тоҷикистонии ҲНИ Иттиҳоди Шӯравӣ дар шароити хеле мураккабу душвор баргузор гардид. Аз як тараф дар шаҳри Душанбе, баъд аз ҳодисаҳои хунини феврали соли 1990 вазъияти фавқулодда ҷорӣ буд ва аз тарафи дигар ҳукуматдорони вақт ба ҳеҷ ваҷҳ омода набуданд ва намехостанд зоҳир шудани ҳизби сииёсии хусусияти динидоштаро дар саҳнаи сиёсӣ қабул кунанд. Агарчӣ Анҷумани таъсисии ҲНИ Иттиҳоди Шӯравӣ дар шахри Аштархони Русия ба тарзи муқаррарӣ ва қариб бидуни ҳеҷ гуна монеъа баргузор гардида буд. Аз ҳамин ҷиҳат ба ӯҳда гирифтани масъулияти роҳбарии ин ҳизб дар он шароит кори саҳлу осоне набуд. Дар робита ба ин ба як воқеъае, ки дар ҳамон давра ҳангоми баргузоршавӣ ва баъди конфронси ҳизб рӯй дод, ишорат кардан бамаврид аст. Баъд аз тақрибан як соат аз оғози кори конфронси таъсисии ҳизб ҳукуматдорони ҷумҳурӣ огоҳ шуданд, ки дар деҳаи Чортути ноҳияи Ленин, дар масҷиди он ҷо конфронсро баргузор кардаем, ба таври фаврӣ ба он деҳа даҳҳо нафар аз кормандони мақомоти амниятӣ, умури дохила, прокуратура ва ҳукуматиро фиристода, аз мо ҷиддан талаб карданд, ки кори конфронсро қатъ намоем. Онҳо мегуфтанд, ки ин амали мо қонуншиканӣ аст, зеро як рӯз пеш Президиуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори худ баъд аз дархости гурӯҳи тадорукотӣ гузаронидани конфронси мазкурро манъ карда буд. Бо истифода аз вақт ва набудани эътино ба таҳдидҳои онҳо, баъд аз баромади муфассали банда, корҳои ташкилӣ низ дида шуд ва раиси шӯъбаи тоҷикистонии ҲНИ Иттиҳоди Шӯравӣ ва аъзои раёсати он интихоб карда шуданд. Агарчӣ тибқи барнома натавонистем дар фазои орому мӯътадил конфронсро баргузор намоем, вале ҳамин қадар кофӣ буд, то расман таъсиси шӯъбаи ҳизбро эълом намоем. Баъди ин фишорҳо оғоз гардиданд ва ҳамаи аъзои ба Раёсати ҲНИТ

интихобшуда ва худи банда низ барои вайрон кардани «қоидаҳои тартиботи ҷамъиятӣ» ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шудем.

- Аз рӯи шунидам, дар давраи оғози гирдиҳамоҳои соли 1992-ум Шумо дар сафари хидматӣ будед ва дар набудани Шумо раёсати ҲНИТ тасмим гирифт, ки дар тазоҳуроти эътирозӣ ширкат варзанд. Баъди баргашт аз сафари хидматӣ гӯё Шумо аз ин тасмим сахт норозӣ шудаед, ки дар набудани Шумо тақдири ҳизбро ҳал кардаанд ва Шумо гӯё хостед, аз вазифаи раиси ҲНИТ истеъфо диҳед. Оё ҳамин гуфтаҳо ҳақиқат доранд? Лутфан ба ин қазия равшанӣ андозед.

- Бале, дар он рӯзҳое ки гирдиҳамоиҳои эътирозӣ дар шаҳри Душанбе оғоз гардиданд, ман дар сафар будам. Ҳамон пагоҳие, ки гурӯҳе аз ҷавонони бадахшӣ ба нишони эътироз ва пуштибонӣ аз ҳамшаҳриашон, вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон Мамадайёз Навҷувонов ба майдони назди Қасри Президент ҷамъ омаданд, озими сафар будам, дар майдони ҳавоӣ ба бародароне, ки барои гуселам омада буданд, гуфтам, ки мо набояд ба тазоҳуркунандагон ҳамроҳ шавем, зеро ҳизби мо ҳизби сиёсӣ аст, барои аз кор гирифтану мондани ин ё он мансабдор мо набояд обрӯи созмонамонро паст кунем. Чанде пеш аз ин ҲНИТ дар гирдиҳамоие, ки барои пуштибонӣ аз мири шаҳри Душанбе Мақсуд Икромов барпо карда буд, расман иштирок накард ва ман шахсан масъалаи бойкот эълон кардани тазоҳуротро гузоштам, ки бо дастгирии аксарияти аъзои раёсати ҳизб ба тасвиб расид. Вале мутаассифона, бо ибтикори баъзе аз дӯстон, махсусан кӯшишҳои Давлат Усмон ҳизби мо низ ба саҳна пайваст. Барои ҳамроҳ нашудан ба тазоҳурот ва пешгирӣ аз он, то андозае, ки имкон доштам кӯшиш кардам, аз Маскав ба қароргоҳи ҲНИТ чандин бор тамоси телефонӣ гирифта, мавқеъамро нисбати напайвастан ба гирдиҳамоӣ баён кардам, вале дар набудани банда, гӯё бо дастгирии аксари аъзои раёсат қарори ҳамроҳшавӣ ба гирдиҳамоӣ гирифта шуд. Вақте баргаштам ва вазъиятро дидам, масъалаи истеъфо низ дар он рӯзҳо матраҳ шуда буд, вале бӯҳронӣ шудани вазъи сиёсӣ имкони тасмим гирифтани раёсати ҲНИТ-ро дар ин замина аз байн бурд.

- Дар ҳиҷрат дар куҷо будед ва дар кадом вазифаҳо фаъолият доштед?

Вақте вазъи шаҳри Душанбе бисёр печида ва бӯҳронӣ гардид, ба иллати таҳдиди хатар маҷбур шудам аз Душанбе хориҷ шавам. Дар он рӯзҳо барои иштирок дар Конфронси байналмилалии ҳаракату ҳизбҳои исломӣ ба шаҳри Лондон даъват шуда будам, пас бо истифода аз фурсат аввал ба Англия ва сипас аз он ҷо ба Покистон рафтам ва дар ин кишвар ба ҳайси паноҳанда то охири давраи ҳиҷрат боқӣ мондам. Дар ин муддат масъулияти сарпарастии равобити хориҷии Ҳаракати Наҳзати Исломии Тоҷикистонро ба ӯҳда доштам ва аз оғози музокироти байни тоҷикон, дар тамоми давраҳои гуфтушунид ширкаткунандаи бевосита будам.

-Назари Шумо ба музокироти байни тоҷикон ва Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон?

Барои ман ҳамчун иштирокчии ҳамаи давраҳои музокирот ҷои ифтихор аст, ки дар роҳи ба даст овардани сулҳу оштии миллӣ саҳми худро гузоштаам. Шояд мо ҳар қадар аз солҳои ҷанги шаҳрвандӣ дуртар мешавем, ба қадри сулҳу мусолиҳа дар кишварамон камтар мерасем, зеро қадри сулҳу оштиро онҳое медонанд, ки бевосита даҳшати ҷанги шаҳрвандиро аз сар гузаронда, дар вуҷуди худ онро ламс кардаанд. Раванди музокироти сулҳ кори бисёр мураккаб ва печида буд, сабаби беш аз се сол тӯл кашидани гуфтушунидҳо низ дар ҳамин буд. Шояд пайдо шаванд ашхосе ва гӯянд, ки чаро музокироти сулҳ ин қадар тӯлонӣ шуд? Кишварро аз ҳолати ҷанги шаҳрвандӣ ба сулҳ овардан кори саҳл набуд. Ман ифтихор мекунам, ки дар ин роҳ каме ҳам бошад, саҳм гузоштам.

- Чанд муддат дар КОМ сараввал узви зеркомиссияи сиёсӣ ва сипас раиси зеркомиссияи ҳуқуқӣ будед. Назари Шумо ба бурду бохти КОМ?

- Фаъолияти Комиссияи Оштии Миллӣ (КОМ) идомаи музокироти беш аз сесола буд. Ҳамон тавре ки дастёбӣ ба сулҳу оштӣ ва расидан ба натиҷаи ниҳоии он-имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва оштии миллӣ дар Тоҷикистон кори мушкил буд, татбиқи амалии дастовардҳои созишномаи мазкур низ кори осон набуд. Зеро барои расидан ба тавофуқ ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳбарони ИНОТ-ро лозим буд, ки чизеро бидиҳанд ва бигиранд. Тавре медонем, додану гирифтан

кори мушкил аст ва ба осонӣ ба даст намеояд. Пас барои ҳар ду тараф лозим буд, ки дар бисёр ҳолатҳо аз ҳаққи худ гузашт намоянд, махсусан ҷониби ИНОТ, ки соҳиби ҳақ буд ва илло расидан ба ҳадаф мушкил буд.

- Дастоварди муҳими ҲНИТ аз назари Шумо дар чанд соли охир кадом аст?

- Аз нигоҳи ман дар давраҳои муқовимат, музокироти сулҳу оштӣ ва баъд аз имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон дастоварди муҳими ҲНИТ ин сарпарастӣ намудани мардум, муҳоҷирин, чеҳраҳои сиёсӣ ва аҳзобу ҷунбишҳои мухталиф ба ҳисоб меравад. Зери чатри худ ҲНИТ таҳти сарпарастии устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ ин корро бомуваффақият то ба имрӯз оварда расонид. Ва имрӯз албатта, вақте кор ба ҷое расиду сулҳу оромӣ ҳукмфармо гардид, ҳар кас аспу аробаи худро ҳар тараф, ки хоҳад меронад. Аммо он рӯзҳои мушкил, рӯзҳое, ки ҳеҷ кас ба чунин анҷом бовар надошту ҳама ноумед буданд, ҲНИТ бо роҳбарии устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ муназзам шуд ва шукри Худо, ки ба ин рӯзҳои нек расидем. Имрӯз амният ва сулҳу оштӣ барқарору интихоботҳо баргузор гардиданд. Дар мавриди интихоботҳои гузашта ҳаминро бояд гуфт, ки онҳо озоду одилона ва демократӣ баргузор нашуданд, бо вуҷуди ин тарафи дигар исрор дорад, ки ин маъракаҳои сиёсӣ дар сатҳи баланди демократӣ барпо шуданд. Шояд барои мавқеъи оппозитсионӣ доштанамон, мо чунин даъво намоем, вале ин ҷо нозирон аз ҷумлаи намояндагони созмонҳои байналмилалӣ низ буданд, ки онҳо на ҷонибдори мо буданду на тарафи муқобил, онҳо чун бетараф дар мавриди баргузор шудани ин чорабиниҳо қазоват карданд. Новобаста аз ин имрӯз ба ҳар ҳол намояндагони аҳзоби гуногун дар парлумони касбӣ фаъолият доранд ва демократисозии ҷомеъа низ ба тадриҷ шурӯъ шудааст. Умед дорем, ки дар як ҷомеъаи ҳуқуқбунёди демократӣ, ки матлаби ҳар инсони озодандеш аст, зиндагӣ кунем, зеро ин майли фитрии ҳар фард аст. Инсон озод таваллуд мешавад, бояд озод зиндагӣ намояд ва дар интихоби ақида низ озод бошад. Худованди бузург инсонро озод офаридааст.Таърих гувоҳ аст, ки бузургон ва зимомдорони олами Ислом ҳамеша ҷонибдори ҷомеъаи озод буданд ва ҷабру зулмро маҳкум мекарданд. Аз ҷумла Умар (р) боре ба амири Миср гуфт: «Чаро ба мардум мисли ғуломон муомила мекунӣ, Худованд онҳоро озод офаридааст, бояд озод зиндагӣ намоянд».

Оре, ҳуқуқи фитрии инсон озод интихоб намудани ҳар ақида, дин ё мазҳабе мебошад. Дар ин масъалаҳо набояд сари инсон таҳмил сурат бигирад. Зеро Худованд дар каломи муқаддаси худ-Қуръони маҷид фармудааст, ки дар дин маҷбурият нест. Ин аст камолоти адолати илоҳӣ.

- Баъзеҳо чунин ақида доранд, ки ҲНИТ аз иҷрои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ кулли хостаҳои худро бароварда насохт. Дар ин бора фикри Шумо чист?

- Албатта, ин ақида то ҷое ҷон дорад. Чуноне Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ гуфтааст: «Сухани кӯча ба бозор наояд рост» ва худи устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ низ борҳо изҳор кардаанд, ки агар ҳеҷ чизро соҳиб нагашта бошем ҳам, лекин сулҳу оштиро, ки ҳосил шудааст, бояд бузургтарин дастовард барои мардуми Тоҷикистон, аз ҷумла ҲНИТ бидонем. Қайд кардан аз рӯи инсоф аст, ки шахсан устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ заҳмати бисёр кашиданд, барои афроде, ки аз ҷониби ИНОТ ҷоҳу мансаб гирифтанд. Болои ишон фишор меоварданд, даъво менамуданд, нозу нуз мекарданд ва устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ ба хотири сулҳу оштӣ ин ҳамаро таҳаммул намуданд. Ҳатто бо Президенти ҶТ дар баъзе мавридҳо суханони пасту баланд гуфтанд ва ҳамаи ин дар маҷмӯъ барои он, ки шахсе аз ҷониби ИНОТ соҳиби вазифае гардад.Аммо ӯ барои худ ҳеҷ вазифае талаб накард, мақомеро нахост, ҳарчӣ кард барои дигарон кард ва табиист, ки ин мақому вазифаҳо, ки ба намояндагони собиқ мухолифин расид, ҳамаро розӣ ва қаноатманд кунонида натавонист ва баъзеҳо хафаву малол низ гаштанд. Аз ин нигоҳ албатта, баъзеҳо сулҳу салоҳ ва оштиии миллиро, ки дар ҳақиқат дастоварди бузург аст, нодида мегиранд ва ба он яктарафа баҳо медиҳанд. Лекин ба фикри ман таърих довари одил мебошад ва дар ин маврид қазовати холисона мекунад.

-Шумо дар як вақт ҳам муовини раиси ҲНИТ, ҳам узви парлумон ҳастед, ҳам ташвиши рӯзгору хона, чӣ гуна барои таҳқиқот ва пажӯҳиши илмӣ вақт меёбед?

- Агар инсон аз рӯи барномарезӣ аз вақт истифода барад, метавонад бисёр корҳоро анҷом диҳад, агарчӣ корҳое, ки дар зимма дорем, аз вақте ки дар ихтиёр дорем, хеле бештар аст, вале

мутаассифона, мо вақтро, ки лаҳзаҳои ҳаёти мосту хеле пурқиммат аст, дар сари ҳар қадам талаф медиҳему ба қадри он намерасем.

- Дар оянда дар ин самт чӣ нақшаҳо доред?

- Чизҳое ки намедонам, дар муқобили чизҳое ки медонам, хеле зиёданд, бинобар ин барои донистани чизҳое ки намедонам, аз вақте ки дар ихтиёр дорам, истифода мебарам.

- Вақти фориғ аз корро чӣ гуна мегузаронед?

- Бештари вақт ба мутолиаи китоб, муқоисаи қонунҳо, ба хондани рӯзномаву маҷаллаҳо машғул мегардам. Кори имрӯзаи қонунунгузорӣ инро бештар тақозо мекунад. Фаъолияти феълии қонунгузорӣ дар парлумон барои ман чизи нав нест, зеро панҷ-шаш сол аст, ки ба таҳияи лоиҳаи қонунҳо ва масоили қонунгузорӣ машғул ҳастам. Гузашта аз ин, дар риштаи ҳуқуқ тахассус дорам.

- Чиро дар инсон бештар меписандед?

- Ба пиндори ман инсон пеш аз ҳама бояд инсон бошад, яъне дорои ахлоқи ҳамида, ростгӯ ва поквиҷдон бошад.Худро ҳамеша дар назди виҷдон ва имонаш масъул бидонад. Барои ман инсони бовиҷдон, боимон, ростгӯ, парҳезгор, ростқавл ва дорои ахлоқи ҳамида беҳтарин инсон аст. Ба андешаи ман инсон бояд хушахлоқ ва дар зиндагӣ бурдбор ва барои хушбахтии мардум ҳамеша дар талош бошад. Зеро бузургон гуфтаанд:

Зиндагӣ дар садафи хеш гуҳар сохтан аст,
Дар дили шӯъла фурӯ рафтану нагдохтан аст...
Мазҳаби зиндадилон хоби парешонӣ нест,
Аз ҳамин хок ҷаҳони дигаре сохтан аст.

- Китобе, ки рӯи мизи Шумосту ҳамеша онро мутолиа менамоед?

- Қуръони маҷид.

- Бузургтарин дарсе, ки тайи чанд соли охир аз зиндагӣ гирифтаед?

- Зиндагӣ ҳама рӯзаш барои инсони ибратомӯз дарсе меомӯзад.

- Коре, ки ҳама вақт бетаъхир анҷом медиҳед?

- Намозро бетаъхир, дар вақташ адо кардан бар зиммаи марду зани мусалмон фарз аст.

- Аз чӣ хушатон меояд ва аз чӣ ғамгин мегардед?

- Аз амали савоб ва кори хайре, ки аз ман содир шавад, хушҳол мегардам ва хатову гуноҳ андӯҳгинам месозад.

- Киро дӯсту киро душман медонед?

- Ҳар кӣ касеро барои Худо дӯст бидорад ва барои Худо душман бидонад, имонашро комил сохтааст.

- Устоди гиромӣ, барои сӯҳбати пурмазмун аз Шумо ташаккур мегӯем, муваффақу сарбаланд бошед.

ҲНИТ - нерӯи тавоно ва муқтадир

Сӯҳбат бо дабири кулли ҲНИТ - Сайидумар Ҳусайнӣ

Соли 1961 дар ноҳияи Мӯъминободи собиқ вилояти Кӯлоб дар оилаи деҳқон ба дунё омадааст. Диндӯстии хонаводааш муҳаббати улуми диниро дар қалби ӯ эҷод кардааст, биноан баъди хатми мактаби миёнаи нопурра соли 1975 ба омӯзиши улуми динӣ машғул гардида, мутаносибан соли 1982-ум мактаби миёнаи ғойибонаи шаҳри Кӯлобро хатм намудааст. Худи ҳамон сол ба курси тайёрии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба факултаи иқтисод шомил шуда, соли 1983 донишҷӯи шӯъбаи рӯзонаи факултаи мазкур гардидааст. Донишгоҳи мазкурро соли 1988 бомуваффақият хатм намуда, ҳамзамон дар назди уламои маъруфи кишварамон, аз ҷумла устод Муҳаммадшариф Ҳимматзода дониши динии худро такмил додааст.
Сипас бо роҳхати донишгоҳ ба корхонаи механикии шаҳри Кофарниҳон ба ҳайси иқтисодчӣ ба кор фиристода шуд, вале бо сабаби дурии роҳ фаъолиятро дар ин коргоҳ қатъ намуда, дар корхонаи истеҳсоли тухми кирмаки шаҳри Душанбе ба кор даромад. Дар як вақт узви фаъоли ҲНИТ буда, сарпарастии бахши донишҷӯён ва ҷавонони ҳизбро ба дӯш дошт.
Дар охири соли 1992 ба асари ҷангҳои дохилӣ ба қаламрави Давлати Исломии Афғонистон ҳиҷрат намуда, дар ҳайати Ҳаракати Наҳзати Исломии Тоҷикистон ва Иттиҳоди Нерӯҳои Опозитсиюни Тоҷик ифои вазифа намуд.
Баъди имзои Созишномаи умумии сулҳ ва ризоияти миллӣ ба Ватан баргашта, то соли 1999 шуғли озод дошт. Моҳи сентябри соли 1999 дар Анҷумани навбатии ҲНИТ дабири кулли ин ҳизб интихоб шуд ва то ба ҳол дар ҳамин вазифа фаъолият дорад.
Оиладор, соҳиби ҳафт фарзанд мебошад.
* * *
- Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон сароғоз ҳамчун созмони «Наҳзати Ҷавонони Исломии Тоҷикистон» рӯзи 20-уми апрели соли 1973 ба таври пинҳонӣ таъсис ёфта, то соли 1990 ба ҳамон усули пинҳонкорӣ амал мекард. Бигӯед, ки шумо бо сарварон ё худ бунёнгузорони ин ниҳоди сиёсӣ кай ва чӣ гуна робита пайдо кардед?
-Ба ростӣ, ман дар замони толибилмии хеш, ки аз соли 1975 оғоз шуда буд, сараввал бо марҳум Қорӣ Муҳаммадҷони Муҳиддин ошноӣ пайдо кардам. Чун ҷои дарсхонии мо ба макони зисти он кас наздик буд. Ӯ аввалин касест, ки бо панду андарзҳо, баҳсу мунозараҳо ва муҳокамарониҳои оқилона дар фикри банда ва чанде аз ҳамдарсонам инқилоб ва таҳаввулот ба вуҷуд овард. Бо ҳамин банда аз тангнои фаҳмиши маҳдуд ба олами васеътар ҳидоят ёфтам. Чашмам кушода ва ҷаҳонбиниам фарохтар шуд. Ҳамчунин ошноӣ бо шаҳид Абдуллоҳи Хитоб, ки ба тахаллуси мулло Абдуллоҳи Хурдӣ маъруф буд, ба ман дар пайдо кардани робита бо дигар муассисон ва фаъолони ҲНИТ ёрӣ расонд. Ҳанӯз аз он давра меҳру муҳаббат ба улум ва фарҳанги исломӣ, хидмат дар роҳи Худо, дар роҳи густариши ақоиди динӣ, мубориза бо куфру бидъат ва фисқу фуҷур, ҳимоя аз ҳақиқати дин ва Исломи ноб дар дилам шӯъла зад. Чун ҳадаф бузург ва олӣ шуд, майл ба таълим

гирифтан дар назди уламои рӯшанфикр дар дили ман бештар гашт ва беихтиёр дар ҷустуҷӯи чунин донишмандон шудам. Тақдир маро ба назди устоди гиромӣ Муҳаммадшариф Ҳимматзода овард ва омӯзиши улуми диниро дар назди он кас идома додам ва ҳам зери раҳбарии ишон дар роҳи густариш ва тарвиҷи ақоиди дини мубини Ислом саъю талош меварзидам. Бо як ҷумла гӯем, аз соли 1978 даст ба ҷиҳоди фикрӣ ва фарҳангӣ задаам.
Соли 1979 баъди чанд соли озмоишу санҷишҳо ман ба узвияти ин ҳаракати сиёсии исломӣ пазируфта шудам. Чун ҳадафҳоямон мушаххас ва равшан буд, банда бо дастури раҳбарияти ин ҷунбиши исломӣ соли 1983 ба Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 1988 бомуваффақият хатм намудам. Ҳамзамон дар баробари таҳсил дар донишгоҳ масъулияти кор бо ҷавонони ҲНИТ-ро бар ӯҳда доштам. Дар муддати чанд сол донишҷӯёни зиёде бо даъвати банда ва ҳамсафонам ба ҳаракати исломӣ ҷалб шуданд ва имрӯз аксари ишон дар сафҳои ҲНИТ садоқатмандона хидмат карда истодаанд.
-Мубориза, бахусус, муборизаҳои сиёсӣ, мушкилоту нокомиҳо ва гирифториҳои миёншикани фаровон дорад ва он сабру субот ва истодагарӣ мехоҳад. Басо ашхос дар ибтидо бо пайравӣ аз ҳавасҳои хеш роҳи муборизаро ихтиёр мекунанд ва шомили кадом ҳизбу ҳаракати сиёсӣ мешаванд, вале бар асари кӯчактарин гирифторӣ ва мушкила дар вартаи яъсу ноумедӣ афтода, роҳи интихобкардаашонро зуд тағйир медиҳанд. Чӣ чиз сабаб гардид, ки Шумо дар кӯраҳои сахти ҳодисаҳо тоқат карда, дар сафи ҲНИТ собиту устувор боқӣ мондед ва аз нобаробариҳо, душвориҳо ва мусибатҳо дилшикаста нашудед?
-Пеш аз ҳама нерӯи имон, зеро бовар доштан ба он ки ҳеҷ коре бе хосту иродаи Худованд ба вуқӯъ намепайвандад ва Ӯ болотар аз ҳама иродаҳост, ба одамӣ сабру таҳаммул ва бурдборӣ дар мушкилиҳо мебахшад. Мо аз таърихи пайкори Паёмбарон (а) алайҳи куфру ширку бидъат огоҳӣ дорем. Ҳамчунин зиндагии ёрони Паёмбари акрам (с)-ро низ хуб омӯхтаем. Ин ҳама сармашқи амал ва илҳомбахшу нерӯбахши мӯъмини мубориз дар тамоми асру замонҳост. Қобили зикр аст, ки банда аз рӯи ҳавою ҳавасе, ки дар дили бисёре аз ҷавонон пайдо мешавад ва баъд аз муддате он ба пушаймонӣ бадал меёбад, ин роҳро интихоб накардаам. Балки сари он қабл аз ихтиёр намудан моҳҳо фикру андеша кардам. Аз самими қалб онро пазируфтам ва интихоб ҳам самимӣ ва аз рӯи сидқ буд. Чизи дигаре, ки мехоҳам қайд кунам, он аст ки банда аввалин бор соли 1983 тавассути шодравон мулло Абдуллоҳи Хурдӣ ба сӯҳбати устоди гиромиқадр Сайид Абдуллоҳи Нурӣ мушарраф шудам. Аз лаҳзае, ки устодро оғӯш ба оғӯш зиёрат кардам, вуҷуди маро чунон эҳсосоти гарме фаро гирифт, ки дар дили хеш итминону суботи комил ба роҳи интихобкардаам пайдо шуд. Гузашта аз ин, сӯҳбатҳои муассиру файзбахши устод Сайид Абдуллоҳи Нуриро, ки дар пайи вохӯрии аввал тез- тез ва фаромӯшнашаванда сурат мегирифт, дар афкори ман таҳаввулоти бузурге ба вуҷуд овард. Дар муддати зиёда аз бист соле, ки дар роҳи мубориза қарор дорам, дар тамоми мушкилиҳо гирифторӣ ва нокомиҳо нерӯи имон ва ҳамон итминону оромӣ ба ман дармону қуввати тоза мебахшад. Дуруст аст, ки мушкилоту душвориҳо ва мусибатҳо муассиранд, вале на ба он андоза, ки роҳи ихтиёркардаамро тағйир диҳам.
- Солҳои ҷанги таҳмилии дохилӣ Шумо дар куҷо ва ба чӣ кор машғул будед?
-Соли 1992-ум мо охирин касоне будем, ки бо ҳамроҳии устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ аз тариқи Бадахшон ба хоки Афғонистон ҳиҷрат намудем. Чанд соле, ки дар он диёр ба сар бурдем, бештари вақт масъулияти дафтардории Ҳаракати Наҳзати Исломии Тоҷикистонро ба ӯҳда доштам ва ҳамзамон баъд аз он ки гуфтугӯи сулҳи тоҷикон оғоз ёфт, пайваста миёни мардуми муҳоҷир ва муҷоҳидин корҳои фаҳмондадиҳӣ мебурдем. Дар дили онҳо умед ба ояндаи рӯшанро бедор ва ба тадриҷ тафаккуриононро омодаи пазириши сулҳу оштӣ менамудем. Дар солҳои муҳоҷират, албатта, мушкилоти мардум хеле зиёд буд ва ҳар фарди соҳибхирад ба қадри тавони хеш саъю талош меварзид, то дарди мардумро сабук кунад. Банда низ бо тамоми тавоне ва имконе доштам дар ин роҳ хидмат намудам.
- Ба фикри Шумо омили асосии пайдоиши як чунин ҳаракат ё ҳизби исломӣ ва озодихоҳ дар он замон, ки ҷаҳон аз ҳайбати давлати Шӯроҳо метарсид, чӣ буд?

-Бо таваҷҷӯҳ ба қудрати бузурге, ки он замон давлати Шӯравӣ дар ихтиёр дошт, тасаввури таъсис додани якчунин ҳизб ба гӯши мардум афсона менамуд ва гоҳо ба сиҳатии ақли мо бархе аз дӯстон шӯбҳа мекарданд. Вале ҳамчунон ки қаблан қайд кардем, дар навбати аввал нерӯи имон, номуси исломӣ ба муассисон иҷозаи ин гуна ҷуръатро доданд. Сонияп, ҳукумати Шӯравӣ исломy мусалмононро дар тангнои ҳалокатбор қарор дода буд ва моро на танҳо аз ҳуқуқи дар муборизаҳои сиёсӣ иштирок намудан маҳрум карда буд, балки ба ҷо овардани русуми ибодатии дини мубини Исломро иҷоза намедод. Мусалмонон дар он давра дар як ҳолати маҳдуд ва беҳуқуқӣ ба сар мебурданд. Ҳукуматдорони вақт бо чанд масҷиди ҷомеъе, ки дар шаҳрҳо бунёд карда буданд ва кормандони онон ҳам рӯҳониёне буданд, ки ҳеҷ гуна ҷойгоҳе дар дили мардум наметавонистанд касб кунанд, назарфиребӣ карда, мусалмононро гӯл мезаданд. Ҷавонони боҳушу фаҳмидаи мусалмони Тоҷикистонро ору номуси динӣ, рӯҳи қавии имонӣ, ангезаи озодихоҳӣ аз зери юғи зулму истибдод ва раҳоӣ ёфтан аз беҳуқуқӣ водор ба иқдом намудан ба чунин амал кард. Онҳо ба хотири ҳимоя аз дини Ислом андешаи яъсу бимро як сӯ гузошта, ҷони худро дар хатар монданд ва созмони «Наҳзати Ҷавонони Исломии Тоҷикистон»-ро таъсис доданд, ки имрӯз чун як нерӯи тавоно ва муқтадири ҷомеъаи кишварамон бо номи ҲНИТ машҳур аст. Ба андешаи ман аллома Иқбол дар ин маврид хеле хуб фармуда:

Кофириро пӯхтатар созад шикасти Суманот,
Гармии бутхона бе ҳангомаи Маҳмуд нест.

Вақте Султон Маҳмуди Ғазнавӣ Ҳиндустонро фатҳ кард, ба ҷои он ки мардумро бо ахлоқи писандида ва бо бурҳону далелҳои мӯътамад ба сӯи Ислом бихонад, дар баъзе мавридҳо аз худ дурутӣ нишон дод ва бутхонаи калонтарини онон Суманотро харобу валангор кард.Ин амали ӯ сабаби вокуниши манфӣ гардид, ки бутпарастони ҳинду аз Ислом нафрат варзанд ва дар ободии бутхонаашон кӯшиши бештар намоянд ва дар дини ботилашон собиту устувор боқӣ бимонанд. Дар ҷомеъаи мо ҳам дар даврони Шӯравӣ чунин ҳолат рух дод. Сари мардуми мусалмон низ фишору зулми бисёр омад ва ин рафтори болшевикон аксуламали ҷавобие низ ба вуҷуд овард, ки таъсис ёфтани ҳаракати исломӣ дар кишварамон аз ҳамон ҷумла аст.Бо вуҷуди он ки «Наҳзати Ҷавонони Исломии Тоҷикистон» агарчӣ эҳтиёткорона ва махфӣ амал мекард, дар як муддати кӯтоҳ дар ҳамон замони душвор низ тарафдорони зиёде пайдо намуд, ки бо паси сар кардани чандин марҳалаҳо имрӯз ба яке аз нерӯҳои созанда ва шинохтаи ҷомеъаи кишварамон табдил ёфтааст.

- Оё таъсири зулми ҳукумати Шӯравӣ танҳо мусалмонони Тоҷикистонро водор ба таъсиси ҳизбу ҳаракатҳо кард ё мусалмонони ҷумҳуриҳои дигар низ даст ба чунин иқдом заданд?

-Мусалмонони тамоми ҷумҳуриҳое, ки зери султаи Шӯравӣ қарор доштанд, ҳама чунин ангезаи озодихоҳӣ доштанд. Аз ҷумла мусалмонони Федератсияи Русия, Ӯзбекистон, Чеченистон, Доғистон, Қабардино-Балқар, кишвари Ставропол, Тотористон, Бошқирдистон ҳам чунин орзӯро дар дил мепарвариданд. Ин буд, ки соли 1990 дар шаҳри Аштарахони Федератсияи Русия аввалин Анҷумани таъсисии Ҳизби Наҳзати Исломии Иттиҳоди Шӯравӣ баргузор шуд, ман ҳам аз ҷумлаи вакилони ин чорабинӣ будам. Дар он Анҷуман узви Раёсати Олӣ ва раиси Комиссияи тафтишотии ҳизби мазкур интихоб шудам. Мо то пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ дар як ҳизби умумииттифоқӣ муттаҳид будем ва баъди пошхӯрии ин империяи қудратманди дунё ва ба даст омадани истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҲНИТ ҳам мустақил шуд. Таъсис ёфтани ин ҳизб дар тамоми қаламрави Иттиҳоди Шӯравӣ худ баёнгари он аст, ки мусалмонони ҳамаи минтақаҳои ин кишвари паҳновар аз дасти ҳукуматдорони диктатор ва худкомаи онрӯза ба дод омада буданд ва ин бедодгарӣ ангезаҳои озодихоҳӣ аз зулму истибдодро дар қалбашон ба вуҷуд овард ва ин ангезаҳои муштарак онҳоро ба ташкил додани ҳизби сиёсии муштарак бо номи ҲНИ Иттиҳоди Шӯравӣ водор намуд, ки баъди пош хӯрдани ин давлати абарқудрат охирҳои соли 1991 фаъолияти худро қатъ сохт. Вале боиси ифтихор ва хурсандист, ки шӯъбаи тоҷикистонии ҲНИ Иттиҳоди Шӯравӣ пойдорӣ карда тавонист ва чун ҳизби мустақил дар марҳалаҳои баъдӣ, бахусус давраи ҷанги шаҳрвандӣ худро чун нерӯи созанда, сулҳхоҳ ва озодидӯст ба чашми ҷаҳониён нишон дод ва аъзои он имрӯзҳо

барои таҷлили ҷашни сисолагии таъсисёбии ҲНИТ омодагии ҳамаҷониба мебинанд. Аз фурсат истифода бурда, ҳамаи аъзо ва ҷонибдорони ҲНИТ-ро ба ин санаи таърихӣ табрику муборакбод намуда, ба онҳо аз даргоҳи Худованд саломатӣ ва барори кор таманно дорам.

- Шумо дар доираи робитаҳои байналмилалии ҲНИТ тез- тез ба кишварҳои мухталифи ҷаҳон сафар мекунед. Чанде пеш Шумо аз сафари Арабистони Саъудӣ баргаштед, мехостем таассуроти хешро аз ин сафар баён мекардед?

- Суратгирии сафари мо хеле ҳам созгор уфтод. Ин ба он маънӣ, ки хати сафар аз Душанбе ба Дубай аз тариқи Теҳрон аст. Ҳафтае дар шаҳри Дубай иқомат кардем ва фурсатро муносибу ғанимат дониста, тайи ин муддат бо баъзе аз созмону ташкилотҳои ҳизбию ғайриҳизбӣ вохӯрию суҳбатҳо доштем ва низ бо чанд нафаре аз тоҷирони тоҷик, ки дар он ҷо ба кору фаъолият машғуланд, дидору нишастҳо доштем. Бо кору бори онҳо ошно гаштем ва дар навбати хеш аз ҳадафу вазифаҳои ҲНИТ ҳарф задем. Онҳо ба зисту зиндагии мардуми Тоҷикистон, ба раванди сулҳу осоиши ба дастомадаи мо ва ба раванди рушд ва пешрафти ҷомеъаи кишвари соҳибистиқлоламон мароқи зиёде зоҳир намуданд. Мо аз бобати заҳматҳои дар роҳи барқарор намудани сулҳу ризоияти миллӣ ба харҷ додаи Комиссияи Оштии Миллӣ бо сарварии устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ нақл кардем. Ҳамватанони мо бештар аз он ба ваҷд омаданд, ки чӣ тавр дар як ҷумҳурии дунявӣ чунин як ҳизби хусусияти динидошта озодона фаъолият дорад ва ҳеҷ боварашон намеомад, ки баъди он қадар ҷангу кашмакашиҳои зиёд ҳизбҳои сиёсии мухталиф имрӯз ба ризоият омадаву дар пешбурди ҳаёти иҷтимоию иқтисодиву сиёсии ҷумҳурӣ паҳлӯи ҳам ва бо ҳуқуқҳои баробар ширкат ва ҷаҳду талош менамоянд.

Дигар мулоқоту вохӯриҳо, ки баъдан дар дигар шаҳрҳо низ доштам, на ба сифати узви Раёсати Олии ҲНИТ, балки ба ҳайси шаҳрванди қатории Тоҷикистон аз комёбиҳои ба дастовардаи кишварамон ва мардуми шарифи он тайи солҳои охир, бунёди ҷомеъаи демократӣ, аз боби сулҳу ҳамдигарфаҳмӣ, аз оштии миллӣ ва азму иродаи мардуми мо, ҳамкориҳои судманди аҳзоби сиёсии мухталиф дар чаҳорчӯбаи Қонуни Асосӣ ва қонунҳои ҷории Тоҷикистон ва ғайра сухан гуфтам. Ва бо камоли мамнуният шукргузорӣ намудам, ки Худованди бузург ба миллати мо, ба мулку сарзамини мо марҳамати хешро арзонӣ дошта, имрӯз бо шарофати сиёсати дурандешонаи пешгирифтаи роҳбарияти ҳукумати кишварамон намояндагони ҳизбҳои сиёсӣ дар сохторҳои давлатӣ, аз ҷумла аз ҷониби ҲНИТ, дар вазоратхонаҳо, Маҷлиси Олӣ ва ҳукуматҳои маҳаллӣ вазифаҳои раҳбарӣ ва масъулро бар ӯҳда доранд.

- Бо шарофати истиқлолияти ба дастомада чанд сол аст, ки як идда аз ҷавонони толибилми кишварамон дар мамолики мухталифи олам, аз ҷумла дар мамолики исломӣ машғули таҳсил мебошанд. Оё мулоқот бо онон муяссаратон гардид ё на?

-Баъдан, вақте мо аз Дубай ба пойтахти Арабистони Саъудӣ - шаҳри Риёз сафар намудем, аввалин ва гармтарин дидорбиниву суҳбате, ки доштем, бо сӣ нафар аз муҳассилини тоҷик буд, ки дар донишгоҳҳои бонуфузи шаҳри Риёз таҳсил доранд. Ҳамватанони донишомӯзамон тайи даҳ рӯз ба мо ифтор доданд ва меҳмондорӣ карданд. Аввалин ва бештарин пурсишҳои ишон аз вазъи кунунии Ватани азиз, аз ҳаёту зисту зиндагии мардуми Тоҷикистон ва пешрафти он буданд. Вақте аз сулҳу осоиш дар кишвар, аз ҳамдигарфаҳмии бародарон ва меҳнати босуботу бунёдкоронаи ҳамватанон, аз некӯаҳволии мардум муждаҳо медодем, онон ашки шодӣ мерехтанд ва шукри Парвардигори Карим ба ҷой меоварданд.Ҳангоми дар зиёрати Хонаи Худо будан бо як гурӯҳ аз муҳассилини тоҷик, ки дар донишгоҳҳои Арабистони Саъудӣ ва Мисри Араб илм меомӯзанд, низ вохӯрию суҳбатҳо доштем. Онҳо низ мисли мо он шабу рӯз он ҷо буданд. Боиси таҳсину ифтихор аст, ки кулли онон азми қавӣ доранд, баъди хатми таҳсил ҳатман ба Ватан баргарданд ва дар ободу зебову шукофоии кишварамон ва баланд бардоштани обрӯи он дар арсаи байналмилалӣ ҳиссагузорӣ намоянд.

Бояд бигӯям, ончуноне банда дарёфтам, аҳволи ишон аз ҷиҳати таъминоти моддиву молӣ ва шароити таҳсилу зисту фароғат хеле хубу хуш аст. Аммо бо вуҷуди ин, дурӣ аз Ватану миллату хешовандону наздикон ва ёру бародарон, ташвишу изтироб аз вазъи зиндагӣ дар Тоҷикистони

барояшон азиз, бегумон дар чашмононашон аксандозӣ кардаву пардаи ғаму фироқ ба чеҳраҳои ҷавону зебову шукуфонашон баркашида.
- Оқои Сайидумари Ҳусайнӣ, бешубҳа, сатҳи зиндагии мардуми моро бо зиндагии мардуми Арабистони Саъудӣ қиёс кардагистед? Чӣ тафовуте ба назаратон расид?
-Бале, табиати одамӣ чунин офарида шуда, ки ҳар чизе ҳар куҷое мебинад, бахусус дуртар аз Ватани хеш, албатта, онро қиёс хоҳад намуд. Муқоиса чӣ ба хотири омӯзишу баҳрабардорӣ ва истифода аз он барои пешбурди зиндагии минбаъда ва чӣ аз рӯи кунҷковӣ. Яъне ба андешаи банда, сафар кардан на танҳо ҷаҳон дидан, балки таҷрибаи зиндагӣ низ омӯхтан аст. Хуб, ҳарчанд инро қаблан ҳам дарк намуда будам, ин дафъа возеҳу равшан дидаму фаҳм кардам, ки аслан сатҳи зиндагии мардуми кишвари мо ва умуман ҳама ҷумҳуриҳои собиқ Шӯравӣ бо сатҳи зиндагии мардуми кишварҳои исломӣ ва ҷаҳони Араб,  бахусус  Арабистони Саъудӣ ба ҳеҷ ваҷҳ қобили қиёс нест. На барои он зиндагии ишон хеле ҳам пешрафтаву хубтаъмин аст, ки онҳо нафти зиёде доранд ва он «тиллои сиёҳ» ном гирифтаву баландарзиш аст. Охир, агар аз ин лиҳоз бингарем, магар дар Тоҷикистони мо сарватҳои табиӣ каманд? Балки чизи асосие, ки дар давлатдории онҳо ба чашм мерасад, он аст, ки ҳама имтиёзҳо, чӣ барои кору фаъолият ва чӣ барои зисту фароғат ба мардуми таҳҷоӣ дода мешавад. Яъне онҳо ба мисли мо бегонапараст нестанд, хуб мефаҳманд, ки нафари аз хориҷ омада, ба мисли ватандорон ин сарзаминро наметавонад аз таҳти дил дӯст бидорад ва барои рушду шукуфоии он аз таҳти дил ҷаҳду ҷадал намояд.
Ва модоме дар дунё чунин давлатҳои пешрафтаи исломӣ арзи ҳастӣ доранд, пас чӣ гуна метавон ба он афсона, балки сафсатаи даврони Шӯравӣ бовар кард, ки дини Ислом боиси қафомонии давлату давлатдорӣ ва пастии сатҳи зиндагӣ мегардад? Ба фикрам, имрӯз ин чиз омӯзишу таҳлилу тасдиқи бештар ва ҷиддиро хоҳон мебошад, то мардумро дигар натавонанд чунин гӯл зананд.
-Шумо дар оғоз зикр кардед, ки бо тоҷирони тоҷик низ вохӯриҳо доштед. Оё онҳо фикре доранд, ки дар Ватани хеш сармоягузорӣ намоянд ё фақат дар андешаи пур кардани ҳамёни хешанд?
-Мо на танҳо бо тоҷирони тоҷикон, ки имрӯз дар кишварҳои Араб, ба фаъолият машғуланд, балки дар Мадинаи мунаввара бо тоҷирони тоҷике низ вохӯриҳо доштем, ки солҳои пеш аз минтақаҳои тоҷикнишини Мовароуннахр  бо сабабҳои гуногун ҳиҷрат намудаанд, он ҷоро макони иқомат қарор додаанду корашон низ хеле пешрав  аст. Ғайр аз ин бо дигар тоҷирону сармоядорон низ мулоқот доштем. Ва бо далели оромию сулҳу осоиш ва назму низоми дар кишварамон ба вуҷудомада, кӯшидем, ки таваҷҷуҳи онҳоро барои сармоягузорӣ дар Тоҷикистон ҷалб созем. Мутаассифона, ҳамватанону ҳаммиллатонамон аз боиси номукамаллии баъзе аз қонунҳои  кишварамон  ва ҳам аз тарзи муносибати номақбул бо сармоядорону тоҷирони хориҷӣ ба ин кори муҳим даст намезананд. Дигар ин ки сармоядорони хориҷӣ ҳоло ҳам аз баъзе ҳолатҳои нотинҷиву ногувор ва номукамалии қонунҳо дар кишварамон маълумот пайдо мекунанд ва аз ин рӯ барои сармоягузорӣ дар ҷумҳурии мо чандон дилгарму ҳавасманд нестанд.
Ба ин минвол боқӣ рӯзҳои моҳи шарифи Рамазонро дар хонаи Худо ба тоъату ибодат ва шукргузорӣ аз Парвардигор гузаронидем. Дар ин миён бо чанде аз олимони муосир ва сармоядорон шинос гаштем ва таваҷҷӯҳи ишонро низ ба он ҷалб намудем, ки барои раҳоӣ бахшидани мардуми азияткашидаи Тоҷикистон аз  гирдоби фақру бенавоӣ метавонанд саҳме бигиранд. Умедворем, ин кӯшишҳои мо бенатиҷа нахоҳад монд.
- Ҷолибтарин таассуротатон ҳангоми бозгашт аз сафар чист?
- Таассуроти мо зиёд аст, хеле зиёд. Аммо ҷолибтарин он лаҳза буд, ки вақти бозгашт аз тариқи Теҳрон ба зиёрати ду нафар аз хурдсолтарин ҳофизони Қуръони карим дар ҷаҳон, ки фарзандони тоҷиканд, мушарраф гардидем. Ишон яке дар синни шашсолагӣ ва дигаре дар ҳафтсолагӣ ин китоби муқаддасро пурра аз бар кардаанд, ҳатто бо тарҷума ва тафсираш! Онҳо бо истеъдоди фитрии фавқулоддаи хеш обрӯи миллати мусалмонамонро дар олами Ислом баланд бардоштанд ва исбот карданд, ки тоҷикони имрӯзӣ ворисони арзандаи аҷдодони хирадманду бофарҳанги  хеш мебошанд. Фақат барои илм ва дониш омӯхтани онҳо шароиту имконоти мусоид лозим асту халос. Мо бо ҳофизони Қуръони маҷид барои хотира якҷоя акс гирифтем. Ин беҳтарин ва гуворотарин лаҳзаи сафари  камина буд.

Мусоҳибон: Зубайдуллоҳи Розиқ ва
Бурҳони Қотеъ

Бо тахаллуси «Ёвар» ифтихор дорам

Мусоҳиба бо муовини раиси ҲНИТ Муҳиддин Кабирӣ

Зодаи ноҳияи Файзобод.Соли таваллудаш 1965. Баъди хатми мактаби таҳсилоти ҳамагонӣ соли 1982, аввал техникуми омории шаҳри Орҷоникидзеобод (алҳол ноҳияи Кофарниҳон), сипас Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон, Донишгоҳи Санъои ҷумҳурии Яман ва Академияи дипломатии шаҳри Маскавро бомуваффақият ва бо дипломи аъло ба итмом расонд. Соҳиби ихтисосҳои ҳуқуқшиносӣ, дипломатӣ, арабшиносӣ ва иқтисодӣ мебошад.
Ҳамзамон бо таҳсил аз соли 1992 узви раёсати Иттиҳоди байналмилалии донишҷӯён буда, то соли 1995 ба ҳайси мудири намояндагии ин созмон дар кишварҳои муштаракулманофеъ адои вазифа намудааст. Аз соли 1995 то 1997 ба сифати директори генералии ширкати “ НМВ” ва раиси Маркази фарҳангии тоҷикони “Сино”- и шаҳри Маскав фаъолият пеш бурдаст.
Аз моҳи сентябри соли 1997 ёвари раиси КОМ ва моҳи октябри соли 1999 то 1-уми апрели соли 2000 узви зеркомиссияи сиёсии Комиссияи Оштии Миллӣ буд ва дар таҳкими сулҳ ва ризоияти миллӣ дар кишварамон саҳми арзанда гузоштааст. Алҳол вазифаи муовини раиси ҲНИТ–ро ба ӯҳда дошта, дар мустаҳкам гардидани равобити байналмилалии ҳизб нақши фаъол мебозад.
Ба забонҳои русӣ, англисӣ ва арабӣ озодона ҳарф мезанад. Номзади илмҳои сиёсатшиносӣ мебошад.
Хидматҳояш дар барқарории сулҳу оштӣ дар кишварамон бо “Ифтихорнома”–и Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қадр карда шудааст.
* * *
- Оқои Муҳиддин, агарчанде Шумо хеле ҷавон ҳастед, вале дар сӯҳбати қаблӣ қайд кардед, ки бисту се сол собиқаи ҳизбӣ доред ва яке аз муассисони ҲНИ Иттиҳоди Шӯравӣ ҳастед, мехоҳем мухтасаран роҷеъ ба пайдоиш, таҳаввул ва моҳияти ҷунбиши ислоҳотхоҳии исломӣ, яъне ҲНИТ, ки дар арафаи сисолагии таъсиси он қарор дорем, чанд сухан мегуфтед.
- Ташаккури зиёд. Воқеъан, агар аз дидгоҳи имрӯз бинигарем, бисту се сол мешавад, ҳамкорӣ, ҳамбастагӣ ва иртибот бо ин созмон дорам. Вале беҳтараш дар бораи таърихи пайдоиши ин ҷунбиш, ин гурӯҳи иҷтимоиву сиёсӣ, муассисон ва касоне, ки дар саргаҳи он қарор доштанд, ҳарф мезаданд, зеро онҳо инро беҳтару хубтар медонанд, вале банда худро аз ҷумлаи касоне медонам, ки баъдан бо ин гурӯҳ, бо аъзои ин созмон шинос шудам ва ба онҳо пайвастам. Ангезаи аслии шомил гаштани банда ба ин ҷунбиши исломӣ он буд, ки ман он замон донишҷӯи техникуми омори шаҳри Орҷоникидзеобод ( алҳол Кофарниҳон) будам, тақрибан солҳои аввали донишҷӯиям буд, яъне солҳои 80-ум ва мо нав ба шохроҳи илм қадам гузошта будем. Дар он давра як таҳаввулоти ҷиддие дар минтақа ба вуҷуд омада буд, бахусус баъди пирӯзии Инқилоби исломӣ дар Ҷумҳурии Исломии Эрон ва оғози таҳаввулоти сиёсиву низомӣ дар кишвари ҳамҷаворамон – Афғонистон. Ҳамаи ин боиси пайдоиши гурӯҳҳое шуд, ки онҳо нисбати тақдири минтақа ва кишварамон бетафовут набуданд ва бахусус ба худ саволҳое медоданд, ки ҷаро олами ислом вориди ин даргириҳо ва таҳаввулоти ҷиддии сиёсӣ ва иҷтимоӣ шуда истодааст.Азбаски мо ҷавон будем ва кунҷковӣ, ҷустуҷӯву такопӯ хоси ин давраи инсонист, ман барои ҳар як савол ҷавоб меҷӯстам. Ин ҷустуҷӯ ва талаботи маънавӣ ба он оварда расонд, ки мо бо як гурӯҳ нафарони равшанфикр, ки он замонҳо онҳо ҳам нисбатан ҷавон, вале ботаҷрибатар, огоҳтар ва донотар буданд, ошно гардидем ва ба бисёр

саволу масъалҳои пайдошуда ҷавоб мегирифтем. Ва ин буд қадамҳои аввалини мо ба ин ҳаракат, ба ин ҳизб, ки мо ба кадом хотир ба ҷунбиши ислоҳталаби иҷтимоӣ ва сиёсӣ ворид шудем. Дар он фазое, ки он вақт вуҷуд дошт, тақрибан маълумоти расмӣ яктарафа вуҷуд дошт, пайдо кардани маълумоти алтернативӣ ё таъсири алтернативии ҳодисаҳо барои мо ҷавонон бисёр ҷолиб буд. Аз ҳамин сабаб мо фикр кардем, ки ҳамин гурӯҳ шояд ягона сарчашмае бошад, ки метавон дар баробари маълумоти расмӣ як маълумоти алтернативӣ ҳам бигирем.
Баъдан Шумо дуруст қайд кардед, ки банда дар таъсиси ҲНИ собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ дар қатори чандин нафар вакил аз Тоҷикистон дар шаҳри Аштархони Русия ширкат доштам. Дар ҳақиқат дар он ҷо Анҷумани таъсисиро гузаронидему ҳизби мазкурро таъсис додем ва маро масъули бахши ҷавонони ҲНИ Иттиҳоди Шӯравӣ интихоб карданд. Банда дар ин вазифа дар корҳои ташкилӣ ва кор бо ҷавонони ҳизби номбурда фаъолият кардам. Сипас дар ҳамаи чорабиниҳо, аз ҷумла дар доир намудани конфронси муассисони шӯъбаи тоҷикистонии ҲНИ Умумиттифоқ ва баъди фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ дар Анҷумани таъсисии ҲНИТ иштирок доштам. Вале аз соли 1992 то соли 1997 бо сабаби таҳсил дар хориҷи кишвар дар канор будам. Бинобар ин дар бораи фаъолияти ҲНИТ дар ин давра чизе гуфта наметавонам, зеро худи ман иштирокчии бевоситаи ин раванд, ҳодисаву воқеъаҳо набудам. Аз соли 1997 ба Ватан баргаштам ва то имрӯз боз дар сафи ҲНИТ фаъолият дорам.

- Шумо гуфта метавонед, ки тақдири ҲНИ Иттиҳоди Шӯравӣ ба чӣ анҷомид? Дар ин бора равшанӣ меандохтед?

- Воқеъан, вақте ки Иттиҳоди Шӯравӣ пош хӯрд, тибқи қонунгузории ҳар як ҷумҳурии тозаистиқлол, имконияти вуҷуди ҳизби умумииттифоқӣ ё фарокишварӣ аз байн рафт. Мо наметавонистем, ки ҳизби умумииттифоқиро нигоҳ дорем. Танҳо шӯъбаи тоҷикистонии он чун ҳизби мустақил таъсис ёфт. Мутаассифона, шӯъбаҳои дигар ҷумҳуриҳо наметавонистанд ба мисли Тоҷикистон ҳизбҳои мустақили худро таъсис диҳанд ва дар ҳаёти сиёсии кишварҳояшон саҳм бигиранд. Дар ҲНИ собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ тақрибан шаст дар сади аъзоро намояндагони Тоҷикистон ташкил медоданд.
Баъдан ман як камбудиеро дар ин ҷо ҳис кардам, ки баробари пошхӯрди Иттиҳоди Шӯравӣ ва таъсиси ҳизбҳои мустақил мо робитаҳои хуб ва қавиеро, ки бо дигар бахшҳои ҳизби исломии дигар ҷумҳуриҳо доштем, аз даст додем. Алҳол чунин андеша дорам, ки мо бояд робитаҳои худро ҳифз мекардем, бо ин ё он шакл. Масалан, Ҳизби Коммунисти Иттиҳоди Шӯравӣ пароканда шуда бошад ҳам, вале бахшҳои он агарчанде ҳизбҳои мустақил гардида бошанд ҳам, бо ҳамдигар иртиботи қавӣ дошта, табодули назар доранд, дар чорабиниҳои сиёсии ҳамдигар ширкат меварзанд. Ҳизби Наҳзати Исломии Иттиҳоди Шӯравӣ ҳамин имкониятро аз даст дод. Сабаби асосӣ дар он буд, ки ҳизби мазкур фаъолият ва таҷрибаи тӯлонӣ надошт, аз тарафи дигар ман фикр мекунам, ки шояд иттиҳомҳои зиёде болои аъзои ин созмони сиёсӣ, ки гӯё бо гурӯҳҳои исломии хориҷӣ ҳамкориву равобит доранду аз онҳо кӯмаку ёрии моддӣ мегиранд, аз ҳамин ҷо буд, ки ҲНИТ чандон рағбати ҳамкории зич ва қавӣ бо дигар бахшҳои собиқи ҲНИТ Иттиҳоди Шӯравиро надошт. Вале ман ақида дорам, ки агар ҲНИТ робитаҳои хуби ҳамкориро бо дигар бахшҳои ҲНИ Умумииттифоқ нигоҳ медошт ва агар имкон пайдо шавад дар оянда мо алоқаҳои хубро бо онҳо барқарор созем, ин на танҳо ба фоидаи ҲНИТ аст, балки ба манфиати умумии кишварамон Тоҷикистон аст. Чунки алҳол аксар кишварҳои мутамаддини ҷаҳон кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки маҳз созмонҳои ғайриҳукуматӣ бо созмонҳои ғайриҳукуматии дигар давлатҳо равобит дошта бошанд. Тавассути ин робитаҳо кишварҳои мухталиф ҳамкориҳои мутақобилаи худро беш аз пеш густариш медиҳанд. Аз ин нуқтаи назар робитаҳои ҲНИТ бо дигар созмону ҳаракатҳои исломии дигар кишварҳо, бахусус давлатҳои соҳибистиқлоли собиқ Иттиҳод Шӯравӣ ба фоидаи ҷумҳурии Тоҷикистон ва мардуми он аст, зеро барои ба вуҷуд овардани заминаи ҳамкориҳои мустаҳками сиёсиву иқтисодӣ, иҷтимоиву фарҳангии мутақобила мусоидат мекунанд.

- Шумо, ки вазифаи муовини раиси ҲНИТ оид ба робитаҳои байналмилалиро ба ӯҳда доред, бигӯед, ки имкони эҳё ва барқарорсозии чунин робитаву ҳамкориҳо на танҳо бо аҳзобу созмонҳои мухталифи ҷаҳон, балки бо ҳизбу ҳаракатҳои исломии собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ мавҷуд аст ё на?

- Ҳозир робитаҳои мо бо ҳизбу созмонҳои исломӣ ва ғайриисломии ба истилоҳ «хориҷаи дур» ҷавитар аст, аз оне ки мо бо кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ дорем ва ин сабабҳои худро дорад ва чанде аз онҳоро қаблан ҳам гуфтем. Сабаби дигар он аст, ки то ба ҳол дар ин кишварҳо ҳизбу созмонҳои исломӣ ба мисли ҲНИТ ташкил нашудаанд, ки мо битавонем бо онҳо ҳамкорӣ дошта бошем. Сонияи, вазъияти имрӯза моро водор мекунад, ки дар интихоби ҳамкор ва шарикони худ дар хориҷи кишварамон бисёр эҳтиёткор бошем ва намешавад, ки мо бо ҳар як ҳизбу созмоне, ки номи исломиро гирифтааст, ҳамкорӣ кард. Зеро мо медонем, ки мутаассифона, дар бисёре аз кишварҳои ҷаҳон як иддае аз гурӯҳҳо, ҳизбу созмонҳо бо истифода аз номи ислом ба корҳои ғайриисломӣ ва зиддишаръӣ даст мезананд. Онҳо дар мавқеъи ифротӣ ва экстремистӣ қарор доранд, ки ҲНИТ наметавонад бо чунин ҳизбу созмонҳо, агарчанде онҳо дар давлатҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ҳам бошанд, иртиботу ҳамкорӣ барқарор кунад. Вале мо омода ҳастем , ки бо ҳизбу созмонҳои исломӣ ва ғайриисломие, ки амали онҳо, ҳадафашон хилофи манфиъатиҳои кишвари мо ва ҷаҳони мутаммадин набошад, ҳамкориро ба роҳ монем.

- Оқои Муҳиддин, Шумо ҳамчун сиёсатмадор, муҳаққиқ, сиёсатшинос ҳастед, вазъи минтақаро хуб медонед, таърихи ҳизбу ҳаракатҳои сиёсӣ, ҷунбишҳои ислоҳотхоҳии исломиро таҳқиқ мекунед, мо мехостем бигӯед, ҲНИТ, ки имсол сисола мешавад, чӣ тавр дар кишварамон пайдо шуд, заминаҳои иҷтимоии ин ҷунбиш кадомҳо буданд?

- Воқеъан, тибқи таҳқиқоте, ки мо гузаронидем, ҲНИТ як ҳаракати сиёсии ислоҳотхоҳи исломӣ дар Осиёи Марказӣ ба шумор меравад, пайдоиши онро дар нимаи асри ХХ бояд донист. Вале ин маънои онро надорад, ки ин ҷунбиши дар як ҷои холӣ, бе замина ба вуҷуд омада бошад. Маълум аст, ки дар охирҳои асри нуздаҳ ва аввали қарни бист дар Бухоро ва умуман дар Мовароуннахр ҳаракати хеле қавие бо номи маорифпарварӣ ё бо истилоҳи баъдина ҷадидия ё ҷавонбухориён ба вуҷуд омада буд, ки ба он Аҳмади Дониш, Фитрат, Садри Зиё, Садриддин Айнӣ барин донишмандон ва рӯшанфикрон шомил буданд. Ин гурӯҳ хоҳони он буданд, ки бо ворид кардани ислоҳот, ҳам ислоҳоти сиёсӣ ва ҳам иҷтимоиву фарҳангӣ ҷомеъаи Бухоро ва Мовароуннаҳрро, ки ба як бунбасти сахт дучор шуда буд, берун баранд.Агарчанде ин гурӯҳ мушкилоти зиёде доштанд, бо вуҷуди ин ба натиҷае расиданд. Тавассути ин ҷунбиш афкори ислоҳотхоҳӣ дар ҷомеъаи ҳамон замон ба вуҷуд омад ва ба оҳистагӣ ҳам бошад, каме густариш ёфт. Мутаассифона, ҳамлаи Русияи подшоҳӣ ва баъдан Инқилоби Уктабр садди роҳи ба натиҷаи ниҳоӣ расидани ин ҷунбиши ислоҳотхоҳии исломӣ гардид. Ба ҳамагон маълум аст, ки бо ташкили Иттиҳоди Шӯравӣ ва ҷумҳуриҳои миллии Осиёи Миёна дар ҳайати он, ақида ва ҳомилони он, сарварону намояндагони маъруфи ин ҷунбиши ислоҳотхоҳии исломӣ аз байн бурда шуд. Ба ҳамин сабабҳо ҷунбишҳои ислоҳотхоҳии исломӣ дар ин ҷумҳуриҳо аз аввалҳои солҳои бистуми асри ХХ то нимаи дуюми ин аср карахт шуда монда буданд. Вале ин маънои онро надошт, ки ин афкор пурра аз байн бурда шуда буд ва он чун ахгари зери оташ пинҳон буд. Бо фарорасии шароити нисбатан мусоид дар Мовароуннахр низ ҷунбишҳои ислоҳотхоҳии исломӣ пайдо гардиданд ва фаъол шуданд. Метавон ин ҷунбишу ҳаракатҳои навхезро идомаи ҳамон ҷунбишҳои ислоҳотхоҳии исломии Бухоро номид. Баъзе муҳаққиқон қайд кардаанд, ки ин ҷунбишҳо дар марҳалаи аввал ҳаракати ислоҳотхоҳии иҷтимоӣ буданд, ки дар ҳақиқат дуруст аст. Чунки дар давраи Итиҳоди Шуравӣ ба вуҷуд омадани ҷунбиши сиёсӣ ғайриимкон буд ва хурдтарин зуҳуроти ҳаракати сиёсӣ фавран саркӯб карда мешуд ва ҳеҷ кас дар он замон тасаввур ҳам карда наметавонист, ки давлати абарқудрати Шӯравӣ бо ин зудӣ аз байн меравад. Вале дар ҳар сурат ин ҷунбиш ҳаракати ислоҳотхоҳии иҷтимоӣ буд ё сиёсӣ, ин гурӯҳҳо тавонистанд, ки дар байни ҷомеъа бо душворӣ, бо оҳистагӣ ҳам бошад, мавқеъ пайдо кунанд. ҲНИТ чун як нерӯи ислоҳотхоҳ ба миён омада буд ва бе шубҳа дар таҳаввулот ва пайдо гардидани афкори наву тоза ва ташаккули афкори ҷиддии ислоҳотхоҳӣ ва истиқлолталабӣ таъсири зиёде дар ҷомеъаи кишварамон гузоштааст. Вале як мушкиле, ки мо дорем ва мушоҳида мекунем, тақрибан ҳамон роҳе ки 30-40 сол пеш насли аввал тай карда буд, насли имрӯзаи мо ҳам дучори ҳамон мушкилот гашта истодааст ва мо бо истифодаи таҷрибаву ибрате, ки аз наслҳои аввал гирифтаем, бояд корро то дараҷаи ихтилофи наслҳо нарасонем. Ман умед дорам, ки ҲНИТ ки табиатан нерӯи сиёсии ислоҳотхоҳ аст, моҳияти худро аз даст надода, пайваста рӯ ба бозсозию

навсозӣ меорад ва чун як ҷунбиши пурқуввати ислоҳотхоҳи ҷомеъа боқӣ мемонад ва дар пешрафти ҳамаҷонибаи кишварамон дар оянда низ саҳми шоиста мегузорад.

- ҲНИТ чандин марҳалаҳоро тай карда, сӣ сол боз фаъолият дорад. Ба назари Шумо ин созмони сиёсӣ дар ҳаёти имрӯзаи ҷомеъаи кишварамон чӣ накш ва мақом дорад?

- Бояд гуфт, ки роҳе ки ҲНИТ тай кардааст, роҳи дуру дароз ва пур аз фарозу нишеб ва хеле аҷиб аст. Шумо ба хотир биёред, ки ин ҳизб соли 1989 чун як созмони ғайрирасмии ниммахфӣ буд, чунки дар замони Шӯравӣ бисёр фишорҳо болои он омада буд, то дараҷае, ки як қисм сарварону фаъолони ин ҳизб зиндонӣ карда шуданд. Аз соли 1989 то соли 1997, ҳамагӣ дар муддати ҳашт-нӯҳ сол марҳалаҳои зиёдеро тай кард ва ба як нерӯи пурқуввати сиёсӣ табдил ёфт. Маъмулан, бисёр ҳизбу ҳаракатҳо барои расидан ба ин гуна натиҷа бисёр марҳалаҳои тӯлониро тай мекунанд. Вале ҲНИТ дар муддати хеле кӯтоҳ ба ин натиҷа расид ва муҳаққиқон бар он ақидаанд, ки бо ин суръати тез расидан ба ин дараҷа ҷанбаҳои мусбӣ ва манфӣ дорад. Шояд ҲНИТ дар ин байн марҳалаҳои лозимиро тай накарду барои расидан ба ин дараҷа, яъне саҳм гирифтан дар ҳукумати ҷумҳурӣ каме дертар меомад, хубтару беҳтар мешуд. Вале воқеъаҳои сиёсии солҳои охир, таҳаввулоти ҷиддии иҷтимоъӣ ҳизбро водор сохт, ки ин марҳилаҳоро бо суръати тез паси сар кунад ва ба он натиҷае, ки имрӯз расидааст, бирасад. Бояд гуфт, ки аз ҳама дастоварди бузурги ҲНИТ дар марҳалаи охир расидан ба сулҳу оштии миллист. Маҳз дар натиҷаи ин дастовард мардуми кишвари мо нафаси осудаю озод кашида, ба ободонию пешрафтҳо ноил гардида истодааст. Сарфи назар аз он, ки муҳаққиқон чӣ гуна баҳо медиҳанд, ҳамагон дар як ақида мувофиқанд, ки ҲНИТ яке аз ҷонибҳои асосии расидан ба сулҳу оштӣ буд ва ҳаст. ҲНИТ худро чун як нерӯи созанда ва сулҳхоҳ дар арсаи байналмилалӣ нишон шуд ва соҳиби обрӯю эътибор гашт. Бинобар ин ба андешаи ман, агар дар оянда ҲНИТ чун як омили муҳиму ҳалкунанда ба эътибор гирифта нашавад, гумон мекунам, ки сиёсати дохилӣ ва хориҷии Тоҷикистон ноқис боқӣ мемонад. Зеро ин ҳизб тавонист, ки мавқеъи худро дар ҷомеъа, сиёсати кишварамон, минтақаи Осиёи Марказӣ ва ҳатто дар сатҳи байналмилалӣ касб кунад. Ва имрӯз аз рӯи он сафарҳое, ки ба хориҷи кишвар доштем ва дорем, ҳеҷ кас фазои сиёсии Тоҷикистонро бе ҲНИТ тасаввур карда наметавонад.

-Аз рӯи шунидам, Шумо тез-тез дар нишасту конфронсҳо, симпозиуму семинарҳои байналмилалӣ чун намояндаи ҲНИТ ва чун раиси Маркази таҳлилии «Диалог» ширкат меварзед ва ба забони фасеҳи англисӣ суханронӣ мекунед. Бигӯед, ки дар чунин нишасту ҷамъомадҳо Шуморо чӣ гуна мепазиранд?

- Албатта, дар чунин чорабиниҳои байналмилалӣ тез-тез иштирок мекунам ва ба қадри имкон суханронӣ ҳам, мекунам. Аммо гуфтаи ба забони фасеҳи англисӣ ҳарф мезанам, ба назарам каме муболиға аст. Шукри Худо, метавонам бо ин забон фикру андешаи худро баён кунам ва дар ҷамъомаду нишастҳои байналмилалӣ сӯҳбат ороям. Воқеъан, аз рӯи он масъулияте, ки дорам, дар чунин чорабиниҳои байналмилалӣ ба намояндагӣ аз ҲНИТ ва Маркази таҳлилии «Диалог» ба хулосае омадам, ки ин робитаҳо бояд қавитар бошанд, ҳамкориҳо бештар густариш ёбанд, ба манфиъати умуми кишварамон аст. Чунки дар хориҷа аз вазъи дохилии ҷумҳуриамон огоҳии комил надоранд, тасаввуроташон дар ин бора ноқис ва яктарафа аст. Мо метавонем бо чунин сафарҳо ва бо чунин ширкатҳо дар чорабиниҳои байналмилалӣ тасаввуроти қолабии шахшудамондаро шиканем. Зеро ҳангоме, ки сухан аз Исломи сиёсӣ меравад, пеши назари онҳо «Толибон» ё дигар гурӯҳу ҳаракатҳои ифротие, ки вуҷуд доранд, меоянд. Шукри Худо, мо бо ин ширкатҳои худ, суханрониҳои худ метавонем ин қолаби ғалатро дар сатҳи байналмилалӣ бишканем. Қобили қайд аст, дар натиҷаи чунин сафарҳо ба хориҷи кишвар ва иштирок дар семинару симпозиумҳо, конфронсу дигар нишастҳои байналмилалӣ дар бораи Исломи сиёсӣ дар Тоҷикистон ва умуман минтақаи Осиёи Марказӣ, ҳадафу мақсади аслии ҲНИТ ва таҳаввулоте, ки дар солҳои ахир дар кишварамон сурат мегирад, натоиҷи мусбие дар ақидаҳо пайдо шуда истодааст ва албатта, инро наметавон ба фаъолияти як-ду нафар маҳдуд кард. Дар ин бобат саҳми ҳамаи бародарону хоҳарон, аъзои ҲНИТ, ки заҳмату кӯшишҳои зиёдеро дар ин роҳ ба харҷ медиҳанд, хеле калон аст.

- Шумо бо ҳамроҳии устод Сайид  Абдуллоҳи Нурӣ борҳо ба хориҷа сафар доштед, агар хато накунам, ба кишварҳои  Олмон, Ҷопон, Таиланд ва ғайра.. Азбаски забони англисиро медонед,  дар сӯҳбату мулоқот ва дигар чорабинҳои расмиву ғайрирасмӣ суханрониҳои устодро тарҷума кардед. Ҳамин тавре не?

- Аввалан, бояд қайд кунам, ки сафарҳое ки барои устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ ташкил карда мешаванд,  дар сатҳи хеле баланд ҳастанд ва маъмулан барои тарҷумонӣ мутарҷимҳои касбӣ  аз ҷониби кишварҳои мизбон омода ва даъват карда мешаванд. Бинобар ин банда дар ин сафарҳо танҳо нақши ёвари устод Сайид Абдуллоҳи Нуриро иҷро мекунам, агар лозим шавад, тарҷумонӣ ҳам мекунам ва дигар корҳоро ҳам анҷом медиҳам. Борҳо шудааст, ки банда дар ҳолатҳои зарурӣ вазифаи тарҷумониро низ ба дӯш гирифтаам ва кӯшиш ба харҷ  медодам, ки бо қадри донишу тавоноӣ  ва забондониям дар хизмати устоди гиромӣ бошам. Шукри онро дорам, ки дар бисёр мавридҳо бо ишон дар сӯҳбату мулоқотҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ каме ҳам бошад, кӯмак ва ёрӣ расонидаам.

-Дар бораи сафари охиринатон ба кишвари Таиланд ҳарф мезадед, ки чӣ аҳамият дошт?

- Ин сафар аз нигоҳи банда бо ду сабаб хеле муҳим буд. Аввалан ин ки бори аввал як кишвари осиёии пешрафта аз ҲНИТ барои иштирок дар Конфронси байналмилалии ҳизбҳои сиёсии қитъаи Осиё даъват кард. Мо дар сатҳи роҳбарият сафарҳое ба кишварҳои Ғарб доштем, вале ин нахустин сафари намояндагони ҲНИТ ба мамолики пешрафтаи Шарқ буд. Аҳамияти дуюми он ин аст, ки мо дар Таиланд як падидаи  хеле нодир ва аҷиберо кашф кардем ва ба таври амалӣ дидем, ки ҳатто дар кишварҳои Аврупо ва умуман Ғарб надида будем. Маъмулан, мо гумон мекардем ва на танҳо мо, балки аксар муҳаққиқон ва пажӯҳишгарон чунин ақида доранд, ки демократия  чун низоми сиёсиву иҷтимоӣ маҳсул ва зодаи Ғарб аст ва ин то як дараҷа имтиёзи онҳо низ ҳаст. Кишварҳои шарқӣ бояд дар як шароити дигаре доим зиндагӣ кунанд,  гӯё шарқиён майл ба низомҳои диктатурӣ, тоталитарӣ ва худкомагӣ доранд ва гӯё, ки ин табиати шарқиён аст. Вале кишвари Таиланд нишон дод, ки шарқиён ҳам метавонанд дар як шароити демократӣ ва низомҳои пешарафтаи мардумӣ зиндагӣ кунанд. Тайландиҳо он чизе, ки ба мо –иштирокчиёни конфронси мазкур нишон доданд, кӯшишу ҳадафашон қабл аз ҳама аз ҳамин иборат  буд. Яъне  онҳо ба таври амалӣ нишон доданд, ки демократия табиатан ба мардуми Шарқ хос аст ва онҳо метавонанд чунин низоми сиёсиву иҷтимоиро дар киш-варҳояшон ҷорӣ созанд. Ва бояд гуфт, ки таиландиён ба ҳадафи худ ҳам расидаанд. Онҳо возеҳу равшан  нишон доданд, ки чӣ гуна дар шароити як кишвари осиёӣ бо ҳифзи расму русуми мардумӣ, фарҳанг ва анъанаҳои миллӣ ва дини худ бо пазируфтани беҳтарин дастовардҳои илмиву ҳунарии ҷаҳон як ҷомеъаи плюралистӣ (гуногунандешӣ), мутамаддин ва пешрафтаеро бунёд кардан мумкин аст. Барои мисол, барои он ки суханам бе далел набошад, ин конфронсро сарвазири кишвари Тайланд ва раиси ҳизби ғолибу ҳукмрон оғоз кард ва ҷаласаи хотимавиро раиси ҳизби оппозитсиюн бо суханронии пурмӯҳтавои худ хотима бахшид ва фикри худро дар бораи равандҳои таҳаввулоти сиёсиву иҷтимоии кишвараш ва минтақа баён кард. Ин хеле  рамзӣ  буд ва таиландиҳо возеҳу  равшан нишон доданд, ки  дар умури сиёсӣ ва корҳои давлатдориашон ҳизби ғолибу ҳоким пешбар нест, балки ҳатман фикру ақидаи ҷониби дигарро ба назар мегиранд. Онҳо дар охири конфронс ба ҳар иштирокчии ин чорабинӣ аз ҷониби сарвазири кишварашон тӯҳфаи рамзие доданд, ин армуғон иборат буд аз як оҳанпораи суфтаи дутарафа, ки дар як ҷонибаш аломати мусбат ва дар тарафи дигараш  аломати манфӣ дошт. Онҳо таъкид карданд, ки чунин рамз дар болои мизи ҳар як сиёсатмадор бояд бошад. Аломати мусбат, яъне «плюс» рамзи ҳизби ғолиб ва аломати манфӣ, яъне «минус» рамзи ҳизби оппозитсионӣ мебошад ва он метавонад ба осонӣ чарх занад. Имрӯз дар сари ҳокимият як ҳизб аст, шояд фардо сари қудрат ҳизби дигар ояд. Дарозии ҳар ду тарафи оҳанпора як буд, ин маънои онро дорад, ки нерӯҳои сиёсӣ дар ҷомеъа ҳуқуқи  баробар дошта бошанд. Ва сарфи назар аз он ки кӣ ғалаба кардааст, ҳизбҳои мағлуб дар умури давлатдорӣ набояд дар канор бошанд. Ман фикр мекунам, ки ин дарси хеле ҳам аҷиб  барои намояндагони қитъаи Осиё буд ва мо ба хулосае омадем, ки мардумони қитъаи Осиё ҳам метавонанд пешрафта бошанд ва дар шароити демократӣ озод  зиндагӣ  ба сар баранд.

- Дар баъзе рӯзномаҳои ҷумҳурӣ навиштанд, ки Сарвазири Тайиланд гӯё раиси ҳизби исломии «Тайрактай» мебошад. Оё ҳамин тавр аст?
- Не, ҳизби «Тайрактай» ҳизби исломӣ нест, ҳизби дунявист. Дар Таиланд ҳамагӣ чаҳор дар сади мардум мусалмонанду халос. Аксари сокинони он пайравони дини буддоӣ мебошанд. Дар ин кишвар ҳизби хусусияти динидошта вуҷуд надорад, аммо ин маънои онро надорад, ки фаъолияти чунин ҳизбҳо дар Таиланд мамнӯъ бошад. Не, дар асл ин тавр нест. Ҳама гуна ҳизбҳо ва созмону ҳаракатҳои сиёсиву иҷтимоъӣ тибқи қонунҳои он ҷо озодона фаъолият карда метавонанд. Дар Таиланд ҳизби исломӣ то ба ҳол таъсис наёфтааст, зеро худи мусалмонон зарурати ташкили чунин созмонро надидаанд. Мусалмонон дар он кишвар аз ҳама озодиҳои ақидативу сиёсӣ бархӯрдоранд. Бо вуҷуди он ки мусалмонон ҳамагӣ чор дар сади аҳолии кишварро ташкил медиҳанд ва дар ақаллият қарор доранд, онҳо вазъи хеле хуб доранд, эҳтироми зиёде болои онҳо қоил ҳастанд ва вазири умури дохилаи Таиланд аз ҷумлаи мусалмонон аст.
- Суханронии устод Сайид Абдуллоҳи Нуриро дар конфронс чӣ гуна қабул карданд?
- Бояд гуфт, ки устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ дар баробари дигар намояндагони аҳзоби сиёсӣ дар ин нишаст суханронии хеле пурмӯҳтаво ва ҷолиб доштанд ва он аз ҷониби ширкаткунандагони конфронс, нозирон ва хабарнигорони дохилӣ ва хориҷӣ хеле бо самимият пазируфта шуд. Бори аввал буд, ки на танҳо аз кишвари мо, балки аз мамолики Осиёи Марказӣ чунин ҳизби хусусияти динидошта дар конфронс иштирок мекард ва мардуми давлатҳои Осиёи Ҷанубӣ маълумоти хеле каме дар бораи Тоҷикистон, бахусус ҳизбҳои сиёсии он доштанд. Аз ҳамин сабаб маърӯзаи устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ дар байни иштирокчиёни конфронс як вокуниши мусбат ба вуҷуд овард ва онҳо бо тавваҷҷӯҳ суханронии ӯро гӯш карданд. Матни маърӯзаи устодро мо хеле зиёд нусхабардорӣ карда будем, аммо ба ҳамаи хоҳишмандон нарасид ва мо маҷбур шудем, бори дуюм онро нусхабардорӣ карда, тақсим кунем. Яъне таваҷҷӯҳ ба ҲНИТ хеле зиёд буд.
Сӯҳбатҳои ғайрирасмӣ баъди баромади устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ бо шахсиятҳои варзидаи мамолики минтақа ва ҷаҳон, аз ҷумла бо собиқ сарвазири ҷумҳурии Покистон Беназир Бхутто, бо собиқ сарвазири Бангладеш ва инчунин бо раиси Ҳизби Коммунисти Русия Г. Зюганов дар фазои дӯстона ва ҳамдигарфаҳмӣ сурат гирифт.
- Шумо чанд сол ёвари раиси КОМ устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ будед, инак, чанд сол боз ба ҳайси муовини ишон кор мекунед. Мехостем чанд сухани мухтасар дар бораи шахсияти устод мегуфтед?
- Аслан банда табиате дорам, ки шахспараст нестам, вале аз рӯи инсоф бояд эътироф кард, ки шахсоне дар ҷомеъа ҳастанд, ки ҷову мақоми хосеро ишғол мекунанд. Вақте ман дар бораи устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ сухан меронам, кӯшиш мекунам, ки аз ҳад зиёд муболиға ҳам накунам ва ҳатто баъзе ҳолатҳо ба устоди гиромӣ ҷабр карда, дар борааш аз будаш камтар баҳо ҳам медиҳам. Ва ман чанд соле, ки бо он кас будам ва шукри Худо, ки имрӯз муовинаш ҳам ҳастам, барои камина ёвари устод будан беҳтар ва осонтар ва ба табиати ман мувофиқтар буд. Алҳол агарчанде ҷонишинаш ҳам бошам, худро ҳамеша ёвари он кас меҳисобам ва умед дорам, ки то ба охир барои устод ҳамчун ёвар боқӣ монам ва баъд аз он муовин ё каси дигар. Ҳатто дигарҳо ҳам одат кардаанд, ки ба ман «акаи Ёвар» ё «оқои Ёвар» гуфта мурочиат мекунанд. Ҳатто ба ёдам ҳаст, ки мактубе аз як созмони байналмилалӣ ба унвони камина омада буд ва дар он навишта буданд: «Мӯҳтарам Ёвар Муҳиддинович» ва онҳо гумон карданд, ки «Ёвар» номи банда аст ва ин масъулият ба ман муносиб ва мувофиқ афтода буд, ки он ба ҷои номам ба кор бурда мешуд.
- Яъне тахаллуси Шумо шудааст.
- Бале, «Ёвар» то дараҷае тахаллуси камина гардидааст ва ман аз ин ифтихор дорам.
Дар ин чанд соле, ки банда ёвари устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ будам, ман бисёр паҳлӯҳои ин шахсиятро барои худ кашф кардам, ки то он замон намедонистам. Пеш аз ҳама сабр ва таҳаммули он касро бисёр ғайриоддӣ медонам ва баъзе вақт аз сабри зиёдашон норозӣ ҳам мешудам. Ман тасаввур карда наметавонистам, ки инсон то ин дараҷа пурсабр бошад. Вале ман фикр мекунам, ки шароите, ки дар Тоҷикистон доштем, бахусус дар ҳодисаҳои охир маҳз сабр ва таҳаммули устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ боис гардид, ки мо ба сулҳу оштӣ бирасем. Агар ҳамин хислати он кас

намешуд, ман гумон намекунам, ки дар кишварамон каси дигаре метавонист ҷомеъаи моро ба сулҳу сафо бирасонад. Сифати дигаре, ки ман дар ин шахсият дидам ва мутаассифона, чунин хислат дар байни аҳли ҷомеъаи Тоҷикистон хеле камёфт аст, ин шунида тавонистан ва ба ҷо овардани эҳтироми мусоҳиб ё ҳамсӯҳбат аст. Устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ ҳар ҳамсӯҳбаташро, қатъи назар аз он ки чӣ мақому манзалат дорад, бисёр ботаҳаммул ва бо камоли одоб гӯш мекунад, ба он шахс эҳтиром мегузорад, новобаста аз он ки мавзӯъи сӯҳбат муҳим аст ё не? Ва ҳеҷ гоҳ сухани мусоҳиби худро қатъ намекунад ва ба қавли мардум намебурад ва то ба охир бодиққат гӯш мекунад. Чунин хислатро бояд ҳар як сиёсатмадор биёмӯзад ва истифода барад. Мутаассифона, дар ҷомеъаи мо тоқати шунидани сухани ҳамдигарро надорем. Ҳол он ки ин маданияти баланди муъоширaт аст ва ҳар яки мо бояд онро биёмӯзем ва ба кор барем.

- Шумо дар ин чанд сол чӣ хислатҳои устод Сайид Абдуллоҳи Нуриро омӯхтед ва барои худ арзишманд меҳисобед?

- Ман кӯшиши зиёде кардам, ки аз устод чизе биёмӯзам, вале намедонам ба ин ноил шудам ё не. Чунки он хислатҳое, ки устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ доранд, дар сиришташ ҷавҳари зотӣ нуҳуфта аст ва фикр намекунам, ки бо вуҷуди ҳама омӯзишҳо метавон ба он дараҷа расид. Вале кӯшиши зиёде кардам, заррае ҳам бошад аз хислатҳои он кас биёмӯзам. Бо боварӣ ва бе муболиға мегӯям, ки он чизеро ки дар мактаби устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ омӯхтам, на аз ду донишгоҳе, ки ман таълим гирифтаам, на аз Академияи илмҳо ва на аз ҳимояи унвони номзади илмҳои сиёсатшиносӣ гирифта тавонистам.Ҳамаи ин донишгоҳҳои таъ-лимгирифтаамро ба мактаби устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ баробар намедонам.

- Яъне, ки ба қавли Шайх Саъдӣ: «Камоли ҳамнишин бар ман асар кард».

- Бале, рост гуфтед:

Камоли ҳамнишин бар ман асар кард,  
В-агарна ман ҳамон хокам, ки ҳастам.

- Шумо соли гузашта рисолаи номзади илмҳои сиёсатшиносиро дифоъ кардед ва умед дорем, ки дараҷаи доктори илмро низ фатҳ мекунед. Бигӯед, ки Шумо худро сиёсатмадор меҳисобед ё сиёсатшинос?

- Дар ҳар ду самт фаъолият дорам. Сиёсатмадорӣ ва сиёсатшиносӣ дар бисёр мавридҳо ҳамдигарро пурра мекунанд, ки ин барои ман хеле муҳим аст. Ба андешаи ман дар фаъолиятам ҷанбаи сиёсатмадориам бештар аст ва дар пешрафти ин ҷода пажӯҳишгарӣ дар соҳаи сиёсатшиносӣ ба ман кӯмаки зиёд мерасонад.Вале хуб мешуд, ки ман сиёсатшинос бошам,на сиёсатмадор.

- Боз чӣ сухани ногуфтае дар замир доред?

Дар охир ҳамаи аъзо ва ҷонибдорони ҲНИТ-ро ба санаи таърихӣ, сисолагии таъсиси ҳизб табрику муборакбод мекунам ва гуфтаниям, ки ҲНИТ чун нерӯи ислоҳотхоҳ ба майдон омадааст, бинобар ин бояд ҳамин хислату хусусияти худро ҳифз кунаду аз даст надиҳад ва доим дар таҳаввулот ва навоварӣ бошад, аз муҳофизакорӣ, шахшудамондагӣ бипарҳезад ва дар ҷӯши ҳодисаҳои ҳаёт бошад ва барои пешрафту ободонии кишварамон саҳми арзанда гузорад.

- Ташаккур аз Шумо.

Миллат аз ойини Ҳақ гирад низом

Мусоҳиба бо муовини раиси ҲНИТ Шамсиддини Шамсиддин

- Бобои Эшон, аввалан мехостем Шумо чанд сухан дар бораи тарҷумаи ҳолатон бигӯед, ки дар куҷо таваллуд шудаед ва дар кадом муҳити хонаводагӣ ба камол расидаед?
- Ба номи Худованди бахшояндаи меҳрубон.
Таърих гувоҳи зиндагии ҳар як инсон аст. Таърих ойинаест, ки ҳазорон солҳо ҳодиса ва воқеъаҳоро дарбар мегирад ва чун ойина аз худ инъикос мекунад. Бе таърих инсоният раҳгум мезанад. Таърих гузаштаи моро бо тамоми некиву баъдиҳояш инъикос намуда, моро ба оянда роҳнамоӣ мекунад. Аз ин нуқтаи назар камина дар деҳаи Обурдони Мастчоҳи Кӯҳӣ дар хонадони маъруфи он диёр ба дунё омадаам. Хонаводаи мо аз авлоди хоҷаҳо, эшонҳо ё сайидзодагон аст ва аз рӯи гуфтаи куҳансолони диёрамон бобоёни мо дар диёри кӯҳистони Мастчоҳу Фалғар мансаби қазо ё худ қозигиву муфтигиро дар даст доштанд ва бешубҳа, онҳо аҳли илму маърифат буданд ва барои ҷорӣ намудани адолату инсофи исломӣ дар ин диёри кӯҳистони тоҷик ба қадри имкон талош меварзиданд. Албатта, бо вуҷуди он ки дар солҳои бистуму сиюми асри гузашта ба сари аҳли хонаводагони эшонҳои Мастчоҳ азобу кулфатҳои зиёде омад, бисёре аз аҷдодони бофарҳанг ва донишманди мо ё кушта шуданд ё молу мулкашон мусодира ва худашон ба зиндонҳои Шарқи Дур ва Сибири Русия бадарға карда шуданд, оташи меҳру муҳаббат ба дини мубини Ислом дар дили авлодони боқимондаи хонадони мо фурӯзон буд ва ба таври пинҳониву ошкор ба фарзандони худ ё хоҳишмандони дигар таълими улуми шаръӣ медоданд. Маро низ падари бузургворам дарс дода, соҳиби хату савод намуданд. Дар назди он кас таълими ибтидоиро то хатми Қуръони маҷид омӯхтаам. Баъд ба деҳаи Шамтучи ноҳияи Айнӣ ба назди мулло Назар гуфтанӣ олими забардаст рафта, такмили улуми динӣ кардаам. Ногуфта намонад, ки устоди шодравони мо дастпарвари мадрасаҳои машҳури Бухорову Самарқанд буданд ва улуми диниро ба дараҷаи олӣ медонистанд ва кӯшиш ба харҷ медоданд, ки мо, шогирдон аз дониши он кас баҳравар гардем.Камина илми фиқҳи ҳанафиро пеши он ҳазрат хонда, бомуваффақият ба итмом расонидам. Баъд аз вафоти мулло Назар, Худованд ҷояшро ҷаннат гардонад, таҳсилро дар назди мулло Обид дар ноҳияи Мастчоҳ, сипас дар пеши шодравон Маҳдуми Убайдуллоҳ дар шаҳри Душанбе идома додам.

- Шумо маълумоти дунявӣ ҳам доред?

- Албатта, ман дар баробари таълими хусусии динӣ гирифтан дар мактаби миёна низ хубу аъло мехондам ва баъди хатми мактаби таҳсилоти ҳамагонӣ ба техникуми технологии ноҳияи Мастчоҳ дохил шуда, онро бомуваффақият хатм кардам ва соҳиби касбу ҳунар ва ихтисос ҳам гардидам. Пас аз хатми он маро ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳи Шӯравии мустақар дар Олмон Демократӣ даъват

карданд ва камина ду солу шаш моҳ хизмати аскариро дар он ҷо адо кардам. Баъди ба анҷом расонидани хизмати низомӣ ба зодгоҳам баргашта, дар совхоз ба ҳайси коргар ифои вазифа намудам.
- Шумо мегуфтед, ки афкори нави исломӣ, яъне афкори ислоҳотхоҳии исломӣ дар ноҳияи Шумо кадом солҳо ба вуҷуд омад ва Шумо чӣ гуна ба он шиносоӣ пайдо кардед ва оқибат ба сафи аъзои ҲНИТ пайвастед?
- Шумо хуб медонед, ки мардуми диёри Мастчоҳ аз замонҳои қадим назар ба мардуми дигар минтақаҳо алоқамандӣ ва шавқу завқашон нисбат ба таълимоти дини мубини Ислом бештар буд ва ҳаст ва дар ҳама давру замон аз байни ин мардум донишмандони бузурге баромадаанд, ки дар густариши ақоиди исломӣ хидматҳои шоёнеро анҷом додаанд. Бо вуҷуди он ки то солҳои Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ қариб аксар донишмандони улуми исломӣ дар Мастчоҳ аз ҷониби болшевикон саркӯб карда шуда буданд, Бо фазли Худованд шамъи дину диёнат дар диёри мо пурра хомӯш нагардида буд.Донишмандоне буданд, ки пинҳонӣ ва ба таври махфӣ ақоиди пешқадами ислоҳталабӣ, озодихоҳӣ ва истиқлолхоҳиро дар байни мардум ҳам ба воситаи шогирдони худ, ҳам тавассути мавъиза ва амри маъруфи худ густариш медоданд ва дар шуури одамон як навъ рӯҳияи бедории миллӣ ва мазҳабиро талқин  мекарданд. Хусусан солҳои ҳафтодум ва ҳаштодуми асри гузашта дар ноҳияи мо маҳфилҳо, ҳалқаҳои дарсӣ ва созмонҳои ғайримуназзам худ ба худ ба вуҷуд омаданд, ки дар онҳо бештар ҷавонон ширкат меварзиданд ва перомуни масъалаҳои мухталифи сиёсӣ, иҷтимоӣ, диниву мазҳабӣ, фарҳангиву ахлоқӣ  баҳсҳо меоростанд ва нуқтаи назари худро баён мекарданд. Хусусан дар диёри мо маҳфилҳои Иқболхонӣ ва Иқболшиносӣ беш аз пеш маҳбубияти мардумро ба худ ҷалб месохт. Аз ин рӯ гуфта метавонам, ки яке аз омилҳои густариши афкори ислоҳотхоҳии исломӣ дар диёри мо осори шоир ва мутафаккири бузурги исломии Шарқ аллома Иқболи Лоҳурӣ ба шумор меравад. Дилбастагӣ ба осори ин шахсият то дараҷаест, ки масҷиди  ҷомеъи ноҳияи Мастчоҳ ба номи ин бузургвор гузошта шудааст.
Камина низ дар чунин маҳфилҳо, ҳалқаҳои дарсӣ ширкат меварзидам ва ба афкори ислоҳотхоҳии исломӣ ошно шудам, ҳамроҳи дигар бародарони ҳамфикру ҳамақидаи худ зарурияти таъсиси як созмон ё ҳаракати исломиро дарк кардем ва дар тараддуди таъсиси чунин ташкилот ё созмони сиёсии исломӣ гардидем. Азбаски мо дар бораи он ки дар шаҳри Душанбе ва дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ чунин ҳаракат ё ҷунбиши исломӣ сари кор омадааст, хабардор шуда будем, мо чанд нафар машварат ороста, аз номи рӯшанфикрони собиқ Ленинобод ( алҳол вилояти Суғд)  ба Душанбе сафар кардем.

- Ин кадом сол буд?

- Соли 1989 буд. Мо назди устод  Сайид Абдуллоҳи Нурӣ омадем ва он кас моро бо хушнудӣ, бо чеҳраи гарм ва суханони нарм истиқбол гирифтанд ва як мулоқоти муфиде ҳам доир намуданд. Мо дар бораи ҳадафҳои худ ба устод Сайид  Абдуллоҳи  Нурӣ нақл кардем ва хоҳиш намудем, ки барои ба таври расмӣ дар шаҳру навоҳии вилояти Ленинобод таъсис додани шӯъбаҳои ҲНИТ дасти ёрӣ дароз намояд, то ки мо ҳамфикру ҳамақидахои худро зери парчами ин ҳизб гирд оварем. Устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ изҳори хушнудӣ ва қаноатмандӣ намуданд, барои таъсиси шӯъбаҳои ҳизб дар шаҳру навоҳии вилояти Ленинобод кумитаи тадорукотӣ ташкил доданд, ки сарварии онро ба ӯҳдаи камина гузоштанд.

- Шумо ба хотир оварда метавонед, ки ҳамроҳи Шумо киҳо буданд?

- Ҳамроҳони ман Мирзо Олим, Убайдуллоҳи Файзуллоҳ, Эшони Абдураҳим, Эшони Абдурашид буданд. Мо баъди вохӯрӣ бо устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ ба вилояти Ленинобод баргаштем ва дар тараддуди таъсиси созмонҳои ибтидоии ҲНИТ шудем. Пеш аз ҳама дар деҳаи Чоркӯҳи ноҳияи Исфара ҷаласа доир кардему дар он ҷо созмони ибтидоии ҲНИТ-ро таъсис додем, ки 19 нафар аъзо дошт. Ин нахустин созмони аввалияи расмии ҲНИТ дар шимоли Тоҷикистон ба шумор мерафт, ки то ба имрӯз пойдор асту сафи аъзоён ва ҷонибдорони он ба ҳазорҳо нафар расидааст ва яке аз созмонҳои пешқадаму фаъоли ҳизб  на танҳо вилояти Суғд,  балки умуман ҲНИТ ба шумор меравад.

Сипас созмонҳои ибтидоии ҳизбӣ бо навбат дар ноҳияҳои Мастчоҳ, Ӯротеппа (алҳол Истаравшан), Панҷакент, Ашт ташкил гардиданд ва ба фаъолият пардохтанд. Соли 1991 бори нахуст дар шаҳри Хуҷанд конфронси таъсисии шӯъбаи вилоятии ҲНИТ баргузор гардид, ки дар кори он собиқ раиси ҲНИТ, алҳол муовини раиси ҲНИТ устод Муҳаммадшариф Ҳимматзода ширкат варзиданд. Убайдуллоҳи Файзуллоҳ раиси шӯъбаи вилоятии ҲНИТ ва ман ҳамроҳи бародар Абдурашид Фозилзода ҷонишинони ӯ интихоб гардидем ва дар ин самт ба қадри тавоноӣ фаъолият пеш бурдем.

- Шумо бигӯед, ки ҲНИТ дар вилояти Суғд ҷонибдорони зиёд дорад?

- Бале, бе муболиға метавон гуфт, ки ҲНИТ умеду орзӯ ва омолу ормонҳои мардуми мусалмони ҷумҳурии моро ифода мекунад, гурӯҳу табақаҳои мухталифи ҷомеъаи мо аъзои он мегарданд ё изҳори ҷонибдорӣ ба ҳизби мо менамоянд. Ин гуфтаи моро дар тамоми шаҳру навоҳии вилояти Суғд ба таври рӯшан ва возеҳ мушоҳида намудан мумкин аст. Азбаски ҲНИТ дар давраи ҷангҳои таҳмилӣ худро чун як нерӯи озодихоҳу сулҳдӯст нишон дод ва оқибат дар ҳамдастӣ бо нерӯҳои солиму ҷонибдори ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои мардуми кишвари мо сулҳу сафо, дӯстию бародарӣ, тинҷию амониро армуғон овард, обрӯи ин ҳизб дар вилояти Суғд назар ба солҳои пеш бештар гардид. Мардум диданд ва хуб эҳсос карданд, ки ҲНИТ ба ғайр аз ободии диёр ва хушбахтии сокинони Тоҷикистон дигар мақсаде надорад ва дар чаҳорчӯбаи Сарқонун ва қонунҳои ҷории кишварамон фаъолият пеш мебарад, эътиқодашон ба ин созмони сиёсии исломӣ беш аз пеш афзуд ва Худо хоҳад, бовариашон дар оянда зиёдтар хоҳад шуд.

- Дар кадом шаҳру навоҳӣ шӯъбаҳои ҲНИТ хубтару беҳтар амал мекунанд?

- Дар маҷмӯъ дар ҳамаи шаҳру навоҳии Суғдзамин фаъолияти ҳизб хуб аст, вале дар муқоиса агар бигӯем, фаъолияти шӯъбаҳои ҲНИТ дар шаҳру навоҳии Исфара, Истаравшан, Мастчоҳ, Ашт, Кӯҳистони Мастчоҳ, Панҷакент ва Конибодом чашмрастар аст ва аъзову ҷонибдорони ҳизб бештар фаъоланд.

- Алҳол шӯъбаи вилоятии ҲНИТ-ро дар Суғд кӣ сарварӣ мекунад?

- Ҳоло раиси шӯъбаи ҲНИТ дар вилояти Суғд бародар Додоҷон Ёқубов мебошанд, ки солиёни зиёд дар соҳаи омӯзгорӣ заҳмат кашидаанд, таҷрибаи зиёди сиёсиву ташкилӣ доранд ва боиси хурсандист, ки аз ҷониби доираҳои ҳукумати вилоят низ чун шахсияти маъруф шинохта шудааст.Худи он кас низ пайваста кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки фаъолияти ҲНИТ-ро дар вилояти Суғд беш аз пеш бештар намоянд, то ки мақом ва манзалати ин ҳизби сиёсӣ дар минтақаи шимоли Тоҷикистон аз пештара дида болотар равад.

- Худи Шумо дар роҳбарияти ҲНИТ чӣ вазифаро ба дӯш доред?

- Феълан муовини раиси ҲНИТ ва умури фарҳангии ҳизбро дар ихтиёр дорам. Тамоми чорабиниҳои фарҳангие, ки бахшҳои ҲНИТ дар шаҳру навоҳии ҷумҳурӣ баргузор мекунанд, фаъолияти онҳоро ҳамоҳанг месозам ва барои бурду бохташон дар назди роҳбарияти ҳизб масъулам.

- Шумо нақш ва мақоми фарҳангро дар ҷомеъаи имрӯза чӣ гуна арзёбӣ мекунед?

- Шумо хуб медонед, ки фарҳанг ҳастии маънавии ҳар як халқу миллат аст. Ҳар як халқу миллатро пеш аз ҳама тавассути фарҳангу санъати волояш, илму маърифаташ дар ҷаҳон мешиносанд.Халқи тоҷик аз қадимулайём яке аз мардумони соҳибтамаддуни ориёӣ ба шумор меравад ва махсусан бо фарҳанги қадимаи ҳазору чаҳорсадсолаи исломияш ифтихори бештар дорад. Зеро аксари бузургони гузаштаи илму маърифат ва адабиёти мо аз сарчашмаи лоязоли дини мубини Ислом об хӯрда, аз арзишҳои он илҳом гирифтаанд. Мутаассифона, дар аҳди Шӯравӣ бар асари ҷорӣ намудани сиёсати «атеизми ҷанговар» мардуми мусалмони мо аз ойин ва диёнати исломиашон хеле дур гардида буд ва инак, бо шарофати соҳибистиқлол гардидани кишварамон боз ба аслу насаби хеш баргаштан мехоҳад, ки ин кори басо хайр аст. Зеро ҳазрати Ҷалолиддини Балхӣ дар ин маврид барҳақ фармуда:

Ҳар касе к-ӯ дур монд аз асли хеш,
Боз ҷӯяд рӯзгори васли хеш.

Вале бо таассуф қайд кардан лозим аст, ки душманони миллати мо аз авҷ гирифтани ҷанбаи исломӣ ва миллӣ дар ҷомеъаи мо ҳаросида, ҷанги дохилиро бар сари мардуми мо бор карданд ва халқи моро қашшоқу нодор ва ваҳдати миллию исломии моро пора намуданд. Вале бо иноятн Худованди бузург мардуми мо ҷаҳлу кудуратро як сӯ гузошта, ба ваҳдату сулҳ даст ёфтанд. Ин як амри табиист, зеро мардуми мо беҳуда нагуфтаанд: «об агар сад пора гардад, боз бо ҳам ошност». Оре, ҳамин тавр аст ва дар пойдории сулҳу ваҳдат ҳиссаи ҲНИТ, бахусус сарвари он устод Саийд Абдуллоҳи Нурӣ хеле бузург аст.

Дар Тоҷикистон марҳалаи нави бунёдкорӣ аз 27 июни соли 1997 оғоз гардид ва хушбахтона, то ба ҳол бомуваффақият идома дорад. Вале дар пеши мо роҳи пурмашаққат, душвор ва дуру дарозе истодааст. Яке аз ин мушкилот таҳоҷуми фарҳанги ғарбӣ аст, ки шабу рӯз тавассути телевизионҳо, радиоҳои хориҷию дохилӣ, шабакаҳои интернет, видео ва кинофилмҳо ба сари ҷомеъаи суннатӣ ва исломии кишвари мо фурӯ мерезад. Садҳо нафар мубаллиғони дину фирқаҳои ғайриисломӣ ба ташвиқу тарғиби ақоиди мазҳабии худ дар байни мардуми мусалмон машғуланд ва аз камбағаливу нодории одамон сӯистифода намуда, бархеро чун анкабутон ба доми дину калисои хеш мекашанд, якеро масеҳию зардуштӣ, дигареро баҳоиву кришнапараст, сеюмиро шайтонпарасту бутпараст мегардонанд. Яъне дар ин вазъият мо, мусалмонон, бахусус масъулини фарҳангии ҲНИТ даст болои даст нашинему бояд тадбирҳову чорабиниҳои судбахшу пурсамарро дар шаҳру навоҳии ҷумҳуриямон гузаронем, то ки мардум ба аслу насаби хеш пайванду устувор бошанд ва фарҳангу тамаддуни миллию исломии хешро рушду инкишоф диҳанд. Фарҳанг як воситаи бисёр қавӣ ва самарабахш дар роҳи расидан ба як ҷомеъаи мутамаддин, демократӣ, мутаддайин ва пешрафтаи муосир мебошад, ки Тоҷикистони азизи мо дар ҳамин ҷода бояд қадам занад ва барои дар оянда ноил гардидан ба ин ҳадафҳои наҷиб ҳамаи шароитро муҳайё мебояд кард.

- Вақте Шумо дар шаҳру навоҳӣ чорабиниҳои фарҳангӣ мегузаронед, ҳукуматҳои маҳаллӣ бо Шумо ҳамкорӣ мекунанд, кӯмак мерасонанд ё халал?

- Дар ҳар шаҳру навоҳӣ ҳар хел вазъият ба чашм мерасад. Зеро панҷ панҷа баробар намешавад, мегӯянд дар урфият, ки ин гуфта ҳақиқат дорад. Бояд қайд кунам, ки дар он ҷое, ки роҳбарони ҳукуматҳои маҳаллӣ ашхоси ботаҷрибаву рӯшанфикранд, нисбати мардум бетараф нестанд, ба мо дар гузаронидани чорабиниҳои фарҳангӣ ёрӣ мерасонанд, ҳамкорию дастгирӣ мекунанд. Дар баъзе шаҳру навоҳӣ бошад, ба ҷои он ки ба мо ёрӣ расонанд, кӯшиш мекунанд, ки чунин чорабиниҳо аз ҷониби ҲНИТ доир нагарданд. Вале ман шахсан чунин ақида дорам, ки муваффақият ва комёбии ҳар як чорабинии фарҳангӣ ба ибтикор ва ташаббускории масъулони фарҳангии шӯъбаҳои ҲНИТ сахт вобастааст.Агар онҳо кӯшиш кунанд, бо ҳукуматҳои маҳаллӣ забони умумӣ меёбанд ва онҳо низ дар навбати худ бо мо ҳамкорию ҳамдастӣ мекунанд.

- Шумо ҳангоми истироҳат ба чӣ кор машғул мешавед?

- Шуғли дӯстдоштаи ман мутолиаи китоб аст.

- Китоби дӯстдоштаи Шумо?

- Китоби муқаддаси Қуръони маҷид, ки ҳар як мусалмон бояд онро хонад ва тибқи фармудаҳои он амал кунад. Зеро ба қавли аллома Иқболи Лоҳурӣ:

Гар ту мехоҳӣ мусалмон зистан,
Нест мумкин ҷуз ба Қуръон зистан.

- Хислати хуби инсоние, ки дӯсташ медоред?

- Аз ҳама бештар ва пештар хоксориро меписандам. Зеро беҳуда нагуфтаанд:

Дона то дар хок нафтад, кай ба боло қад кашад?
Қадри одам ҳам баланд аз хоксорӣ мешавад.

- Хислати баде, ки чашми диданаш надоред?

- Кибру ғурур ва манманиро бад мебинам.

- Шумо гулро дӯст медоред?

- Шинохтани зебоӣ, шинохтани қудрати Худованд аст. Инсоне, ки Худоро мешиносад, ҳама мавҷудоти офаридаи Ӯро дӯст медорад, аз ҷумла гулҳоро.

- Кадом навъи гулро меписандед?

- Гули насринро, ки дар намози шом мешукуфад ва басо зебо дар назар ҷилавагар мегардад.

- Бӯи хушро дӯст медоред?

- Бале, бӯи гули санҷидро аз ҳама бештар дӯст медорам.

Поягузори афкор ва ҷунбиши сиёсии исломии муосир дар Осиёи Марказӣ устод Сайид Абдуллоҳи Нурист

Сӯҳбат бо раиси комиссияи тафтишоти ҲНИТ Мавлавӣ Муҳаммадалии Файзмуҳаммад

Соли таваллудаш 1959. Зодаи деҳаи Сурхои ноҳияи Ховалинг. Овони кӯдакиаш дар ноҳияи Восеъ ва ҷавониаш дар ноҳияи Панҷ гузаштааст. Соли 1977 мактаби таҳсилоти ҳамагониро дар ҳамин ноҳия хатм кардааст.Маълумоти диниро нахуст дар назди амакаш, марҳум домулло Мир ва шодравон мулло Саидраҳмони Хурдӣ ва сипас дар назди яке аз донишмандони маъруфи Осиёи Миёна шодравон Мавлавӣ Муҳаммадҷони Хуқандӣ омӯхтааст.

Солҳои 1990-1992 вазифаи имом-хатибии масҷиди ҷомеъи ноҳияи Панҷро ба ӯҳда дошт. Азбаски дар риштаи фиқҳ дониши басо мукаммал дорад, дар байни уламои исломии кишварамон бо унвони "Қозӣ" ва "Мавлавӣ" маъруф аст.

Узви ҲНИТ буда, дар бахшҳои мухталифи ин созмони сиёсӣ чандин сол аст, ки фаъолият пеш мебарад. Баъди муқовиматҳои сиёсиву низомӣ дар кишварамон ба таври иҷборӣ охири соли 1992 ба Афғонистон ҳиҷрат намуда, ба ҳайси раиси кумитаи муҳоҷирин ва кумитаи иршоду даъвати Ҳаракати Наҳзати Исломии Тоҷикистон ифои вазифа намудааст.

Ҳангоми ҳиҷрат соли 1994 факултаи илоҳиёти Донишгоҳи ба номи Абдуллоҳ ибни Масъуди вилояти Тахори Давлати Исломии Афғонистонро бомуваффақият хатм кардааст. Донандаи хуби забонҳои форсӣ, арабӣ ва русӣ аст.

Ӯ баъди бозгашт ба Ватан бо пешниҳоди роҳбарияти ИНОТ ба узвияти КОМ пазируфта шуда, дар зеркомиссияи муҳоҷирин фаъолият намуд. Барои хизматҳои арзандааш дар барқарории сулҳу оштии миллӣ дар кишварамон бо ордени "Дустӣ" сарфароз гардонида шуд.

Алҳол узви Раёсати Олии ҲНИТ ва раиси комиссияи тафтишотии ин ҳизб мебошад.

Соҳиби оила ва фарзандон аст.

* * *

- Мӯҳтарам Мавлавӣ, мехостем бигӯед, ки роҳи тайкардаи Шумо аз куҷо оғоз гардидааст ва таълимоти ибтидоии улуми исломиро дар назди киҳо гирифтед ва онро дар куҷоҳо мукаммал гардонидед?

- Бисмиллоҳи-р-раҳмони-р-раҳим. Банда дар ноҳияи Ховалинг таваллуд шуда, то синни нӯҳсолагӣ дар ноҳияи Восеъ ҳамроҳи аҳли оиламон истиқомат карда, сипас ба ноҳияи Панҷи Вахшонзамин кӯчидем. Маълумоти ибтидоии диниро дар назди падари бузургворам гирифтаам. Баъдан таълимро дар назди яке аз олимони маъруфи ин ноҳия, домулло Абдуҷаббор идома дода, Қуръони маҷид, Чаҳоркитоб, Ҳофиз, Бедилу Фиқҳи Кайдонӣ омӯхтам ва баъд ба шаҳри Душанбе омадам. Сабабгори аслии ба пойтахт омаданам падари бузургворам буданд ва бисёр шавқу завқ ва орзӯ доштанд, ки соҳиби илму дониш гардам. Зеро он кас ташнаи илму маърифат буданд, кӯшиш мекарданд, ки фарзандонашон дар роҳи Ислом қадам зананд ва аз ин хотир маро ба назди амаки шодравонам домулло Мир, ки дар деҳаи Афғонҳои назди Душанбе истиқомат мекарданд, оварданд. Ногуфта намонад, ки худораҳматӣ домулло Мир яке аз олимони маъруфи диёрамон ба шумор мерафтанд ва он кас хатмкардаи мадрасаҳои Бухорои Шариф буданд. Дар пеши он кас "Фиқҳи Кайдонӣ" ва аввали "Мухтасар –ул-виқоя"–ро омӯхтаам. Азбаски амаки шодравонам бисёр пиронсол ва касалманд буданд, бинобар ин таълимро дар назди он кас идома дода натавонистаму рафтам ба ноҳияи Восеъ. Дар он ноҳия каме дар назди Махдуми Абдулфайз дарс хондам ва чун шароитҳоямон мувофиқат накард, бинобар ин таълимро дар пеши Махдуми Абдулвосеъ идома додам. Баъдан аз устод дуъо гирифтаму баргаштам ба Вахшонзамин. Дар он ҷо дар назди марҳум

домулло Саидраҳмони Хурдӣ (Худо раҳматашон кунад), сеюним сол илмҳои фиқҳ, сарфу наҳви забони арабӣ, маъонӣ ва мантиқро таълим гирифтам. Инчунин улуми ҳадису тафсир, махсусан "Тафсири Ҷалолайн", "Мушкот", "Усули Фиқҳ" –ро низ дарс гирифтам ва баъд баргаштам ба шаҳри Душанбе. Бисёр орзӯ доштам, ки дар назди яке аз уламои бузурги диёри Мовароуннаҳр ҳазрати Мавлавӣ Муҳаммадҷони Хуқандӣ, ки бо тахаллуси Мавлавии Ҳиндустонӣ шӯҳрат доранд, дониши худро такмил диҳам. Ҳазрати Мавлавӣ Муҳаммадҷон (р) маро хуш қабул карданд ва гуфтанд, ки шумо аввал дар назди домулло Сайидраҳмони Калонӣ китобҳои "Нур-ул-яқин", " Итмом-ул-вафо" ва ғайраро хонед ва баъд пеши ман биёед. Машварати он касро гирифта ба назди домулло Сайидраҳмони Калонӣ рафта улуми мазкурро як сол бештар таълим гирифтам, ки мутаассифона, устоди моро боздошт намуда, ҳабс карданд. Пас аз он ман тавассути шодравон ҳазрати Эшони Абдураҳмонҷон, шогирди марҳум Мавлавӣ Муҳаммадҷони Ҳиндустонӣ гардидам. Дар назди ҳазрати Мавлавӣ бо ҳамроҳии бародарон Махдуми Исмоил, Мавлавӣ Абдулҳай, Махдуми Сиёмиддин, Мулло Таваккал, Махдуми Садриддин ва дигарон, ки назар ба ҳамаи онҳо ман ҷавонтар будам, ба таҳсили илм пардохтам.

Қайд кардан даркор аст, ки дар назди ҳазрати Мавлавии Ҳиндустонӣ, на танҳо аз Тоҷикистон, балки аз Ӯзбекистону дигар минтақаҳо низ толибилмони зиёд омада, дарс мехонданд. Ёд дорам, ки ҳамроҳи мо аз Ӯзбекистон Мавлавӣ Исҳоқҷон, Қорӣ Муродуллоҳ, Қорӣ Асадуллоҳ, Қорӣ Адҳамҷон ва дигарон таълим мегирифтанд.

- Аз ҳазрати Мавлавӣ кадом илмҳоро омӯхтед?
- Шодравон Мавлавӣ Муҳаммадҷон усули фиқҳ, таърих, адабиёт, махсусан адабиёти форсӣ, мисли шарҳи «Маснавии Маънавӣ», ашъори Абдулқодири Бедил, «Шабистон», «Гулистон»-и Саъдӣ ва ғайраро таълим медоданд. Худораҳматӣ, ки шефтаи адабиёти форсӣ буданду худашон гоҳ-гоҳе дар пайравии шоирони бузург шеърҳо эҷод мекарданд, бо як шавқу завқ аз шарҳи ашъори Бедили Деҳлавӣ ба мо дарс мегуфтанд. Ин ишқу муҳаббат ба эҷодиёти Абдулқодири Бедил аз он сарчашма мегирифт, ки шодравон Мавлавӣ Муҳаммадҷон солиёни зиёд дар диёри Ҳинд таълим гирифта буданд ва забонҳои ҳиндуву урдуро хеле хуб медонистанд. Бинобар ин ба Абулмаъонӣ - Бедил сахт дилбастагӣ доштанд ва бо меҳру муҳаббат ашъори баландмазмуни ӯро на фақат ба забони форсӣ, балки барои шогирдони ӯзбекзабон ба забони туркӣ низ шарҳу тафсир мекарданд.
- Вақте Шумо дар назди Мавлавӣ Муҳаммадҷон дарс мехондед, устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ ва аллома Раҳматуллоҳи Андиҷонӣ таълим мегирифтанд?
- Не, онҳо пеш аз ман дар назди ҳазратӣ Мавлавӣ улуми диниро таълим гирифта буданд. Лекин дар даврае, ки ман назди он кас сабақ меомӯхтам, устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ тез-тез ба зиёрати устоди худ меомаданд. Дар ёд дорам, баъди аз маҳбас озод гардиданаш устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ ба зиёрати ҳазрати Мавлавӣ омада, он касро ба хонаашон даъват карданд. Ҳазрати Мавлавӣ бо хушнудӣ даъвати ишонро пазируфтанд ва мо шогирдонашонро, аз ҷумла Махдуми Исмоил, Мавлавӣ Абдулҳай ва каминаро бо худ, ба совхози Туркманистони ноҳияи Вахш ба хонаи устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ бурданд. Дар манзили устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ маҳфилу маъракаи серодаме баргузор шуд, хурду калони зиёде ширкат доштанд.Устоди шодравони мо, ҳазрати Мавлавӣ Муҳаммадҷон суханҳои хуб гуфтанд, мавъизаҳои пурмазмуне карданд, ки ҳамаи мо аз сӯҳбатҳои ишон бахраҳои зиёди маънавӣ бардоштем. Ногуфта намонад, ки бо устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ дар ҳамин нишаст бори аввал аз наздик шиносоӣ пайдо намудам.
- Бисёр муҳаққиқон бар ин ақидаанд, ки гӯё Мавлавӣ Муҳаммадҷони Ҳиндустонӣ асосгузори афкори ислоҳотхоҳи исломии муосир дар Осиёи Марказӣ бошанд. Шумо дар ин бора чӣ нуктаи назар доред ?
- Ба ростӣ, ҳазрати Мавлавӣ Муҳаммадҷони Ҳуқандӣ чун як донишманди бузург дар тамоми улум ва фунуни исломӣ қавӣ ва комил буданд. Лекин рӯирост бояд гуфт, ки он кас аз сиёсат умуман ҳарф намезадаанду ҳеҷ гоҳ дар ягон давра ва сӯҳбат дар ин бора сухане намегуфтанд.Ба андешаи ман азбаски ҳазрати Мавлавӣ, ки беш аз даҳ сол дар зиндонҳо азобу уқубатҳои зиёд кашида буданд, бинобар ин аз нерӯҳои амниятии Шӯравӣ, яъне КГБ сахт меҳаросиданду

эҳтиёткорӣ мекарданд.Борҳо шунидаам, ки ба мо шогирдон таъкид мекарданд, ки ба сиёсат бо эҳтиёт муносибат кунед, то ки дар бало ва азоб намонед. Дар хотирам ҳаст, ки мегуфтанд:“Бо ин ҳукумати Шӯравӣ бозӣ накунед”. Аз ҳамин рӯ бо таълим додани улуми мухталифи динӣ шогирдони равшанфикре, ба мисли устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ ба камол расонданд, ки албатта, дар ба вуҷуд овардани афкори ислоҳотхоҳии исломӣ саҳм гирифтанд. Вале ба андешаи ман он кас мустақиман асосгузори ин афкори ислоҳотхоҳии исломии муосир дар кишварамон ва минтақа нестанд. Зеро чуноне гуфтам, ишон умуман дар мавзӯъи сиёсат ҳарфе намезаданд. Ба пиндори камина поягузори аслии афкори ислоҳотхоҳӣ ва ҷунбиши сиёсии исломии муосир на танҳо дар Тоҷикистон, балки дар Осиёи Марказӣ устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ мебошанд. Ишон на танҳо асосгузори афкори ислоҳотхоҳии исломӣ ҳастанд, балки тавассути таъсиси ҳаракати сиёсии исломӣ, яъне ҲНИТ ин афкорро ба таври амалӣ дар ҳаёт татбиқ карданд. Муддати сӣ сол мешавад, ки ҲНИТ аз як созмони хурди “Наҳзати Ҷавонони Исломии Тоҷикистон” ба ҷунбиши сиёсии фарогир, ба як ҳизби сиёсии тавоно ва муқтадир табдил ёфт, ки имрӯзҳо аъзо ва ҷонибдоронаш барои амалӣ намудани ҳадафҳои созандаи худ ва раванди демократикунонии ҷомеъаи кишварамон ҷаҳду талош доранд.

- Мегӯянд, ки ҳазрати Мавлавӣ Муҳаммадҷони Хуқандӣ ба ҳаракати сиёсии исломӣ дар кишварамон сахт мухолифат меварзиданд?

- Не, ин сухан ҳақиқат надорад. Агарчанде ҳазрати Мавлавӣ худашон сахт ҳаросида дар сиёсат ворид намешуданд, вале ҳеҷ гоҳ ба амали он ашхосе, ки ҳаракати сиёсии исломиро ба вуҷуд оварда буданд, мухолифат надоштанд. Фақат таъкид мекарданд, ки дар ин ҷода эҳтиёт шаванд, то ба вартае наяфтанд. Худи камина боре шахсан аз устодам ҳазрати Мавлавӣ пурсидам, ки як ҷараёни сиёсӣ, як ҳаракати сиёсии исломӣ дар Тоҷикистон рӯи кор омадааст. Вақте рафту ҳамин ҳаракат сирф барои амалӣ гардидани фармудаҳои Худованд ва Паёмбари Ислом (с) ҷаҳду талош ва фаъолият пеш бараду мардумро ба роҳи рост ҳидоят кунад, мо дар он сурат чӣ кор кунем? Он кас сароҳатан васият карда гуфтанд, ки Шумо бо онҳо якҷо бошед, аз онҳо қафо намонед. Ин буд васият ва мавқеъи ҳазрати Мавлавӣ Муҳаммадҷони Хуқандӣ дар масъалаи афкори ислоҳотхоҳии исломӣ ва ҷунбиши сиёсии исломӣ. Яъне он кас ҷонибдори ин афкор ва ҳаракат буданд, вале аз тарси ҳукумати Шӯравӣ ва нерӯҳои амниятӣ ҳеҷ касро ташвиқ намекарданд, ки ба ин ҷунбиш ҳамроҳ гарданд.

- Худи Шумо чӣ гуна ба ин ҳаракат майл пайдо кардаед ва кай узви ҲНИТ гардидед?

- Аслан, банда аз овони ҷавонӣ табиати озодандешӣ доштам. Бо касбу такмили улуми динӣ афкори озодандешиям бештар мегардид. Зеро вақте мо аз Қуръону аҳодиси набавӣ дарс мехондем, Исломро як ҷараёни сирф сиёсӣ тасаввур мекардем. Дар ҳақиқат афкор ва ақидаи исломӣ сар то сар сиёсат аст. Бинобар ин он истилоҳе, ки имрӯз сиёсатшиносону муҳаққиқон сохтаанд ва бисёр роиҷ аст, яъне “исломи сиёсӣ” он қадар истилоҳи дурусту мувофиқ нест.Онҳо зери ин истилоҳ афкори ислоҳотхоҳӣ ва ҷунбишҳои сиёсии исломиро дар назар доранд. Вале тибқи нишондоди Қуръони маҷид ва аҳодиси набавӣ мо фикр мекардем, ки Ислом бояд дар тамоми ҷомеъа ҳокимият дошта бошад, бахусус ҷомеъаҳои мусалмонро Ислом роҳбарӣ кунад.Ин афкору ақоидро мехондему аз дарсҳо натиҷагирӣ мекардем ва ин мубориза ҳо,ҷаҳду талошҳоро мешунидем, бисёр хуш мешудем, ки ҷавонони равшанфикри мо чунин пешравиҳо доранд.

Ҳамин тавр оҳиста - оҳиста гироиш ва майли камина ба ин ҳаракати сиёсии исломӣ зиёдтар мегардиду ҳамнишинӣ бо доираҳои ин ҷунбиш бештар мешуд. Махсусан ҳангоме, ки банда дар Қӯрғонтеппа таҳсили илм мекардам, бо бародарон Мавлавӣ Айёмиддин Сатторзода ва шодравон Махдуми Кароматуллоҳ шишту хез ва маҳфилу нишастҳо доштам ва дар мавзӯъҳои гуногуни динӣ ва дунявӣ сӯҳбатҳо мекардем. Ҳамаи ин нишасту хезҳо ва сӯҳбатҳо ба афкори ман бе асар набуданд. Дар ёдам ҳаст, ки борҳо раҳматӣ Махдуми Кароматуллоҳ ба камина мегуфтанд, ки биё, ман туро як пеши мулло Абдуллоҳ, яъне устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ барам. Вале тақдир набудааст, ки он вақт бо устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ шинос гардам. Бародар Мавлавӣ Айёмиддин бошад, ҳангоми имом - хатиби масҷиди ҷомеъи ноҳияи Панҷ буданам, ба наздам тез-тез меомадаанду ҳамсӯҳбат мешудем. Аз мулоқот ва сӯҳбатҳои он кас низ таваҷҷӯҳи ман ба ин ҳаракати исломӣ бештар

мегардид. Ҳамин бародарон боис шуданд, ки як тамоюли зич ба ҲНИТ пайдо кардам. Аз ҳамин ҷо буд, ки роҳбарияти ҳизб маро ба ҳайси меҳмон ба Анҷумани нахустин (охири соли 1991), ки дар Хонаи маорифи сиёсии шаҳри Душанбе баргузор шуд, даъват намуданд. Ман низ бе ҳеҷ дудилагӣ розӣ шудам ва дар кори  Анҷумани ҳизб ширкат варзидам. Маҳз ҳамин Анҷуман таҳаввулоти ҷиддие дар андеша ва шуури ман ба вуҷуд овард ва оташи шавқу завқи каминаро нисбати ин ҳизб бештар барафрӯхт.
Сипас ҷанги таҳмилии дохилӣ дар кишварамон шурӯъ гардид ва ман низ дар қатори дигар мардум ба қаламрави Афғонистон ҳиҷрат кардам ва дар он ҷо ба Ҳаракати Наҳзати Исломии Тоҷикистон шомил гардидам ва фаъолият кардам.
-	Дар ҳиҷрат кадом масъулият ба ӯҳдаи Шумо вогузор шуда буд?
-	Аввал маро масъули Кумитаи муҳоҷирини Ҳаракати Наҳзати Исломии Тоҷикистон таъйин карданд, ки тамоми корҳои зисту зиндагонии муҳоҷиринро иҷбориро ҳаллу фасл менамудам. Сипас баъди шаҳодати шодравон Қорӣ Муҳаммадҷони Муҳиддин кумитаи иршод ва таблиғи ҳаракати мазкурро ба дӯши банда гузоштанд ва то охир ин масъулиятро ба ҷо овардам.
-	Яъне Шумо дар ҳиҷрат пурра ба сафи Наҳзати Исломии Тоҷикистон пайвастед?
-	Бале, пурра ба ин ҳаракати сиёсии исломӣ пайвастам ва дуъо мекунем, ки Худованд моро аз ин ҷунбише, ки ҳадафи созандагӣ ва истиқлолталабиву озодихоҳӣ дорад, ҳеҷ гоҳ ҷудо накунад.
-	Баъди имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ Шумо ба Ватан баргашта ба чӣ корҳо  машғул шудед?
-	Вақте  баргаштем, маро моҳи июни соли 1997 роҳбарияти ИНОТ ба узвияти КОМ пешниҳод карданд ва ман чун узви зеркомиссияи муҳоҷирин то қатъи кори КОМ фаъолият доштам.
Дар Анҷумани ҲНИТ 18 сентябри соли 1999 маро раиси комиссияи тафтишоти  ҲНИТ  ва узви Раёсати Олии он интихобот намуданд ва то ин дам дар ҳамин вазифа кор карда истодаам.
- Акнун дар бораи фаъолияти комиссияи тафтишотии ҳизб ва салоҳиятҳои он чанд сухан мегуфтед?
- Комиссияи тафтишотӣ тибқи нишондоди Ойинномаи ҲНИТ салоҳият дорад  фаъолияти ҳамаи зинаҳо ва шӯъбаҳоро тафтиш карда, дар Анҷуман, конфронс ва Раёсати Олии ҲНИТ  гузориш диҳад.Камбудиҳо ва норасоие, ки илоҷи ҳалли онҳо дар маҳал вуҷуд дошта бошад, ба масъулони маҳаллии ҳизб дарислоҳи онҳо ёрӣ мерасонем.
- Солҳои охир  комиссияи тафтишот  кадом корҳоро анҷом дод?
- Бояд бигӯям, ки аз рӯи нақша дар дастгоҳи иҷроияи ҳизб ва шӯъбаҳои он, шӯъбаҳои марказӣ, вилоятӣ ва минтақаи Рашт, ба ҷуз вилояти Бадахшон санҷиш гузаронидем. Ҳамчунин дар бахши фарҳанг, илм ва таблиғот, дастгоҳи мақоми раҳбарӣ санҷиш сурат гирифт. Дар ин тафтишҳо ва бозрасиҳо риояи усул ва меъёрҳои исломӣ, қонунҳои ҷории кишварамон, Ойинннома ва барномаи ҳизб, доду гирифти молӣ, пардохти аъзоҳаққӣ, тартиби асноду ҳуҷҷатгузорӣ, интизоми корӣ, мавриди тафтишоти комиссия қарор гирифт.
- Дар рафти санҷишҳо оё  камбудӣ ва норасоиҳо ошкор шуданд?
- Бале, мо дар рафти назорат ва тафтишот камбудиҳои зиёдеро ошкор намудем.
- Касе сазовор ба ҷазои маъмурӣ дониста шуд?
- Оре, ҷараёни тафтишот ашхоси номуносибе, ки аз ӯҳдаи кор намебароянд, лаёқати дар мақоми хеш фаъолият карданро надоранд, ё рафтору одоби исломиро риоя намекунанд, ошкор кард ва Раёсати Олии ҲНИТ-ро дар ҷараён гузошт. Дар натиҷа Раёсати Олӣ  бо ба назар гирифтани андозаи нуқсону норасоиҳои афрод чораҳои зарурӣ дид, ҳатто бархеро аз мақом барканор кард. Аммо ашхосе, ки усулан лаёқати корро доранд, вале шояд аз рӯи ба кор сарфаҳм нарафтан ё бетаҷрибагӣ хато ва камбудӣ содир кардаанд, огоҳонида шуданд.
- Дар соли ҷорӣ  анҷоми кадом корҳои муҳимро дар назар гирифтаед?
- Дар соли нав бо нақшаҳои нав амал карданием. Сараввал мо шӯъбаи мол ва дороии ҳизбро ба таври дақиқ тафтиш хоҳем кард. Ҳамчунин дар назар дорем, ки шӯъбаҳои ҲНИТ дар вилоятҳои Хатлон, Бадахшон, шаҳри Душанбе ва навоҳии тобеъи ҷумҳурӣ, дастгоҳи иҷроия ва ҳамаи бахшҳои тобеъи марказро, тафтиш кунем ва фаъолияти онҳоро мавриди баррасӣ қарор диҳем.

- Бубахшед, мол ва дорої гуфтед, ба маврид аст, агар сароҳатан баён медоштед, ки дороии Ҳизби Наҳзати Исломӣ аз куҷо ба даст меояд?
-Лозим ба ёдоварист, ки ҳеҷ ягон корхона, муассиса ва ё созмон бе манбаъи даромад ва бидуни доштани дороии кофӣ мавҷудияти худро нигоҳ дошта наметавонад. Аз ҷумла Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон низ бе манбаи асосии даромад наметавонад, дар чунин ҳолати бӯҳронӣ кору фаъолият кунад. Дороии ҳизб усулан аз се роҳ ба даст меояд: а). аз фурӯши ҳафтавори "Наҷот", маҷаллаҳои "Найсон" ва "Сафинаи умед". б). аз аъзоҳақии аъзои ҳизб. в). аз ҳисоби хайрияе, ки роҳбарият, аъзои ҳизб ва хайрхоҳону савобҷӯёни дигар медиҳанд.
- Дуруст қайд кардед, банда оид ба фурӯши ҳафтавору моҳномаҳо ва пардохти ҳаққи узвият, ҷамъ шудани мол ҳеҷ шакку шубҳае надорам, ҳамчунин оид ба хайрия додани тоҷирону косибон, ки ба ҳизб узвият доранд ё на, шубҳае вуҷуд надорад. Аммо дар иртибот ба роҳбарияти ҳизб хуб мешуд рӯшанӣ меандохтед, ишон аз кадом роҳ даромад доранд, ки қисмате аз онро дар хазинаи ҳизб вомегузоранд?
-Ба ҳеҷ кас пӯшида нест, мардуми мо нисбати уламову донишмандон эҳтироми зиёд доранд. Маъмулан, чорабинӣ, тӯю маъракаҳоро бе иштироки уламо намегузаронанд. Мухлисон ба манзили хеш уламоро даъват мекунанд, зиёфат мерояннд ва ҳадяву тӯҳфаҳо низ медиҳанд. Ҳамчунин бе доир намудани чорабинӣ ҳам бархе мухлисон ва ҳаводорон ҳар моҳ ё ҳар вақте аз тиҷорати шахсияш фоидаи хубе ба даст орад, чанд фоизи онро ба олиме, ки ба он кас ихлос доранд, ҳадя мекунанд. Аъзои Раёсати Олии ҲНИТ ва бархе бузургони дигар, узви ҳизб набошанд ҳам, дӯстдору тарафдоранд, як қисми ҳадяҳои худро ба хазинаи ҳизб тӯҳфа мекунанд. Масалан, банда қисмати зиёди тӯҳфаҳои аз ихлосмандон омадаро ба ихтиёри бахши мол ва дороии ҳизб мегузорам.
-Шикоятҳои аз маҳалҳо омадаро оё тафтиш карда соҳибонашонро қонеъ мегардонед ё...?
- Ҳар шӯъбаи вилоятӣ ва бахши ноҳиявии ҲНИТ комиссияи тафтишотии худро дорад. Аризаву шикоятҳо, агар аз болои кадом узви қатории ҳизб ё масъулини ибтидоӣ бошад, комиссияи тафтишотии шуъбаҳои ноҳиявӣ онро баррасӣ карда, ба комиссияи вилоятӣ ва комиссияи вилоятӣ ба мо гузориш медиҳад. Шикоят агар аз болои кори раёсат, раис ва ё ҷойнишини раиси бахши ноҳиявӣ бошад, баррасӣ ва тафтиши он ба ӯҳдаи комиссияи тафтишотии шӯъбаи вилоятӣ гузошта мешавад. Дар сурате, шикоят аз раис ё ҷойнишини шӯъбаи вилоятӣ ва ё раёсати бахши вилоятии ҲНИТ бошад, он гоҳ комиссияи тафтишотии марказӣ онро баррасӣ карда, ба роҳбарияти ҳизб гузориш медиҳад.
- Оё то ҳол ягон шикоят аз болои раиси ҲНИТ ба комиссияи тафтишотии марказӣ ворид шудааст ё на?
-Хушбахтона, то имрӯз ҳеҷ гуна шикоят ворид нашудааст, аммо аз болои аъзои Раёсати Олӣ шикоятҳо буданд ва мо онҳоро баррасӣ намудем.
- Рафту аз болои раиси ҲНИТ шикоят шавад, Шумо чӣ кор мекунед?
- Дар робита ба ин суол мехоҳам аз таърихи Ислом воқеъаеро ёдовар шавам.
Дар замони хилофати ҳазрати Умар ибни Хаттоб (р) масъалаи қазоват ба дӯши ҳазрати Шурайҳ (р) буд. Касе аз болои Халифа шикоят пеши қозӣ бурд. Қозӣ ҳазрати Умарро, ки халифаи Паёмбари Худо (с) ва амирулмӯъминин буд, ба додгоҳ даъват кард. Вақте ба Умар (р) хабар доданд, ки ӯро қозӣ даъват кардааст, бо шитоб аз ҷой хеста ҳатто ридояшро дуруст ба бар накарда, онро ба замин кашида худро ба додгоҳ расонд ва дар баробари даъвогар мисли тифли боодоб дар пешгоҳи маҳкамаи адл ба суолҳои қозӣ ҷавоб дод. Ҳизби мо, ки бар усулу меъёрҳои исломӣ ва пояҳои устувори ин дини мубин ва фарҳанги волои он бино ёфтааст, аз раис то аъзои қатории ҳизб дар назди комиссияи тафтишотӣ то имрӯз ҷавоб додаанд ва посух хоҳанд дод.
Ин фикрро раиси ҲНИТ устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ дар ҷаласаи Раёсати Олӣ ва фаъолони ҲНИТ возеҳу равшан баён намуданд: -«Ҳар кӣ хилофкорӣ ва хиёнат мекунад, ҳатто раиси ҳизб ҳам бошад, бояд дар пеши адолат ҷавоб бидиҳад. Комиссияи тафтишот дар ин амр мустақил аст".
- Рафту касе аз аъзои Раёсати Олии ҳизб ё фарде аз аъзои қаторӣ риояи таолими волои исломӣ накунад ва ҳозир нашавад, он гоҳ чӣ чора мебинед?

-Қабл аз ҳама талошу кӯшиш менамоем, то масъулият ҳис кунад ва хилофи муқарраротии ҳизб амалеро анҷом надиҳад. Дар сурате ки кӯшишамон нафъ набахшад, ба Шӯрои Раёсати Олии ҳизб пешниҳод мекунем ва ба муҳокима мекашем. Билохира, то Анҷумани ҲНИТ масъалаи ӯро мебардорем. Қазияи дар сафи ҳизб боқӣ мондан ё намондани ин гуна шахсро созмони ибтидоии ҳизб ҳал мекунад. Вале гумон надорам, ки касе то ба ин андоза ҷуръат кунад. Чун Раёсати Олӣ ва аъзои ҳизби мо ҳама пойбанди арзишҳои исломианд ва то метавонанд, кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки хилофи дастуроти он кореро анҷом надиҳанд.
-Оё гузашт доред?
-На, ин ҳаққи шахсии ман нест, ки аз он гузашт кунам.
-Хеши наздикатон бошад чӣ?
-Фарзанди дӯстдоштаам бошад ҳам, гузашт намекунам. Мо пайрави мактаби Паёмбари бузурги Ислом (с) буда, аз сарчашмаи софи шариаташ об хӯрдаем, бинобар ин аз ҳақи шахсии хеш гузашт мекунем, аммо аз ҳақи Худованд не.

Чаманзодему аз як шохсорем

Муҳовара бо собиқадори ҳизб, узви Раёсати Олии ҲНИТ Мавлавӣ Қосими Раҳим

- Оқои Мавлавӣ, Шумо лутфан бигӯед, ки маълумоти аввалияи улуми диниро дар куҷо гирифтед ва заминаву сарчашмаи ба афкори ислоҳотхоҳи исломӣ ошноӣ пайдо кардани Шумо кадомҳоянд?
- Бисмиллоҳи-р-раҳмони-р-раҳим.
Бояд бигӯям, ки тибқи фармудаи Пайёмбари бузурги Ислом Муҳаммад (с) ҳар як инсоне, ки ба дунё меояд, бо имони фитрӣ зода мешавад, Худованд хоҳишоти ҳар як инсонро тибқи ҳамон сиришташ, бо ҳамроҳии ӯ ба вуҷуд меорад. Шукри Худованд, ки мо низ бо чунин имони фитрӣ ба дунё омадем. Аҷдоду бобоёни мо дар гузашта аз шахсиятҳои маъруфи мазҳабӣ буданд ва кӯшиш мекарданд, ки имон ба Худованди бузург ва Паёмбари Ӯ ҳазрати Муҳаммад (с) чун меросу анъана ба ворисону авлодони онҳо бирасад.
Шумо медонед, ки баъди табаддулоти низомӣ дар моҳи Уктабри соли 1917 дар Русия ва дар моҳи сентябри соли 1920 дар Бухоро бобову падарони мо ба ҷунбиши миллию озодихоҳӣ ҳамроҳ гардида, ба муқобили истилогарони аҷнабӣ ва пайравони маҳаллии онҳо то солҳои 30-ум мубориза бурданд ва оқибат аз надоштани роҳбари ягона асоси муқовимат шикаст хӯрд. Дар натиҷа ҷабру ситам, фишору таъаддӣ сари мардуми мусалмон беш аз пеш афзуд ва дар китобҳои таърих ҳаракати миллӣ–озодихоҳии мардуми мусалмони Осиёи Миёна бо номи «ҳаракати босмачигарӣ» қаламдод мегардид. Ба ҳамагон маълум аст, ки ҳазорон нафар бобову падарони мо бо иттиҳоми «душмани сохти нав», «намояндаи кулаку муштзӯрон» кушта шуданд ё ба Сибиру Шарқи Дур бадарға гардиданд ва умри худро дар зиндонҳои онҷо хазон намуданд. Падару модари камина аз хонадонҳои мазҳабӣ буданд, имону эътиқод ба Худованди бузург ва дини мубини Исломро дар ниҳоди худ доштанд, ба ғайр аз улуми шаръӣ ба мо фарзандон дар бораи ҳақиқати солҳои бистуму сиюм, масҷиду китобсӯзӣ ва дигар ҷиноятҳои болшевикон нақлҳо мекарданд ва дар шуури мо афкори озодихоҳии исломиро бармеангехтанд. Нахустин сарчашмаи афкори ислоҳотхоҳии исломӣ барои ман тарбияи падару модари марҳумам мебошад. Аз ҷониби дигар ба ғайр аз нақлҳои падару модар ва дигар кӯҳансолони деҳаамон солҳои панҷоҳуму шастум ва ҳафтодуми асри гузашта худи

ман ҳам низ он ҳама бедодгарӣ, таҳдиду зӯроварӣ ба сари мусалмононро бо чашми худ медидам ва доим орзӯ мекардам, ки оё замоне фаро мерасида бошад, ки мо мусалмонони Тоҷикистон соҳиби озодиву истиқлол гардем, бо хоҳиши худ рафтор намоем, расму ойини динӣ ва миллии худро бе тарсу ҳарос ба ҷо биёрем, ба насли наврас улуми исломиро дар мактабу мадрасаҳо таълим бидиҳем. Ин дуюмин  заминаи бедорӣ дар шуур ва афкори ман буд.
Сарчашмаи асосии пайдоиши фикри ислоҳотхоҳӣ ва озодихоҳии исломӣ шиносоӣ бо аъзои созмони «Наҳзати Ҷавонони Исломии Тоҷикистон» бо сарварии устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ гардид. Бо ҳидояти Худованди бузург ман бо аъзои ин ҷунбиши исломӣ дар Вахшонзамин ошно шудам ва баъди фаҳмидани ҳадафу мақсадҳои наҷиби онҳо ман бе ҳеҷ як дудилагӣ ба ҳалқаи онҳо пайвастам ва инак, аз соли 1975 то ин дам узви ҲНИТ ва Раёсати Олии он мебошам ва  сӣ  сол боз дар сафи он фаъолият дорам.

- Қадамҳои нахустини Шумо дар роҳи фаъолияти ҳаракати ислоҳотхоҳии исломӣ аз чӣ иборат буданд?

- Нахустин қадамҳои мо аз таълиму тарбияи насли наврас иборат буд. Зеро мо хуб медонистем, ки танҳо ба воситаи таълиму тарбия мардумро босавод, ақлу ҳушашро бедор ва боимону озодихоҳ намудан мумкин аст. Мо барои ин барномаи махсус таҳия кардем ва аз рӯи он дар маҳалҳо ба таълиму тадрис машғул шудем. Дуюм иқдоми мо бурдани корҳои тарғиботӣ барои ислоҳи расму ойинҳои мардуми мусалмон, аз ҷумла маросими тӯйи ақди никоҳ, додани маҳр, хатнасур, ҷаноза, садақаву хайрот ва ғайра буд. Зеро ин маросимҳо барои мардуми мусалмони мо хеле миёншикан гардида буданд ва қисме аз урфу одатҳо ба дини мубини Ислом робитае надоштанд ва моҳияти ҳар як маросимро аз нигоҳи шаръӣ ба одамон мефаҳмонидем. Вале мутаассифона, иқдоми дуюми мо дар байни рӯҳониёни муҳофизакор ё ба ибораи дигар гӯем, рӯҳониёни қадим вокуниши сахт манфӣ ба  бор овард ва онҳо бар зидди иқдомоти мо  бархостанд.
Дар ин ҷо саволе ба миён меояд, ки чаро ин хел шуд? Ба андешаи ман барои он ки ислоҳи тӯйю маъракаҳои пурдабдаба ва серхарҷ, манбаи даромади чунин муллоҳоро кам месохт, бинобар ин онҳо ба ин иқдом сахт мухолифат нишон доданд. Бо вуҷуди ин кашмакашиҳо гуфтан мумкин аст, ки ҷунбиши ислоҳотхоҳии исломии мо як дигаргуние, як озодандешие, як инқилобе дар афкори мардуми мусалмон ба вуҷуд овард, ки ин падидаи хеле муҳиме дар ҷомеъаи кишварамон ба шумор мерафт.

- Оқои Мавлавӣ, Шумо ки намояндаи мардуми Ғозималик ҳастед, мехостам бифаҳмам, ки дар солҳои ҳафтодуму ҳаштодум ба ғайр аз Шумо дар ҷунбиши исломии Тоҷикистон аз намояндагони ин минтақа боз киҳо ширкат варзиданд?

- Хеле мутташаккирам, ки Шумо ин саволро аз банда пурсон шудед. Вале маъзарат мехоҳам, ман ин ҷо худро ба ҳайси як ғозималикӣ муаррифӣ намекунам ва ман худро узви ҲНИТ, ки ҷунбиши сиёсии исломӣ мебошад ва новабаста аз нажоду маҳал, қавму миллат намояндагони мардуми мусалмони Тоҷикистонро муттаҳид гардонида аст, мешуморам.

- Дуруст мегӯед, вале барои навиштани таърихи воқеъии ҲНИТ ин гуна маълумот зарур аст, ки ин ҳаракати сиёсии исломӣ дар он давраҳо дар кадом маҳалҳо, дар байни кадом табақаву гурӯҳи ҷомеъаи кишварамон чӣ қадар нуфузу ҷонибдор дошт. Барои равшан кардани ин масъала ба Шумо чунин савол додам.

- Ман аз рӯи принсип нахостам ба саволи Шумо ҷавоб диҳам. Фақат мухтасар ҳаминро гуфтанӣ ҳастам, ки ҲНИТ аз солҳои аввали таъсисёбии худ дар диёри Ғозималик  ҷонибдорони зиёде дошт ва алҳамдулиллоҳ, имрӯз ҳам дорад. Бояд қайд кунам, ки дар қатори дигар шаҳидони роҳи Ҳақ, садҳо нафари  онҳо ҷони худро нисор намудаанд. Танҳо ман як нуктаро мехоҳам таъкид созам, ки камина ҳамеша дар зиндагӣ ва фаъолияти ҳизбиям ҳамеша зидди қавмгароӣ, маҳалгароӣ ва миллатгароӣ будам ва ҳастам. Зеро ба қавли аллома Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ:

> На афғонему не туркему таторем,
> Чаманзодему аз як шохсорем.
> Тамизи рангу бӯ бар мо ҳаром аст,
> Ки мо парвардаи як навбаҳорем.

Дини мубини Ислом моро таълим медиҳад, ки чунин шахсият бошем. Агар ҳамин тавр намебуд, Паёмбари бузурги Ислом (с) дар сари як дастархон бо ғуломи озодшудаи ҳабашӣ Билол (р) наменишаст ва ба ӯ ба унвони «бародар» хитоб намекард. Дини Ислом ойинест, ки фарқ байни сиёҳпӯсту сафедпӯст, бою камбағал, арабу аҷам, тоҷику ӯзбак намегузорад. Шукри Худованд мо, аъзо ва фаъолони ҷунбиши исломӣ аз рӯзҳои аввали таъсиси ин ҳаракат фарқ дар байни миллату маҳал намегузоштем ва ин анъанаи нек то ба имрӯз идома дорад ва мо ба ҳамдигар ба унвони бародар мурожиат мекунем. Шиъори мо аз рӯзи аввал то ба ин дам ҳамин аст: «Иннамал мӯъминуна ихватун», яъне тамоми мӯъминон бародаранд. Аз ҳамин нуқтаи назар қавму маҳалгароӣ, миллатгароӣ ва дигар хислатҳои нописанд дар афкори мо ҷой дошта наметавонад.

- Шумо таълимоти исломиро дар куҷо ва дар назди киҳо омӯхтед? Устодони Шумо киҳоянд?

- Ташаккур, хеле саволи ба ҷо додед. Чунки дар урфият мегӯянд:

Ҳеҷ кас аз пеши худ чизе нашуд,
Ҳеҷ оҳан ханҷари тезе нашуд.

Дар ҳақиқат барои он ки мо соҳиби хату савод шавем, устодони мо басо заҳмат кашидаанд ва таълим додаанд. Чуноне ки дар боло қайд кардам, ман саводи ибтидоии диниро дар назди падару модари бузургворам гирифтаам. Баъд дар пеши марҳум Махдуми Қамариддини Қаротегинӣ, ки солҳои фишору тазъиқ ба мулки мо омада, дар деҳаамон рахти иқомат андохта буд, таҳсили илмро идома додам.

- Сипас улуми динии худро дар пеши киҳо такмил додед?

- Баъди аз дунё реҳлат кардани Махдуми Қамариддин, дар назди Махдуми Абдуҳамид, марҳум мулло Сафаралии Қӯрғонтеппагӣ, шодравон Махдуми Убайдуллоҳ, сипас дар пеши марҳум Қорӣ Муҳаммадҷони Хуқандӣ ва билохира дар назди устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ улуми худро такмил додам. Метавонам бигӯям, ки бо афкори ислоҳотхоҳии исломӣ нахуст бо шарофати устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ ба таври пурра ошноӣ пайдо кардам. Бинобар ин бо дилпурӣ ва қатъият гуфта метавонам, ки Сайид Абдуллоҳи Нурӣ дар ду ришта: дар улуми динӣ ва дар бедории афкори сиёсии исломӣ ба камина ҳақи устодӣ доранд.

- Яъне Шумо аз соли 1975 узви ҲНИТ гардидед ва то ба имрӯз бо устод Сайд Абдуллоҳи Нурӣ қадам мезанед. Ҳамин тавр не?

- Бале, аз ҳамон солҳо С. А. Нурӣ на танҳо устод, мураббӣ ва раҳбари азизи ман аст, балки дӯстию рафоқати хоссае ҳам доштем ва алҳамдулиллоҳ, имрӯз ҳам дорем. Дар ин миён чандин воқеъаҳои душворе, бахусус дар замони ҳиҷрат рӯй дода буданд, каминаро натавонистанд аз устод С. А. Нурӣ ҷудо кунанд. Ман ифтихор дорам, ки дар хеле лаҳзаҳои душвор дар паҳлӯяш қарор доштам ва ҳоло ҳам ҳам қарор дорам.

- То давраи ҳиҷрат Шумо дар мақомоти баландпояи ҲНИТ дар тамоми чорабиниҳои ҳизб, аз ҷумла гузаронидани конфронси таъсисии шӯъбаи тоҷикистонии ҲНИ Иттиҳоди Шӯравӣ дар деҳаи Чортути ноҳияи Ленин, дар Анҷумани таъсисии ҲНИТ дар шаҳри Душанбе ширкат доштед?

- Бале, дар тамоми чорабиниҳои муҳим чун узви Раёсати Олии ҲНИТ аз ҷониби роҳбарияти ҳизб чӣ супориши мушаххасе ба ман дода мешуд, барои иҷрои саривақтии онҳо кӯшиш ба харҷ медодам. Бояд бигӯям, ки дар кумитаи тадорукотии конфронси таъсисӣ дар деҳаи Чортути ноҳияи Ленин ҷонишини раиси ҳамин кумита ва узви кумитаи тадорукоти Анҷумани нахустини ҲНИТ дар шаҳри Душанбе будам.

- Дар давраи ҳиҷрат чӣ вазифаро ба дӯш доштед?

- Дар ҳиҷрат дар ҳайати олии Ҳаракати Наҳзати Исломии Тоҷикистон, сипас ИНОТ вазифаҳои мухталиф ва масъулро бар ӯҳда доштам. Бояд бигӯям, ки дар давраи музокироти сулҳи байни тоҷикон зимни сафарҳои устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ - раҳбари ИНОТ, муддати 9 моҳ вазифаи қоиммақомии ишонро дар шаҳри Толиқони вилояти Тахори Давлати Исломии Афғонистон ба ҷо овардаам.

- Баъди бозгашт дар кадом соҳа фаъолият пеш бурдед?

- Баъди ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон дар ҳайати баландпояи собиқ ИНОТ ба Ватани азизам баргаштам ва чун раиси гурӯҳи кории

зеркомиссияи муҳоҷирини КОМ то қатъи фаъолияти комиссияи мазкур ифои вазифа намудам. Сипас бозгаштам ба кори ҳизбӣ ва то ба имрӯз чун узви Раёсати Олии ҲНИТ дар қатори дигар бародарону хоҳарон дар пешбурди корҳои сиёсию ташкилии ҳизб ба қадри тавоноӣ саҳми худро гузошта истодаам.

- Бубахшед, сахттарин лаҳзаи ҳаёти Шумо кадом аст?

- Вақте ки охири соли 1992 ба қаламрави Афғонистон ҳиҷрат намудам, дар он ҷо хабари мудҳише расид, ки 23 нафар бародарон, амаку тағоҳоям, хешу табори наздикам, ки ҳеҷ иртиботе ба маъракаҳои сиёсӣ надоштанд, ваҳшиёна кушта, сӯзонда шуданд. Ман аз шунидани ин хабари мудҳиш моту маҳбут гардидам. Агарчанде оҳу нолаву фарёд намекардам, як ҳафта беихтиёр оби чашмам мерехт. То дараҷае ин мусибати сахт таъсирам кард, ки дар ду-се рӯз бар асари ин фоҷеъа сару рӯям сафед шуд. Ин сафедии мӯи сар ва ришамро, ки ҳозир мебинед, нишонае аз ҳамон давраи душвори ҳаёти ман аст.

Бояд бигӯям, ки дар давраи ҷанги таҳмилии дохилӣ аз бародарони насабиям ду нафар: Абдуллоҳ ва Усмоналиро аз даст додам. Боз 23 нафар хешу табори наздикамро дар деҳаи Шӯри ноҳияи Ленин ба таври дастаҷамъӣ қатл карда, ба шаҳодат расониданд. Умуман, дар ин давра беш аз 100 нафар хешу табори наздику дурам талаф ёфтанд, ки бароям сахт таассуфангез ва хеле вазнин аст.

- Беҳтарин лаҳзаи ҳаёти Шумо?

- Барои ман чун дигар сокинони ҷумҳуриямон беҳтарин лаҳзаи ҳаётам рӯзи имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон аз ҷониби роҳбари ИНОТ устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ ва Президенти ҶТ Э. Ш. Раҳмонов мебошад. Шукри Худованд, баъди амалӣ гардидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ва файзи истиқлолияти кишварамон ҳамватанони худро мебинам, ки бе тарсу ҳарос ба масҷидҳову мадрасаҳо меравард, маросимҳои динии худро бемамониат ба ҷо меоранд, бо чашмони худ мебинам, ки орзӯҳои камина дар бобати озодии ақида ва виҷдон дар ҷомеъаи кишварамон ҷомаи амал пӯшида истодааст.

- Ҳангоми фароғат ба чӣ корҳо машғул мешавед?

- Бештар китоб мехонам,чӣ адабиёти динӣ ва чӣ бадеиро.

- Аз шоирони форсу тоҷик киҳоро меписандед?

- Аз ҳама бештар осори Ҷалолиддини Румӣ, Шайх Саъдӣ, Хоҷа Ҳофиз, Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ ва Муҳаммад Иқболи Лоҳуриро.

- Мусиқиро дӯст медоред?

- Не, тамоман рағбат надорам. Баръакс дидани видеофилмҳо дар мавзӯъҳои таърихӣ, дини мубини Ислом ва ахлоқу одоби ҳамидаи инсониро дӯст медорам.

- Чанд сухан дар бораи ҳаёти оилавиатон мегуфтед?

- Соли 1961 хонадор шуда будам. Худораҳматии оилаам зани хубу мусалмон буд ва ҳурмату эҳтироми маро ба ҷо меовард. Аз ӯ панҷ фарзанд дорам. Баъди аз дунё гузаштанаш дубора хонадор шудам ва ҳоло аз ин завҷаам ду фарзанд дорам. Баъзе фарзандонам соҳиби хонаву даранд ва бархе ҳоло хурдсоланд. Шукри Худованд, ҳамаашон таълими исломӣ гирифтаанд, ки ин боиси сарфарозии ман аст.

## Хушбахтам, ки ба ҳалқаи ҲНИТ пайвастам

Мусоҳиба бо узви раёсати Олии ҲНИТ Мавлавӣ Абдулҳайи Искандар

-Оқои Мавлавӣ, Шумо ки дар гузашта дар сафи рӯҳониёни қадим ё ба истилоҳ муҳофизакор қарор доштед, чӣ шуд, ки ҷонибдор ва узви ҲНИТ гардидед ?

-Бисмиллоҳи-р-раҳмони-р-раҳим.
Аммо баъд, дар ҳақиқат камина  то соли 1992, то давраи ҷанги шаҳрвандӣ дар сафи мухолифини ҲНИТ қарор доштам, ақоиди онҳоро намепазируфтам. Чунки ноогаҳона  ба сарварони ин ҷунбиши исломӣ таъассуб нишон медодам, хусусан ба устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ. Ин воқеъиятро гуфтан лозим аст ва камина ин суханонро возеҳу равшан ҳамеша мегӯям ва ба ин иқрор ҳастам. Ин гуна таъассуб аз ҷиҳати ноогаҳии ман буд, ки мутаассифона, аз ҷониби ман чандин солҳо зоҳир мешуд. Ҳатто ба дараҷае, ки  ҳангоми сахт бемор будани устоди шодравонамон Мавлавӣ Муҳаммадҷони Ҳиндустонӣ устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ ба аёдаташон омада буданд, зеро он кас ба  вай ҳаққи устодӣ доштанд, ман аз рӯи таъассуб  нагузоштам, ки ишон назди он ҳазрат дароянд.
-          Воқеъан, Шумо Мавлавӣ Муҳаммадҷони Хуқандӣ ё  Ҳиндустониро ёдовар шудед. Баъзе шарқшиносон, аз ҷумла олими  ӯзбек, профессор  Бахтиёр Бобоҷонов дар пажӯҳиши худ таҳти унвони «Мавлавӣ Муҳаммадҷони Ҳиндустонӣ ва оғози ҷудоӣ дар байни мусалмонони Осиёи Миёна» менависад, ки гӯё он кас сарвари рӯҳониёни мутаъассиби муҳофизакор будаанд, ки ба ҷунбишҳои  навхези ислоҳотхоҳи исломӣ, аз ҷумла ҲНИТ сахт мухолифат доштанд. Шумо, ки яке аз шогирдони пешқадам  ва шахси наздики шодравон  будед, оё ин нуқтаи назарро дуруст мешуморед? Агар ҳамин тавр бошад, таъассуби Шумо  нисбати ҲНИТ аз таълиму тарбияи устодатон сарчашма намегирифт?
-          Не, ман ин ақидаро ҳаргиз ҷонибдорӣ намекунам.Чунки ҳазрати Мавлавӣ Муҳаммадҷони Хуқандӣ на танҳо яке аз донишмандони бузурги исломӣ дар Осиёи Миёна ба шумор мерафтанду дар Бухорову Афғонистону Ҳиндустон ва Арабистони Саъудӣ таҳсили улуми исломӣ карда буданд, балки олими пешқадами замонавӣ низ буданд. Аз сиёсати ҷаҳонӣ ба хубӣ огоҳӣ доштанд ва дар Тоҷикистон илмҳоеро таълим медоданд, ки уламои анъанавии Мавароуннаҳр аз онҳо бебаҳра буданд. Азбаски забони арабӣ ҳиндӣ, форсӣ, туркӣ, англисиву русиро хуб медонистанд, ба шогирдонашон илму фаннеро меомӯзонданд, ки боиси бедории афкори динии онҳо мегардид.Ба ибораи дигар ҳазрати Мавлавӣ азбаски дунёдида буданд, дар сӯҳбатҳову дарсҳояш нақлҳои аҷибу пурмазмун мекарданд, дар бораи шахсиятҳои маъруфи Афғонистон, Ҳиндустону Покистон, мамолики Араб маълумот медоданд, афкори пешқадами онҳоро шарҳу тавзеҳ мекарданд ва ба ин васила чашми толибилмонро фарох мекушоданд, ҷаҳонбинии шогирдонашонро васеъ месохтанд. Аз ҷумлаи чунин шогирдони пешқадаму тараққихоҳи  Осиёи Миёна, ки таълими ҳазрати Мавлавиро гирифтаанд, устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ, шодравон аллома Раҳматуллоҳи Андиҷонӣ буданд, ки дар бунёдгузории ҷунбишҳои нави ислоҳотхоҳии исломӣ ва миллии ин минтақа саҳми арзанда гузоштанд. Аз ҳамин ҷо буд, ки  ҳазрати Мавлавии Ҳиндустонӣ бо сарвари рӯҳониёни муҳофизакор - марҳум Қозӣ Абдурашид, ки дар мадрасаҳои Мовароуннаҳр таълими анъанавӣ гирифтаву ва қозикалони ҷумҳурии Тоҷикистон буд, мухолифат доштанд. Марҳум Қозӣ Абдурашид ҳазрати Мавлавиро поягузори афкори ҷунбишҳои ислоҳотхоҳии исломӣ медонистанд ва ба  ӯ  рӯи  хуш намедоданд. Дар бисёр давраҳо он кас мегуфтанд, ки устоду сарвари муллоҳои нав Мавлавӣ Муҳаммадҷони Ҳиндустонианд. Аз ин ҷо  хулосаи мантиқӣ  баровардан мумкин аст, ки он нуқтаи назаре ки гӯё Мавлавии Ҳиндустонӣ раҳбари рӯҳониёни муҳофизакору мутаъассиб буданду ба  ҷунбишҳои ислоҳотхоҳии исломӣ сахт мухолифат меварзиданд, асоси воқеъӣ надорад.
Аз тарафи дигар чуноне, ки гуфтам, ҳазрати Мавлавӣ ба устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ, шаҳид Қорӣ Муҳаммадҷони Муҳиддин, эшони Қиёмиддини Ғозӣ, Мавлавӣ Муҳаммадалии Файзмуҳаммад, Мавлавӣ Қосими Раҳим, камина ва даҳҳо нафар фаъолону ҷонибдорони ҲНИТ ҳақи  устодӣ ва равобити хуб доштанд. Фақат он кас азбаски беш аз даҳ сол дар  зиндонҳои сталинӣ азобу уқубат кашида буданд, то андозае мулоҳизакор  буданд, бинобар ин аз тарси нерӯҳои амниятии Шӯравӣ кӯшиш мекарданд, ки дар мавзӯъҳои  сиёсӣ умуман гап назананд.Он кас ақида доштанд, ки ба арсаи муборизаи сиёсӣ баромадани ҷавонони мусалмон барои ҳифзи ҳуқуқҳояшон, мабодо боиси шадидан саркӯб шудани мардуми мусалмон, бахусус донишмандону олимони исломӣ нагардад. Аз ин рӯ таъкид мекарданд, ки ақидаи муллоҳои ҷавон росту дуруст аст, вале амалӣ гардидани онон бо тадриҷ ва ба оҳистагӣ бояд сурат гирад, то ки тамоми душманону мухолифони дини мубини Ислом ба якборагӣ ва дар якҷоягӣ ба мубориза барнахезанд. Ҳазрати Мавлавии Ҳиндустонӣ бо афкори

ислоҳотхоҳии исломӣ  аз рӯи  усули татбиқи онон ихтилоф доштанд, на аз нуқтаи назари ақидатӣ. Вале мутаассифона, дар охири солҳои ҳаштодум баъзе аз муллоҳои  кишварамон бо ҳазрати Мавлавӣ  мухолифат карданд ва як мактуби таҳқиромези беимзое  ба  унвони ӯ навиштанд ва ӯро муртад эълон намуданд.Устоди марҳуми мо баъди хондани номаи онҳо хеле озурдахотир шуда, як ҷавоби тезу тунде ба забони тоҷикӣ  навиштанд, вале афсус онҳо кори худро карданд. Бар асари он нома як дасту пои ҳазрати Мавлавӣ фалаҷ шуда, аз дунё гузаштанд. Бинобар ин дар ин масъала муҳаққиқон ҳар як фактро санҷида, бо эҳтиёт бояд қалам ронанд, то ки рӯҳи шодравон, устоди бузургвори мо озурда нагардад.

Сабаби таъассубу мухолифати ман ба  ҲНИТ бошад, танҳо муносибати шахсӣ ва огаҳ набудани ман аз ҳадафу мақсади ин созмони барӯманд буд. Аммо вақте охири соли 1992 бар асари ҷанги дохилӣ  дар ҳиҷрат бо устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ ва фаъолони ҲНИТ аз наздик ошноӣ пайдо кардам, фикру зикр, ҳадафу мақсади онҳоро фаҳмидам, дар лаҳзаҳои душвор дидам, ки чӣ гуна сарварон ва  аъзои ин ҳизб барои осудаҳолии муҳоҷирон, сарбаландона баргаштани онҳо ба Ватан дар  часпу талошанд, ҳадафҳои олии инсондустӣ ва сулҳпарварӣ доранд, хушбахтии мардуми Тоҷикистон ва ҷаҳонро мехоҳанд, ман низ бо амри дил ба ҳалқаи наҳзатиён пайвастам. Худро хушбахт мешуморам, ки имрӯз дар сафи  ҲНИТ, яке аз созмонҳои қавии сиёсии кишварамон дар паҳлӯи шахсияти варзидаву тавоно, устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ фаъолият пеш мебарам.

- Хуб, акнун мухтасаран дар бораи фаъолияти худ дар сафи ҲНИТ ҳангоми муҳоҷират нақл мекардед.

-Ҳангоме мо ҳиҷрат кардем, аввал дар мавзеъи Баҳораки  Бадахшони Афғонистон рахти иқомат андохтем. Аҳволи мардум дар ин қароргоҳ  хеле вазнин буд. Мардум фақат бо сару либоси танашон ҳиҷрат карда буданд. Аз лиҳози хурду хӯрок ва пӯшоки гарм, пойафзол сахт танқисӣ мекашиданд. Бори аввал баъди ҳиҷрат бо устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ дар Баҳораки Бадахшон вохӯрдем. Баъди сӯҳбат устод гуфтанд, ки мо бояд руҳафтода нашавем ва ба ҳар роҳу васила бояд ғами халқамонро хӯрем ва кӯшиш кунем, то шароити зиндагонии онҳоро беҳтар кунем. Баъд ваколатномае навишта ба дастам доданд ва маро масъули муҳоҷирин дар қароргоҳи Баҳорак таъйин карданд. Пеш аз рафтан аз он ҷо аз  волии Баҳорак, қумандон Наҷмиддинхон хоҳиш карданд, ки ба мардуми тоҷик ба қадри имкон ёрӣ расонад. Худи устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ маро дилпур карданд, ки Худо хоҳад, дар рӯзҳои наздик ба мо кӯмак мерасонанд ва худашон ба сӯи шаҳри Толиқон равона шуданд. Чуноне ки гуфтам, аҳволи фирориён дар он давра бисёр бад буд. Волӣ Наҷмиддинхон ба ваъдааш вафо кард ва ба қадри имкон ёрӣ расонид. Баъд гуфт, ки шароити худи мо хело танг аст, хуб мешуд ки Шумо ба деҳаҳо рафта, мавъиза мекардед, то ки мардум кӯмак расонанд. Ман ҳам розӣ шудам ва ӯ ба ман хат дод, ки дар ҳақиқат ман масъули муҳоҷиринам ва ба ҳамроҳии як нафар аскари афғон ба деҳаҳо рафтам.

Хоҳ бовар кунед, хоҳ не, вақте ки ман дар масҷидҳо, ҷамъомадҳо суханронӣ мекардам, аҳволи мардуми муҳоҷири бесарпаноҳи тоҷикро шарҳ медодам, ҳама хурду калон гирён мешуданд. Баъд як шоле, ки афғонҳо онро пату мегӯянд, ба замин меандохтам, ба қудрати Худо, пул мерорид. Марду зани мусалмони афғон ба қадри қудрату тавоноӣ дороии худро оварда, хайру садақа мекард. Яке медидӣ, ки  овози бузу гӯсфанд баромад, чанд нафаре бузу гӯсфанд оварда садақа мекарданд. Яке овози мурғ баромад, медидӣ, ки кампираке бо чашми гирён дар зери остин мурғакеро овардааст. Дарҳол бузу гӯсфанд, мурғҳо ва дигар амволи овардаро нарх мекарданд, нафароне онҳоро мехариданд ва пули онҳоро оварда, дар шол меандохтанд. Дар охир пулҳои ҷамъшударо ҳисоб мекардем, дар  халтаҳо пур карда, даҳонашонро медӯхтем ва бо дасти ду-се нафар маъмури афғон ба қароргоҳи муҳоҷирин мефиристодем. Онҳо он маблағҳоро бурда, ба масъулоне, ки ман таъйин карда будам, мерасонданд ва аз ишон забонхат гирифта бармегаштанд ва ба ман оварда медоданд. Масъулони қароргоҳ бошанд, дарҳол бо он пул ба  деҳаҳо рафта ғаллаву равған ва дигар хӯрокворӣ ва чизҳои зарурӣ мехариданд. Ман бошам, маъмурияти худро давом  медодам ва паиҳам маблағ ҷамъ карда мефиристодам. Бори аввал 22 рӯз деҳа ба деҳа гашта, пул ва ҳезум фиристодам. Баъзе одамон барои ҳезум дарахт медоданд. Даррав он дарахтҳоро бурида, майда карда, дарза мебастему бо хару асп ба қароргоҳи муҳоҷирин мефиристодем. Дар Афғонистон ёфтани  ҳезум хеле

мушкил аст. Дар он ҷо ҳезумро бо кило мефурӯшанд. Бо вуҷуди ҳамин мардуми ҷавонмарду саховатпешаи афғон нисбати мо дилсӯзиву меҳрубонӣ нишон дода, кӯмаку ёрмандӣ мерасонданд.
Бори дувум ҳам 22 рӯз ба назди мардуми Афғонистон рафта, деҳа ба деҳа гаштам, мавъиза кардаму пулу моли зиёде ҷамъ оварда ба мардум фиристодам. Ин дафъа на фақат хӯрокворӣ, балки сару либос харида ба қароргоҳ оварда, муҳоҷиринро таъмин кардем.Алҳамдулиллоҳ, мардум осуда шуданд.
Як воқеъа ҳеҷ аз ёдам намеравад. Вақте ба деҳае, ки наздик ба дараи Панҷшер буд, рафтаму дар масҷиди он ҷо мавъиза кардам, пулу моли зиёде ҷамъ шуд. Қумондони ҳамин деҳа дид, ки дар тани ман либосҳои кӯҳнаву фарсуда, дар пойҳоям калӯшҳои дарида, пешам омада аз ҷайби худ як қабза пули афғониро бароварда гуфт, ки Мавлавӣ - соҳиб мебинам Шумо аз маблағи ҷамъовардаатон барои худ чизе сарф намекунед, ана ин пулҳоро аз ҳисоби шахсии ман гирифта, барои худ сару либоси мувофиқ бихаред. Ман гуфтам, ки чӣ хел мардуми бечораро монда барои худ либос мехарам. Охир, ин аз рӯи инсофи мусалмонӣ нест. Ҳаминро гуфтаму аламам карду сахт гиристам. Қумондон ва ҳамроҳонаш низ гирён шуданд. Баъд ҳамон қабзаи пулро оварда, дар болои маблағҳои хайрия монда фармуданд, ки даҳони халтаро дӯзанд ва маро бо иззату икром гусел карданд.
Шукри Худованд, баъди ду-се моҳ созмонҳои хайрияи байналмилалӣ аз аҳволи мо бохабар шуда, расида омаданд ва мардуми бечораи муҳоҷирро ҳаматарафа кӯмак карданд. Аҳволи мардуми мо рӯз то рӯз беҳтар мегардид. Сипас устод Сайид Абдулоҳи Нурӣ маро ба Толиқон даъват карданд. Худованд баракат диҳад устод Сайид Абдуллоҳи Нуриро, ки тамоми уламову муллоҳоро ҷамъ карда гуфтанд, ки Худованд ҳамин рӯзҳои вазнин ва санҷишҳои душворро ба сари мо овардааст, то ки моро имтиҳон кунад, ки мо чӣ гуна мусалмонем? Мо бояд ғами халқамонро хӯрем, нагузорем ки онҳо хору зор шаванд. Чунки дар рӯзи қиёмат мо барои ин мардум ҷавобгарем. Ояту ҳадис оварданд, ки мо ба манзалаи чӯпон ҳастем ва бояд нагузорем мардуми мусалмон несту нобуд шавад. Баъд мо дар атрофи устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ ҷамъ шудему сарриштаи корро ба даст гирифтем ва оқибат он рӯзҳои душворро бо сари баланд паси сар кардем.
Баъд маҷлис гузаронида маро раиси шӯъбаи таълиму тарбияи Ҳаракати Наҳзати Исломии Тоҷикистон таъйин карданд. Бо ҳидояти Худованд дар як муддати кӯтоҳ таълиму тарбияи насли наврасро ба низому тартиб даровардем, мактабу мадрасаҳо таъсис додем. Дар ин таълимгоҳҳо на танҳо илмҳои шаръи исломӣ, балки фанҳои дунявӣ низ, аз қабили ҳисобу ҳандасаву риёзиёт, физикаву химия, таърихуу адабиёт ва ғайра омӯзонда мешуд. Дар қатори донишмандони улуми исломӣ, муаллимони илмҳои дунявиро, ки муҳоҷир шуда буданд, ба таълим ҷалб намудем. Ба омӯзгорону толибилмон синфхонаҳо, мизу курсӣ, лавҳаву бӯр, дафтару китобҳои зарурриро фароҳам овардем. Умуман, кори таълиму тарбияро хело хуб ба роҳ мондем. Боре собиқ Раиси Ҷумҳури Афғонистон устод Бурҳониддин Раббонӣ ба вилояти Тахор омада, ба кори таълиму тарбияи наврасон аз наздик ошно шуда, ба фаъолияти мо баҳои баланд доданд.
Хайр, хулосаи калом , баъди музокироти тулонӣ ба роҳбарияти ҳар ду тараф муяссар шуд, ки Созишномаи умумии сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистонро имзо кунанд ва дар натиҷа мо бо сари баланд ба Ватани азизамон баргаштем. Ин тарафаш ба ҳамагон маълум аст.

-Шумо ба нақши устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ ва Эмомалӣ Шарипович Раҳмонов дар расидан ба сулҳу оштии миллӣ дар кишварамон чӣ гуна баҳо медиҳед?

-Аввалан, бояд бигӯем, ки ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон аз ҷониби душманони дохилӣ ва берунӣ ба роҳ андохта шуда буд. Дар ҳар ду сангар мусалмонон дар муқобили ҳамдигар меҷангиданд ва хуни ҳамдигарро мерехтанд. Агар кор ҳамин тавр рафтан мегирифт, кишвари мо пора пора мегардид ва чун давлат аз харитаи сиёсии ҷаҳон нест шуда мерафт. Инро роҳбарони ҳар ду ҷониб, бо ҳидояти Худованд пай бурданд ва роҳи сулҳу созишро пеш гирифтанд. Бадбахтӣ ин буд ки дар ҳар ду тараф мухолифони сулҳу амонӣ зиёд буданд ва кӯшиш мекарданд, ки созиш ва сулҳ ба даст наояд. Вале ин ду фарзанди фарзона ва сиёсатмадори дурандеши тоҷик устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ ва Э.Ш. Раҳмонов ба тамоми роҳу восита кӯшиш ба харҷ доданд, ки тамоми

монеъаҳоро аз сари роҳ дур карда, даст ба дасти ҳамдигар диҳанду сулҳу сафо оварданд. Онҳо ба ин байти пурҳикмати Ҳаким Фирдавӣ бо амри дил ва нияти холис амал кардаанд, ки чунин аст:

Чу аз оштӣ шодӣ ояд ба чанг,
Хирадманд ҳаргиз накӯшад ба ҷанг.

Албатта, дар оғоз ҳар кас ҳар чизе мегуфт, вале раванди зиндагӣ собит кард, ки роҳи пешгирифтаи ин ду шахси олиҳиммату бузург роҳи росту дуруст аст ва инак, соли шашум аст, ки мардуми Тоҷикистон аз баракати Созишномаи сулҳ ва оштии миллӣ нафаси осуда мекашанд. Қадри ин неъмати бузургро бояд донист ва ҳар як хурду калони кишварамон бояд кӯшиш ба харҷ диҳад, ки дар таҳкими дӯстиву бародарӣ, сулҳу сафо дар диёрамон саҳм гузорад

- Оқои Мавлавӣ, алҳол дар ҲНИТ чӣ вазифаро ба дӯш доред?

Камина узви раёсати Олии ҲНИТ мебошам ва ба риштаи илму маърифат сару кор дорам. Шукри Худованд, ба қадри тавоноӣ дар паҳлуи устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ, устод Муҳаммадшариф Ҳимматзода ва дигар бародарону хоҳарон, ки ҳамаашон як марому мақсади наҷиб доранд, фаъолият пеш мебарам.

- Шумо ҳангоми фароғат ба чӣ кор машғул мешавед ?

-Аз ҳама бештар мутолиаи китоби муқаддаси Қуръони маҷидро ва дуввум, хондани ҳадисҳои набавиро дӯст медорам. Баъдан ба мутолиаи ашъори Мирзо Бедил машғул мешавам, ки тафсиру шарҳи осори пурмазмуни ҳазрати Абулмаъониро аз устоди шодравонам Мавлавӣ Муҳаммадҷони Ҳиндустонӣ омӯхта будам ва ният дорам, ки дар оянда чун замонҳои пеш як маҳфили Бедилхонӣ ташкил намоям. Инчунин хондану лаззати маънавӣ бурдан аз осори гаронбаҳои Ҷалолиддини Румӣ, Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ, Саъдии Шерозӣ ва дигар бузургони порсигӯйро дӯст медорам.

- Дар охири сӯҳбат боз чӣ гуфтание дар дил доред?

- Бале, тамоми аъзо ва ҷонибдорони ҲНИТ-ро ба муносибати ҷашни сисолагии таъсиси он таҳнияту муборакбод гуфта, барояшон аз даргоҳи Худованди бузург саломатӣ, умри дароз ва бахту иқбол таманно дорам ва аз самими дил ба онҳо мегӯям:

Ҷуз ин дуъо нагӯямат, ки Рӯдакӣ гуфтаст:
«Ҳазор сол бизӣ, сад ҳазор сол бизӣ!»

Шодам, ки ҲНИТ дар манзили КАМИНА ба дунё омад

Сӯҳбат бо собиқадори ҳизб, раиси шӯъбаи ҲНИТ дар вилояти Хатлон Ҳоҷӣ Қаландари Садриддин

Зодаи деҳаи Яхаки ноҳияи Дарбанд. Соли 1951 дар оилаи деҳқон ба дунё омадааст. Дар зодгоҳаш улуми ибтидоии динӣ ва ҳамагонии дунявиро омӯхтааст. Соли 1970 баъди даргузашти падару модараш ба Вахшонзамин кӯчида, дар шаҳри Қӯрғонтеппа рахти иқомат андохт. Ӯ дар ин ҷо дар ҷамъияти матлуботи ноҳияи Коммунистӣ (ноҳияи Бохтар) ба ҳайси мудири мағоза ба кор даромада, сипас то соли 1992 сарварии корхонаи зарфсозии ҷамъияти Тоҷикматлуботро ба ӯҳда дошт. Соҳиби маълумоти олист, Донишгоҳи давлатии Тоҷикистонро дар риштаи молия ва қарз ба таври ғоибона хатм кардааст.
Яке аз асосгузорони ҲНИТ мебошад. Ҷаласаи нахустини муассисони созмони «Наҳзати Ҷавонони Исломии Тоҷикистон», яъне ҲНИТ 20-апрели соли 1973 дар манзили ӯ баргузор гардидааст. 30 сол боз дар сафи ҲНИТ дар риштаҳои мухталиф ва дар сатҳҳои гуногун фаъолият пеш мебарад. Дар соли 1990 ба зиёрати хонаи Худо мушарраф гардидааст.
Бар асари ҷанги дохилӣ аз моҳи ноябри соли 1992 то соли 1997 дар қаламрави Афғонистон дар ҳиҷрат умр ба сар бурдааст. Баъди имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ба Ватан баргашта, ба ҳайси коршиноси зеркомиссияи муҳоҷирини КОМ ифои вазифа намудааст. Аз соли 2000 то ба имрӯз раиси шӯъбаи ҲНИТ дар вилояти Хатлон мебошад.
Оиладор, соҳиби фарзандон аст.
***
- Акои Ҳоҷӣ, Шумо яке муассисони ҲНИТ ҳастед, Шуморо ба муносибати сисолагии таъсиси ҳизб табрик намуда, бароятон саломатӣ ва комёбиҳо таманно дорам.
- Ташаккур!
- Аз рӯи нақлҳои дигарон маълум мегардад, созмони аввалияи ҲНИТ бори нахуст дар хонаи Шумо бо ибтикори як зумра чавонони пешқадам, озодандеш ва ислохотхоҳи исломӣ таъсис ёфтааст. Шумо низ яке аз онҳо будед. Бигӯед, ки фикри таъсиси созмон чӣ гуна ба вуҷуд омад ва ин иқдомро Шумо чӣ гуна амалӣ кардед ?
- Ба номи Худованди бахошояндаи меҳрубон.Таъсиси созмони аввалияи ҲНИТ бисёр воқеъаи муҳим асту таърихи дуру дароз ва аҷиб дорад. Пеш аз он ки таърихи таъсиси ин чунбиши исломиро ба хотир биёварам, мехостам мухтасар дар бораи сайри таърихии афкори ислохотҳохӣ дар диёри Мавароуннаҳр, бахусус Бухорои Шарқӣ, ки имрӯз бо номи Тоҷикистон ёд мешавад, каме нақл кунам, ки решаи ин ҷунбиш аз кадом сарчашмаҳо об мехӯрад.
Ба ҳамагон маълум аст, ки болшевикон, яъне коммунистҳо бо чӣ роҳҳо ба қудрат расиданду на танҳо подшоҳи Русия – Николаи Дуюмро, балки амири охирини Бухоро – Олимхонро низ бо зӯрӣ, ба зарби тиру туфанг вожгун сохтанд ва як давлати импературии абарқудрат барпо намуданд, ки дар он на танҳо ҳизби коммунист яккатозу ҳукмрон буд, балки онҳо ғояҳои материалистии атеистӣ, яъне афкори бехудоиро дар сари мардуми бодиёнат, аз ҷумла мусалмонони диёри Моварооуннахр таҳмил мекарданд. Тамоми афкори дигарандешӣ, диниву мазҳабиро зиёновар донистa, тавассути ниҳодҳои қудратии худ саркӯб менамуданд ва ҳеҷ кас озодона сухан гуфта наметавонист.
Озодӣ чист? Ба андешаи ман озодӣ пеш аз ҳама бояд озодии ақида бошад. Мардуми мо, ки таърихи хело бостониву ғанӣ дошту дар хазинаи тамаддуни исломӣ саҳми бузурге гузошта буд, наметавонист фикру ақидаи худро баён кунад, дар иҷрои расму ойинҳои миллӣ ва мазҳабии худ озод бошад. Дар натиҷаи амалӣ кардани ин сиёсати зӯроварӣ ва нодуруст мардуми мо аз анъана, фарҳанг, арзишҳои миллӣ, диниву мазҳабии худ хело дур монда буданд. Солҳои шастум ва ҳафтодуми асри гузашта агарчанде террорҳои сталинӣ дигар набуд, як фазо ва шароити мусоидтаре фаро расида буд, бо вуҷуди ин дар он замон ҳоло ҳам сари мардум то андозае фишори сахт меоварданд. Бо вуҷуди ин ки дар даврони “сотсиализми мутараққӣ”, ки Брежнев пирӯзии онро

эълон дошта буд, дар ҷомеъа, бахусус ҷумҳурии Тоҷикистон як афкори озодандешӣ, ислоҳотхоҳӣ пайдо гардид. Зеро чуноне ки гуфтам, барои аҳли илму дини Ислом бисёр сахтиҳо ва мушкилиҳо вуҷуд доштанд. Сари мардуми мусалмон фишор меоварданд, онҳоро намегузоштанд, ки онҳо бо салоҳдиди худ расму ойинҳои динашонро ба ҷой оваранд. Масалан, ман медидам, ки ҳама мусалмон буданд, лекин маросимҳои диниро бе душворӣ гузаронидан мумкин набуд. Агар касе дар он маросимҳои динӣ иштирок мекарду соҳибмансаб мебуд, дарҳол дар атрофаш намояндагони амнияти давлатӣ тор метаниданду билохира ӯро аз вазифааш сабукдӯш мекарданд. Масалан, дар шаҳри Қӯрғонтеппа, ки он солҳо аҳолиаш беш аз сад ҳазор нафарро ташкил мекард, танҳо як масҷиди ҷомеъ вуҷуд дошт, ки дар он фақат мӯйсафедони собиқадори ҷангу меҳнат, маъюбон намоз мегузорониданду халос. Ҷавонони аз бисту панҷсола поёнро тамоман намегузоштанд, ки дар он масҷид намоз гузоранд. Касе аз ҷавонон ба масҷид меомад, дарҳол ҷои кор ё таълимгоҳи мехондагиашро рафта, хабар медоданду онҳоро муҳокима мекарданд, ба қавли мардуми тоҷик "аз сӯрохии сӯзан" мегузарониданд.

Ҳамаи ин шахсан барои ман бисёр лаҳзаҳои такондиҳанда буданд. Камина дар айёми ҷавонӣ ҳам ба масҷид, ба намози ҷумъа мерафтам, дарҳол кормандони КГБ аз қафои ман афтиданд, ки ин кас чикора асту аз куҷо омадааст. Ҳатто ба роҳбари корхонае, ки кор мекардам хабар расонидаанд, ки корманди ҷавони шумо шахси диндор асту ба масҷид мераваду пеши роҳашро гиред. Ҷиҳати дигаре, ки маро ба андеша водор мекард, он буд, ки мо бояд давлату ҳукумати мустақилу миллии худро бо қонунҳое, ки барои мардуми мусалмон арзандаву созанда бошанд, дошта бошем, дастнигари дигарон набошему тавонем асолати милливу мазҳабии худро дифоъ намоем. Дар бораи ҳамаи ин чизҳо ман бисёр фикр мекардам. Дар ин миён ман ба шунидани радиоҳои хориҷӣ даст задам. Ба ҳамагон маълум аст, ки он замон шунидани гуфторҳои радиои хориҷӣ ба забонҳои форсиву русӣ сахт мамнӯъ буд, касе ки ин корро мекард, зери таъқиби сахти КГБ қарор мегирифт. Вақте ки камина он радиоҳоро гӯш мекардам, ба андеша фурӯ мерафтам, ки чаро ҳамзабонони хориҷии мо, аз ҷумла дар Афғонистону Эрон давлатҳои мустақил доранду дину мазҳаб ва фарҳанги миллии худро озодона пеш мебаранд, вале кишвари мо мардуми мусалмони Тоҷикистон аз ин неъматҳо бебеҳраанд? Ҳамеша ин мисраъи шоири муборизи афғон: "Неъмате беҳтар зи истиқлол нест" –ро зери лаб замзама мекардам. Аз гӯш кардани барномаҳои радиоҳои хориҷӣ КГБ хабар ёфту маро мавриди бозпурсӣ ва истинтоқ қарор дод, вале ман наҳаросида, пинҳонӣ кори худро давом медодам. Ман ҳамеша фикр мекардам, ки оё бошанд ҷавононе ки дар ҳамин фикру андеша бошанд, ҳамроҳи онон як ҷамъият ё созмоне таъсис диҳем, якҷоя барои амалӣ гардидани умеду армонҳои диниву миллии худ мубориза барем.

- Шумо дар симои устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ ва дигар бародарон чунин ҷавонони озодандеш ва ислоҳотхоҳ пайдо кардед? Ҳамин тавр не?

- Бале, рост гуфтед, дар симои устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ, ки он вақт хело ҷавон буданд, чунин ашхоси равшанфикр ва озодихоҳро дарёфтам. Баъди нахустин сӯҳбату мулоқот, ман пай бурдам ва итминони комил ҳосил кардам, ки ин ҷавон ояндаи бузург дорад ва метавонад ҷунбиши ислоҳотхоҳ ва истиқлолталаби исломии моро сарварӣ кунад. Сипас тавассути он кас бо чандин нафар ҷавонони мубориз, донишманду фидокор ошно гардидем ва тарҳи дӯстӣ андохтем. Оҳиста–оҳиста дар сӯҳбату вохуриҳо ба хулосае омадем, ки як созмони ислоҳотхоҳи исломӣ ташкил намоем. Ин дар оғози соли 1973 буд. Вақте тасмим гирифтем, ки 20-уми апрел ҷаласаи таъсисиро доир намоем, як рӯз пеш барои эҳтиёт тамоми аҳли байтамро ба дигар ҷой бурдам. Ҳамон рӯз тамоми гурӯҳи ташаббускор дар манзили ман ҷамъ омада, маҷлис гузаронидем ва бо як овоз устод Сайид Абдуллоҳи Нуриро, ки он замон бо номи мулло Абдуллоҳ машҳур буданд, сарвари созмони "Наҳзати Ҷавонони Исломии Тоҷикистон" интихоб намудем. Рафта–рафта бо мурури замон созмони аввалияи мо бузургтар ва фарохтар шудан гирифт ва билохира он ба як ҳаракати сиёсии муқтадир бо номи ҲНИТ мубаддал гардид. Гӯё ҳамаи ин дирӯзакак дар пеши назарамон рӯй дода буд. Инак, аз рӯзи ташкилёбии ин ҳаракати сиёсии исломӣ сӣ сол пур мешавад ва мо ин санаи фархундаро таҷлил хоҳем кард. Ман хеле хушбахт ва шоду масрурам, ки хишти аввалини ин

созмони исломӣ дар манзили камина гузошта шуд ва ман низ дар қатори дигар бародарон, бахусус устоди гиромқадр Сайид Абдуллоҳи Нурӣ дар бунёди он саҳм гирифтам.
- Ба ғайр аз устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ  боз киҳо дар созмони "Наҳзати Ҷавонони Исломии Тоҷикистон" шомил буданд?
- Шодравон Қорӣ Муҳаммадҷони Муҳиддин, мулло Неъматуллоҳ, Одинабеки Абдусалом ва камина дар таъсиси ин созмони сиёсии исломӣ ширкат доштем  Баъди чанд сол мулло Муҳаммадрасули Салом, мулло Айёмиддин Сатторзода, мулло Амриддин  ва даҳҳо нафар бародарону хоҳарони дигар шомил шуданд ва дар пешрафти кору фаъолияти ин ҳаракати сиёсии исломӣ, яъне Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон, хидматҳои зиёде карданд. Бояд қайд кунам, як зумра бародарони наҳзатӣ дар ин роҳ ҷони худро фидо карда, ҷуръаи шаҳодат нӯшиданд. Илоҳо, ҷояшон фирдавси аъло  бошад!
- Шумо гуфта метавонед, ки замина ва омилҳои  пайдоиш ва густариши ақоиди ислоҳотхоҳи исломӣ дар кишварамон кадом аст?
- Ба андешаи ман заминаи ин ҷунбиш ва афкори ислоҳотхоҳии исломӣ дар кишварамон бо роҳҳои гуногун гузошта шудааст. Заминаи асосии ин ҳаракати исломӣ пеш аз ҳама афкори худҷӯши дохилии ҷомеъаи Тоҷикистон аст. Чунин афкор асрҳои аср дар шуури мардуми мусалмони мо вуҷуд дошт, бахусус ин афкор дар шакли ҷунбиши маорифпарварӣ дар диёри мо Мовароуннаҳр зуҳур кард, ки мутаассифона,  он дар арафаи Инқилоби Бухоро ва баъдтар аз ҷониби болшевикон чун ҳаракати иртиҷоӣ аз байн бурда шуд. Вале шукри Худованд, боз ашхосе ба мисли устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ пайдо гардиданд, ки ин афкорро аз сари нав зинда карданд, ба ибораи дигар ахгари зери хокистарро аз сари нав рӯшан сохтанд. Метавонам бо боварӣ ва қатъият бигӯям, ки устод Сайид  Абдулоҳи Нурӣ  эҳёгар ва бунёдгузори ҷунбиши ислоҳотхоҳии исломӣ дар охири асри бист на танҳо дар Тоҷикистон, балки  умуман дар диёри Мовароуннаҳр мебошад. Ин хидмати бузурги устод  Нурӣ аст, вале афсус муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ онро нодида мегиранд ва решаи ин афкор ва  ҳаракати сиёсии исломиро берун аз кишварамон меҷӯянд, ки  амали онҳо аз  рӯи инсоф ва ҳақиқати таърихӣ нест.
Дар густариши афкори ислоҳотхоҳии исломӣ дар солҳои баъдина адабиёти воридшуда аз кишварҳои ҳамзабони Афғонистон ва Эрон ба забони форсӣ таъсири муайян  дошт.  Толибилмони мо, ки ташнаи чунин китобҳо буданд, ба шавқу завқ онҳоро мутолиа мекарданд ва баҳра мебардоштанд, вале ин асархо талаботи моро қонеъ карда наметавонистанд. Зеро дар ин китобҳо ақоиди фирқаҳои мухталифи исломӣ баён гардида буд ва аксари мутлақи мардуми мо, ки ҳанафимазҳабанд, бинобар ин адабиёти хориҷии воридгардида пурра ба дарди мо намехӯрд. Бинобар ин аз ин китобҳо ҷиҳатҳои умумии афкори ислоҳотхоҳии исломиашонро қабул мекардему аз ҷанбаҳои ҷузъии  ба мазҳаби мо созгор набудаашон сарфи назар менамудем.
Роҳи дигар чуноне ки аз ҳаёти шахсии худ мисол овардам, гӯш кардани гуфторҳои радиоҳои хориҷӣ ба забони форсӣ буд. Тавассути ин барномаҳо мардуми мо, бахусус ҷавонон ба афкори пешқадам ва ислоҳотхоҳи исломӣ ошно мегардиданд, ҷаҳонбинӣ, фаҳмишу биниш васеъ мешуд, ба зиндагӣ, ба олам  ба чашми дигар менигаристанд ва дар пайи ислоҳи камбудиву нуқсонҳои ҷомеъа кӯшиш мекарданд.
Роҳи сеюми пайдоиши афкори ислоҳотхоҳии исломӣ ба назари ман таълиму тарбияи ҷавонон аз ҷониби устодони донишманд, варзида ва дорои афкору ақидаи пешқадам буд.
- Акаи Ҳоҷӣ, Шумо бигӯед, ки ҲНИТ дар вилояти Хатлон чӣ гуна мавқеъ дорад ва Шумо чӣ тавр фаъолият пеш мебаред?
- Ба ҳамагон маълум аст, ки як қисми муҳими вилояти Хатлон-Вахшонзамин минтақаи ҷангзада буд ва аксари муҳоҷирони иҷборӣ аз ҳамин водӣ буданд, ки ба қаламрави Афғонистон бар асари ҷанги шаҳрвандӣ ҳиҷрат карда буданд. Хушбахтона, дар натиҷаи музокироти сулҳи тоҷикон, 27 июни соли 1997 дар шаҳри Маскав Созишномаи умумии сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон аз ҷониби Президенти ҶТ Э. Ш. Раҳмонов ва собиқ роҳбари ИНОТ, алҳол раиси ҲНИТ устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ имзо гардид ва дар кишварамон марҳалаи нави бунёдкорӣ, сулҳу сафо фаро расид. Дар доираи амалӣ гардидани Созишномаи мазкур яке аз қисматҳои асосии он ба

Ватан баргардонидани муҳоҷирони иҷбории тоҷик ба шумор мерафт, ки чуноне гуфтам, аксари онҳоро сокинони Вахшонзамин ташкил медоданд. Дар ҳақиқат онҳо сиҳату саломат ба зодгоҳашон баргаштанд ва ба кору заҳмати бунёдкорона машғул гардиданд. Дар радифи дигар бародарон камина низ чун коршиноси зеркомиссияи муҳоҷирини КОМ ба қадри тавоноӣ дар ин самт саҳми худро гузоштам.
Қайд кардан лозим аст, ки соли  2000-ум  маро раиси шӯъбаи ҲНИТ дар вилояти Хатлон интихоб карданд, ки ба фикрам бесабаб набуд. Зеро ки камина фарзанди ин сарзамини бостонӣ ва зарнисорам ва хурду калони ин вилоятро ба хубӣ мешинохтам ва ба кулли мушкилоту камбудиҳо шиносоӣ доштам, бинобар ин вазифаи масъулиятнокро ба дӯши ман гузоштанд.Дар ҳақиқат вақте ба ҳайси раиси шӯъбаи ҲНИТ дар вилояти Хатлон ба фаъолият шурӯъ кардам, кор саҳлу осон набуд.Зеро чуноне ки гуфтам, Вахшонзамин маркази даргириҳои ҷанги шаҳрвандӣ  ва минтақаи Кӯлоб бошад, макони муқовимат ба нерӯҳои мухолифин ба ҳисоб мерафтанд ва мардуми ин сарзаминҳо тамоми маҳрумияту мушкилоти давраи ҷанги шаҳрвандиро бо чашми худ дида ва  дар тану ҷони худ санҷида буданд, бинобар ин  баъди бозгаштан  ба Ватан ба ободу барқарор кардани вайронаҳо машғул буданд ва ҳеҷ касро парвои ҳизбу ҳаракатҳои сиёсӣ ва маъракаҳои интихоботӣ набуд.
Аз тарафи дигар дар чунин шароити душвор, ки ҳоло гурӯҳои мухолиф ба ҳамдигар унс нагирифта буданд ва ба ҳамдигар бо кинаву адоват ва нобоварӣ менигаристанд, пеш бурдани фаъолияти ҲНИТ хеле душвору вазнин  буд. Вале мо пеш аз ҳама бо ҳукуматҳои шаҳру навоҳӣ, вилоят ва тамоми ҳизбу ҳаракатҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангии вилоят, намояндагиҳои созмонҳои байналмилалӣ, телевизион, радио ва матбуот робитаҳои хуб барқарор кардем. Аммо ин кор ба осонӣ ба даст наомад. Хусусан бисёр  роҳбарони шаҳру навоҳиии минтақаи Кӯлоб намехостанд ҳизби моро ба таври расмӣ бишиносанду эътироф кунанд. Лекин мо сабру таҳаммул ва созишу фаҳмондадиҳиро пеша намуда, бо онҳо дар тамос шудему талаб кардем, ки ҳукуматҳои маҳаллӣ  дар ин бобат ба қонуншиканӣ роҳ надиҳанд. Хушбахтона, тайи ду соли охир вазъият рӯ ба беҳбудӣ овард ва мо тавонистем, ки  дар аксар шаҳру навоҳии вилояти  Хатлон бахшҳои ҲНИТ-ро таъсис диҳем ва кору фаъолияти онҳоро ҷоннок намоем. Азбаски  ҲНИТ созмони сиёсист ва дар чаҳорчӯбаи  Қонуни Асосӣ ва қонунҳои ҷории кишварамон амал мекунад, солҳои охир шӯъбаҳои вилоятӣ ва  шаҳриву ноҳиявии ҳизби мо бештар ба корҳои сиёсиву оммавӣ машғуланд. Хусусан ба тарбияи кадрҳо ва омӯзиши сиёсии аъзои ҳизб аз пештара дида диққати ҷиддӣ дода мешавад.Ба ин мақсад масъулин тез-тез семинару дарсҳои омӯзиши сиёсӣ доир намуда, ба маъракаҳои сиёсӣ омодагии комил мебинанд.Аз Худованд умед дорем, ки дар оянда фаъолияти ҳизбамонро дар вилояти Хатлон пурзӯртар намоем, то ки мақом ва манзалати ин созмони сиёсӣ дар ҳаёти ҷомеъаи кишварамон боз ҳам баландтар гардад.
- Акаи Ҳоҷӣ, чанд  рӯз пеш конфронси сеюми шӯъбаи ҲНИТ дар вилояти Хатлон баргузор гардид. Мехостем дар бораи кори конфронс мухтасаран чанд сухан мегуфтед.
- Дар ҳақиқат  30 январи соли 2003-ум  дар шаҳри Қӯрғонтеппа конфронси сеюми шӯъбаи ҲНИТ дар вилояти Хатлон баргузор гардид. Дар кори он раиси ҲНИТ устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ, дабири кулли ҳизб  Сайидумар Ҳусайнӣ, намояндагони ҳукумати вилояти Хатлон, намояндаи САҲА дар вилоят Стоун Дмитров ва дигар намояндагони ҳизбу ҳаракатҳои сиёсӣ ширкат варзиданд.
Дар конфронс камина роҷеъ ба фаъолияти ҳизб тайи  се соли охир сухан гуфтам ва аз ҷумла қайд кардам, ки шӯъбаи вилоятии ҲНИТ бо доштани 22 бахш яке аз калонтарин шӯъбаҳои ҲНИТ маҳсуб мешавад. Дар ин муддат семинарҳои илмию фарҳангӣ дар мавзӯъҳои «Мавoди мухаддир-вабои аср», «Нақши Ислом дар тамаддуни ғарб», «Забони тоҷикӣ-забони давлатии ҷумҳурии Тоҷикистон» ва ғайра гузаронида шуданд. Ҳамзамон аъзои ҲНИТ дар вилояти Хатлон дар байни табақаҳои гуногуни мардум, бахусус ҷавонону духтарон корҳои зиёди оммавию сиёсиро роҷеъ ба марому ҳадафҳои ҲНИТ гузарониданд, ки дар натиҷа нафарони зиёде аъзои ҳизб шуданд. Намояндагони ҳизб ҳамчунин дар корҳои хайр, аз қабили кӯмак  ба маъюбон, бечорагон ва камбағлон саҳм гузоштанд. Аммо дар баромади  худ  бо таассуф изҳор кардам, ки намояндагони ҳукуматҳои

маҳаллии вилоят дар роҳи фаъолияти ҳизб монеъаҳои сунъӣ эҷод менамоянд, ки ин амал бар хилофи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ҳол он ки тибқи Сарқонун ва қонунҳои кишварамон ҳамаи ҳизбу ҳаракатҳои сиёсӣ ҳуқуқи баробар доранд ва ибрози умедворӣ намудам, ки ин нофаҳмиҳо дарояндаи наздик бартараф шуда, ҳамкории ҲНИТ ва ҳукуматҳои маҳаллии вилоят пурсамартар хоҳад шуд.

Баъдан дар конфронс раёсати нави шӯъбаи ҲНИТ дар вилояти Хатлон иборат аз 29 нафар интихоб гардид. Сипас ҷаласаи нахустини раёсати ҷадиди шӯъба баргузор шуд, ки дар он каминаро боз раиси шӯъбаи ҲНИТ дар вилояти Хатлон интихоб намуданд.

Қайд кардан даркор аст, ки раиси ҲНИТ устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ баромад карда, раёсати тозаинтихобро табрик намуд ва таъкид кард, ки онҳо бояд дарки бештари масъулиятро дошта бошанд. Ӯ аз ҷумла чунин изҳор кард: «Шукр Худоро, ки рӯзҳои хубе барои мо ато кардааст. Ба фазли илоҳӣ мо ба ваҳдат расидем ва тибқи фармони Худованд ва Сарқонуни кишварамон кору зиндагӣ дорем. Ин кишвари хурд хонаи ҳамаи мардуми мост ва мо бояд кӯшиш кунем, то хонаи худро обод намуда, онро аз газанди беруна ҳифз кунем, ки ин ҳама аз ваҳдату якпорчагӣ ба даст меояд. Бояд хуб дарк кард, ки ҲНИ созмони динӣ набуда, ҳизби сиёсии дорои хусусияти динӣ мебошад ва барои беҳтар намудани зисту зиндагонии мардум фаъолият пеш мебарад".

Раиси ҲНИТ дар робита ба фаъолияти ҳизб афзуд: «Мо ин солро соли ислоҳот эълон намудаем: ҳар як фард бояд аз ислоҳи қалб, хонаи хеш, ноҳия ва шаҳри худ оғоз намояд. Ман борҳо гуфта будам ва боз таъкид менамоям, ҳар касе ки салоҳият надорад ва аз ӯҳдаи кор ба пуррагӣ баромада наметавонад, бояд худ канор равад ва фикр мекунам, ки ин услуб бояд дар тамоми ҷумҳурӣ ҷорӣ шавад. Яъне онҳое, ки ба талаботи мардум ҷавобгӯ нестанд, бояд иваз шаванд.

Кишвари мо демократист ва дар он ҳизбҳои гуногун фаъолият доранд, мусаллам аст, ки ин аҳзоб дархосту пешниҳодҳои хешро ироа менамоянд ва бояд онҳоро таҳаммул кард. ҲНИТ омода аст бо ҳизбҳое, ки барои рушди иқтисод, беҳбуди зиндагии мардум, рафъи мушкилот ва баровардани аҳолӣ аз фақру бенавоӣ фаъолият менамоянд, ҳамкорӣ кунад. Аммо агар бубинем, ки он ҳизбҳо ба хатоиҳо роҳ дода истодаанд ва онҳо бар зарари миллату Ватан мебошанд, пас бояд намояндагони он аҳзобро огоҳ намоем ва бо далелҳои қотеъ хатоҳои онҳоро исбот кунем ва барои рафъи он иштибоҳот барномаҳои алтернативиро пешниҳод кунем».

Дар фарҷоми сухан устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ андешаҳои худро бо чунин суханон ҷамъбаст кард:: «Имрӯзҳо намояндагони ҳукумати Тоҷикистон мегӯянд, ки ҳаштод дар сади аҳолӣ дар ҳоли фақр ба сар мебаранд. Пас ҳар як узви ҷомеа ва аҳзоби кишвар, ки ба саҳнаи сиёсат гом мениҳанд, нисбати порахӯрӣ, фасодкорӣ, фишору зӯроварӣ бетафовут набуда, бояд мубориза баранд ва ман дар ҳоли ҳозир вазифаи аслии ҳизбро дар наҷот додани мардум аз фақри саросарӣ мебинам. Мо як шиор дорем: Ободии Тоҷикистон, озодии ақида ва виҷдон, сулҳу субот ва амнияти кишвар. Аммо бояд таъкид кард, ки ҳамаи ин ба сиёсат, иқтисод, фарҳанг, тарбияту мадориси давлатамон бастагӣ доранд ва расидан ба ин аҳдоф хеле мушкил аст".

Ҳамин тавр, конфронси сеюми шӯъбаи ҲНИТ дар вилояти Хатлон кори худро бомуваффақият анҷом дод. Аъзои ҳизби мо суханони барномавии устод Сайид Абдуллоҳи Нуриро сармашқи кори худ карда, кӯшишу ғайрат ба харҷ медиҳанд, ки корҳои сиёсию оммавӣ ва иҷтимоиву фарҳангиро боз ҳам хубтару беҳтар ба роҳ монанд ва мавқеъи ҳизбро дар ҷомеъа устувортар гардонанд.

- Шумо ҳангоми истироҳат ба чӣ кор машғул мешавед?

-Ман дилбаставу ошиқи шайдои китобам ва ҳамеша мутолиаи осори илмӣ, динӣ, фалсафӣ ва бадеӣ бароям беҳтарин фароғат ба шумор меравад.

- Аз рӯи шунидам, Шумо китобе ҳам навиштаед, агар махфӣ набошад, дар ин бора маълумот медодед?

- Бале, китобе навиштаам, ки он аз силсилаи ҳамон «Ҳаҷнома»-ҳост. Дар ёд дошта бошед, дар даврони Шӯравӣ нависандаи маъруфи тоҷик Фазлиддин Муҳаммадиев ба таври пинҳонӣ ба ҳаҷ рафта, баъди бозгашт китоберо бо номи «Дар он дунё» навишта буд. Агарчанде нависанда бо ҳаҷву киноя дар бораи зиёрати хонаи Худо ҳикоят мекард вале барои мо - мусалмонон, ки аз ҷаҳони берун бо панҷараи пулодин иҳота шуда будем,, як иттилооти наву тоза ва фараҳбахш ба ҳисоб

мерафт. Камина баъди хондани ин китоб дар дил орзӯ мепарваридам, ки ба зиёрати хонаи Худо мушарраф гардаму хотироти худро рӯи саҳфа биёрам, то ки хонандагон аз ҳақиқати дини мубини Ислом, аз ин рукни панҷгонаи шариати исломӣ, ба таври воқеъӣ ошноӣ пайдо кунанд. Шукри Худованд, орзӯи ман ҷомаи амал пӯшид ва камина дар қатори нахустин зоирин соли 1990 ба зиёрати хонаи Худо дар Маккаи мукаррама ва турбати мутаҳҳари Паёмбари Ислом (с) дар Мадинаи мунаввара рафтам ва хокбӯси он остон шудам ва аз ин сарфарозӣ дорам. Инак, баъди бозгашт чанд сол ба навиштани хотироти сафари ҳаҷ машғул будам ва алҳамдулиллоҳ онро ба итмом расонидам. Бояд бигӯям, ки дар чанд боби аввали ин китоб ба таври мухтасар доир ба таърихи диёри Бухоро ё худ Мовароуннаҳр, тамаддуни исломии мардуми ин марзу бум, ҷунбишҳои ислоҳотхоҳӣ, истиқлолталабӣ ва озодихоҳии исломӣ дар Осиёи Миёна, аз ҷумла дар Тоҷикистон, маълумот додаам.

- Дар бораи таърихи пайдоиш ва фаъолияти сисолаи ҲНИТ низ дар китобатон сухан меравад?

- Албатта, вале азбаски китоб «Ҳаҷнома» аст, бинобар ин хеле мухтасар дар бораи пайдоиши афкори пешқадаму нави исломӣ дар ҷомеъаи кишварамон ва таъсиси ҲНИТ маълумот додааму халос.

- Гуфта метавонед, ки кай китоби Шумо ба табъ мерасад?

- Китоб ҳуруфчинии компютерӣ ва тарроҳӣ гардидаасту пурра омодаи чоп аст. Худо хоҳад, ба наздикӣ ин китоб ба табъ расида, дастраси хонандагон мегардад.

- Саломат бошед!

Бароям шахсияти устод
Сайид Абдуллоҳи Нурӣ бо тамоми маънӣ идеал аст

Мусоҳиба бо узви Раёсати Олии ҲНИТ, собиқадори ҳизб
Мавлавӣ Абдуғаффори Бурҳонӣ

- Оқои Мавлавӣ, Шумо бигӯед, ки улуми ибтидоии диниро дар пеши кӣ омӯхтед ва бо аъзои созмони «Наҳзати Ҷавонони Исломии Тоҷикистон» кай ва дар куҷо ошно шудед?

- Ба номи Худованди бахшояндаи меҳрубон.

Банда таҳсили ибтидоии улуми диниро дар деҳае, ки мо зиндагӣ доштем, яъне деҳаи «Политотдел»-и ноҳияи Бохтар дар назди яке аз уламои донишманди ҳамин минтақа омӯхтам. Баъд «Девони ашъор»-и Абулмаъонӣ Бедили Деҳлавиро дар назди ҳазрати эшони Абдулҳай дарс гирифтаму шарҳи ашъори пурмаънои шоир ва муттафаккири бузурги тамаддуни исломии Ҳиндро аз он кас омӯхтам. Ин байти пурмаънои Бедил чун ёде аз ҳамон давра дар хотири ман нақш бастааст:

Ба меҳри модари гетӣ макаш ранҷи умед ин ҷо,
Ки хунҳо мехӯрад то шир мегардад сафед ин ҷо.

Устоди камина қиблагоҳи шодравон Эшони Сайидашраф буданд ва чун шахсияти бузурги мазҳабӣ, шахсияти вораставу шинохта, шайхи ботақвои тариқати Нақшбандия ба шумор мерафтанд, дониши хеле мукаммал, тавозӯъ, хоксорӣ, муомилаи неке доштанд, ки таваҷҷӯҳи ҳар як бинандаро беихтиёр ба худ мекашид. Камина ифтихор дорам, ки дар пеши чунин як донишманди бузург таҳсили илм кардаам. Пас аз итмоми мактаби миёна ба шаҳри Душанбе омадам, аз баъзе устодони улуми шаръӣ касби илм намудам, аз ҷумла дар ҳавзаи дарсии домулло Саидраҳмони Калонӣ таҳсили улуми динӣ доштам. Мо вақте дар Душанбе ба қавле муллобача будем, дар баъзе ҳалқаҳои дарсии устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ, ки худ дар Вахшонзамин истиқомат мекарданду дар пойтахт он ҳалқаҳоро ташкил карда буданд, ширкат меварзидем. Ногуфта намонад, ки дар ин

ҳалқаҳои дарсӣ устод Муҳаммадшариф Ҳимматзода низ ба сифати омӯзгор ширкат меварзиданд, зеро рафтуомади устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ ба пойтахт душвор буд, бинобар ин дар набудани он кас ба толибилмон таълим медоданд. Бояд гуфт, ки халқаҳои дарсӣ дар он давра дар пойтахти кишварамон хеле зиёд буданд, ки устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ имкони ширкат дар ҳамаи онҳо пайдо намекарданд.Ҳатто ман шоҳиди он ҳастам, ки он кас чунон хаста мешуданд, ки нишаста дарс гуфта наметавонистанд, агар менишастанд хоб болояшон ғалаба мекард, бинобар ин маҷбур буданд, ки қадам зада ба толибилмон дарс диҳанд. Азбаски баъзе улуми динӣ, аз ҷумла фиқҳу ҳадису дигар илмҳоро дар пеши устод Нурӣ хонда будем, бинобар ин дар ин ҳалқаҳои дарсӣ асарҳои сиёсӣ, таърихи дин, ақоид ва ғайраро таълим мегирифтем ва ба ин васила бо ҳаёту фаъолияти шахсиятҳои намоёни таърихӣ, пешвоёни сиёсиву мазҳабӣ, ҷунбишу ҳаракатҳои сиёсиву иҷтимоӣ дар кишварҳои Шарқ, назари муҳаққиқон ва соҳибназарони исломӣ роҷеъ ба масъалаҳо ошноӣ пайдо мекардем.

- Он асарҳоеро, ки Шумо омӯхтед, ном бурда метавонед?

- Албатта, китобҳои зиёде буданд, амсоли «Тавҳид», «Ал-мад вал ҷазр», мухтасари «Таърихи албидоя ван ниҳоя»-и Ибни Касир ва дигар осори донишмандони исломӣ буданд.

- Ин адабиёт аз куҷо ворид мегардид?

- Албатта, аз хориҷи кишвар ба забонҳои форсию арабӣ мо чунин адабиётро дастрас мекардем, мутаассифона, бо миқдори хеле кам.Бинобар ин маҷбур будем аз ин китобҳо нусхабардорӣ кунем ва ба толибилмон тақсим намоем. Вале дар он давра дастгоҳҳои нусхабардорӣ хеле камшумор буданд ва фишору назорат хеле пурзӯр буд, ки мо наметавонистем ба қадри зарурӣ ин асарҳоро зиёд намоем. Аз ин рӯ мо тавасссути дастгоҳҳои суратгирӣ ҳар саҳифаи китобҳоро аксбардорӣ мекардем ва дар шакли китоб мураттаб месохтем. Ин усул хеле душвору заҳматталаб ва серхарҷ буд ва ба талаботи мо ҷавоб намедод. Аксҳои бардошта сифатан хеле паст буданд ва аз ин рӯ имкони истифода дар муддати дуру дарозро ҳам надоштанд. Вақте ин варақаҳоро дар коғазҳои фотографӣ инъикос мекардем ва онҳоро бо ҳам медӯхтем, онҳо ба ҳамдигар мечаспиданд ва тез аз кор мебаромаданд.

- Чаро донишмандони маҳаллӣ худашон чунин асарҳоро таълиф намекарданд?

- Он замон донишмандони улуми динии диёрамон ба қавли мардум камтар ба коғазу қалам рӯ оварда буданд, бинобар ин чунин асарҳо ба забони тоҷикӣ хеле камёфт буданд ё тамоман вуҷуд надоштанд. Аз ин рӯ, мо рӯй меовардем ба китобҳои хориҷӣ ва онҳоро бо роҳи аксбардорӣ ҳам бошад, зиёд мекардем. Алҳамдулиллоҳ, алҳол чунин зарурат дар миён нест. Зеро акнун бисёр уламои мӯътабари исломии диёрамон ба навиштан ва чоп кардани асарҳояшон машғуланд, ки ин боиси хурсандӣ ва сарафрозии мост. Имрӯз донишмандон афкор, нуқтаи назари худро ва баҳсеро дар ин ё он масъала болои коғаз меоваранд, ки ин икдоми наҷиб барои тарбияи насли наврас, ки ояндаи миллати мусалмон мебошанд, таъсири хубе хоҳад расонд.

- Он ҳалқаҳои дарсие, ки Шумо ёдовар шудед, кадом солҳо фаъолият доштанд?

- Ба фикрам солҳои 1978-1979 буд. Чунин ҳалқаҳои дарсӣ аз тарафи ҲНИТ, ки он вакт бо номи созмони «Наҳзати Ҷавонони Исломии Тоҷикистон» маъруф буд, хеле зиёд ташкил мешуданд. Дар ин ҳалқаҳои дарсӣ толибилмони ҷавонро таълиму тарбия дода, дар шуури онҳо афкори пешқадами ислоҳотхоҳии исломӣ бедор карда мешуд. Яъне ин ҳалқаҳо ба созмонҳои ибтидоии ҷунбиши исломӣ табдил меёфтанд ва дар густариши ақидаҳои нави сиёсию иҷтимоӣ ва мазҳабӣ дар ҷомеъаи кишварамон заминаи мустаҳкам мегузоштанд. Қайд кардан мехоҳам, ки дар ин давра на танҳо устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ, балки Қорӣ Муҳаммадҷони Муҳиддини шаҳид (Худо ҷояшро ҷаннат кунад), дар такмили улуми динӣ, баланд бардоштани фаҳмиши сиёсии камина, бедор намудани тарзи тафаккури нав саҳми калон гузоштанд, ки ман худро аз ишон хеле сипосгузор медонам.

- Ҳамон солҳо, ки Шумо дар ҳалқаи дарсии устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ машғули омӯзиши улуми динӣ будед, аз вуҷуд доштану амал кардани созмони сиёсие бо номи «Наҳзати Ҷавонони Исломии Тоҷикистон» хабар доштед?

- Бояд бигӯям, ки дар ибтидо не. Мо фақат чун толибилм, чун шогирд дар ҳалқаҳои дарсии он кас иштирок мекардем, ки ҳар як ҳалқа аз панҷ нафар иборат буд. Баъдтар фаҳмидам, ки ин ҳалқаҳои сершумор аз рӯи барномаи махсуси тарҳрезишуда ташкил карда шудаанд. Дар ин ҳалқаҳо ба мо аз афкори нави ислоҳотхоҳӣ ва истиқлолталабии исломӣ таълим медоданд, моро барои ин роҳ омода ва тайёр мекарданд ва билохира чун шахсони санҷидашуда ва рӯшанфикр ба узвияти ин ҳаракати исломӣ мепазируфтанд.

- Ба таври расмӣ  Шумо кай ба сафи ҳаракати исломӣ ворид шудед?

- Соли 1979 ман огоҳӣ пайдо кардам, ки чунин ҷунбиши исломии сиёсӣ вуҷуд дорад ва ба таври расмӣ ман ба сафи он пайвастам. Дар он замон аз тарси нерӯҳои амниятӣ навиштани ариза барои қабул ба ҳизб, пур кардани пурсишномаву тарҷимаи ҳол ва билохира гирифтани шаҳодатномаи узвияти ҳизб вуҷуд надошт. Танҳо дар ҷаласаи мо чанд нафар номзадҳоро даъват карда, баъди тавсияи чанд нафар аъзои ҲНИТ моро якдилона ба аъзогии ҳизб қабул карданд.Сипас ба таври расмӣ ба камина супоришоти ҳизбӣ доданд ва ман ба фаъолият шурӯъ кардам.

- Аввалин супориши ҳизбиатонро ба хотир оварда метавонед?

- Бале, ташкил кардани ҳалқаҳои нави дарсӣ, зиёд кардани сафи толибилмон, робита бо рӯшанфикрону зиёиён, ташкил кардани гуфтугӯҳо, баҳсҳо, шабнишиниҳо, чорабиниҳо бо иштироки ҷавонон, бахусус донишҷӯёни мактабҳои олии шаҳри Душанбе, бурдани корҳои ташвиқотӣ ва таблиғотӣ дар байни ҷавонон, зиёд кардани нуфӯзи ҷунбиши сиёсии  исломӣ дар доираҳои илмии пажӯҳишгоҳҳо, мактабҳои олӣ ва миёнаи махсус ва ғайра ба ӯҳдаи ман гузошта шуда буд. Шукри Худованд, кӯшиш ба харҷ медодам, ки ба қадри донишу тавоноӣ дар ин самт корҳои мазкурро дурусту самарбахш ба роҳ монам.

- Ҳамроҳи Шумо дар ҳамон ҳалқаи дарсӣ боз киҳо буданд?

- Ҳамроҳи камина мулло Ҳақназар, домулло Забеҳуллоҳ ва чанд нафари дигар буданд, ки дар корҳои ташкилии ҳизб фаъолона ширкат меварзиданд.

- Сипас Шумо дар сатҳҳои гуногуни ҲНИТ чӣ вазифа ва масъулиятро то давраи ҳиҷрат ба дӯш доштед?

- Чуноне зикр кардам, то он даме, ки дар пойтахт будам, ба корҳои ташкиливу таълиму тарбия дар ҳалқаҳои дарсӣ ва дигар корҳои ташвиқотию тарғиботӣ байни ҷавонон, махсусан дар байни донишҷӯён шуғл меварзидам. Соли 1986 бо дастури роҳбарияти ҳизб аз шаҳри Душанбе ба зодгоҳам Вахшонзамин баргаштам ва як муддате раиси бахши ҲНИТ дар ноҳияи Бохтар будам. Бояд қайд кунам, ки ин ноҳия бо вуҷуди он ки он замон Коммунистӣ ном дошт, мардуми он дар ҷунбиши сиёсии исломӣ хеле фаъолона ширкат меварзиданд. Дар ин ноҳия сафи аъзо ва ҷонибдорони ҲНИТ хеле зиёд буд. Ҳамзамон камина масъулияти бахши матбуотии шӯъбаи вилоятии ҲНИТ-ро дар вилояти Қӯрғонтеппа бар ӯҳда доштам. То давраи ҳиҷрат дар ҳамин самтҳо ҳамроҳи дигар бародарону хоҳарон кору фаъолият кардам.

- Шумо кай ҳиҷрат кардед?

- Мо бо як гурӯҳ бародарон, ба шумули домулло Муҳаммадрасул, мулло Ҳақназар, мулло Абдулмуқадир дар Вахшонзамин ба фаъолияти ҳизбӣ машғул будем. Дар давраи даргириҳои ҷанги дохилӣ устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ ва дигар роҳбарони ҲНИТ дар Душанбе монданду робита байни мо ва онҳо қатъ гардид ва мо бо оммаи мардум маҷбуран ба қаламрави Афғонистон ҳиҷрат кардем. Дигар ҳамроҳи мардуми муҳоҷир будему чизе, ки аз дастамон меомад, ба  баъзеҳо насиҳату ба баъзеҳо маслиҳат, ба қадри тавоноӣ ба мардуми фирорӣ кӯмак мекардем.

- Ҳамон рӯзҳои ҳиҷрат, хусусан ҳангоми гузаштан аз дарёи Ому вазъ хеле вазнин буд. Ҳамин тавр не?

- Бале, рост гуфтед, касе он рӯзҳоро бо чашми сар дида буд, даҳшат фаро мегирифташ. Чаро ки охири моҳи декабри соли 1992 дар лаби дарёи Ому будем ва вазъи мардум хеле вазнину буғранҷ буд. Ба қавли мардум мурғони ҳаво ба ҳоли зору низори мардуми бечораи мо мегиристанд. Як қисми кӯдакону пиронсолон аз сардии ҳаво талаф ёфтанд. Маводи хӯрокворӣ намерасид. Мардум як муддат аз камии ғизо ва сару либос сахт азоб кашиданд. Даҳҳо нафар кӯдакону кӯҳансолон дар натиҷаи фишорҳои рӯҳию маънавӣ  ҷони худро аз даст доданд.

- Шумо, ки ҳоли зору низори мардумро медидед ва ҳеҷ коре карда наметавонистед, худро дар пеши онҳо ҳиҷолатзада ҳис мекардед. Ҳамин тавр не?
- Бале, камина худро назди мардуми бечора хиҷолатзада ва муқассир меҳисобидам. Мутаассифона, барои беҳтар кардани ҳолати вазнини онҳо ҳеҷ кори амалӣ аз дастам намеомад. Чун аз як тараф ман аз масъулони ҲНИТ будам, аз ҷониби дигар мардум гумон мекард, ки назар ба онҳо чизи бештареро медонаму ба онон кӯмак расонида метавонам. Агарчанде мо низ пулу моли зиёде надоштему дастамон кӯтоҳ буд, бо вуҷуди ин халқи бечора аз мо умедвории зиёд дошт. Хусусан ин умедворӣ дар он сӯи марз, дар хоки Афғонистон бараъло ҳис мешуд, зеро онҳо дигар ҷое надоштанд, ки додашонро бигӯянд ва додрасе ҳам надоштанд. Албатта, аввалу охир онҳо аз Худованди бузург умедворӣ доштанд, ки ба додашон мерасад, сипас аз роҳбарияти ҲНИТ бо сарварии устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ умед доштанд, ки корҳое анҷом медиҳанд, то онҳо ба Ватанашон бо сари баланд баргарданд.
Ҳоло ҳам ба ёдам ҳаст, ки мисли гӯшти ҳайвон чизи бемаззаву зиёновар дар дунё дигар чизе набошад. Чунки дар ҳамон давра мардум аз набудани ду чиз, яке намак ва дигаре нон сахт азоб мекашиданд. Гову мол фаровон буд, онҳоро забҳ мекарданд ва гӯшташонро дар дегҳо пур карда мепӯхтанд, вале азбаски намак набуд, гӯшт дар даҳон фачу бемазза метофт. Агар аз он гӯшт бештар мехӯрдед, исҳол, яъне дарунрав мешудед, агар намехӯрдед, аз гушнагӣ мемурдед. Ҳамин хел шуда будем, ки вақте гӯштро медидем, мӯи баданамон рост мешуд, яъне ба қавли мардум «аллергия» шуда будем. Ва ширинтарин нон ҳам ҳамон нонеро дидем, ки вақте аз дарёи Ому гузаштем, чархболҳои генерал Дӯстум барои мардуми мо оварданд. Афғонҳо онро нони «силу» мегӯянд, мисли булкаҳои дарозаки худамон, вале сип-сиёҳ аст. Дар дарунаш ҳар чиз дорад. Мо аз даруни он булкаҳо мех ҳам ёфтему сим ҳам, вале ба дараҷае дар назари мо ширин буд, ки гӯё ин хел нони серлаззатро дар умрамон нахӯрда будем. Чун чанд муддат маззаи нонро начашида будем, бинобар ин ба дараҷае дар назарамон он нон ширин метофт, ки то ба имрӯз маззаи он аз ҷону комам нарафтааст. Дар ин лаҳзаҳо беихтиёр пораи шеъри машҳури Ҷумъа Қувватро ба ёдам меовардам:

Нон бувад чун ҷони одам,
Қуввату дармони одам.
Зеби дастархони одам,
Мепарастам нони гандум,
Хушаҳову дони гандум...

- Дар ҳиҷрат Шумо чӣ вазифаҳои масъулро аз ҷониби ҲНИТ ба ӯҳда доштед?
- Вақте аз Омударё гузаштем, дигар барои ҳамаи мо роҳбарон тақрибан як масъулият буд, яъне ҷо ба ҷо кардани мардуми муҳоҷиру бечора, пайдо кардани хурду хӯрок, сару либос, халқи тоҷик азобу ранҷи зиёде накашаду сараш фишоре набиёранд, аз бебандубориҳое, ки дар оғоз дар он ҷо буду баъзеҳо мехостанд аз он сӯистифода кунанд, мардум ҳифз карда шаванд. Ҳамин масъулиятро мо ба дӯш доштем, то он вақте ки Ҳаракати Наҳзати Исломии Тоҷикистон таъсис ёфт ва ба фаъолият шурӯъ кард. Банда як муддат дар вилояти Қундуз будам ва масъулияти низомии минтақаи мазкурро бар ӯҳда доштам. Баъдан тибқи қарори Раёсати Шӯрои Ҷиҳодии Ҳаракати Наҳзати Исломии Тоҷикистон масъулияти ҷонишини бахши сиёсии Артишро ба дӯш доштам. Сипас як муддати дигар раиси кумитаи сиёсии Ҳаракати Наҳзати Исломии Тоҷикистон будам. Баъдан масъулияти таъмини амнияти муҳоҷиринро ба ӯҳда доштам.
- Шумо дар музокироти сулҳи тоҷикон мустақиман иштирок доштед?
- Фақат як бор ба сифати намояндаи хоси раҳбари ИНОТ устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ дар яке аз давраҳои музокироти сулҳи тоҷикон дар шаҳри Маскав ширкат доштам.
- Дар ин даври музокирот аз ду ҷониб ҳайатҳоро киҳо сарварӣ мекарданд?
- Дар ҳамон давраи музокирот аз ҷониби нерӯҳои мухолифин оқои Ҳоҷӣ Акбар Тӯраҷонзода, аз тарафи ҳукумати Тоҷикистон оқои Маҳмадсаид Убайдуллоев ба ҳайатҳо роҳбар буданд ва дар натиҷаи гуфтушуниди навбатӣ ба чанд тавофуқи муҳим низ расиданд.

- Шукри Худованд, Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ба имзо расид ва Шумо дар ҳайати баландпояи ИНОТ бо сари баланд ба Ватан баргаштед. Баъдан дар кишварамон чӣ вазифаҳоро ба дӯш доштед?

- Банда вақте аз ҳиҷрат баргаштам як муддат ба иҷрои корҳои шахсӣ ва хусусии устод С. А. Нурӣ банд будам. Дар КОМ камина ягон вазифаи расмиро ба ӯҳда надоштам, вале барои супоришҳо ва дастурҳои устод С. А. Нурӣ, ки гоҳҳо худашон низ шӯхиомез каминаро «вазири бепортфел» меномиданд, муваззаф будам, яъне ёвари ғайрирасмии ишон ҳисоб мешудам, то он даме ки ҲНИТ ба фаъолияти расмии худ шурӯъ кард ва маро дар Анҷуман узви Раёсати Олии ҳизб интихоб намуданд. Инак, сарварии бахши сохтори Раёсати Олии ҲНИТ-ро бар ӯҳда дорам.

- Шумо фаъолияти худро каме шарҳ медодед, ки бахши Шумо ба чӣ корҳо машғул аст?

- Фаъолияти бахши сохтори Раёсати Олии ҲНИТ тибқи низомномааш назорат аз болои татбиқи Ойинномаи ҲНИТ ва омода кардани дастурамалҳо барои ҳамаи бахшҳои ҳизб, инчунин қабули пешниҳодҳо барои даровардани тағйирот ба Ойинннома ва Барномаи ҳизб мебошад.

- Шумо дар ҳолатҳои дамгирӣ ва фароғат ба чӣ корҳо машғул мешавед?

- Бештар китоб мехонам, хусусан адабиёти бадеиро.

- Назмро дӯст медоред ё насрро?

- Камина аз овони хурдсолӣ ба шеър шавқу ҳавас дорам. Бовар кунед, вақте мешавад осори назмии ягон шоири бузургамонро мехонаму шоҳбайтеро пайдо мекунам, ба дараҷае ба ваҷд меоям, ки гӯё як китоби калонеро мутолиа карда бошам. Бештар аз ҳама осори Ҷалолиддини Румӣ ва аллома Иқболи Лоҳуриро дӯст медорам.

- Байти дӯстдоштаи Шумо?

- Байтҳои пурҳикмату пурмағзро бисёр дӯст медорам ва азёд ҳам медонам. Лекин ин ҷо мехоҳам як байти мутафаккири бузург Абдулқодири Бедилро, ки баёнгари ҳоли имрӯзаи мо аст, ёдовар шавам:

Эътибор аст, ки моро душмани мо мекунад,<br>
Санг агар мино нагардад, нест нуқсонаш зи санг.

- Кадом хислатҳои хуби инсонӣ бештар ба Шумо писанд аст?

- Ҳамаи хислатҳои ҳамидаи инсониро дӯст медорам, вале бештар тамкин ва бурдборӣ ба ман писанд аст.

- Аз хислатҳои баде, ки аз инсонҳо сар мезананд, аз ҳама бештар ба кадомаш нафрат доред?

- Аз хислатҳои зишт бухлро бад мебинам. Шахси бахил ва ҳосидро чашми дидан надорам.

- Кадом шахсият дар зиндагӣ барои Шумо идеал аст?

- Ба ростӣ, ки барои камина шахсияти устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ бо тамоми маънӣ идеал аст.

## Мазҳаби зиндадилон хоби парешонӣ нест...

### Муҳовара бо собиқадори ҲНИТ Давлат Усмон

Зодаи ноҳияи Қубодиён. Соли таваллудаш 1957. Дар оилаи деҳқон ба дунё омадааст. Соли 1974 баъд аз хатми мактаби миёна ба ноҳияи Ёвон омада, дар он ҷо то соли 1979 ба ҳайси коргари совхози рақами 3 кор кард. Аз соли 1979 то соли 1981 дар сафи Артиши Шӯравӣ хидмат намуд. Сипас дар базаи фурӯши маҳсулоти пахтагинии Душанбе то соли 1985 ба сифати мутахассиси соҳаи барқ ифои вазифа намуд. Соли 1984 ба шӯъбаи шабонаи факултаи ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон дохил шуда, ҳамзамон фаъолияти худро дар истеҳсолот идома дод. Соли 1986 дар базаи ҷумҳуриявии «Тоҷикселхозкомплект» ба сифати ҳуқуқшинос ба кор даромада, то соли 1989 ин вазифаро ба ӯҳда дошт. Соли 1990 факултаи ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистонро ба итмом расонид.

Аз соли 1990 то сентябри соли 1999 ба ҳайси муовини раиси ҲНИТ фаъолият дошт. Аз моҳи май то декабри соли 1992 дар Ҳукумати Мусолиҳаи Миллӣ вазифаи муовини Сарвазири ҶТ-ро ба ӯҳда дошт. Бар асари ҷанги шаҳрвандӣ аз моҳи декабри соли 1992 то моҳи ноябри соли 1996 дар хориҷи кишвар буд. Дар ин давра вазифаи муовини раиси ҲНИТ ва раиси Ситоди марказии нерӯҳои мусаллаҳи ИНОТ-ро ба ӯҳда дошт.
12 феврали соли 1998 бо пешниҳоди ИНОТ вазири иқтисод ва робитаҳои иқтисоди хориҷии ҶТ таъйин шуд ва дар ин вазифа то моҳи марти 2000 кор кард.
Соли 1999 дар Анҷумани ҲНИТ номзад ба мақоми Раиси Ҷумҳури Тоҷикистон пешниҳод гардид.
Соли 2002 Академияи хадамоти давлатии назди Президенти Федератсияи Русияро бо дипломи аъло хатм кард.
Оиладор, соҳиби панҷ фарзанд аст.
***

- Оқои Давлат, Шумо ки яке аз собиқадорон ва бунёдгузорони ҲНИТ мебошед ва солиёни зиёд дар мақомоти ҳизб фаъолият доштед, мехостем бигӯед, ки нахустин созмони сиёсии исломӣ дар куҷо ва кай таъсис ёфта аст?
- Ба номи Худованди бахшояндаи меҳрубон.
Дар давраи Шӯравӣ ҳангоме, ки ба сари қудрат Н. Хрушёв омад ва як навъ фазои мусоид ба вуҷуд омад, дар кишвари мо низ насими тозаи дигарандешӣ ё озодандешӣ вазидан гирифт. Дар натиҷа дар ҷомеъаи Тоҷикистон ҳам баъзе ҷунбишҳои ислоҳотхоҳии иҷтимоӣ ва фарҳангӣ пайдо гардиданд, дар кишварамон роҳбарони мазҳабӣ, ки пештар таҳти фишори сахт қарор доштанд, имконият пайдо карданд, ки ба тариқи ғайрирасмӣ ба таълиму тадриси улуми шаръи исломӣ пардозанд. Охири солҳои шастуми қарни гузашта як гурӯҳ ҷавонони таълимдида ба миён омаданд ва онҳо низ дар навбати худ насли ҷавонтарро таълиму тарбия мекарданд ва дар шуурии онҳо афкори тоза ва ислоҳотхоҳиро ба вуҷуд меоварданд.
Охири соли 1976 ман барои идомаи таҳсили улуми шаръӣ ба назди домулло Ҳикматуллоҳи Тоҷикободӣ, ки он вақт дар деҳаи Яккатути ноҳияи Куйбишев (алҳол ноҳияи Хоҷамастон) зиндагӣ мекарданд, рафтам. Ман аз ин сафари худ ду ҳадаф доштам: аввал такмили донишсонияи, тарғибу ташвиқ дар байни шогирдони домуллои мазкур, ки теъдодашон хеле зиёд буданд. Вақте ман ба домулло Ҳикматуллоҳ ба таври махфӣ розни худро гуфтам ва дар бораи мароми мақсадамон нақл кардам, он кас фикри каминаро дастгирӣ карданд. Домулло Ҳикматуллоҳ сершогирд буданд, як зумраи пешқадаму закиашонро ба камина муаррафӣ карданд, ки дар байни онҳо Зубайдуллоҳи Розиқ , ки имрӯз сардабирии ҳафтономаи «Наҷот»-ро ба ӯҳда дорад, эшони Бурҳониддин ва махсуми Абдулманнон, ки дар давраи ҷанги дохилӣ ба шаҳодат расид, буданд.
Аввали соли 1978 буд. Рӯзе мулло Ҳомидхоҷа, ки дар пеши домулло Ҳикматуллоҳ сабақ мегирифт, ҳангоми сӯҳбат баногоҳ сухане гуфт, ки аз доираи фаҳмиши онвақта берун буд. Шабона домулло Ҳикматуллоҳ маро танҳо ба наздаш хонд ва оҳиста гуфт, ки шумо бо Ҳомидхоҷа якҷо амал мекунед? Ман ҷавоби рад додам ва гуфтам, ки ман он касро мешиносам, вале аз фаъолияти ӯ бехабарам. Рӯзи дигар, вақте ки Ҳомидхоҷа ба назди устодамон домулло Ҳикматулло омад, ман бо ӯ ҳамсӯҳбат шудам ва пурсидам, ки Шумо ин гапҳоро аз куҷо мезанед? Он кас гуфтанд, ки агар Шумо вақт дошта бошед, ман Шуморо ба ҷое мебарам ва ҳамааш бароятон равшан мешавад. Ман розӣ шудам. Рӯзи ҷумъа Ҳомидхоҷа маро ба шаҳри Қӯрғонтеппа бурд, ба назди Ҳоҷӣ Қаландари Садриддин, ки ҳоло раиси шӯъбаи ҲНИТ дар вилояти Хатлон аст. Мо ибтидо рафтем ба як мағозае, ки дар он Ҳоҷӣ Қаландар ба ҳайси мудир кор мекард. Дар он ҷо ман бо Ҳоҷӣ Қаландар ва Мулло Неъматуллоҳ шинос шудам. Ҳангоми нисфирӯзӣ Ҳоҷӣ Қаландар моро ба хонааш даъват намуд ва мо ҳам ба манзили ишон рафтем. Дар меҳмонхонаи ӯ чой нӯшида, нишаста будем, ки як ҷавон омад ва он касро ба мо муъаррифӣ карданд, ки ин шахс мулло Абдуллоҳ мебошанд. Баъдан он кас бо номи устод Саид Абдуллоҳи Нурӣ шӯҳрат пайдо карданд.
Баъди шиносоӣ сӯҳбатамон авҷ гирифт ва мо сари масъалаҳои гуногуни сиёсиву динӣ баҳс кардем. Ин нахустин вохӯрии ман бо устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ буд. Он кас бо камоли хоксорӣ ва самимият моро ба манзилашон, ба совхози Туркманистони ноҳияи Вахш даъват карданд.Ман низ

даъвати ишонро пазируфта, ба  хонаашон меҳмон шудам. Се шабонарӯз дар он ҷо мондем ва сӯҳбат кардем.
- Шумо пас аз ин шиносоиҳо ба сафҳои ҳизб пайвастед ва чӣ вазифаро бар ӯҳда доштед?
- Ман ибтидо дар бахши амнияти ҳаракати сиёсии исломӣ ифои вазифа мекардам, баъдтар раиси бахши ҷавонони он таъйин гардидам ва бештар корҳои тарғиботиро дар байни донишҷӯён, омӯзгорони Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ва  дигар донишкадаву таълимгоҳҳо  фаъол намудам ва  ин кор то соли 1986  идома кард. Дар  ин  сол як амалиёте аз тарафи КГБ-и собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ якҷоя бо Кумитаи амнияти давлатии Тоҷикистон бо номи «Саҳар» доир гардид, ки дар натиҷа як идда аз фаъолони ҷунбиши исломии Тоҷикистон, аз  ҷумла роҳбари он устод Саид Абдуллоҳи Нурӣ боздошт карда шуд  ва ман  низ  зери таъқиби шадид қарор гирифтам. Он вақт дар факултаи ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон таҳсил мекардам, кормандони КГБ ва прокуратура чор-панҷ моҳ таъқиб ва боре ҳам  лату кӯбам  карданд. Баъди он ки  мурофиаи устод С. А. Нурӣ  шуда  гузашт, натавонистанд,  ки маро дар  мурофиа ва  дар ин иттиҳом шарик кунанд, чун далелҳои шайъӣ надоштанд. Бинобар ин ман ба таҳсил дар донишгоҳ идома додам. Баъд устод С. А. Нурӣ аз зиндон озод шуда баргаштанд ва  соли 1988  аз ишон хоҳиш кардам, ки маро аз бахши кор бо ҷавонон ба дигар вазифа гузаронанд. Устод Нурӣ розӣ шуданд ва Сайидумари Ҳусайниро ба ҷои ман раиси бахши кор бо  ҷавонон таъйин карданд ва камина  дар  дигар  бахши  ҳизб   фаъолият пеш  бурдам.
Мутаассифона, воқеъаҳои  баҳманмоҳи хунин, ки моҳи феврали соли 1990 дар шаҳри Душанбе рух доданд,  оғози ҳамаи  бадбахтиҳои  оянда  дар ҷумҳурӣ гардиданд. Ин як фитна ва балвои аз боло тарҳрезӣ  шуда буд, ки мардуми бечораро ба майдон кашиданд, ба хоку хун оғӯшта намуданд ва боз айбро ба гардани нерӯҳои навхези демократӣ ва исломӣ бор карданд. Ҳодисаҳои феврали соли 1990 ба нерӯҳои озодихоҳу истиқлолталаби кишварамон, амсоли ҳаракати мардумии «Растохез», Ҳизби Демократи Тоҷикистон, ҲНИТ  зарбаи қавӣ зад,  онҳоро  бадном сохт, тамғаи ифротиву миллатгаро зад,  афкори мардумро аз ин роҳи росту дуруст мунҳариф кард. Бинобар ин ман  баҳманмоҳи хунини соли 1990-ро ибтидои иғво, балво ва тамоми бадбахтиҳои минбаъдаи халқи Тоҷикистон мешуморам.
- Шумо равшанӣ меандохтед, ки фикри бунёди ҲНИ Иттиҳоди Шӯравӣ дар куҷо ва чӣ гуна пайдо шуд ва Шумо бо ҳамкории дигар ташаббускорон дар шаҳри Аштархони Русия онро чӣ тавр амалӣ намудед?
- Баъди бекор кардани банди 6-уми Қонуни Асосии Иттиҳоди Шӯравӣ, ки ба ғайр аз ҳизби коммунист таъсис ва фаъолияти дигар ҳизбҳоро қатъиян манъ мекард, фикри бунёди Ҳизби Наҳзати Исломии Умумииттифоқ дар сатҳи роҳбарони ҷунбишу созмонҳои исломии ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ба миён омада буд. Дар ин давра ду афкори қавӣ дар ин масъала пайдо гардид, як зумра мегуфтанд, ки набояд созмони исломӣ ба таври ошкоро даст ба сиёсат бизанад. Аммо қисмати дигар ақида доштанд, ки фурсати муносиб барои таъсиси Ҳизби умумиитифоқии Наҳзати Исломӣ фаро расидааст. Тавассути ин ҳизб ба таври ошкорову демократӣ метавон манфиатҳои мардуми мусалмонро ҳимоя кард.
Албатта, ин ду афкор то таъсиси ҲНИ Иттиҳоди Шӯравӣ вуҷуд дошт. Худи камина ҷонибдори фикри дуюм будам, ки ҲНИ Умумиитифоқ таъсис дода шавад. Зеро таҷрибаи башарият, бахусус Ҷангҳои Якум ва Дуюми Ҷаҳон возеҳу равшан нишон медоданд, ки инсоният бояд  дар оянда роҳи муборизаи бофарҳангро пайравӣ кунад ва бо муборизаи бошуурона барои идораи ҷомеъа ва пешрафту ободии он даст бизанад. Доштани маданияти сиёсии баланд ҷузъи таркибии тамаддун ба шумор меравад ва афкори мо ҳамин буд, ки мо барои муборизаи сиёсӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои мусалмонон чунин ҳизбро ташкил бидиҳем.
Албатта, дар таъсиси ҳизби мазкур назар ба ман як зумра сарварону фаъолони ҲНИТ, амсоли устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ, Одинабеки Абдусалом, Сайидиброҳим Гадозода ва дигарон фаъолтар буданд ва саҳми бештаре гирифтанд.Ба бародарони мусалмони Ӯзбекистон, Тотористон, ҷумҳуриҳои Қафқоз, аз ҷумла Доғистон, Чеченистон, Озарбойҷон пешниҳод карда шуд, ки як ҳизби умумиттифоқии исломӣ ташкил карда шавад. Сарварони созмону ҷунбишҳои исломии дигар

ҷумҳуриҳо ин пешниҳоди ҷолиброро дастгирӣ карданд ва барои амалӣ гардидани ин кор кумитаи тадорукотӣ низ таъсис доданд, ки камина ҷонишинии раиси кумитаи мазкурро ба ӯҳда доштам. Аъзои ин кумита тасмим гирифт, ки барои таъсиси ҲНИ Иттиҳоди Шӯравӣ дар қаламрави Федератсияи Русия Анҷумани таъсисӣ гузаронида шавад. Зеро дар он кишвар назар ба дигар ҷойҳо фазои мусоидтари демократӣ ва озод фароҳам буд.Дар интихоби ҷои гузаронидани Анҷумани таъсисӣ, решаҳои таърихиро низ ба назар гирифтанд. Зеро дар гузашта ин шаҳр яке аз марказҳои бузурги тамаддуни исломӣ ба шумор мерафт. Ба ҳамин хотир тасмим гирифта шуд, ки дар шаҳри Аштархон Анҷумани таъсисии ҲНИ Иттиҳоди Щӯравӣ баргузор карда шавад. Як зумраи дигар ақида доштанд, ки ин Анчуман дар шаҳри Маскав доир карда шавад. Билохира тасмим гирифтем, ки Анчуманро дар шаҳри Аштархон гузаронем.

Ба ҳамин мақсад мо як ҳайат аз Тоҷикистон ба он ҷо сафар кардем, ки теъдоди он дар хотирам намондааст. Аз ҳама бештар аз ҷумҳуриҳои Тоҷикистон ва Доғистон вакилон ширкат доштанд. Ба таври умум 650 нафар вакил аз ҷумҳуриҳои собиқ Шӯравӣ дар он ҷо ҷамъ омадем. Аввалин коре, ки мо кардем, кумитаи ташкилӣ ё тадорукотӣ таъсис додем ва оқои Аббос Кебедев ба ҳайси раис ва камина муовини раиси кумитаи мазкур интихоб гардидем.

- Аббос Кебедев намояндаи кадом ҷумҳурӣ буд?

- Он кас доғистонӣ буд. Мо як ҳафта пештар ба он ҷо рафта будем. Тамоми вакилону меҳмононро пешвоз гирифтем ва ҷо ба ҷо кардем. Дар вақте мо ба ҳукуматдорони шаҳри Аштархон барои гузаронидани Анҷумани муассисон муроҷиъат кардем, на ба мо ҷавоби рад доданд ва на манъ карданд, вале бароямон ягон ҷоро надоданд, то ки мо Анҷуманро доир намоем. Кор хеле мушкил буд ва ҳар кас ҳар хел пешниҳод мекард. Як рӯз ҳатто ба назди раиси ҳукумати вилояти Аштархон рафтем, вале вақте ки мо вориди дафтари кории ӯ шудем, раис аз дари ғайрирасмиаш баромада рафта буд. Яъне ӯ нахост, ки масъулияти гузаронидани Анҷуманро ба таври расмӣ ба ӯҳда бигирад. Як рӯз ба гузаронидани Анҷумани таъсисӣ монда буд, мо ҳайрон монда будем, ки чӣ кор кунем. Дар ҳамин вақт фикре ба сари мо зад, бо оқои Аббоси Кебедев маслиҳат кардем, ки аз ин фикр бояд касе огоҳ набошад. Аз фаъолони созмони исломии шаҳри Аштархон ду нафар бародарони тотор ҳамроҳи мо буданд. Яке гуфт, ки рафта дар кинотеатри калони шаҳри Аштархон Анҷуманро доир мекунем. Дигаре гуфт, ки ман дар клуби ДОСААФ-и шаҳри Аштархон посбон ҳастам ва метавонем фардо Анҷуманро дар он ҷо гузаронем. Ман он касро гуфтам ҳамин гапро дигар такрор накунед ва фардо рафта навбати посбонии худатонро гузаронед. Мо агар тасмим гирифтем, ба назди Шумо меоем. Фардо барвақт ба он клуб рафтем ва дарҳол кори Анҷумани таъсисиро оғоз намудем. Вақте ки ҳукуматдорони шаҳру вилоят воқиф гардиданд, мо аксар корҳои ташкилиро анҷом дода будем. Ҳангоми бақайдгирии вакилону нозирон беш аз 500 нафар аз пулисҳо ва нерӯҳои амниятӣ ин биноро иҳота карданд. Онҳо наздик намеомаданд ва танҳо раиси қумитаи амнияти вилоят бо як нафаре омаданд ва эҳтиромона пурсиданд, ки раиси кумитаи ташкилӣ кӣ аст, то мехоҳем бо ӯ сӯҳбат кунем. Оқои Аббос Кебедев ҳамроҳи онҳо рафт ва ман маҷбур шудам ба ҳайси муовини раиси кумитаи тадорукот ҷаласаи нахустини Анҷумани таъсисии ҲНИ Иттиҳоди Шӯравиро оғоз намоям. Тибқи тавофуқоте, ки пештар дошта будем, Раёсати Анҷуман дар ҳайати 17 нафар ва ду нафар ба ҳайси котибот интихоб карда шуд. Шодравон оқои Аҳмадқозӣ Ахтаев аз ҷумҳурии Доғистон ба ҳайси раиси ҲНИ Иттиҳоди Шӯравӣ ва Сайидиброҳим Гадоев аз ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси муовини аввали раиси ҳизби мазкур интихоб шуданд. Қарор карда шуд, ки маркази ҲНИ Иттиҳоди Шӯравӣ дар шаҳри Маскав ҷойгир карда шавад. Сипас баъди Анҷуман рост ба Маскав рафтем ва дар он ҷо конфронси матбуотӣ доир кардем ва аз ҳадафу мақсадҳои ҳизби навтаъсис бо хабарнигорони дохиливу хориҷӣ сӯҳбат оростем.

- Санаи баргузории Анҷуман ва таъсиси ҲНИ Иттиҳоди Шӯравиро аниқ мегуфтед?

- 9 июни соли 1990-ум ҳизби мазкур таъсис карда шуд. Вақте ки мо Анҷуманро шурӯъ кардем, сардори пулиси вилояти Аштархон омад, бисёр боодобона аз назди дар иҷозат хост, то чанд сухане бигӯяд. Барои ӯ иҷозат дода шуд. Ӯ аз минбари Анҷуман баромада гуфт, ки ҳукумати вилоят розӣ шуд, ки барои гузаронидани Анҷумани Шумо иҷозат бидиҳад. Шумо ҳақ доред, ки Анҷумани худро

ҳамин рӯз гузаронида, фардо бояд қаламрави вилояти Аштархонро тарк намоед. Аз ин рӯ мо кори Анҷуманро дар як рӯз ба охир расонидем ва вакилоне, ки аз ҷумҳуриҳои собиқ Шӯравӣ омада буданд, ба ҷойҳои худ баргаштанд ва Раёсати ҲНИ Иттиҳоди Шӯравӣ ба Маскав сафар кард.

- Шуморо узви Раёсати Олии ҲНИ Иттиҳоди Шӯравӣ интихоб намуданд. Шумо баъди ба ин вазифа интихоб шудан дигар масъулиятро ҳам аз ҷониби роҳбарияти ҳизб ба ӯҳда гирифтед?

- Бале, вақте раёсати ҳизб ҷамъ шуд, масъулиятҳоро тақсим карданд, маро ба ҳайси раиси бахши ташкилии ҲНИ Иттиҳоди Шӯравӣ барои таъсиси бахшҳои ин ҳизб дар ҷумҳуриҳои иттифоқӣ, худмухтор ё худ автономӣ дар вилояту кишварҳо мувваззаф сохтанд. Сипас ба Грозний пойтахти Чеченистон рафтем, баъдан ба Махачқалъа ва дар ин ҷойҳо бахшҳои ҲНИ Иттиҳоди Шӯравиро таъсис додем. Дар ҷумҳурии Озарбойҷон чунин шӯъбаи ҳизбро ташкил кардем. Баъд аз ин ба Тоҷикистон омадем, ки охири фасли тобистон буд. Дар ҳавлии Муҳаммадраҷаб, ки яке аз фаъолони ҲНИТ буд, дар шаҳри Душанбе ҷамъ шудем, кумитаи тадорукотӣ барои гузаронидани конфронси таъсисии шӯъбаи тоҷикистонии ҲНИ Иттиҳоди Шӯравиро таъсис додем, ки ба ҳайси раиси ин кумита каминаро таъйин намуданд. Сипас мо ба Президиуми Шӯрои Олии ҶТ ариза навиштем, ки он дар сарчашмаҳо бо номи «Мактуби С. Гадоев ва Д. Исмонов» ёд мешавад. Дар он барои гузаронидани конфронси таъсисии шӯъбаи тоҷикистонии ҲНИ Иттиҳоди Шӯравӣ иҷозат хостем. Ман ва бародар мулло Амриддинро ба Шӯрои Олӣ даъват карданд, аризаи моро дида баромаданд, ки дар муҳокимаи он ҳама аъзои парлумон ва ҳукумати ҷумҳурӣ ширкат доштанд. Муҳокима тӯлонӣ ва тезу тунд гузашт, ҳарчанд мо ба вакилони мардумӣ, яъне депутатҳо, ҳукумати ҷумҳурӣ барои иҷозати гузаронидани конфронс муроҷиат кардем ва фаҳмонидем,ки ин иқдом барои суботу оромии вазъ дар кишварамон мусоидат мекунад, вале бенатиҷа анҷомид. Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор қабул кард, ки барои доир кардани конфронси мазкур тамоман иҷозат дода нашавад. Мо маҷбур шудем, ки конфронси таъсисиро ба шакли нимпинҳонӣ дар деҳаи Чортути ноҳияи Ленин гузаронем. Мо аз таҷрибаи Аштархон истифода бурдем ва танҳо соати 12 шаб қарор қабул кардем, ки дар маҳалли номбурда чорабинии худро доир кунем. Азбаски дар он вақт бар асари воқеъаҳои февралӣ дар шаҳри Душанбе қуюди шабгардӣ ҳукмфармо буд, мо наметавонистем, ки дар пойтахт конфронсри худро гузаронем. Бинобар ин деҳаи Чортути ноҳияи Ленинро, ки аз шаҳри Душанбе дар масофаи 4-5 км воқеъ аст, интихоб намудем. Бо эҳтиёткорӣ баъди намози бомдод беш аз 500-600 нафар вакилу нозирро, ки дар шаҳри Душанбе ҷойгир карда будем, ба мошинҳо савор карда, ба ҳамон деҳа бурдем. Баъди шурӯъи конфронс ҳукуматдорони ҷумҳурӣ, ҳукуматҳои шаҳри Душанбе ва ҳам ноҳияи Ленин хабардор шуда омаданд. Вале мо аллакай қисмати асосии конфронсро анҷом ва Раёсати ҳизбро интихоб намуда будем, ки дар бахши дуюми конфронс пулис ва намояндагони ҳукумат ба он ҷо омаданд ва як қисмати вакилонро боздошт намуда, ба идораи пулис бурданду истинтоқ карда, ҷаримаҳои гуногун ситониданд. Маро чун раиси кумитаи тадорукот ба вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъват карданд ва бо ман суҳбат оростанд.

Бо ҳамин фаъолияти нимарасмии ҲНИ Иттиҳоди Шӯравӣ то моҳи августи соли 1991, то замоне ки балвои коммунистии ГКЧП ба вуқӯъ напайваст, идома дошт. Дар он вақт, яъне 20 август мо дар шаҳри Тошканд барои гузаронидани ҷаласаи навбатии Раёсати ҲНИ Иттиҳоди Шӯравӣ ба корҳои ташкилӣ банд будем. Ҳангоме ки вазъи фавқуллодда эълом ва ГКЧП сурат гирифт, ман фавран ба Душанбе омадам ва аввалин коре, ки анҷом додам, мулоқот бо устод С. А. Нурӣ буд. Ба он кас гуфтем, азбаски дар шаҳри Маскав ва дигар ҷойҳо барои дифоъ аз раванди бозсозӣ ва демократӣ намоишҳои эътирозӣ шуда истодааст, мо низ бояд чунин тазоҳуротро дар шаҳри Душанбе барпо намоем. Албатта, дигар бародарони ҳизбӣ ин фикрро доштанд, ин танҳо ақидаи ман набуд. Мо ба назди роҳбарони созмони мардумии «Растохез», ҲДТ рафтем ва дар якҷоягӣ тазоҳуроти эътирозии ором ташкил додем ва садои худро зидди табаддулотчиёни давлатӣ, ки мехостанд ба мисли пештара низоми сахти тоталитарӣ ва худкомаро ҷорӣ намоянд, баланд кардем. Дар як вақт истеъфои Раиси Ҷумҳури Тоҷикистон Қ. Маҳкамовро, ки аз ГКЧП ҷонибдорӣ карда буд, талаб доштем. Азбаски мо хому содда будем ва таҷрибаи зиёди муборизаи сиёсӣ надоштем, аз макру ҳиял бехабар будем, надонистем, ки баъзе нерӯҳои қудратталабу фурсатталаб аз тазоҳуроти мо

истифода бурда, президент Маҳкамовро маҷбур карданд, ки ба истеъфо равад ва дарҳол ҷои он касро ишғол намуданд. Ин заминае шуд барои авҷгирии мухолифат дар ҷомеъа, ки оқибат ба ҷанги шаҳрвандӣ бурда расонд.

- Шуморо дар конфронси таъсисии шӯъбаи тоҷикистонии ҲНИ Иттиҳоди Шӯравӣ, баъдан дар Анҷумани нахустини ҲНИТ ба ҳайси муовини раиси ҳизби мазкур интихоб карданду фаъолият намудед. Шумо ширкати аъзо ва ҷонибдорони ҲНИТ дар тазоҳуроти охири соли 1991 ва гирдиҳамоиҳои дарозмуддати соли 1992-ро мусбат ва дуруст мешуморед? Зеро бисёр коршиносон ва муҳаққиқон бар ин ақидаанд, ки агар нерӯҳои исломӣ вориди майдон намешуданд, мухолифат то дараҷаи ҷанги дохилӣ ва хунрезӣ намерасид? Шумо дар ин бора чӣ нуқтаи назар доред?

- Бубинед, тазоҳуроте, ки аз охири августи соли 1991 оғоз гардиду то 5 майи соли 1992 идома ёфт, ин як силсила тазоҳуроте буд, ки қатъ нашуда буд. Баъди он ки Раҳмон Набиев дар интихоботи умумихалқӣ ғалаба ба даст оварду Раиси Ҷумҳури Тоҷикистон интихоб гардид, ҲНИТ аввалин нерӯи сиёсие буд, ки ӯро табрик намуд. Бинобар ин ҲНИТ чунин тасмим гирифта буд, ки дигар тазоҳурот сурат нагирад. Чунки Раиси Ҷумҳур аз ҷониби мардуми Тоҷикистон интихоб шуда буд. Албатта, чунин даъвоҳо вуҷуд доштанд, ки дар интихобот тақаллуб роҳ ёфта буд, аммо бо вуҷуди ҳамин Набиев бо бартарии андак, яъне 52,8 фоизи раъйи интихобкунандагон Президенти Тоҷикистон интихоб гардид. Воқеъан, аз рӯи инсоф бояд гуфт, ки интихоботи Раиси Ҷумҳур дар соли 1991 дар байни интихоботҳои пештара ва баъдина озодтарин ва демократитарин интихобот ба шумор мерафт. Чунки дар интихобот воқеъан ҳам як рақобати солими байни нерӯҳои сиёсӣ вуҷуд дошт. Барои ҳамин аксари роҳбарони ҲНИТ чунин ақида доштанд, ки натиҷаи интихоботро эътироф кунанду ба Раиси Ҷумҳур Раҳмон Набиев дар идора кардани кишварамон кӯмаку ёрӣ расонанд. Зеро ҳадафу ормони асосии мо, ки ба даст овардани истиқлолият буд, амалӣ гардид. Иттиҳоди Шӯравӣ пош хӯрд ва ҷумҳурии Тоҷикистон чун давлати соҳибистиқлол арзи вуҷуд кард. Бинобар ин мо бояд кӯшиш мекардем, ки кишварамон ором бошад, обод шавад ва ба пешрафтҳои иқтисодию иҷтимоъӣ ва фарҳангӣ ноил гардем. Мо роҳбарони ҲНИТ дар ҳамин андеша будем. Мутаассифона, дар атрофи Раҳмон Набиев шахсоне гирд омада буданд, ки бисёр қудратхоҳу фурсатталаб буданд ва мехостанд, ки ба қавли мардум «обро лой карда моҳӣ доранд». Ба ғайр аз ин кишварҳои хориҷие ҳам буданд, ки намехостанд Тоҷикистон ором бошад ва ба пешравиҳо ноил гардад. Барои амалӣ гардидани мақсадҳои худ нақшаҳо тарҳрезӣ карда буданд, ки мо аз онҳо бехабар будем. Дар ҳизбҳову созмону ҳаракатҳои наве, ки пайдо шуда буданд, ашхоси фурсатталабу қудратхоҳ бисёр буданд. Масалан, тазоҳуроте ки 20 феврал дар назди театри опера ва балети ба номи С. Айнӣ барпо шуд, аз ҷониби чунин ашхоси қудратталаб ва фурсатталаб ташкил шуд, ки ҲНИТ онро дастгирӣ накард. Бинобар ин иқдоми ҳизби мо аз ҷониби дигар ҳизбу ҳаракатҳои ҷумҳурӣ боиси эрод ва сарзанишҳои сахт қарор гирифт. Ман фикр мекунам, ки кашида шудани ҲНИТ ба тазоҳуроти охирине, ки боиси ба вуҷуд омадани Ҳукумати Эътилофӣ ё худ Ҳукумати Мусолиҳаи Миллӣ гардид, ба таври ногузир ва маҷбурӣ буд. Чунки воқеъан, муҳокимаи вазири умури дохилии ҷумҳурӣ М. Навҷувонов, сохтаву бофта буд ва мехостанд аз ӯ қасос бигиранд. Ба хотири он ки дар тазоҳурот ва гирдиҳамоиҳои гузашта ба саркӯбии нерӯҳои демокративу исломӣ даст назад. Мехостанд ӯро барканор кунанд, ва ин амал сабаби тазоҳуроти дар аввал кӯчак ва баъдан бузург дар майдони Шаҳидон гардид.
Раиси Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон оқои Муҳаммадшариф Ҳимматзода ва як зумра аз роҳбарони дигари ҳизб ба ҳамроҳ шудан ба тазоҳурот муқобил буданд, қисмати дигари роҳбарон бар он буданд, ки ба дигар нерӯҳои демократӣ дар ин вазъияти душвор ёрӣ расонем ва онҳоро дастгирӣ намуда, ба тазоҳуркунандагон бипайвандем.

-Шумо дар кадом мавқеъ будед?

- Ман дар мавқеъи дуюмӣ будам. Азбаски ҳама вақт бо дигар нерӯҳои демократӣ ҳамдасту якҷоя будем, ман ақида доштам, ки барои тақвияти тазоҳуркунандагон бояд бо онҳо бипайвандем. Ман мухолифи иштирок дар тазоҳурот набудам ва ширкат дар гирдиҳамоиву намоишро ҷонибдорӣ мекардам. Имрӯз ақида дорам, ки иштирок дар тазоҳурот иштибоҳу саҳви ҷиддӣ буд, вале фикр

мекунам мо он вақт дар вазъияте қарор доштем, ки дигар илоҷи ақибгардӣ набуд ва ҳамроҳи дигар нерӯҳои демократӣ ба майдон баромадем, ки оқибаташ ба ҳамагон маълум аст.
Дар ин ҷо як нуктаро мехоҳам қайд кунам, қабл аз он ки мо ба тазоҳурот ҳамроҳ шавем, ба ҳукуматдорон муроҷиат намудем, ки аз сиёсати иштибоҳияшон сарфи назар кунанд, ки он оқибати нохуберо ба дунбол дорад. Мутаассифона, ҳукуматдорони вақти ҷумҳурӣ ба суханони мо гӯш наандохтанд ва ба оташи ғазаби мардум равған рехтанд ва кишвари азизамонро ба гирдоби бало - ҷангу хунрезӣ кашиданд...

## Тахаллуси ҳизбиам «ИнжЕнер» аст

Сӯҳбат бо раиси шӯъбаи фарҳанги ҲНИТ, узви Шӯрои Раёсати Олии ҳизб Сайидиброҳими Муҳаммадназар (Сайидиброҳим Гадоев)

Зодаи деҳаи Кӯли ноҳияи Кӯлоби вилояти Хатлон мебошад. Соли таваллудаш 1959. Дастпарвари Донишгоҳи политехникии Тоҷикистон буда, онро бо ихтисоси муҳандис- механики мошинсоз ба итмом расонидааст. Дар корхонаи дастгоҳсозии Кӯлоб ( КОЗТО) ба ҳайси муҳандис (соли 1981-1985) ва дар маркази ҳисоббарории Вазорати нақлиёти ҷумҳурӣ, воқеъ дар ҳамин шаҳр, кор кардааст.
Ӯ аз соли 1978 ба ҳаракати сиёсии исломӣ пайваст.Дар радифи чанд нафар фаъолони ҲНИТ яке аз муассисони Ҳизби Наҳзати Исломии собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ дар шаҳри Аштархони Русия (соли 1990) ба шумор меравад. Аз солҳои 1990 то 1991 вазифаи муовини аввали раиси ҲНИ Иттиҳоди Шӯравиро ба ӯҳда дошт. Сипас аз соли 1991 ба ҳайси муовини раиси ҲНИТ фаъолияти худро идома додааст. Охири соли 1992 бар асари ҷанги шаҳрвандӣ иҷборан ба хориҷи кишвар муҳоҷират кард. Дар таҳкими раванди музокироти сулҳи тоҷикон саҳми шоиста гузоштааст.
Аз моҳи август то октябри соли 1999 ба ҳайси узви зеркомиссияи сиёсии КОМ фаъолият дошт. Аз аввали соли 2000-ум то ба ҳол раисии шӯъбаи илм, фарҳанг ва таблиғоти ҲНИТ–ро ба ӯҳда дорад.
Оиладор, соҳиби ҳафт фарзанд аст.
***
- Акаи Сайидиброҳим, аввалан мо мехостем, мухтасар аз роҳи тайкардаатон, аз замони кӯдакӣ то ин дам ва аз фаъолияти ҳизбиатон нақл мекардед.
- Бисмиллоҳи-р- раҳмони-р- раҳим. Ман дар оилаи деҳқон зода шудаам. Алҳамдулиллоҳ, падару модарам агарчанде саводи комили исломӣ ҳам надоштанд, вале тоъату ибодати Худовандро ба ҷо

меоварданд, яъне дини мубини Ислом аз хурдсолӣ  ба камина таъсири худро гузошта буд. Масалан, дар ёдам ҳаст дар синни кӯдакӣ, ки падару модарам намоз мехонданд, ман низ агарчанде чизеро намедонистам ва намефаҳмидам, ба онҳо тақлид мекардаму дар паҳлӯяшон дар намозхонӣ шарик мешудам. Ёд дорам, дар синфи якум мехондам, ки падарам аз ҷои корашон, заводи пахтатозакунӣ, ки муваққатан зимистонҳо фақат он ҷо кор мекарданд, якчанд варақи Қуръони маҷидро ёфта оварданд. Мо якҷоя ба омӯхтани он шурӯъ кардем. Ҳоло ҳам дар хотирам ҳаст, ки он варақ сураи «Иншироҳ» ё «Алам нашраҳ» буд. Вақте падарам диданд, ки ман зеҳни хуб ва барои хондан шавқу завқ дорам, маро назди муллое бурданд, ки дар деҳаи ҳамсоя зиндагӣ мекард. Вақте мо ба наздаш рафтем, бобои мулло ба падарам гуфт, ки Муҳаммадназар чӣ кор дорӣ, ягон тумору таштов даркорат шудааст. Падарам гуфтанд, ки як кори зарур дораму ҷуръат намекунам, ба Шумо гӯям ё нагӯям? Мулло гуфт, ки бигӯ. Падарам изҳор доштанд, ки пеши Шумо омадем, ки ҳамин фарзанди маро каме хату савод ёд диҳӣ. Мулло сахт дар ғазаб шуда гуфт, ки ман барои ту аз нав мадрасаву мактаб месозам? Дар хотирам ҳаст, ки падарам сахт хафа шуданд, ҳатто оби чашмонаш рехту маро гирифта, ба хона баргаштанд. Шумо медонед, ки дар он вақт таълими улуми исломӣ сахт мамнӯъ буд. На ҳар кас ба ин кор ҷуръат дошт.
Баъди чанд моҳе падарам маро ба як деҳаи дигар бурданд, назди мулло Фарез гуфтанӣ одам. Он вақт ман дар синфи дуюм  ё  сеюм мехондам. Мулло Фарез, ки бо падарам дӯстию рафоқат дошт, моро хуб истиқбол гирифтанд ва баъди зиёфат мақсади омадани моро пурсиданд. Падарам изҳор карданд, ки писарамро барои таълим овардам. Мулло Фарез хеле хурсанд шудану дар ҳаққи камина дуъо карданд ва маро дар хонаашон нигоҳ доштанд. Ҳамин тавр ман то хатми мактаби миёна дар назди бобои мулло Фарез улуми исломиро таълим гирифтам ва дар ин ришта хеле пешқадам ҳам шудам. Худо ҷояшро ҷаннат гардонад, саводи форсӣ ва Қуръонхонӣ доштанд, шахси худотарс ва бомаърифат буданд.
Ногуфта намонад, ки падари ман Муҳаммадназар табиатан уламои исломӣ, шахсони донишмандро дӯст медоштанд ва ҳурмату эҳтиром мекарданд. Дар муддати се-чор моҳ як бор маърака ороста, муллоҳои гирду атрофро ҷамъ мекардаңду аз сӯҳбати онҳо баҳра мебурданд. Камина бо вуҷуди наврасию ҷавонӣ дар хидмати ишон қарор доштам ва аз маҳфилҳои илмии онҳо фоида мебурдам. Ана ҳамин тавр буд муҳити хонаводагӣ ва кӯдакию наврасии мо, ки барои ба ҳаракати исломӣ ворид гардиданамон заминаи хеле устувор гузошт.
- Шумо дар мактаби миёна ҳам хубу аъло таҳсил мекардед?
- Албатта, падарам дар баробари дӯстдори улуми исломӣ, шахси пешқадаму замонавӣ низ буданд. Он кас доим таъкид мекарданд, ки дар мактаби миёна низ хубу аъло таҳсил кунам. Ҳамин тавр ҳам шуд, мактаби миёнаро бомуваффақият ба итмом расонида, барои идомаи таҳсил ҳуҷҷатҳои худро ба Институти политехникии Тоҷикистон супорида, донишҷӯ шудам.
- Шумо таҳсили улуми диниро ҳамзамон идома додед?
- Бале, вале соли аввали донишҷӯӣ  не, балки аз соли дуюм ба ин кор даст задам. Аввал дар назди шодравон Муҳаммаднабии Сабури Авсат шурӯъ ба таҳсил кардам. Як рӯзе ба назди мо мулло Абдуллоҳи Хитоб, ки бо тахаллуси мулло Абдуллоҳи Хурдӣ машҳур буд, омад. Мо ҳамсӯҳбат шудем, дар он солҳо толибилмоне, ки ҳам донишҷӯ бошанду ҳам таълими улуми динӣ бигиранд, ангуштшумор буданд.Сӯҳбатҳои мо хеле авҷ гирифтанд ва мо ба қавли мардум ситораҳоямон ба ҳамдигар хеле мувофиқ омаданд. Баъд он кас ба ман нишонии хонаашонро дар шаҳри Қӯрғонтеппа доданд.Суроғаи гуфтаашон ҳоло ҳам дар хотирам аст: «шаҳри Қӯрғонтеппа, кӯчаи Маданият, хонаи 49 а». Ман ҳам дер накарда, баъди як-ду ҳафта ба он ҷо сафар намудам ва бо ҳамон суроға дарро тақ-тақ задам. Ҷавони хушсурате, ки баъдан фаҳмидам яке аз шогирдони домулло буд, баромад. Гуфтам, ки хонаи Абдулло Хитобов ҳамин аст? Бо шунидани ин савол он кас тарсиданду дарро пӯшиданд. Пас аз чанд лаҳза Худо биёмурзаш, худи мулло Абдуллоҳи Хурдӣ бо чеҳраи хандон баромаданд ва гуфтанд, ки бачаҳои моро тарсондӣ, охир дар ин ҷойҳо ин хел мурочиат намекунанд ва маро ба хонаашон даъват кардаңду сӯҳбатҳо оростем. Хулоса, робитаи дӯстию рафоқати мо рӯз то рӯз қавитар мегардид. Ҳамин сабаб шуд, ки охири соли 1979 ман бори аввал бо устод Сайид

Абдуллоҳи Нурӣ мулоқот намудам. Дар ин кори хайр шодравон мулло Абдуллоҳи Хурдӣ саҳмгузор буданд.

- Шумо то ин давра аз вуҷуд доштани созмони «Наҳзати Ҷавонони Исломии Тоҷикистон» огоҳӣ доштед?

- Не, ман хабар надоштам. Чун бо аъзои созмони мазкур ҳамнишинӣ доштам, ба хубӣ эҳсос мекардам, ки ягон ҷамъият, ташкилот, созмон ё ҳаракати исломие вуҷуд дорад ва амал мекунад. Махсусан сӯҳбатҳои шодравон мулло Абдуллоҳи Хурдӣ ба камина таассуроти калон мегузоштанд ва дар шуури ман як бедорӣ, як таҳаввулоти ҷиддиеро бармеангехтанд. Вақте бо устод С. А. Нурӣ сӯҳбат кардам, бароям ин шахсият як олами дигарро кушод, вале ман то ин дам намедонистам, ки чунин созмони сиёсии исломӣ вуҷуд дорад.

Вақте ман бо шавқу завқ ба омӯзиш пардохтам, меҳру муҳаббатам ба улуми исломӣ то ба дараҷае зиёд гардид, ки хостам таҳсил дар институти политехникиро қатъ кунам. Вале устод С. А. Нурӣ ва мулло Абдуллоҳи Хурдӣ дар сӯҳбату мулоқоти хеш гӯё аз тасмими ман пай бурда бошанд, сахт таъкидам карданд, ки таҳсилро дар донишкада напартоям ва омӯзишро дар ду самт идома бидиҳам. Чунки ман дар донишкадаи мазкур яке аз донишҷӯёни пешқадам ба шумор мерафтам ва стипендияи баланд, яъне ба ҷои 40 сӯм 65 сӯм мегирифтам. Ҳамин тавр ман соли 1981 донишкадаро бомуваффақият ба поён расонидам. Баъди хатми институт маро бо роҳхат ба шаҳри Кӯлоб фиристоданд. Дар он ҷо дар корхонаи таҷҳизоти технологии Кӯлоб ба ҳайси муҳандис ба кор шурӯъ намудам. Се сол он ҷо кор кардаму ба дараҷаи сардори шӯъбаи техникии корхона расидам. Ҳатто маро барои қабул ба сафи ҳизби коммунист пешниҳод намуданд, вале ман онро рад кардам. Баъдан дидам, ки ин кор барои таҳсили улуми исломиам халал мерасонад, аз кор рафтам. Сипас омадам ба шаҳри Қӯрғонтеппа ва ду сол ба ҳайси муҳандиси навбатдори идораи гармидиҳии шаҳр кор кардам ва сарварии як гурӯҳи таъмири хизматрасониро ба ӯҳда доштам, ки аксари онҳоро толибилмони исломӣ ташкил медоданд. Барои мо ҳама шароит муҳайё буд, якҷоя дарс мехондему кор мекардем, маоши хуб ҳам мегирифтем. Дар ин муддат дар назди мулло Абдуллоҳи Хурдӣ ва мулло Айёмиддин Сатторзода таҳсил кардам. Ман як қолаби маъмулии дарсгириро шикастам ва бори аввал дар як вақт аз ду устод таълим мегирифтам. Ҳар ду устод аз ин кор хабардор ва ризоият ҳам дода буданд. Дар пеши яке илми наҳву тафсир ва дар назди дигаре илми ҳадис ва таърихро мехондам. Дар ҳамон давра дар байни толибилмон овоза шуд, ки як муллобача аз Кӯлоб омадааст, ки якбора дар назди ду устод сабақ мегирад.

Биҳамдиллоҳ, баъди ду сол боз ба шаҳри Кӯлоб баргаштам. Бояд бигӯям соли дуюме, ки дар Кӯлоб кор мекардам, яъне соли 1982 узви созмони «Наҳзати Ҷавонони Исломии Тоҷикистон», яъне ҲНИТ будам. Баъди бозгашт аз Вахшонзамин ман ба ҳайси узви Раёсати Олии ин созмон дар водии Кулоб ба фаъолият пардохтам. Агар бигӯям, ки бори аввал соли 1979 бо устод Саийд Абдуллоҳи Нурӣ ошноӣ пайдо карда бошам, соли 1982 узви расмии ҳаракати исломии Тоҷикистон, ки имрӯз бо номи ҲНИТ машҳур аст, шудам.

- То давраи Шумо дар Кӯлоб созмонҳои ибтидоии ҲНИТ вуҷуд доштанд ё Шумо бори аввал онро таъсис додед?

- Чунин созмонҳои ибтидоӣ, ки бо номи ҳалқаҳои дарсӣ маъруф буданд, қабл аз мо ҳам мавҷуд буданд. Дар водии Кӯлоб пеш аз ман мулло Абдураҳим, шодравон эшони Муҳаммадюсуф, шодравон эшони Саийд Закариё фаъолият доштанд. Аз ҷониби дигар барои вусъати афкори ислоҳотхоҳии исломӣ дар водии Кӯлоб ва тарбияи ҷавонон бо супориши роҳбарияти ҲНИТ мулло Айёмиддин Сатторзода ва мулло Амриддин фиристода шуда буданд, ки ба таълим, даъват ва дигар корҳои муҳими таблиғотӣ дар байни мардум машғул буданд. Азбаски ман муҳандис будам аз ибтидои фаъолият бо тахаллуси Инжинер шӯҳрат пайдо кардам, ки ҳоло ҳам баъзеҳо маро бо ин тахаллус хубтар мешиносанд.

Шумо медонед, ки соли 1989 бо ибтикори ҷунбиши исломии Тоҷикистон барои таъсиси Ҳизби Наҳзати Исломии Иттиҳоди Шӯравӣ як кумитаи тадорукотӣ таъсис ва камина яке аз вазифаҳои муҳими он гузаронидани Анҷумани таъсисии ҳизби мазкурро ба ӯҳда гирифтам ва шукри Худованд, ки 9 июни соли 1990 анҷуман дар шаҳри Аштархони Федератсияи Русия доир гашт.

- Пеш аз он ки Шумо ин ҳизбро таъсис диҳед, оё бо роҳбарони ҳаракатҳои исломии дигар ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ вохӯрӣ ва сӯҳбатҳо доштед?
- То Анҷумани таъсисии ҳизби мазкур мо ҳамагӣ як бор бо сарварони онҳо мулоқоти расмӣ доштем, вале бояд гуфт, ки аз ҷониби Раёсати Олии ҲНИТ нафарони масъуле буданд, ки фаъолияти ҳаракатҳои исломии дигар ҷумҳуриҳоро ҳамоҳанг месохтанд, то ки як ҳизби умумииттифоқии исломӣ таъсис карда шуд.
Ба ёдам меояд, ки мо аз Тоҷикистон вакилони зиёде таввассути қатора ба шаҳри Аштархон се рӯз пеш рафта расидем ва барои гузаронидани Анҷумани мазкур аз тамоми имконияту шароит истифода бурдем ва то хабардор гардидани нерӯҳои амниятии шаҳру вилояти Аштархон мо қисмати асосии корҳои ташкилии ҳизбро ба анҷом расонида, Раёсати Олии ҲНИ Иттиҳоди Шӯравиро интихоб намудем. Дар ҳамин Анҷуман каминаро узви Раёсати Олӣ ва муовини аввали раиси ҲНИ Иттиҳоди Шӯравӣ интихоб карданд.

- Шумо чӣ гуна ҷуръат карда, чунин вазифаи басо масъулиятнокро дар миқёси як давлати бузурги Шӯравӣ ба дӯш гирифтед?
- Бояд бигӯям, ки он солҳо ҷуръату нотарсиву ғайюрии мо назар ба ҳозира хеле баланд буд. Аввал мо ки алҳамдулиллоҳ таълимоти динии исломӣ гирифта будем, ба Худованд ва Паёмбари бузурги Ислом имону эътиқоди қавӣ доштем, аз тарафи дигар ҷавон будему ғайрату ҳиммати баланд дар вуҷуди мо ҷӯш мезад, ба худ бовар доштем, ки аз иҷрои ҳар гуна масъулияту кор мебароем. Бинобар ин бе ҳеҷ дудилагӣ ба ин кор розӣ шудам.
- То кадом вақт Шумо вазифаи муовини аввали раиси ҲНИ ИШ-ро ба ӯҳда доштед?
- То давраи парокандашавӣ. Баъди он ки Иттиҳоди Шӯравӣ пош хӯрд ва ҷумҳуриҳои собиқ истиқлол пайдо карданд, охири соли 1991 дар шаҳри Маскав Раёсати Олии ҳизби мазкур бори охир ҷамъ омад ва дар ҷаласаи худ фаъолияти ин ҳизби умумиитифоқиро қатъ гардонид.

- Ҳеҷ илоҷ набуд, ки алоқа ва робитаҳои байни ҳаракатҳои исломии дигар ҷумҳуриҳоро дар ягон шакл нигоҳ медоштед? Шояд ин ба фоидаи кор буд?
- Ҳоло фикр мекунам, ки агар як маркази ҳамоҳангсози ҷунбишҳои сиёсии исломиро дар шаҳри Маскав ҳамон вақт таъсис медодем, нуран алонур мегардид. Зеро созмону ҳаракатҳои исломие, ки таҳти парчами ҲНИ Иттиҳоди Шӯравӣ гирд омада буданд, робитаҳову ҳамкориҳои самарабахш доштанд ва онҳоро бояд нигоҳ медоштем. Бисёр имконияти хуб ва шанси таърихӣ дар ихтиёрамон буд, вале рӯҳияи истиқлолхоҳӣ авҷ гирифту ҲНИ Иттиҳоди Шӯравиро, ки бо заҳматҳои зиёде таъсис дода будем, пароканда намудем. Мутаассифона, ба ғайр аз шӯъбаи тоҷикистонии ин ҳизб, ки бо номи ҲНИТ рӯи кор омад, дигар шӯъбаҳои ҲНИ Иттиҳоди Шӯравӣ мавҷудияти худро нигоҳ дошта натавонистанд. Ҳол он ки бунёди ҲНИ Иттиҳоди Шӯравӣ як падидаи нодири сиёсӣ ва таърихӣ буд, ки мо моҳияти нигоҳ доштани онро дар шакли дигар сари вақт фаҳмида натавонистем. Инро ман саҳви калони сиёсӣ меҳисобам.
- Чанд сухан дар бораи раиси ҲНИ Иттиҳоди Шӯравӣ, ки бо он кас чанд сол ҳамкор будед, мегуфтед?
- Раиси ҲНИ Иттиҳоди Шӯравӣ шодравон Аҳмадқозӣ Ахтаеви доғистонӣ бисёр шахсияти донишманду доно, фаҳмидаву тақводор ва ботаҷриба буданд. Аз ҷиҳати тамкин ва таҳаммул ба устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ хеле шабоҳат доштанд. Ба мо тоҷикон муҳаббати махсус ва самимӣ зоҳир мекарданд. Худованд биёмурзаду ҷояшро ҷаннат кунад, ишон хидмати бузургеро барои дифоъи ҳуқуқҳои мусалмонон ва истиқлолияту озодии онҳо ба ҷо оварданд.
- Сипас Шумо дар Тоҷикистон дар кадом соҳа кор кардед?
- Маро соли 1991 дар Анҷумани таъсисии ҲНИТ ба ҳайси муовини раиси ҳизб интихоб карданд ва то давраи ҳиҷрат дар ҳамин вазифа фаъолият доштам.
Ҳангоми шурӯъи даргириҳо маро бо чанд нафар бо иттиҳоми марзшиканӣ дар ноҳияи Маскав боздошт карданд, вале дар асл мо нияти сарҳадшиканӣ ҳам надоштем ва равонаи шаҳри Кӯлоб будем. Моро 18 рӯз дар ҳамон ноҳия зиндонӣ карданду баъд моро ба шаҳри Кӯлоб интиқол доданд. Баъди се моҳ 2 сентябри соли 1992 моро ба таври расмӣ аз зиндон озод карданд, вале дарҳол ситоди

Фронти халқӣ боз моро маҳбус сохт ва азобу шиканҷа дод. Аз ҳашт нафар се нафари моро шаҳид карданд ва баъди як ҳафта мо панҷ нафари боқимонда шабона аз зиндони Фронти халқӣ фирор намудем ва тахминан рӯзҳои 12-13 сентябри соли 1992 ба шаҳри Душанбе омада расидем. Сипас дар охири соли 1992 ҳамроҳи устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ аввал ба Кофарниҳон, баъд ба Вахёву Дарвозу Ишкошим, билохира ба хоки Афғонистон ҳиҷрат кардем.

Дар ҳиҷрат чӣ супориш ё дастуре аз ҷониби устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ мешуд, камина дарҳол дар пайи иҷрои он мешудам. Дар мақомоти баландпояи Ҳаракати Наҳзати Исломии Тоҷикистон, ИНОТ вазифаҳои мухталиферо ба ӯҳда доштам. Як муддат маро ба ҶИ Эрон фиристоданд ва дар он ҷо моҳномаи сиёсиеро бо номи «Пайки пирӯзӣ» сарпарастӣ кардам, ки бо забони тоҷикӣ ва хати кириллӣ ба табъ мерасид. Баъди муддате ҳамроҳи устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ дар Покистон бевосита дар музокироти сулҳи  тоҷикон ширкат варзидам. Як бор барои иштирок дар музокироти сулҳи тоҷикон ба Ҷумҳурии Қазоқистон низ фиристода шудам.

Сипас соли 1996 бо иҷозаи устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ ба шаҳри Маскав рафтам ва муддати ду сол ба тиҷорат машғул шудам. Соли 1998 баъди имзои Созишномаи истиқрори  сулҳ ва ризоияти миллӣ ба Тоҷикистон баргаштам ва узви зеркомиссияи сиёсии КОМ будам. Баъди қатъи фаъолияти КОМ ва лағви қарори Додгоҳи Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи манъи фаъолияти ҲНИТ ва дигар аҳзоби мухолифин, камина то ба имрӯз ба ҳайси узви Шӯрои Раёсати Олӣ ва раиси шӯъбаи фарҳанги ҲНИТ ба фаъолияту кор машғулам.

- Акаи Сайидиброҳим, Шумо хеле душвориҳо, маҳрумиятҳо, азобҳоро аз сар гузаронидаед, оё боре шудааст, ки аз фаъолият, аз кору бори худ пушаймон шуда бошед?

- Не, шукри Худованд, ҳеҷ гоҳ аз кору бори худ  пушаймон нашудаам. Албатта, лаҳзаҳое буданд, ки дар пеши назарамон ёру дӯстонамонро қатл карданд ва навбати мо буд, бахусус ҳангоми дар маҳбаси Фронти халқӣ буданам дар шаҳри Кӯлоб, дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ. Бояд бигӯям, ки ноумедӣ аз зиндагӣ инсонро сахт хаставу маҷрӯҳ сохта, азоби рӯҳӣ медиҳад, вале дар ҳамон лаҳзаҳои душвор аз гуфтору рафтори худ, аз кору бори худ пушаймон нашудаам. Чунки кору бори ман ҳеҷ кадомаш бар хилофи таълимоти дини мубини Ислом набуд. Танҳо барои хушбахтию озодии халқамон ва истиқлолияти кишварамон дар қатори дигар озодихоҳон  мубориза  бурдаам.

- Шумо дар бораи нақшу мақоми ҲНИТ дар ҷомеъаи имрӯза, ки 20 апрели соли 2003 сисолагии таъсисёбии он таҷлил карда мешавад, чӣ нуқтаи назар доред?

- Бубинед, бисёриҳо мақому манзалати ин ё он ҳизби сиёсиро аз ин нуқтаи назар баҳо медиҳанд, ки дар ҳукумат чӣ қадар нуфуз дорад, ба андешаи ман ин он қадар нишондиҳандаи муҳим нест, зеро ин кори муваққатист. Инро дар мисоли ҳизбҳои сиёсии Русия  баръало дидан мумкин аст. Ҳамин ки ҳукуматаш аз байн рафт, мақому мавқеъи ин ё он ҳизб дарҳол поён меравад. Бинобар ин муҳимтарин хусусияти ҲНИТ мавқеъият ва маҳбубияти мардумии он аст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки ин ҳизб бо орзӯву омолҳои мардуми заҳматкаш решапайванд аст. Инро ҳама эътироф доранд, ба кадом ноҳияе наравед, ҳатто ба ноҳияҳое, ки раисони ҳукуматашон намехоҳанд ҲНИТ-ро ба таври расмӣ бишиносанду эътирофаш кунанд, дар ҳамон ноҳияҳо аъзо ва ҷонибдорони ҳизби мо ҳастанд, кору фаъолият мекунанд. Агар узви дигар ҳизб бошед ва касе монеъи кору фаъолияти шумо нест, вазифаву мансаб мегиред, вале агар узви ҲНИТ бошед, чӣ дар фаъолияти ҳизбӣ ва чӣ дар кору бори зиндаиатон бо ҳар роҳ монеъа эҷод мекунанд. Ин хел воқеъаҳо хеле зуд-зуд дар шаҳру навоҳии ҷумҳуриямон рух медиҳанд ва худи мо шоҳиди он ҳастем. Вале бо вуҷуди ҳамаи ин ҷонибдорон ва пайравони ҳизби мо беш аз пеш зиёд мегарданду кам не. Ҳамаи ин аз ҷойгоҳ ва маҳбубияти мардумии ҲНИТ возеҳу равшан шаҳодат медиҳад.

Нахустин мулоқотам бо устод
Сайид  Абдуллоҳи Нурӣ паси панҷараи зиндон  сурат гирифта буд

Муҳовара бо раиси шӯъбаи алоқа  бо ҳизбу созмонҳои сиёсӣ, ҷамъиятӣ ва созмонҳои байналмилалии ҲНИТ  Шамсиддин Саидов

- Шӯъбае, ки Шумо  масъулияти онро ба ӯҳда доред, ба чӣ корҳо шуғл меварзад?
- Шӯъбаи мо тибқи боби сеюми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аҳзоби сиёсӣ» ва мувофиқи боби чоруми банди ҳаштуми Ойинномаи ҲНИТ таъсис ёфта, фаъолият пеш мебарад. Ба ҳамагон маълум аст, ки ҳизби мо  бо пеш гирифтани сиёсати созандагӣ ва сулҳдӯстии худ  на танҳо дар арсаи сиёсии кишварамон, балки  берун аз он  машҳур гардидааст. Аз ҳамин ҷост, ки аксари ҳизбу ҷунбишҳои  сиёсӣ ва иҷтимоии дохили кишварамон ва созмонҳои  байнамилалӣ   ҲНИТ-ро чун ҳизби сиёсии тавоно ва сулҳдӯсту  адолатпарвар эътироф мекунанд.
Лозим ба тазаккур  аст, ки дунёи имрӯза ҷаҳони иртибот мебошад ва алоқаҳои хубу доимӣ бо ҳизбу ҳаракатҳои ҷамъиятию сиёсӣ ва байналмилалӣ  метавонад,  обрӯю нуфузи ҳизбамонро дар сатҳи ҷаҳонӣ  беш аз пеш афзоиш диҳад. Аз ҳамин рӯ мақсади аввалини шӯъбаи мо равобит бо ҳизбу ҳаракатҳои сиёсии дохилӣ, хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалӣ  буда,  ба ин васила шиносонидану ба самъи  онҳо  расонидани ҳадафу мақсадҳои  ҲНИТ  мебошад.
- Бо сафоратхонаҳои мамолики хориҷӣ ва намояндагиҳои созмонҳои байналмилалӣ чӣ гуна равобит доред?
- Гуфтан  лозим аст, ки шӯъбаи мо бо тамоми корпусҳои дипломатии дар Тоҷикистон буда, робитаҳои доимӣ барқарор намудааст. Роҳбарияти ҳизб тез-тез бо кормандони сафоратхонаҳо ва намояндагиҳои созмонҳои байналмилалӣ мулоқот мекунанд. Ҳангоми нишасту мулоқотҳо масъалаҳои доғи рӯзи минтақаи Осиёи Марказӣ  ва ҷаҳон, аз қабили терроризми байналмилалӣ, ифротгароӣ, қочоқи маводи мухаддир, баланд бардоштани  нақши зан дар ҷомеъа, риояи ҳуқуқи башар,  ҳаллу фасли қазияи Афғонистон ва ғайра мавриди баррасӣ ва муҳокима қарор мегиранд. Боиси хурсандист, ки  тамоми ин  нишасту вохӯриҳо бо ҳусни тафоҳуми тарафайн сурат мегиранд.
- Дар ин мулоқоту нишастҳо чӣ таклифу дархостҳои судманд пешниҳод мешаванд?
- Бале, дар ҳар як дидору мулоқоти хеш роҳбарияти ҲНИТ,  бахусус раиси он устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ таъкид мекунанд,  ки ҲНИТ терроризм ва ифротгароиро дар ҳама шакли зуҳуроташ маҳкум менамояд ва ба муқобили он сахт мубориза мебарад. Дар мавриди маводи мухаддир бошад, ҳизби мо истеҳсол, истеъмол ва ҳамагуна муомилотро бо ин вабои аср ҳаром дониста, омодагии худро баҳри мубориза бо ин аъмоли ҷиноӣ эълом медорад. Бадбахтӣ дар он аст, ки Тоҷикистон дар роҳи тиҷорати ҷаҳонии маводи мухаддир воқеъ гардидааст ва  ба воситаи қаламрави кишвари мо  ин заҳри қотил аз  Афғонистон ба дигар мамолики Ғарбу Шарқ  бурда мешавад. Бинобар ин хоҳу ноҳоҳ шаҳрвандони ҷумҳурии мо  ба иллати  бекорӣ  ва қашшоқӣ  ба ин ҷиноят  даст мезананд.
Мавзӯи Зан-Модар ва умуман риояи ҳуқуқи башар яке аз мавзӯъҳои ҳалталаби ҷомеъаи кишварамон аст,  ки роҳбарияти ҲНИТ-ро низ бетараф гузошта наметавонад. Ҳангоми сӯҳбату мулоқотҳо бо намояндаҳои кишварҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалӣ ишонро мутақоид месозем,  ки ҳизби мо риояи комили ҳуқуқи занонро  аз воҷиботи эътиқоди динии худ медонад ва муддаъӣ ҳастем, ки ҳеҷ қонуне дар дунё ба мисли дини мубини Ислом натавонистааст, ба занон ва умуман  ба башарият ҳуқуқи воқеъии онҳоро қоил бишавад. Аз ин рӯ,  мо пайваста кӯшиш ба харҷ

медиҳем, ки дар кишварамон на танҳо ҳуқуқи бонувон, балки ҳуқуқи  тамоми табақаву гурӯҳҳои ҷомеъа қатъиян риоя карда шавад.
Қазияи Афғонистон низ ҳамеша дар сӯҳбату нишастҳои мо мавриди баррасӣ қарор мегирад. Зеро солиёни зиёд аст, ки халқи мусибаткашидаи афғон гирифтори азобу шиканҷаҳо буд ва  боиси хушнудист, ки ҳукумати нави интиқолӣ бо сарвариии Ҳомид Карзай сари кор омад ва бисёр мушкилоти мардуми ин сарзаминро бо кӯмаки созмонҳои байналмилалӣ ба тадриҷ ҳаллу фасл карда истодааст. Азбаски Тоҷикистони мо ҳамсояи наздики Афғонистон аст, бинобар ин мо, яъне ҲНИТ ва аъзои он ҳамеша манфиатдорем ва мехоҳем, ки сулҳу оштӣ дар ин сарзамини бостонӣ барқарор гардад.
Лозим ба ёдоварист, ки  ҳар гуна фикру андешаҳои худро перомуни ин ё он масъалаи доғи кишварамон ва минтақа дар сӯҳбат ва нишастҳо  бо намояндагони кишварҳои хориҷӣ баён мекардем, аз ҷониби  онҳо хуш пазируфта мешуданд ва дастгирӣ ҳам мешуданд.
- Солиёни зиёдест, ки Шумо дар паҳлӯи устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ кору фаъолият доред, дар бораи ин шахсияти  маъруф чӣ  гуфта метавонед?
- Бо як ҷумла наметавонам баҳои муносиби худро дар ҳақи устод Сайид Абдуллоҳи  Нурӣ гӯям. Зеро ин марди шарифу мубориз барои озодию истиқлоли кишварамон ва барои хушбахтии мардуми мусалмонамон  ҷаҳду талош ва хидматҳои зиёде ба харҷ додааст.
Бубинед, навҷавонии мо ба солҳое рост омад, ки ҳукуматдорони вақти Шӯравӣ  бо барномаи атеистии худ аз тамоми имконот васеъ истифода мебурданд, то мо - ҷавононро аз дину мазҳаби хеш дур созанд. Вале хушбахтона, дар он замон шахсиятҳое пайдо шуданд, ки барои озодии виҷдону ақида ва дифоъ аз ҳуқуқи мусалмонон мубориза бурданд. Ва яке аз чунин шахсиятҳои маъруф дар кишварамон устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ ба шумор мераванд, ки  ба тазъйиқу фишори хадамоти махсус нигоҳ накарда, ҳамроҳи ҳамақидаҳо ва ҳамфикрони  худ  ҲНИТ-ро  таъсис доданд. Вақте  кас бо устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ  ҳамсӯҳбат  гардад, чашмони нурбори устод гӯё қиссагӯи ҳама розу ниёзҳои ӯст ва он кас  дар пуртоқативу  сабру бардошт, тамкину таҳаммул  санги  зери осиёро мемонад. Ба қавли Шайх Саъдӣ:

Мард бояд дар кашокаши даҳр,
Ҳамчу санги зери осиё бошад.

- Аввалин дидору мулоқоти Шумо бо устод С. А. Нурӣ кай ва дар куҷо сурат гирифта буд?
- Ба ростӣ, солҳои ҳаштодум устод Сайид Абдуллоҳи Нуриро ғоибона мешинохтам, вале аввалин мулоқотам бо ишон охири тирамоҳи соли 1986 дар маҳбаси шаҳри Қӯрғонтеппа сурат гирифт, ки ман низ бандии  он зиндонхона будам. Устод С. А. Нуриро дар ҳуҷраи махсус ва моро дар ҳуҷраи умумӣ нигоҳ медоштанд. Рӯзе зиндонбон сабаб гардиду аввалин бор дидори меҳрбори устод насибам гардид. Аз даричаи ҳуҷра як нонро  дароз кардам ва дар ин вақт як нафар яҳудии зиндоние, ки пештар ҳамроҳи мо  буд ва баъдан ӯро  ба ҳуҷраи устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ интиқол дода буданд,  рӯ  сӯи ишон оварда гуфт: «Ин ҳамон ҷавонест, ки ба мо мегуфт: «Ман барои суханони устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ худро қурбон мекунам». - Шумо ин  ҷавонро  чӣ  гуна тарбия  кардаед?»
Устод табассуми малеҳе карданду чизе нагуфтанду аз ҷо бархоста, сӯи панҷара омаданд ва нонро аз дастам гирифтанд ва дастонамро самимона фишурдаву бо нигоҳи меҳрбор арзу садоқати хешро баён карданд. Ин буд аввалин дидору мулоқоти камина бо устод Сайид  Абдуллоҳи Нурӣ, ки фақат чашмонамон бо ҳам роз мегуфтанд. Он замон дар чашмонам ашк ҳалқа зада, гиря гулӯгирам карда буд. Вале ман худро хушбахт ҳис мекардам, ки тақдир маро бо чунин шахсиятҳои бузург ҳамсӯҳбату ҳамнишинам сохтааст. Хулласи калом,  ин аввалин дидори чандлаҳзаина бо устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ буд, ки паси панҷараи маҳбас сурат гирифт ва он як умр дар хотири ман нақш бастааст...
Ва баъди адои мӯҳлати зиндону бадарға соли 1989 бори дуюм муяссарам гардид, ки ба дидори устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ дар озодӣ мушарраф гардам. Ин мулоқоту дидоробинӣ тавассути устодам Сайидумар Ҳусайнӣ  сурат гирифт, ки  он  басо ҷолибу хотирмон буд.
- Шумо чӣ гуноҳе содир карда будед, ки Шуморо зиндонӣ карданд?

- Ҳангоме кормандони КГБ соли 1986 устод Сайид Абдуллоҳи Нуриро дар аснои сафари хидматӣ дар роҳи Қӯрғонтеппа - Ёвон бидуни айбу гуноҳе дастгир намуданд, баъд аз ду соати ин ҳодиса мо огаҳӣ пайдо карда, назди бинои кумитаи ҳизби коммунисти вилояти Қӯрғонтеппа ҷамъ омадему тазоҳурот кардем ва талаб гузоштем, ки он касро озод намоянд. Ба ҳамин сабаб мо чанд нафарро боздошт намуданду ба зиндон кашиданд. Қайд кардан лозим аст, ки ин аввалин тазоҳуроте барои дифоъ аз як шахсияти рӯҳонӣ дар Тоҷикистон буд. Дар қатори чанд нафар тазоҳуркунандагон бо иттиҳоми фаъолият бар зидди низоми мавҷуда ва фишор овардан болои мақомоти ҳуқуқӣ дар мавриди озод кардани устод С. А. Нурӣ гунаҳкор дониста, ба мӯҳлати дуввуним сол зиндонию ба Сибир бадарға намуданд. Дар нӯҳ зиндони собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ мӯҳлати маҳбасии хешро гузаронидам.

- Дар зиндон тоъату ибодатро ба ҷо меовардед? Зиндонбонҳо чӣ гуна муносибат бо Шумо мекарданд?

- Рӯирост бояд гуфт, ки зиндонбонҳои Шӯравӣ тибқи дастуроти худ амал намуда, болои мо фишору таҳдид менамуданд. Аммо зиндониёне, ки ҳамроҳ бо мо буданд, баҳри тоъату ибодати мо тамоми шароитро муҳайё месохтанд. Аз ҷумла як нафар бародари рус, ки ӯро низ ба хотири ақидаи дини масеҳиаш зиндонӣ карда буданд ва ҳамеша дар ҳалқаи мо буд ва махсусан бо ман дӯсти наздик гардида буд. Агар як луқма нон пайдо мекардем, онро бо ҳам тановул менамудем. Падари рӯҳонӣ Николай аз Инҷил сухан мегуфту ман аз Қуръони маҷид. Бубинед, ки эътиқод ба Худои яккаву ягона моро, ки пайрави динҳои гуногун будем, ба ҳам наздику бародар гардонида буд. Баъдан вайро ба дигар зиндон интиқол доданд ва ман дигар аз тақдири минбаъдаи ӯ хабар надорам.

- Шумо дар зиндонҳо ранҷу азоб кашидед. Чӣ водоратон сохт, ки ин роҳи душворро интихоб намоед? Аз роҳи интихобкардаатон пӯшаймон нестед?

- Худовандро шукргузорам, ки овони ҷавониам уламои Ислом дасти маро бигрифтаву ба роҳи рост ҳидоятам намуданд. Ҳарчанд мақомоти махсуси ғараздардил мехостанд, маро аз роҳи интихобкардаам берун кунанд, аммо он чӣ ки аз устодонамон омӯхта будам, онро аз ҳама чиз болотару волотар медонистам. Шахсе, ки воқеъан ҳам таҳаввулоти ҷиддие дар ҳаёти ман ворид сохт, шодравон эшони Абулҳусайн буданд, ки дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ ба шаҳодат расиданд. Чаро аз роҳи интихобкардаи худ пушаймон бошам? Баръакас Худоро шукр мегузорам, ки даст ба майю нашъаву дуздию таҷовуз назадам, роҳи нодурусту хато пеша накардам, хонаеро насӯхтам, инсонеро ба қатл нарасонидам. Бинобар ин аз роҳи интихоб кардаам ифтихор дорам, на изҳори пушаймонӣ.

- Чаро имрӯз роҳбарияти ҲНИТ кӯшиш мекунад, ки ба сафи ҳизб бештар ҷавонон шомил гарданд?

- Агар ба таърихи сисолаи ҲНИТ назар афканем, баръало мебинем, ки пешоҳангони ин ҳаракати ислоҳотхоҳии исломӣ ҷавонони пешқадаму рӯшанфикр буданд. Аз ҷумла сарварони ҳизб устодони гиромӣ: Сайид Абдуллоҳи Нурӣ, Муҳаммадшариф Ҳимматзода он замонҳо ҷавонони навхат буданд ва таҷрибаи солҳои аввал онҳоро мутақоид сохтааст, ки дар пешбурди ҷомеъа ҷавонон нерӯи бузурге мебошанд ва ҳамагуна кору масъулиятро бо шавқу завқи ҷавонӣ ба субут мерасонанд. Аз ин рӯ роҳбарияти ҲНИТ тасмим гирифтааст, ки ба сафи ҳизб беш аз пеш ҷавонон, бахусус ҷавонони соҳибмаълумоту бофарҳангро ҷалб созад.

- Дар муддати дуюним соли фаъолияти КОМ Шумо ҳамроҳ бо устод Нурӣ дар барқарории сулҳу оштӣ дар кишварамон кору пайкор доштед. Чӣ хотирае аз он рӯзҳо дар ёди Шумо нақш бастааст?

- Бояд бигӯям, ки қариб ҳама лаҳзаҳои фаъолияти ин ниҳоди сулҳовар дар хотири ман боқӣ мондааст, рӯзе чун миёни аъзои КОМ дар ҳаллу фасли масоил ҳамдигарнофаҳмӣ ба вуқуъ мепайваст, навмедӣ гӯё пирӯз мегашт. Аммо ақли солим он ҳама ноумедиҳоро бартараф сохтаву аз ояндаи нек башорат медод. Он рӯзе, ки нахустин бор ҳамроҳ бо устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ вориди сарзамини Тоҷикистон шудему ҳазорон нафар аз ҳамдиёронамон бо акши шодӣ ва чеҳраи шукуфта моро истиқбол гирифтанд, дар хотирам абадӣ нақш бастааст.

- Аз саҳмияи сифоиза мансаберо хостед?

- Асло не, инсон дар кадом ҳолате набошад, бояд андозашиноси ҳадди худ бошад, ҳеҷ гоҳ барои мансаберо соҳиб гаштан давутоз накардаам ва нахоҳам кард. Дар паҳлӯи устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ будан бароям беҳтарин мансабу мақом аст.

- Аз назари Шумо ҲНИТ имрӯз дар миёни мардуми кишварамон чӣ ҷойгоҳеро касб кардааст?

- Ба ҳамагон маълум аст, ки ҲНИТ чанд сол боз дар чаҳорчӯбаи Қонуни Асосӣ ва қонунҳои ҷории кишварамон фаъолият пеш бурда, барои аз бӯҳрони иқтисодию иҷтимоӣ, ахлоқиву маънавӣ баровардани ҷомеа ҷаҳду талош дорад. Ва дар ин замина аллакай муваффақиятҳои назаррасеро ноил гаштааст. Хуб, дигар довари ҳақгӯ вақт аст ва бигузор ба фаъолияти мо баҳои хешро бидиҳад.

- Агар пурсем, ки Шамсиддин дар бисот чӣ дорад, чӣ посухе аз Шумо мегирифтем?

- Ҷавоб медодам, ки дар бисотам дороии зиёдеро соҳибам, ки онро наметавон бо зарру зевар ба даст овард. Ва он сармояи бузурги зиндагиям модари мушфиқу меҳрубонам аст, ки ӯ ҳам чароғи рӯшани хонадону ҳам баракати рӯзгору фарзандонам мебошад.

- Қиблагоҳатон чӣ?

- Агар падари азизу бенишонам ҳамроҳам мебуданд, ба ростӣ, ки худамро хушбахтарини инсонҳо мешуморидам. Афсӯс ки бо ҳукми тақдир ҳангоми даргириҳои сиёсӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ қиблагоҳи меҳрубонамро, ки ба «ҷурм»-и он ки аз ифшои макони банда худдорӣ кардаву талаби қотилонро дар мавриди дашному ҳақорати уламои маъруфи дини мубини Ислом рад кардаанд, бо чанд тири сӯзоне ба шаҳодат расониданд.

- Як-ду сухан доир ба зиндагии шахсиятон мегуфтед?

- Соҳиби ҳамсари меҳрубону панҷ фарзанди дилбанд: Фотимаву Руҳуллоҳ, Абдуллоҳу Ойиша ва Муҳаммад ҳастам. Қайд кардан ба маврид аст ки яке аз омилҳое, ки пайваста маро дар кор дастболо мегардонад, ин хидматҳои хуби ҳамсарам мебошад. Дар ҳар кор ӯ маро дастгиру кӯмакрасон аст ва чунин дастгириву ҳурмати вай аст, ки ҳам зиндагиам маъно дораду ҳам кору пайкорам.

- Агар гуфтании дигаре дар арафаи ҷашни 30-солагии ҲНИТ доред, марҳамат карда бигӯед.

- Орзӯ дорам, ки ҷавонони кишварамон рӯ ба фарҳангу маънавиёт ва илму маърифат биёранд. Чунки дур будан аз асолату маънавиёт, дину мазҳаби хеш инсонро ба кӯи номуродӣ ва бадбахтӣ мебарад. Аз ҷониби дигар, аз тамоми уламои исломии кишварамон хоҳиш дорам, ки гирди як меҳвар ҷамъ гаштаву, ҷомеаи кишварамон, бахусус насли наврасро аз фасоди ахлоқию маънавӣ наҷот бидиҳанд.Ва дар охир аз фурсат истифода бурда, ба муносибати ҷашни сисолагии ҲНИТ ҳамаи аъзо ва ҳаводорони ин ҳаракати сиёсии исломиро табрику таҳният мегӯям ва ба онҳо аз даргоҳи Худованд саломативу ва дар корҳои созандагӣ барору комёбиҳо таманно дорам.

## Пайкари миллат зи Қуръон зиндааст

Мусоҳиба бо собиқадори ҲНИТ Мавлавӣ Муҳаммадрасули Салом

Зодаи ноҳияи Тоҷикобод. Соли таваллудаш 1946. Дар хонаводаи деҳқон ба дунё омадааст. Соли 1949 аҳли хонаводаашон ба водии Вахш муҳоҷир шуда, дар ноҳияи Ҷиликӯл тарҳи иқомат андохтанд. Соли 1965 мактаби миёнаро хатм намуда, аз соли 1964 то соли 1973 дар колхози Пахтакори ноҳияи мазкур кор кардааст. Сипас ӯ то соли 1988 дар риштаи таъмиру роҳсозии ноҳияи Колхозобод чун сардори устоҳои қитъа заҳмат кашидааст. Соли 1988 дар ноҳияи Ҷиликӯл шӯъбаи маркази хизматрасонии техникии шаҳри Қӯрғонтеппа таъсис ёфт ва ӯро сардори ин корхона таъйин намуданд, ки то соли 1992 дар ҳамин ҷо адои вазифа намуд.
Мавлавӣ Муҳаммадрасул дар улуми шаръи исломӣ дар кишварамон яке аз чеҳраҳои шинохта буда, дар байни уламо соҳиби қадру манзалат ҳаст. Ӯ соли 1978 узви ҲНИТ гардида, дар густариши афкори ислоҳотхоҳии исломӣ дар Вахшонзамин ва дар пешбурди корҳои ташкилӣ ва таблиғотии ҳаракати сиёсии исломӣ ҳиссаи арзанда гузоштаст.
Охири соли 1992 бар асари ҷанги дохилӣ ба қаламрави Афғонистон ҳиҷрат намуда, дар беҳтар гардонидани вазъи зиндагии муҳоҷирин кӯшиши зиёде кардааст. Дар соҳаҳои мухталифи Ҳаркати Наҳзати Исломии Тоҷикистон ва ИНОТ кору пайкор намудааст. Аз ҷумла чандин сол ба ҳайси раиси кумитаи низомии ИНОТ ифои вазифа намудааст. Дар ин давра низ дониши худро такмил дода, соли 1996 Донишгоҳи ба номи Абдуллоҳ ибни Масъуди вилояти Тахори Афғонистонро бомуваффақият хатм кардааст. Донандаи хуби забонҳои арабиву ӯзбекӣ мебошад.
Чун узви зеркомиссияи муҳоҷирини КОМ дар баргардонидани муҳоҷирин ба Ватан саҳми арзанда гузоштааст. Барои хидматҳояш бо медали «Барои хизмати шоиста» сарфароз гардидааст.
***
. - Мӯҳтарам Мавлавӣ, нахуст мехостем бигӯед, ки Шумо маълумоти диниро дар куҷоҳо гирифтед?
- Бисмилоҳи-р-раҳмони-р-раҳим. Воқеъан, дар синфи чоруми мактаби миёна таҳсил мекардам, бори аввал таълими ибтидоии диниро аз амакам мулло Неъмон гирифтам, ба ибораи халқӣ гӯям, бори аввал дар назди он кас чашми хат баровардаму Қуръонхон ва форсихон шудам. Баъди хатми мактаби миёна барои такмили дониши худ ба назди дигар уламо рафтам. Дар назди олимони машҳури улуми динӣ домулло Саидраҳмони Калон ва мулло Асомиддин (Худо раҳматаш кунад) илми ҳадис, тафсир, фиқҳ ва сарфу наҳви арабиро таълим гирифтам.
- Шумо бори аввал бо афкори ислоҳотхоҳии исломӣ кай ва дар куҷо шинос шудед ва дар ин ҷода киро устоди худ мешуморед?
- Вақте ки ман саводи худро такмил додаму ба ҷои истиқоматам ноҳияи Ҷиликӯл баргаштам, дар он ҷо ба таълиму тарбияи толибилмони ҷавон ба таври махфӣ машғул шудам. Шогирдони зиёдеро ҳам таълим медодам. Ҳангоми дарсдиҳӣ ва фаҳмонидани мавзӯъ байни мо шогирдонамон дар баъзе масъалаҳо ихтилофи назар ба миён меомад. Бинобар ин ба назди яке аз олимони рӯшанфикр, доно ва пешқадами Вахшонзамин домулло Абдулазиз рафта, ҳамон нуктаҳои сарбаста, масъалаҳои мушкилро аз он кас пурсида мегирифтем. Домулло Абдулазиз дар колхози Ленини ноҳияи Колхозобод истиқомат мекарданд ва ҳоло ҳам дар ҳамон ҷой зиндагӣ ба сар мебаранд. Бояд гуфт, ки нахустин бор афкори ислоҳотхоҳии исломиро аз забони ҳамин донишманд шунидам, ки зимни саволу ҷавоб ва фаҳмонидани баъзе масъалаҳои шаръӣ ба мо талқин мекарданд. Оҳиста-оҳиста бо таъсири он кас чунин афкори наву пешқадам дар шуур ва тафаккури камина низ бедор гардид. Ман дар навбати худ чунин афкори ислоҳотхоҳии исломиро ба шогирдони худ таълим медодам ва онҳоро дар ҳамин рӯҳия тарбия мекардам.
- Шумо гуфта метавонед, ки ин кадом солҳо буд?
- Оғози солҳои ҳафтодуми асри гузашта буд.
- Бо муассисон ва ташаббускорони созмони «Наҳзати Ҷавонони Исломии Тоҷикистон», аз ҷумла устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ кай ва дар куҷо ошно гардидед ва чӣ гуна ба ин ҳаракати сиёсии исломӣ шомил гардидед?
- Аслан, сабабгори шиносоии мо бо ин гурӯҳи рӯшанфикрон ва ислоҳотхоҳони исломӣ мулло Неъматулло буданд. Он кас хусурбурдаи мулло Абдулазиз буданд ва бо ишон рафтуойи хешу таборӣ доштанд. Ҳангоми сӯҳбатҳои мо мулло Неъматуллоҳ низ ширкат меварзиданд ва дар баъзе

мавридҳо фикру андешаҳояшро дар бораи ин ё он масъала баён мекарданд. Аз ҷумла  перомуни он ақидае, ки мо нисбати бузургону калонсолон пештар доштем, албатта, он ақидаро аз китобҳо наомӯхта будем ва онро ба мо падару бобоёнамон талқин карда буданд,  дар вақти ҳамин баҳсу мунозираҳо мулло Неъматуллоҳ мегуфтанд, ки роҳу равиш, гуфтору рафтори Паёмбари Ислом (с) гуфтааст ва кардааст, чунин аст, на ин рафторе, ки рӯҳониёни мо мекунанд. Яъне ин гуна афкоре мавҷуд буданд, ки аслан рабте ба Ислом надоштанд, урфу одати мардумӣ ва хурофот буданд. Вале ин гуна ашхос аҳкоми шаръиро бардурӯғ доми тазвир мекарданд ва даст ба ғорати амволи мардум мезаданд. Вақте мо оҳиста-оҳиста ба омӯзиши дурусту амиқи Қуръони маҷид ва аҳодиси набавӣ пардохтем, маълумамон гардид, ки ин гуна ақидаҳо ва равиши кор хурофотианд ва ба дини мубини Ислом иртибот ва умумияте надоранд. Аз ин рӯ қарор додем, ки ҳақиқатро бояд ошкор созем ва дар байни мардум ташвиқу тарғиб намоем. Дар бедории шуури мо инчунин асарҳои Саид Қутб, Мавдудӣ, Ҷамолиддини Афғонӣ, Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ барин мутафаккирони олами Ислом низ таъсири пурфайз гузоштанд. Ҳамин тавр афкори мо рӯз то рӯз бедортар мегардид ва мо ба ҷустуҷӯи ҳамфикрону ҳамақидаҳои худ дар дигар шаҳру ноҳияҳо афтидем ва бо устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ, шогирдон ва пайравони он кас шинос гардидем. Вохӯрии мо бо устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ бисёр аҷиб воқеъ гардида буд. Сурати воқеъа чунин буд:

Сабабгори аслии вохӯрии мо бо устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ тавре ёдовар шудам, мулло Неъматуллоҳ  буданд. Он кас дар бораи камина ба  устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ ва мутақобилан дар бораи шахсияти ишон ба мо нақлҳо мекарданд. Бинобар ин мо ҳамдигарро ғоибона мешинохтем, вале боре ҳам мулоқот накарда будем. Як рӯз устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ мехоҳанд мошини сабукрави худро фурӯшанд. Он солҳо  бозори мошин дар ноҳияи Колхозобод воқеъ буд. Вақте мошинро барои фурӯш ба бозор мебаранду ба савдо мегузоранд, он рӯз ба фурӯш намеравад. Бегоҳӣ мулло Неъматуллоҳ таклиф мекунад, ки хонаи банда, яъне мулло Муҳаммадрасул меравем. Устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ, ки он вақт бо номи мулло Абдуллоҳ шӯҳрат доштанд, розӣ мешаванд ва ба ноҳияи Ҷиликӯл, ба хонаи камина мераванд. Иттифоқан, ҳамон рӯз мо низ бо мулло Абдулазиз маслиҳат мекунем, ки рафта бо мулло Абдуллоҳ, яъне устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ вохӯрӣ намоем. Худи ҳамон рӯз мо рафтем ба деҳаи Якуми Майи совхози Туркманистони ноҳияи Вахш, ба хонаи устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ. Шаби дароз мо дар он ҷо, онҳо бошанд, дар хонаи мо ҳамдигарро интизорӣ кашидем. Саҳарӣ мо ба ноҳияи Колхозобод ба бозори мошин рафтем, ки устод Сайид Абдуллоҳи Нуриро ҳамроҳи мулло Неъматуллоҳ дар он ҷо вохӯрдем. Бо дидани камина устод  С. А. Нурӣ ба мулло Неъматуллоҳ «А ҳувва ҳувва?» мулло Неъматуллоҳ дар ҷавоб гуфтанд, ки «ҳувва, ҳувва». Яъне устод Нурӣ  ба забони арабӣ пурсиданд, ки ҳамон шахси гуфтагият ҳамин кас ҳаст? Он кас ҷавоб доданд, ки бале ҳамин нафар аст. Баъд мо маслиҳат карда, аз ҳамон ҷо рост ба хонаи устод Нурӣ рафтем ва як шабонарӯз сӯҳбати пурмазмуну самимӣ оростем. Ҳамин тариқ  дӯстию рафоқати мо шурӯъ гардид.

Дар ин ҷо як чизро қайд карда гузарам, ки лаззати маънавӣ дар роҳи Исломро мо дар ҳамон вақтҳо хеле хуб эҳсос мекардем. Масалан, баъзе шабҳо мешиштему дар бораи масъалаҳои гуногуни дини мубини Ислом сӯҳбатҳо мекардем, маҳфилҳо меоростем,  рафтору корнамоии Паёмбари бузурги Ислом ва саҳобагону ёрону пайравонашро ёдовар мешудем, рафтору кирдори худамонро бо онҳо муқоиса мекардем. Худованд шоҳид ҳаст, ки ҳатто вақти намози бомдод мешуд, намоз гузоридан ба мо гаронӣ мекард, ки гӯё  аз сӯҳбат дур мешавему таҳорат мекунему намоз мехонем. То ҳамин дараҷа сӯҳбатҳои мо дар атрофи дини мубини Ислом гарму ҷӯшон ва самимӣ сурат мегирифтанд, ки  мо ҳама аз ин маҳфилҳо лаззати зиёди маънавӣ мегирифтем.

- Вохӯрии нақлкардаи Шумо кадом сол воқеъ гардида буд?

- Валлоҳу аълам,  соли 1977-ум  буд.

- Шумо аз таъсиси созмони «Наҳзати Ҷавонони Исломии Тоҷикистон» то он вақт огоҳ будед?

- Не, инро мо намедонистем. Он  давраи Шӯравӣ ба худатон маълум, ки  дар ин масъала бисёр ҳолати вазнин ҳукмфармо  буд. Чунки дар он замон хурдтарин озодандешӣ ва дигарандешӣ аз тарафи ниҳодҳои қудратӣ, бахусус нерӯҳои амниятӣ саркӯб карда мешуданд. Бинобар ин роҳбарони созмони мазкур бисёр эҳтиёткорӣ мекарданд ва чунин  асрори ниҳонии худро на ба ҳар

кас ифшо месохтанд. Аввал хуб месанҷиданду баъди эътимоди комил ҳосил кардан, дар ин бора ба он кас маълумот медоданд. Дар бораи таъсиси созмони «Наҳзати Ҷавонони Исломии Тоҷикистон» ҳаминро гуфта метавонам, ки дар ҳақиқат ин ҳаракати сиёсии исломӣ бо иштироки панҷ нафар бо сарварии устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ 20 апрели соли 1973 дар шаҳри Қӯрғонтеппа, дар манзили Ҳоҷӣ Қаландари Садриддин таъсис ёфта буд, ки муассисонаш ҳамаашон шогирдони устод С. А. Нурӣ буданд. Яъне ин созмон дар марҳилаи аввал дар ҳамин дойира ташкил ёфт ва ба фаъолият даст зад. Сипас баъди чанд сол дар сатҳи баландтар, яъне ҷаласаи минтақавии созмони мазкур доир гашт, ки ман дар он ширкат доштам. Сурати воқеъа чунин буд:
Ба фикрам соли 1978, аввали фасли баҳор буд ,ки дар хонаи мулло Амриддин, дар совхози Ватани ноҳияи Шаҳритус мо як гурӯҳ ашхоси ҳамфикру ҳамақида ҷамъ омадему маҷлис гузаронидем. Дар он ҷаласа устод С. А. Нурӣ, мулло Неъматуллоҳ, мулло Абдулазиз, мулло Амриддин ва чанд нафари дигар ширкат доштанд. Бояд гӯям, ки ҷаласаи мо ду шабонарӯз давом карду дар он созмони минтақавии «Наҳзати Ҷавонони Исломии Тоҷикистон» таъсис гардид. Мувофиқи тақсимот ҳар як узви раёсати ин созмон ба коре масъул гардонида шуд. Ба ҳамин хотир якчанд бахш ё шӯъбаҳои созмони мазкур, аз ҷумла бахшҳои таълим ва иршод, даъват, амният ва ғайра ташкил шуданд. Роҳбарии созмони мазкур пурра ба дӯши устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ вогузор гашт.

- Шуморо дар кадом бахш масъул гардониданд?

- Маро масъули бахши амнияти ҳаракати мазкур интихоб карданд. Бояд қайд кунам, ки ин масъулияти хеле вазнин буд, то дараҷае ки бори аввал сару тани маро обу араҳи хунук пахш кард, чунки камина дар ҳаёту зиндагиам ба ин хел корҳо даст назада будам, бинобар ин бароям иҷрои ин масъулият хеле гаронӣ мекард. Вале устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ маро хеле дилбардорӣ кард ва гуфт, ки Худованд фармудааст:«Касе дар роҳи мо кӯшиш кунад, ман ӯро ҳидоят мекунам». Дар ҳақиқат ҳамин тавр ҳам шуд. Камина бо дили пур аз имон дар роҳи Худо дар ин ҷода қадам гузоштаму ҳидоят ёфтам. Корҳоямон авҷ гирифту ба пешравиҳо ноил гардидем. Дар аксар ноҳияҳои Вахшонзамин ва дигар минтақаҳои кишварамон созмонҳои ибтидоии ҳаракати исломии мо таъсис ёфтанд. Бахши амниятии созмон ё ҳизби мо аз рӯзҳои аввал барои тоза нигоҳ доштани сафҳои худ аз ашхоси тасодуфӣ, дурӯя, мунофиқ, ғаразнок кӯшиш ба харҷ дод ва алҳамдулиллоҳ, ба ин кор муваффақ ҳам шудем. Яке аз самтҳои муҳими фаъолияти бахши мо боздоштани вуруди нафарону намояндагони нерӯҳои амниятӣ, яъне КГБ ба сафи созмони мо буд. Мо ҳар як нафареро, ки ба узвияти ҳизб қабул мекардем, ҳамаҷониба месанҷидем ва баъди ин иҷозат медодем. Чунки он давра фишору таъаддӣ сари ҳаракати исломии мо хеле сахт буд ва мо маҷбур будем, ки барои ҳифзи созмони худ ба чунин иқдом даст бизанем. Бояд бигӯям, ки дар ин самт хеле корҳои ҷолибро ба ҷо овардем.

- Шумо ин масъулиятро то кадом давра ба ӯҳда доштед?

- Камина масъулияти бахши амнияти ҳизбро то доир гардидани конфронси таъсисии шӯъбаи тоҷикистонии ҲНИ Иттиҳоди Шӯравӣ дар деҳаи Чортути ноҳияи Ленин ба дӯш доштам ва ба қадри тавоноӣ ба ҷо овардам. Сипас дар ин конфронс маро раиси шӯъбаи ҲНИТ дар собиқ вилояти Қӯрғонтеппа интихоб карданд, ки мо дар ин давра фаъолияти ҳизбро ба таври ошкор пеш бурдем.

- Дар бораи фаъолияти ин давраи худ чанд сухан мегуфтед?

- Вақте ҲНИТ ба таври расмӣ ба фаъолият шурӯъ кард, дар ин марҳала ба пешрафтҳои калон ноил гардид. Махсусан дар собиқ вилоят Қӯрғонтеппа шӯъбаи вилоятии ҲНИТ ба таври расмӣ ба қайд гирифта шуд ва он ашхосе, ки пештар метарсиданд, ки бо ҳизби мо ҳамкорӣ дошта бошанд, акнун ба таври ошкоро дар бисёр риштаҳову соҳаҳо бо мо дар тамос буданд, ҳамкорию ҳамдастӣ мекарданд. Аз тарафи дигар, як қисм шахсоне ки дар вазифаҳои давлатӣ кор мекарданд, ба узвияти ҲНИТ пазируфта шуданд. Ба ғайр аз ин дар шӯъбаи бонки давлатӣ суратҳисоби махсуси ҳизбро кушодем, ки дар он маблағҳои зиёде аз ҷониби аъзо ва ҷонибдорони ҲНИТ ҷамъ оварда шуда буд, ки онҳоро барои корҳои таълиму иршод, даъват ва дигар умури ташкилию сиёсӣ ва фарҳангӣ сарф менамудем. Дар назди шӯъбаи вилояти ҲНИТ маркази хайрия ҳам ташкил намудем, ки ба ашхоси бечораву нодор ва камбағал дасти кӯмаку ёрӣ дароз карда мешуд. Дар тамоми шаҳру ноҳияҳо

шӯъбаҳои ҲНИТ-ро ба таври расмӣ таъсис додем ва онҳо фаъолияти расмӣ доштанд. Қайд кардан ба маврид аст, ки ҳамин давра, яъне аз конфронси таъсисии шӯъбаи тоҷикистонии ҲНИ Иттиҳоди Шӯравӣ то давраи даргириҳои ҷанги шаҳрвандӣ ва ҳиҷрат ба қаламрави Афғонистон, агарчанде давраи хеле кӯтоҳ буд, барои ҲНИТ хеле марҳалаи муҳиму босамар ба шумор меравад. Маҳз дар ҳамин давра дар тамоми минтақаҳо бахусус водии зарнисори Вахш ҲНИТ фаъолияти худро ба тарзи ошкоро ва расмӣ вусъат дод ва теъдоди аъзову ҷонибдоронаш беш аз пеш зиёд гардид. Бинобар ин ман давраи мазкурро муҳимтарин марҳала дар таърихи сисолаи ҲНИТ меҳисобам.

- Иштироки ҲНИТ-ро дар гирдиҳамоиҳо ва тазоҳуроти соли 1992 дуруст мешуморед ва худи Шумо дар ҳамон давра дар кадом мавқеъ қарор доштед?

- Ман зидди иштироки ҲНИТ дар тазоҳуроти соли 1992 будам ва инак, баъди гузаштани чандин сол дар ҳамин ақида устуворам. Ба андешаи ман роҳбарони ҲНИТ дар он давра таҷрибаи зиёди мубориза ҳои сиёсӣ надоштанд. Бояд дар гирдиҳамоиҳо ва тазоҳуроти дарозмуддат ширкат наменварзидем. Вале мутаассифона, коргардонҳои моҳири хориҷӣ ва дохилӣ тавассути роҳбарони созмонҳои «Лаъли Бадахшон», «Растохез» ва ҲДТ аъзо ва ҷонибдорони ҲНИТ ва умуман нерӯҳои расмӣ ва ғайрирасмии исломиро ба майдони сиёсат кашида, сипас ба гирдоби ҷанги дохилӣ андохтанд. Имрӯз фикр мекунам, ки мақсад ва ғарази онҳо аз ташкили ин кашмакашиҳои сиёсӣ, гирдиҳамоиҳо ва тазоҳурот саркӯб кардани нерӯҳои исломӣ ва умуман мусалмонон будааст. Мутаассифона, роҳбарони ҲНИТ ин ҳақиқатро хеле дер дарк карданд. Бинобар ин дар он давра ягона роҳи мубориза ба даст гирифтани силоҳ ва дифоъ аз ҳуқуқи мусалмонон буду халос. Роҳи дигаре намонда буд. Мо ин корро кардем ва ба ҳама нишон додем, ки бо ин роҳ муқовимат ва мубориза бурда метавонем. Вале мо оқибат сулҳро аз ҷанг афзал шуморида, Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллиро имзо кардем ва ба Ватан бо сари баланд баргаштем.

- Шумо кай ба қаламрави Афғонистон ҳиҷрат кардед?

- Мо охирин ашхосе будем, ки аз Вахшонзамин аз дарёи Ому гузаштем. Ин 25 декабри соли 1992-ум буд. Аз роҳбарияти ҲНИТ камина ва чанд нафаре будем, ки ҳамроҳи мардуми водии Вахш ба қаламрави Афғонистон ҳиҷрат намудем. Дигар роҳбарони ҳизб, ки он вақт дар Душанбе қарор доштанд, тавассути водии Қаротегину Вахё ва Дарвоз ҳиҷрат карда буданд.
Бояд гуфт, ки воқеъан ҳам дар лаби дарёи Панҷ ё худ Ому вазъияти мардуми мусалмони мо бисёр вазнин буд. Халқ хеле азобу уқубат кашид, зеро ҳаво хунук шуда буд, мардуми бесарпаноҳ азобҳои сахтро аз сар гузарониданд. Як қисми кӯдакону пиронсолон аз сардии ҳаво ҳалок шуданд. Ҳатто дар хотирам мондааст, ки дар он киштие ки аз дарё мегузаштем, як зан таваллуд кард ва мо аз дидани ин вазъияту ҳолат хеле мутаассир шудем. Хайр, дигар чӣ гӯям, муддати як моҳ тамоми мардуме, ки мехостанд ҳиҷрат кунанд, ба хоки Афғонистон гузаронидем. Касоне нахостанд бираванд, мо ба онҳо кордор нашудем. Дар он тарафи марз муҳоҷиринро дар қароргоҳҳо ё кампҳо ҷойгир кардем ва барои беҳтар кардани шароити зисту зиндагонии онҳо кӯшиш ба харҷ додем.
Азбаски устод С. А. Нурӣ ва дигар роҳбарони мухолифини тоҷик ба Кобул рафта буданд, моро ба он ҷо даъват карданд. Вақте ки бори аввал ба қасри Раиси Ҷумҳури Афғонистон дохил шудам, дар он ҷо роҳбарони мухолифин устод С. А. Нурӣ, устод М. Ҳимматзода, эшони Қиёмиддини Ғозӣ, Қорӣ Муҳаммадҷони шаҳид ва дигаронро дидам, ки нишаста чой менӯшанду сӯҳбат доранд, азбаски аз дохили мардуми бечораи муҳоҷир рафта будам, мушкилоти сахтеро аз сар гузаронида будам, аламам карду беихтиёр гиристаму гуфтам, ки Шумо чӣ хел дилатон мешавад, ки ин ҷо шишта сӯҳбат мекунед, вале мардуми Шумо дар ҳоли зору низор қарор дорад. Устод С. А. Нурӣ дар ҷавоби суханони ман гуфтанд, ки Шумо сабр кунед, мо ин ҷо зиёфатхӯрӣ наомадаему бекор ҳам нанишастаем. Омадаем, ки бо ҳукуматдорони Афғонистон Бурҳониддин Раббонӣ ва Аҳмадшоҳи Масъуд дар мавриди кӯмаку ёрӣ ба муҳоҷирони тоҷик гуфтушунид кунему тадбирҳо андешем. Воқеъан, фикри устод С. А. Нурӣ ва дигар роҳбарони мухолифин дуруст будааст ва дере нагузашта аз ҷониби ҳукумати Давлати Исломии Афғонистон ба муҳоҷирони тоҷик кӯмаку ёрии зиёди моддӣ расонида шуд. Оҳиста-оҳиста вазъи муҳоҷирини мо бо дастгирӣ ва кӯмаки ҳамаҷонибаи бародарони афғон ва дигар созмонҳои байналмилалалӣ хеле беҳтар гардид ва дар баъзе мавридҳо шаҳрвандони кишвари мо назар ба сокинони Афғонистон зиндагии хубтару беҳтар доштанд.

- Шумо дар ҳиҷрат чӣ масъулиятро ба ӯҳда доштед?
- Дар ҳамон нишасте, ки мо дар шаҳри Кобул доштем, устод С. А. Нурӣ каминаро ба ҳайси раиси кумитаи низомии Ҳаракати Наҳзати Исломии Тоҷикистон таъйин карданд ва ман то ба охир ҳамин вазифаро бар дӯш доштам. Чӣ қадар қобилияту тавоноӣ доштам, дар ин роҳи душвору масъулиятнок сарф кардам.

- Мӯҳтарам Мавлавӣ, Шумо дар музокироти сулҳи байни тоҷикон мустақиман ширкат доштед?
- Фақат як бор, дар музокирот дар шаҳри Кобул, ки Раиси Ҷумҳури Тоҷикистон Э. Ш. Раҳмонов рафта буд, ҳамроҳи устод Нурӣ ва дигар роҳбарони ИНОТ иштирок доштаму халос. Дигар ман ба ин корҳо масъул набудам, зеро чуноне ки гуфтам, ба кумитаи низомии ИНОТ сарварӣ мекардам. Ба умури музокироти сулҳи байни тоҷикон оқои Тӯраҷонзода, устод М. Ҳимматзода ва дигар бародарон масъул буданд.

- Шумо баъди ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон боз як соли дигар ҳамроҳи муҷоҳидин дар қаламрави Афғонистон мондед. Ҳамин тавр не?

- Бале, корҳо ҳамин тавр сурат гирифтанд, тибқи Созишномаи умумии сулҳ ва ризоияти миллӣ бояд нерӯҳои мухолифин бо қувваҳои давлатии Тоҷикистон ҳамоиш карда мешуданд. Бо ин мақсад Комиссияи марказии муштараки атестатсионии низомӣ ба назди муҷоҳидин омада, тамоми ҳайати шахсӣ ва силоҳу муҳимотро рӯйхат карданд.

-Умуман, чӣ қадар муҷоҳидин ба ниҳодҳои қудратии давлати Тоҷикистон шомил карда шуд?

- Аз рӯи маълумоти расмӣ 5 ҳазору 700 нафар ва бо шумули муҷоҳидини дигар 6 ҳазор нафар ба ниҳодҳои қудратӣ ҳамроҳ карда шуданд.

- Дар ҳамон давра хабаре интишор гардид, киштие ки Шумо бо он аз қаламрави Афғонистон ба Тоҷикистон мегузаштед, минагузорӣ шуда буд. Оё хабар ҳақиқат дошт?
- Бале, дар охирин киштие, ки мо ҳайати баландпояи низомии мухолифин дарёи Омуро убур мекардему ба Тоҷикистон меомадем, пеш аз он ки савор шавем, супориш додам, то тамоми киштӣ бо ҷузъиёташ аз назар гузаронида шавад. Ҳатто ба воситаи арғамчин таги киштиро дида баромадем. Ҳангоми тафтиш аз таги киштӣ як чизеро монанд ба аккумлятори калон пайдо кардем, ки дар болояш ба забони русӣ навиштагӣ буд: «Для равновесия судна», яъне посанг барои баробар сохтани вазни киштӣ. Вақте ки капитани киштиро даъват кардему бозёфти худро нишон додем, ӯ китф дар ҳам кашид, ки ин ба киштӣ ҳеҷ дахле надорад. Ман 25 сол шуд, ки дар ҳамин ҷо кор мекунам, ин хел чизро бори аввал мебинам, изҳори тааҷҷуб кард вай. Баъди он минаро гирифта, сад метр дуртар аз киштӣ бурда, мондем ва тамоми аъзои комиссияеро, ки аз Тоҷикистон барои бурдани мо бо роҳбарии Тағай Раҳмонов рафта буд, огоҳ сохтем. Онҳо ҳам ҳайрон монданд. Сипас аз созмонҳои байналмилалӣ барои тафтишу безарар гардонидани минаи мазкур мутахассисонро даъват кардем. Онҳо аз масофаи дур бо асбобҳои махсус минаро инфиҷор доданд, таркиши сахте ба амал омад ва дар ҷои таркиш як чуқурии калон пайдо гардид. Раҳбари комиссияи мазкур Тағой Раҳмонов ҳамаи ин воқеъаи рӯйдодаро омада, ба ҳукумати Тоҷикистон ва созмонҳои байналмилалӣ арз кард ва барои риояи қатъии амнияти мо кӯшиши зиёд ба харҷ дод. Баъди ду моҳи дигар, шукри Худованд, сиҳату саломат ба Ватан баргаштем.

- Шумо бигӯед, ки оё тамоми бандҳои Созишномаи умумӣ нисбати размандагони собиқ нерӯҳои ИНОТ ба иҷро расиданд?
- Мутаассифона, иҷро нагардиданд. Дар ин масъала ба саҳлангорӣ роҳ дода шуд. Аз ҷумла аз рӯи талаботи Протоколи низомии Созишномаи умумии истиқлоли сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон бояд ҳар як муҷоҳиди баргашта ба ҷои кори пештарааш барқарор ва хонаву дараш баргардонида мешуд. Афсус, ки ин корҳо иҷро нагардиданд ва ҳама дар болои коғаз монд. Қисмати асосии онҳо, ки воқеъан ҳам муҷоҳид буданд, пароканда шуданду ҳоло як теъдодашон дар Тоҷикистон, як зумраашон дар Русия ва дигар мамлакатҳо ба мардикорӣ машғуланд ва дар зиндагӣ ба мушкилоти зиёде мувоҷеҳанд. Онҳо то ба имрӯз мо роҳбарияти ИНОТ-ро маломат мекунанд, ки агар онҳо чун дигар муҳоҷирин ба Ватан бармегаштанд, шояд созмонҳои байналмилалӣ чун дигар муҳоҷирон дар сохтану барқарор кардани хонаҳояшон ва дигар корҳои хоҷагиашон кӯмакашон

мекарданд. Имрӯз, ки чун муҷоҳид ба Ватан баргаштем, касе парвои мо надорад, ки мо ба чӣ кор машғулем. Онҳо то ба имрӯз моро бо чунин суханон таънаю маломат мекунанд.

- Охир, худи Шумо ҳам ягон вазифа нагирифтед. Тақдири Шумо ва он муҷоҳидин тақрибан як аст, пас ин маломат барои чист?

- Бале, рост гуфтед. Вале муҷоҳидин мегӯянд, ки шумо роҳбарони мо будед, гуфтед, ки сулҳу салоҳ мекунем, мо низ ба суханони Шумо гӯш додему сулҳро аз ҷанг авлотар дониста, ба Ватан баргаштем. Инак, ҳоли моро бубинед, ки ба чӣ мушкилоти моддӣ, маънавӣ ва ҳуқуқӣ мувоҷеҳ шудаем. Намедонем, додамонро ба кӣ гӯем. Замин сахту осмон баланд аст.

Дар ҳақиқат даъвои собиқ муҷоҳидин росту дурустанд. Дур нарафта, аз ҳаёти худам мисол меорам. Чуноне дар боло гуфтам, дар ҳиҷрат ман раиси Кумитаи низомии ИНОТ будам, ки ин вазифаи басо масъулиятнок ба шумор мерафт ва дар итоати банда беш аз 5 ҳазор нафар муҷоҳидин буданд. Вақте Комиссияи марказии муштараки атестатсионӣ, ки он аз 30 нафар аъзо иборат буд, тамоми ҳайати шахсӣ ва силоҳу муҳимотамонро ба қайд гирифт, ба камина додани унвони генералиро пешниҳод кард. Ҳатто каминаро ба ин унвон табрик ҳам карданд.

Вале мутаассифона, баъди баргаштан кор ба дигар ранг сурат гирифт. Мо бисёр мехостем, ки бо ҳамроҳии собиқ муҷоҳидин бошем, ахлоқу рафтори онҳоро назорат кунем, то ки ба корҳои нодурусту бад ва ғайришаръӣ даст назананд. Яъне собиқ муҷоҳидин бе сарпарасту бесарвар намонанд, то ки ахлоқи ҳамидаашон, рафтору одобашон бад шаваду ин боиси хиҷолати мо гардад. Мо ба ҳамин хотир хостем бо онҳо бошем. Вале роҳбарияти ҳукумат ва давлати Тоҷикистон ин корро нахостанд. Ҳол он ки будани мо дар ҳайати низомиёни собиқ ҳам ба манфиати ҷомеъа ва ҳам давлати Тоҷикистон буд.

- Албатта, ин камбудиҳо ҷой доранд. Вале бо вуҷуди ин бо гузашти солҳо Шумо гуфта метавонед, ки роҳи интихобкардаи роҳбарияти ИНОТ, ки Шумо дар ҳайати он будед, яъне роҳи сулҳу оштии миллӣ назар ба ҷангу ҷидолу хунрезӣ дурусту афзал будааст?

- Бале, бо вуҷуди ин ҳама камбудию норасоиҳо ҳаёт ба таври амалӣ собит сохт, ки роҳи пешгирифтаи мо, собиқ роҳбарони ИНОТ роҳи дурусту рост будааст. Бубинед, рафта-рафта кишвари мо ба марҳалаи нав – ба марҳалаи сулҳу сафо, бунёдкорӣ, созандагӣ бо қатъият қадам мениҳад ва ҳамаи мо аз меваи ширини тинҷию амонӣ чашидан дорем. Вақте мебинем, ҳазорон мардуми мо аз ғарибию саргардонӣ ба Ватани азизи худ баргаштаанд, онҳо ободу осуда шуда истодаанд, вуҷуди касро фараҳу шодӣ фаро мегирад. Агарчанде барои шахсияти худи мо пешравие нашудааст, ҷоҳу ҷалоле ҳам надорем, пешрафту ободонӣ ва осудагии мардуми Тоҷикистонро дида мегӯем, ки боке нест, бахти мардум бахти мост, ободии ҷомеъа ободии мост.

Фақат дар охир мехоҳам бигӯям, ки роҳбарияти кишварамон бо ҳамдастӣ бо сарварони собиқ ИНОТ хеле талошҳо карданд, то дар кишварамон сулҳу амонӣ барқарор шавад, мардум сарҷамъ шаванду ҷумҳуриямон ободу зебо гардад. Ин бисёр кори хайр ва хубу олӣ аст. Вале ман бисёр мехостам, ки роҳбарияти ҳукумат ва давлати Тоҷикистон, ки худ мусалмонзодаанд ва алҳамдулиллоҳ, пайрави дини мубини Исломанд, кӯшиш ба харҷ диҳанд, ки барои мардуми мусалмони кишварамон мактабу мадрасҳо бунёд кунанд, дар онҳо насли наврас дар партави ахлоқи ҳамидаи инсонӣ ва исломӣ тарбия карда шаванд, дар масҷидҳо азону қомат бо овози баланд гуфта шавад, дар телевизиону радио ва матбуот дар мавзӯъҳои динӣ, ахлоқӣ сӯҳбатҳои пурмазмун доир ва дарҷ гарданд, то ки ҷавонону наврасон аз корҳои бад, аз нашъамандию арақхӯрӣ, дуздию ҷинояткорӣ дур карда шаванд. Дар он сурат бовар дорам, ки дар кишварамон як ҷомеъаи озод, демократӣ ва мутамаддин бо риояи арзишҳои миллӣ ва динӣ бунёд кардан мумкин аст

- Дар арафаи ҷашни сисолагии таъсиси ҲНИТ чӣ таманное дар дил доред?

- Ман гуфтанӣ ҳастам, ки ҲНИТ аз оғозгаҳи худ аз ҷониби як зумра фидоиёни содиқи роҳи Ислом барои амалӣ гардидани ҳадафу мақсадҳои наҷиб таъсис ёфтааст ва дар ин роҳи сисолаи тайкардааш беҳтарин ва ҷавонмардтарин аъзо ва ҷонибдоронашро аз даст додааст. Ба ҳамин хотир орзӯ дорам, ки сафи ин ҳизбро холӣ аз шахсияти ғаразнок, ки барои манфиатҳои шахсии худ ба он пайвастаанд, бубинам. Дар он сурат ман дар паҳлӯи бародарону хоҳарони дар ин ҷода вафодору содиқ будам, ҳастам ва мемонам. Зеро бузургон барҳақ фармудаанд:

Аз як ойине мусалмон зинда аст,
Пайкари миллат зи Қуръон зинда аст.

ҲНИТ - падидаи камназир аст

Мусоҳиба бо собиқадори ҲНИТ, собиқ сардабири ҳафтаномаи «Наҷот» Мавлавӣ Айёмиддин Сатторзода

– Оқои Мавлавӣ, аввалан мехостем, ки дар бораи таърихи ба вуҷуд омадани ҲНИТ мухтасаран нақл мекардед ва зимнан мегуфтед, ки худи Шумо кай ва чӣ тавр ба ин ҷунбиши сиёсии исломӣ шомил гардидед?

– Ба номи Худованди бахшояндаи меҳрубон. Авввалан, бояд бигӯям ки ҲНИТ хеле таърихи дуру дароз дорад, бинобар ин ман наметавонам тамоми ҷузъиёти онро ба ёд биёварам. Аввали солҳои ҳафтодум эҳсос карда мешуд, ки дар ҷомеъаи Тоҷикистон, дар байни толибилмон, аҳли ислому равшанфикрон як таҳаввулоти ҷиддии фикрӣ ба вуҷуд омада буд. Дар ҳар як маҳфил, дар ҳар як ҷамъомад, дар ҳар кучое, ки олиме дарс медод, пай мебурдӣ ҳамон ҷавононе, ки дарс мехонданд, илм меомӯхтанд, нисбати равандҳои ҷомеъа, қонунҳои Ислом ва татбиқ шудани онҳо дар амал, ислоҳи камбудиву норасоиҳои зиндагии мардум афкору назари нав доранд. Чун ҷавонон илми шаръиро меомӯхтанд ва онро бо ҳаёташон муқоиса мекарданд, медиданд, ки қонунҳои Ислом дар ҳаёти ҷомеъа татбиқ нашудаанд. Яъне дар ҷаласаҳои дарсӣ дигар чизро меомӯхтанд, вале медиданд, ки рафтору кирдори мардум дигар аст. Ҳамаи ин толибилмони ҷавонро ба андешаи амиқ водор месохт ва дар ниҳоди онҳо як афкори тозаву навро пайдо менамуд.
Ман ҳам аз зумраи он ҷавонони толибилм будам ва дар назди шодравон Махдуми Убайдуллоҳи Ёфучӣ дар шаҳри Душанбе дарс мехондам. Дар ҳалқаи дарси мо низ чунин афкори нав эҳсос мешуд. Дар байни мо шогирдон ва устодамон баҳсҳо дар мегирифт, саволҳо барояшон медодем, он кас ҷавоб мегуфтанд. Ҳамроҳи мо устод Муҳаммадшариф Ҳимматзода таҳсил мекарданд ва яке аз шогирдони пешқадам ба шумор мерафтанд. Дар баъзе ҳолатҳо, ки марҳум Махдуми Убайдуллоҳ намебуданд, мо дар назди устод Муҳаммадшариф Ҳимматзода сабақ мегирифтему он кас моро бо афкори ислоҳотхоҳии исломӣ ошно месохтанд. Дар баъзе ҳолатҳо аз ҷавобҳои устодонамон қаноатбахш ва дар дигар мавридҳо қаноатбахш намешудем. Яъне ҳамеша ҷустуҷӯ ва такопӯ доштем, ба бисёр саволҳое, ки зиндагӣ дар наздамон мегузошт, посух пайдо карданӣ будем. Ҳол он ки он вақт аз вуҷуд доштани ҷунбиши ислоҳотхоҳии исломӣ тамоман бехабар будем. Чунки созмони мазкур пинҳонӣ амал мекард ва аъзои он сахт эҳтиёткорӣ мекарданд, то ки ниҳодҳои қудратии Шӯравӣ, бахусус КГБ онҳоро ошкор ва саркӯб насозад.

Ман аз чигунагии таъсиси ҲНИ огоҳии комил надорам, ки кай ва дар куҷо аз ҷониби киҳо ташкил шудааст. Албатта, аз забони бунёдгузорон шунидаам, вале азбаски худи ман аз ташкилкунандагону бунёдгузорони он нестам, маълумоти аниқу кофӣ дода наметавонам. Ман соли 1978 бо муассисон ва сарварони ҳизб, аз ҷумла устоди гиромӣ Сайид Абдуллоҳи Нурӣ, ки он вақт бо тахаллуси мулло Абдуллоҳ шӯҳрат доштанд, шинос гардидам ва ба ҳалқаи онҳо пайвастам. Сурати воқеъа чунин буд. Маро бори аввал ба сафи Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон мулло Амриддин даъват кард. Боре дар ҷанозае дар ноҳияи Шаҳритус ширкат доштам. Ман аз раванди ҷомеъа он қадар хабардор набудам. Чунки  бештар ба таҳсилу омӯзиш машғул будам ва дар ҷамъомадҳо хеле кам иштирок мекардам. Вале аллакай дар ҷамъомаду маҷлисҳои калон баҳсҳо байни муллоҳои қадим ва муллоҳои нав дар ҷараён будаасту ман бехабар.
Дар сафи ҳамон ҷаноза нишаста будем, ки чанд нафар ба тақсими тоқивор ё худ иртиш машғул буданд. Дар паҳлӯи ман мулло Амриддин буд. Қаблан ӯро мешинохтам. Вале он қадар аз наздик шинос набудам, то омадани тақсимкунандагони тоқивор мулло Амриддин ба ман саволҳои кундаланг дод, ки нисбати чунин расму ойинҳо чӣ ақида дорам, оё иртишро дурусту шаръӣ меҳисобам? Ман низ изҳори ақида кардам, ки мо ҳам аз чунин расму ойин розӣ нестем, чунки онҳо асли исломӣ надоранд. Сӯҳбатамон ба охир нарасида буд, ки тақсимкунандаи иртиш омада, дар қатори дигарон дар пеши мулло Амриддин ва ман пул гузошт. Он кас бо як дуруштӣ ва густохӣ пулро рад кард. Одамон суханони ӯро шунида, мутаваҷҷеҳ шуданд. Маълум шуд, ки чунин воқеъа борҳо дар ҷанозаҳо рӯй дода будааст ва онҳо аз ин рафтор тааҷҷуб ҳам накарданд. Тақсимкунанда бори дигар қасдан омада, густохона дар пешаш пул гузошт, ки оё мегирад ё намегирад. Вақте, ки дар назди ман пул гузошт, ман рад накардаму онро гирифта ба муйсафеди дар паҳлӯям  нишаста додам. Он кас хурсанд шуда, пулро ба киса гузошт ва ба ман изҳори ташаккур ҳам кард.
Мулло Амриддин дар ҳамон лаҳза мегуфт, ки бо чунин рафтор муқобилият нишон додан даркор аст, то ки чунин расму ойини хурофотӣ, ғайриисломӣ аз байни мардум решакан карда шавад. Ман эътироз кардам, ки решаи чунин расму оин ва маросим дар байни мардуми мо хеле чуқур рафтааст ва инро яку якбора аз байн бурда немешавад. Бо чунин густохию дағалӣ мардумро ба ҷои ҷалб кардан аз худамон мегурезонем. Мо бояд батадриҷ мардумро босавод кунем, маърифати исломии онҳоро баланд бардорем. Дар он сурат мардум, ки бештар огоҳӣ пайдо карданд, оҳиста-оҳиста худи онҳо тарки чунин расму одат мекунанд. Ба мулло Амриддин гуфтам, ки Шумо ҳам пулро, хайротро рад кардед, амали Шумо чӣ қадар шӯру валвала дар ҷамъомад ба вуҷуд овард, рафтори ман бошад, ҳам тоқиворро рад кардам, ҳам онро ба муйсафеди фақир дода, дуъояшро низ гирифтам. Кори Шумо хуб аст ё аз они ман. Мулло Амриддин ба фикри ман розӣ нашуд. Гуфт, ки бо чунин тарзи кор мардум ҳақиқатро дарк намекунанд. Баъди ба намози ҷаноза бархостани мардум он кас оҳиста гуфт, ки дар як ҷо бачаҳо ҷамъ мешаванд, барои нуқтаи назарамонро саҳеҳ кардану барои пурра ба саволҳоят ҷавоб гирифтан ба назди мо биё. Ман он вақт пурра аз устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ, аз Ҳизби Наҳзати Исломӣ бехабар будам. Фақат ҳаминро медонистам, ки устод С. А. Нурӣ, ки он вақт чун мулло Абдуллоҳ шӯҳрат пайдо карда, чун муллои пешқадаму ҷавони равшанфикр шинохта шуда буд. Мулло Амриддин гуфт, ки мулло Абдуллоҳ ба он ҷо меояд, ҳамроҳи рафиқонаш, Шумо ҳам биёед, дар он ҷо сӯҳбатро давом медиҳем.
Баъд мо рӯзу соаташро муайян кардем, ки дар фалон ҷо вомехӯрем ва он кас маро ба сӯҳбати онҳо мебарад. Ҳамин тавр ҳам шуд, баъди чанд рӯз дар вақти ваъдагӣ мулло Амриддин омада, маро бо эҳтиёткорӣ ба хонаи мулло Қаландари Садриддин бурд. Вақте  ба меҳмонхона даромадем, дар он ҷо Ҷумъабеки Одинабек ва мулло Неъматуллоҳ ва чанд тани дигарро дидем, вохӯрӣ кардем. То ин вақт бо мулло Қаландари Садриддин шинос ҳам набудам. Азбаски Ҷумъабекро мешинохтам, даромадан баробар сӯҳбатамон авҷ гирифту дар сари баъзе масъалаҳо тезу тунд ҳам шуд. Маълум шуд, ки онҳо аз рӯи нақшаи муайян кор мебурдаанд. Ва сари чанд вақт омада, ба тарзи худ аз корҳои анҷомдодаи худ гузориш медоданд. Яъне онҳо нақл мекарданд, ки дар фалон ҷамъомад бо фалон домулло баҳсу мунозира кардам, фалон касро мулзам кардам, нодурустии кору амали онҳоро собит сохтам.

Ман дар ин мавзӯъ бо онҳо мухолифат кардам, ки чунин тарзи кор нодуруст аст ва ба манфиати шариати Ислом нест. Хулоса, баҳсҳоямон дар он ҷо ба тариқи шӯхиву дӯстона поён ёфт, вале он рӯз устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ ба он ҷо ташриф наоварданд. Муқаррар гардид, ки баъди чанд рӯз боз ба ин ҷо биоянд, дигар бародарҳо низ дар сӯҳбат ширкат меварзанд. Дар ҳақиқат баъди чанд рӯз боз ба хонаи мулло Қаландар рафтам, ки дар он ҷо устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ, мулло Муҳаммадрасул, мулло Абдулазиз ва дигарон ширкат доштанд. Бо онҳо гарму ҷӯшон воҳӯрӣ кардем. Сӯҳбати мо авҷ гирифт ва дар сари масъалаҳои гуногуни сиёсию динӣ баҳсҳо кардем. Ман низ нуқтаи назари худро баён намудам, бо баъзе фикрҳояшон мухолифат нишон додам. Лекин онҳо якҷоя манро мутақоид сохтанд, ки даврае фаро расидааст, ки бояд хомӯш нанишинем, сухани ҳақро гӯем, ба мардум ҳақиқатро бифаҳмонем. Дар он вақт дар ҷомеъае, ки ба афкори хурофотии ғайриисломӣ ғутавар гардидааст, як навъ ислоҳот ва каме дигаргунӣ ва пешравӣ ворид намудан мумкин аст. Онҳо бо далелу бурҳон собит карданд, ки ман ва дигар рафиқони равшанзамир бояд дар ин кори хайр саҳм бигирем.
Аз ҳамон рӯз сар карда, агарчанде ба таври расмӣ ҳам набошад, ман узви маҳфил, узви ҲНИТ шудам. Сипас ман назди устодам шодравон Махдуми Убайдуллоҳ омада, сурати воқеъаро нақл кардам ва гуфтам он чизеро мо орзӯ мекардем, ки бояд якҷоя бошему барои дар ҳаёт татбиқ кардани ақидаҳои исломӣ мубориза барем, дарёфтам. Худораҳматии устоди мо Махдуми Убайдуллоҳ, ки шахси пешқадаму рӯҳонии равшанзамир буданд, ба ақидаи ман мухолифат накардаанду хушҳолона барои пайвастани ман ба чунин созмон ризоияти худро доданд.
– Дар ҳамон сӯҳбат устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ ба Шумо гуфтанд, ки мо чунин ҳизб ё созмоне таъсис додем ва Шумо узви он шавед?
– Не, он кас дар ин бора чизе нагуфтанд, вале худи ман пай бурдам, ки чунин ҷамъият, созмон вуҷуд дорад, ки ашхоси ҳамфикру ақидаро бо ҳам муттаҳид намудааст. Баъдтар маълум гардид, ки онҳо созмоне таъсис додаанд, ки дар оянда ба ҳизби муқтадире бо номи ҲНИТ машҳур гардид.
– Ҳукумати вақт бо Шумо чӣ гуна муносибат мекард?
– Ба ростӣ, ҳукуматдорони вақт худ мехостанд, то дар ҷомеъаи кишварамон ислоҳот ҷорӣ намоянд, дар марҳалаи аввал тарафдор, ҷонибдори мо буданд. Чунки расму ойинҳои серхарҷ барои мардум миёншикан гардида буд. Вақте мо дар ҷамъомадҳо бисёр расму одатҳоро ғайриисломӣ, ғайришаръӣ ва хурофотӣ ҳисобидем, ҳукуматдорони вақт дар симои мо як навъ такягоҳи худро дар ҷодаи ислоҳи ҷомеъа пайдо карданд ва моро ҷонибдорӣ намуданд. Вале онҳо баъдтар иштибоҳи худро пай бурданд. Чунки нерӯҳои навхези исломӣ натанҳо муқобили расму ойинҳои ғайришаръӣ мубориза мебурданд, балки ба мавзӯъҳои сиёсӣ, аз ҷумла татбиқи аҳкоми Ислом дар ҷомеъа, ҳифзи ҳуқуқҳои мусалмонон низ даст мезаданд, ки ин рафтор ба табъи онҳо созгор набуд. Ниҳодҳои қудратӣ ва идеологии Шӯравӣ гумон мекарданд, ки Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон аз хориҷи кишвар идора ва таъсис гардидааст. Лекин аз рӯи ҳақиқат ин хел набуд. Ҳизби мо ҳеҷ гоҳ дастпарвар ва дастнишондаи созмонҳои хориҷӣ набуд ва бо итминони комил мегӯям, ки имрӯз ҳам нест. ҲНИТ ифодагари орзӯву умеди мардуми мусалмони кишвари мо буд ва ҳаст ва дар ҳамин заминаи устувори дохилӣ, бо тақозои ниёзи сокинони кишварамон ба вуҷуд омадааст.
– Дар бедории шуури ҷавонони мусалмон адабиёти мамолики Шарқи исломӣ ҳам таъсир дошт?
– Албатта, мо китобҳоро мутолиа мекардем, хусусан адабиёти гуногуни ба забони форсӣ чопшударо. Бинобар ин дар бедорӣ ва ба вуҷуд омадани ҷараёни ислоҳталаби исломӣ чунин асарҳо таъсири калон доштанд. Вале гуфта наметавонам, ки чунин китобу асарҳо ҲНИТ-ро поягузорӣ карда бошанд. Зеро қисми зиёди асарҳои мазкур саршор аз ақидаҳои мазҳабҳои гуногун, равияҳои мухталифи исломӣ буд ва табиист, ки мо чунин адабиётро пурра сармашқи кори худ карда наметавонистем. Зеро мо пайрави мазҳаби аҳли суннату ҷамоъат, яъне мазҳаби ҳанафӣ будему ҳастем ва бо ин ифтихору сарфарозӣ ҳам дорем. Аз ин рӯ мо кӯшиш мекардем, ки афкор ва ақоиди ислоҳотии худро дар доираи мазҳаби ҳанафӣ матраҳ кунем ва ба мардум бифаҳмонем ва бирасонем. Бинобар ин аз чунин асарҳои сиёсию динӣ танҳо нуктаҳои умумии ақидатӣ, ба мисли худшиносӣ, худошиносӣ, бедории мусалмонон, мубориза ва талоши онҳо барои соҳиб гардидан ба озодиҳо ва ҳуқуқҳояшонро мегирифтему халос. Дигар ҳама афкору ақидаи мо дар доираи мазҳаби

ҳанафӣ ҷараён мегирифт, то ки ҳам рӯҳониён ва ҳам мардуми кишварамон дар ислоҳу пешрафти ҷомеъа саҳм бигиранд. Аз ин рӯ  гуфта метавонам, ки таъсири муайяне тавассути адабиёти сиёсию мазҳабӣ барои таъсиси чунин созмони сиёсии хусусияти динидошта вуҷуд дошт, вале таъсир асосӣ ва ҳалкунанда набуд. Асос ва сарчашмаи ғоявии чунин ҷараёни ислоҳотхоҳи сиёсию мазҳабиро равандҳои демократии ҷомеъаи кишварамон гузоштанд. Яъне ҲНИТ барои амалӣ гардидани афкору ақидаҳои пешқадами исломӣ, дар асоси мазҳаби ҳанафӣ дар шакли як созмони сиёсию иҷтимоӣ зуҳур кард, ки ин падидаи камназир аст ва сабабу омилҳои пайдоиши он то ҳол омӯхта ва муайян карда нашудааст.

– Шумо гуфта метавонед, ки ҷараёни ислоҳотхоҳии исломие, ки дар Тоҷикистон ба вуҷуд омад, идомаи ҷараёни маорифпарварӣ, ки ба он Аҳмади Дониш, Садри Зиё, муфтӣ Икромча, Фитрат ва Айнӣ сарварӣ мекарданд ва дар солҳои бистуми қарни гузашта аз ҷониби болшевикон саркӯб гардид, буд ё не?

– Аслан, аз ҷиҳати ҳадафу мақсад онро идомаи ҷараёни маорифпарварӣ шуморидан мумкин аст. Аммо бояд бигӯям, ки ҷараёни ислоҳотхоҳии исломии солҳои 70-уми кишварамонро наметавон идомаи бевосита ва вориси ҷараёни маъорифпарварӣ шуморид. Чунки ин ҷараён, чуноне ки Шумо гуфтед, солҳои бистум ва сиюм пурра маҳв ва саркӯб шуда, аксари намояндагони машҳури он кушта, ё табъиду бадарға гардида буданд, аз тарс худро маорифпар намегуфтанд. Осори маъорифпарварон пурра несту нобуд карда шуда буд. Бинобар ин насли солҳои 70-уми асри гузаштаро қатъан аз ҷараёни мазкур бурида буданд ва онҳо ба осори пешгузаштагонашон қариб, ки ошноӣ надоштанд. Аз ин рӯ, гуфта метавонам ҷараёни ислоҳотхоҳии исломие, ки баъдан бо номи ҲНИТ вориди саҳнаи сиёсии кишварамон гардид, ҷараёни нав  аст ва бо тақозои ниёзҳо ва ормонҳои мардуми Тоҷикистон ба вуҷуд омадааст, аммо аз лиҳози ҳадафу мақсад аз бисёр ҷиҳат ба ҷараёни маорифпарварӣ шабоҳат дорад.

Аслан, дар оғоз ҲНИТ чун ҷунбиши ислоҳгароии иҷтимоии исломӣ рӯи кор омада буд. Дар замоне, ки ақидаҳои коммунистӣ бар сари мардуми мусалмони мо таҳмил карда мешуданд, ҷунбиши мо ҳадафи озодихоҳӣ дошт. Озодихоҳӣ гуфта, ман озодии ақидаро дар назар дорам. Мо мехостем ақидаамон, фикрамон, зикрамон ва зиндагониамон озод бошад. Барои он ки зиндагиамон, фикрамон, андешаамон, ақидаамон озод бошад, мо бояд аз фишори иқтисодӣ берун бошем. Ҳол он ки ҳар як инсон кор мекарду бо заҳмати зиёд пул меёфт, ба ҷои он ки фарзандашро хононад, соҳибилм кунад, баръакс ҳамон маблағҳоро дар расму ойинҳои миёншикану серхарҷ сарф мекарду қашшоқу камбағал мегардид. Аз тарафи дигар фарзандони ӯ беилму маърифат мемонданд. Мо ақида доштем, ки бар ивази пули барои хайру худоӣ ва садақа сарф шаванда соҳиби илму ҳунар кардани фарзандон беҳтару хубтар аст. Мутаассифона, ин таблиғоти мо аз ҷониби муллоҳои қадим ё ба истилоҳ муҳофизакор қабул нагардид ва онҳо сахт мухолифат варзиданд. Албатта, ин амри табиӣ  буд ва дар ҳама давру замон рӯй медод. Ва хушбахтона, ақида ва афкори ислоҳотхоҳи исломии мо дар байни ҷавонон, зиёиён ва дигар қишри ҷомеъа ҷонибдорони зиёде пайдо кард ва он беш аз пеш густариш меёфт. Аз ҳамин нуқтаи назар гуфта метавонам, ки Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон бо тақозои шароит ва ниёзҳои ҷомеъаи худамон ба вуҷуд омад. Ин таҳаввулоти фикрие буд, ки аз даруни ҷомеъаи кишварамон ҷӯш зада баромада буд ва ҳадафи наҷибе дошт, ки дар ҷомеъа ислоҳот ворид созад.

Аз аввал  мо умедҳои зиёде доштем, ҳеҷ гумон намекардем, ки ба муқобилияти сахти мардум, бахусус рӯҳониён дучор мегардем. Чунки тамоми афкори мо, ақидаҳоямон тибқи мазҳаби  ҳанафӣ буд ва барои пешрафти ҷомеъа ва нафъи мардуми кишварамон равона шуда буданд. Мутаассифона, рӯҳониёни қадим ё худ муҳофизакор, ки дар байни мардум нуфузи зиёде доштанд ва худи мардуми мо, ки бо таъсири идеологияи бехудоии коммунистӣ аз аҳкому аркони дини мубини Ислом дур шуда буданд, тавонистанд ки ҷомеъаи мусалмононро ба муқобили ҷунбиши мо бархезонанд ва ҳатто тамғаи беасоси «ваҳҳобӣ» зананд.

Бо вуҷуди душвориҳо ҷунбиши ислоҳотхоҳии исломии мо аз худ ҷонфидоиҳо нишон медод, оҳиста-оҳиста дар зеҳну афкори мардум дигаргуниву андешаи тозаро ворид мекард ва аз як созмони сирф

ислоҳотхоҳии иҷтимоӣ ба ҳизби пурқуввввати сиёсӣ бо номи ҲНИТ табдил ёфт ва дар таҳаввулоти сиёсию иҷтимоии кишварамон нақши муассир гузошт ва мегузорад.
Он тарафаш ба ҳамагон маълум аст.  ҲНИТ ба ҳайати Ҳизби Наҳзати Исломии Иттиҳоди Шӯравӣ, ки дар шаҳри Аштархони Русия таъсис ёфт, шомил гардид. Сипас конфронси таъсисиии худро дар деҳаи Чортути ноҳияи Ленин доир кард ва дар ҳамин конфронс  устод  Муҳаммадшариф Ҳимматзода раиси шӯъбаи тоҷикистонии  ҲНИ Иттиҳоди Шӯравӣ интихоб гардид. Ман низ узвияти ҳизбро пазируфта, бо ҳамроҳии дигар бародарону хоҳарон дар корҳои ташкилию таълимӣ, таблиғотию фарҳангии ҲНИТ фаъолият пеш бурдам. Хайр, ин тарафаш аз Анҷумани нахустини ҲНИТ, аз соли 1991 сар карда, то ширкати ин ҳизб дар Ҳаракати Наҳзати Исломии Тоҷикистон, ИНОТ, музокироти байни тоҷикон, имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон (27 июни соли 1997)  ба хурду калон маълум аст. Инак, чанд сол шуд, ки ҲНИТ ба таври расмӣ номнавис гардида, дар чаҳорчӯбаи Қонуни Асосӣ ва қонунҳои ҷории кишварамон амал карда истодааст ва дар таҳкими раванди сулҳ  ва демократикунонии ҷомеъаи тоҷик саҳми арзанда мегузорад.
– Баъди боздошти устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ ва тазоҳуроти эътирозии ҷонибдорони ӯ дар назди кумитаи ҳизби коммунисти вилояти Қӯрғонтеппа чанд нафар аз тазоҳуркунандагон зиндонӣ карда шуданд. Шумо яке аз онҳо будед. Бигӯед, Шуморо бо чӣ иттиҳом аз озодӣ маҳрум сохтанд?
– Бо сабаби боздошти сарварамон, устод Сайид  Абдуллоҳи Нурӣ мо дар назди кумитаи ҳизби коммунисти вилояти Қӯрғонтеппа тазоҳуроти эътирозӣ намудем. Ман низ яке аз тазоҳуркунандагон будам, лекин ба сифати роҳбару сарвар не, балки ҳамроҳи дигар ҷонибдорон ширкат доштам. Дар ҳамон шабу рӯз дар қатори 30-40 нафар фаъолоне, ки боздошт шуданд, камина низ бояд аз озодӣ маҳрум мегардидам, вале чун ҷои истиқомати асосӣ ва муайян надоштам, маро ҳабс карда натавонистанд. Баъди ду-се моҳ маро ҷустуҷӯ карда, дар автовокзали ноҳияи Шаҳритус дастгир намуданд. Тафтиши парвандаи ман 7 моҳ тӯл кашид. КГБ дар симои намояндааш Сӯфибек  Маҳрамов тамоми қувваю имконияташро ба кор бурда, мехост маро бо ду «гуноҳ»: – яке ташвиқоти зиддишӯравӣ ва дигаре бадном кардани сохти сотсиалистӣ зиндонӣ кунад. Шукри Худованд, онҳо ба мақсади худ нарасиданд. Чунки дар он наворҳое, ки овозҳои ман сабт шуда буданд, ягон ташвиқот ва амали зиддишӯравӣ набуд. Аз ҷумла як мавъизаи маро дар яке аз маъракаҳои деҳаи Тегирмии собиқ ноҳияи Комсомолобод (алҳол ноҳияи Дарбанд) чун амали шӯронидани мардум ба зидди давлат ҳисобида буданд. Дар ҳамон маърака касе ба ман савол медиҳад, ки дар масъалаи истифодаи маҳсулоти колхозу совхоз чӣ нуқтаи назар дорам. Оё чунин амал ҷоиз аст? Ман ҷавоб додам, ки азбаски моли колхозу совхоз моли ҷамъият аст, бинобар ин истеъмоли ғайриқонунии картошкаву себ ва дигар маҳсулоти он дуздӣ ҳисоб мешавад ва дар шариат ҳаром аст. Пас ҳамон шахс эзоҳ медиҳад, ки охир музди кориамон кам аст, ба хурду хӯроки кӯдаконамон намерасад. Пас чӣ кор кунем? Ман ҷавоб додам, ки ба пеши раис ва дигар роҳбарони ноҳия раведу арзу дод кунед, ки музди коратонро зиёд кунанд. Лекин аз моли ҷамъият ғайриқонунӣ истифода набаред, ки дар шариат ҳаром аст. Ана ҳамин суханони маро, ки пеши раису роҳбарони ноҳия равед, чун шӯронидани мардум  алайҳи давлату ҳукумати Шӯравӣ ҳисобида, маро ба мӯҳлати 2 сол аз озодӣ маҳрум карданд ва як рӯзи дар тафтишот маҳбус буданамро се рӯзи муқаррарии зиндон ҳисобида, бо ҳамин маро аз толори додгоҳ озод карданд. Мутаассифона,  ин доғи судӣ дар асноду ҳуҷҷатҳои ман қайд гардидааст ва то ба ҳол маро ба таври расмӣ сафед накардаанд. Ҳол он ки ҳамаи иттиҳоми онҳо нисбати ман дурӯғу сохта буданд. Бо чунин тарзи маҳбус сохтан, ки онро дар урфияти тоҷикӣ «говсуд» мегӯянд, бисёр ашхоси дигар, ки ҷурмеву ҷиноятe содир накарда буданд, саркӯб карда шуданд, ки устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ аз зумраи онҳо  буданд, ки 1,5 сол мӯҳлати ҳабси худро дар зиндонҳои Сибиру Шарқи Дур бо азобу шиканҷа гузаронидaнд.
– Шумо чанд сол дар шаҳри Кӯлоб зиндагӣ ба сар бурдед. Бо чӣ мақсад ба он минтақа сафари дарозмуддат доштед, аз пеши худ ба он ҷо рафтед ё бо супориши роҳбарияти ҲНИТ?
– Дар асл таваҷҷӯҳи ҷавонони собиқ вилояти Кӯлоб нисбати ҲНИТ хеле зиёд шуда буд. Дар ин минтақа мулло Абдураҳим, мулло Неъматуллоҳи марҳум, мулло Муҳаммадлоиқи шодравон,

Сайидиброҳим, Сайидумар, Махдуми Абдусаттор, Назирмат, Раҳим ва дигар фаъолон дар байни мардум кор мебурданд ва омада гузориш медоданд, ки шавқу завқи ҷавонони вилояти Кӯлоб нисбати ҲНИТ беш аз пеш меафзояд. Онҳо гуфтанд: “толибилмон хеле зиёд гардидаанд ва мо зӯрамон намерасад, ки ҳамаи онҳоро таълим диҳем. Ду-се нафарро аз марказ барои кӯмак фиристед, хеле хуб мешуд.” Роҳбарияти ҳизб тасмим гирифт, ки ман ва мулло Амриддинро ба он минтақа равон созанд. Бинобар ин мо ҳамроҳи аҳлу байтамон ба вилояти Кӯлоб рафтем ва ба таълиму тарбияи толибилмон, ки дар он минтақа хеле зиёд буданд, пардохтем. Дар корхонаҳои давлатӣ кор кардем, ҳамзамон ба таълими ҷавонон машғул гардидем.

– Мардуми Кӯлобро чӣ гуна дарёфтед?

– Алҳамдулиллоҳ, ки чанд мӯҳлате, ки мо дар он ҷо будем, худро ҳеҷ гоҳ ғарибу бегона ҳис намекардем. Мардуми Кӯлобро бисёр меҳмоннавоз, бофарҳанг, бофаҳму идрок дарёфтам. Мардуме, ки воқеъан ҳақталаб ва ташнаи илму маърифат буданд. Зеро он рӯҳияеро, ки ман дар байни мардуми Кӯлоб ҳис мекардам, дар дигар ҷойҳо, бахусус дар водии Вахш мушоҳида намекардам. Вақте бо ягон муйсафеди кӯлобӣ ҳамсӯҳбат мешудем, бо муҷарради сӯҳбатро оғоз кардан, дарҳол мегуфт, ки ман мақсади Шуморо фаҳмидам, бигӯед, ки чӣ кор кардан даркор аст? Мӯйсафедони мо бошанд, ман дар назар дорам водии Вахшро, ин гуфтаҳоро дуруст дарк намекарданд, агарчанде барои тасдиқи фикри худ ояту ҳадис меовардем, вале онҳо аз худ таъассуб нишон медоданд. Ба назари ман чунин мерасид, ки насли кӯҳансоли Кӯлоб дар қиёс бо мардуми дигар минтақаҳо фаҳмиши баландтаре дошт.Таъассуб дар афкори онҳо камтар ба чашм мерасид. Аз ҳамин рӯ мо худро дар байни ҷомеъа чун одами худӣ ҳис мекардем. Дар як муддати кӯтоҳ тарафдорони зиёде пайдо намудем. Хусусан муйсафедон ба суханонамон бодиққат гӯш медоданд ва ба мо ёрӣ ҳам мерасонданд. Агарчанде онҳо он қадар саводи кофӣ надоштанд, ба қадри тавоноӣ мардумро ба роҳи рост даъват мекарданд. Агар дар куҷое ҳангоми даъват ё мавъиза дар ҷавоби саволе дармемондем, дарҳол ҳамон шахсро гирифта пеши мо меоварданд, то ки ба ӯ ҷавоби қаноатбахш диҳем.

– Бо шахсиятҳои маъруфи Кӯлоб низ ошноӣ доштед?

–Бале бо бисёре аз шахсиятҳои машҳури мардуми Кӯлоб ошноӣ доштам. Аз ҷумла бо мулло Муҳаммадшариф (Сомеъ Одиназода), Хоҷааҳмад, Иброҳими Ҷалилзода, мулло Ҳайдар, акаи Файз, Ҳоҷӣ Муҳаммадназар, Махдуми Нусратуллоҳ ва Шайх Камол.

Марҳум Шайх Камол шахсияти аҷиб, давлатманд, саховатпеша ва ҷавонмарди асили он диёр буданд. Саводи динӣ ҳам каму беш доштанд ва яке аз шахсиятҳои машҳуру маъруфи Кӯлоб ба ҳисоб мерафтанд. Дар лаҳзаҳои ҳассос ҳам салла дар сар, бо сару либоси урфии рӯҳоният мегаштанд. Ба зиёрати хонаи Худо рафтанду ҳоҷӣ шуда баргашта буданд. Шахси хубу тақводор ҳам буданд ва дар роҳи даъвату тарғиби ақоиди дини мубини Ислом бисёр садоқату вафодорӣ нишон медоданд. Азбаски бисёр сарватманду сахопеша буданд, тез-тез маъракаҳо меоростанд, мардумро ҷамъ мекарданд, зиёфат медоданд ва муллоҳо, аз ҷумла моро низ даъват мекарданд, ки аз ақоиди шаръу дини Ислом амри маъруф ва наҳйи мункар кунем. Яъне барои мо муллоҳо шунавандагон, ба таъбири имрӯза «аудитория» муҳайё месохтанд. Воқеъан, ҳам шахси хайрхоҳу дар роҳи дини Ислом устовор буданд. Кӯшиш мекарданд, ки сӯҳбатҳои пурмазмун ташкил шаванд, аз ин маҳфилҳои илмӣ ба ҷомеъа ягон фоида расад. Бисёр инсони хуб буданд ва дар роҳи тарғиби ақоиди динӣ ҳам бо ҷону ҳам бо молу сарвати худ талош меварзиданд. На танҳо дар ин самт, балки дар кӯмаку ёрӣ расонидан ба толибилмон, бечораву дармондаҳо дасти бози саховат доштанд. Афсус, ки чунин шахсияти намоён дар давраи кашмакашиҳои сиёсию низомӣ қурбонии нахустин гардиданд ва тамоми аҳли хонадонашро аз байн бурданд. Аз рӯи шунидам, танҳо як писараш зинда мондаасту халос. Илоҳо, хонаи охираташ обод бошад!

–Шумо гуфтед, ки мардуми Кӯлоб, бахусус ҷавонони онҳо озодихоҳу ислоҳталаб буданд ва шавқу завқашон нисбат ба ҷунбиши исломӣ назар ба дигар минтақаҳо зиёд буд, шояд ҳамин боис гардид, ки саркӯбкунии ин нерӯҳои навхез низ маҳз аз ҳамин вилоят шурӯъ гардид?

– Вақте мо ба Кӯлоб рафтему ба таълиму тарбия ва даъват машғул шудем, ин кори мо ба табъи муллоҳои муҳофизакори ин минтақа бо сарварии мулло Ҳайдар нафорид. Чунки онҳо баръало ва возеҳу равшан медиданд, ки ҷунбиши ислоҳотхохии исломӣ мавқеъи онҳоро дар ҷомеъа танг мекунад ва ишон шӯҳрату мақоми сарварии худро торафт аз даст медоданд. Бинобар ин онҳо ба мухолифат ва мубориза бархостанд ва дар саркӯб кардани ин нерӯҳои навхези исломӣ, бахусус аъзо ва ҷонибдорони ҲНИТ бо нерӯҳои коммунистӣ ва Фронти халқӣ бо роҳбарии Сангак Сафаров ҳамдастӣ нишон доданд.
– Яъне дар водии Кӯлоб Шумо шогирдони зиёде доред?
– Бале, алҳамдулиллоҳ, то ба ҳол шогирдонам дар ин минтақа зиёданд. Онҳо дар роҳи густариши ақоиди исломӣ то ба имрӯз вафодор мондаанд ва бо мо робитаҳои дӯстию бародарӣ доранд.
– ҲНИТ бисёр марҳалаҳоро аз сар гузаронид, давраи кашмакашиҳои сиёсию низомӣ, ҷанги шаҳрвандӣ ва оқибат марҳалаи сулҳу оштиро пушти сар карда истодааст, Шумо мавқеъи имрӯзаи ҳизбро дар ҷомеъаи кишварамон чӣ гуна арзёбӣ мекунед?
– Албатта, чуноне ки Шумо қайд кардед, ҲНИТ марҳалаҳои зиёдеро тай кард. Дар кӯраи муборизаҳои шадид обутоб ёфта, пӯхта гардид. Мавқеъаш дар ҷомеъаи кишварамон назар ба солиёни пеш мустаҳкамтар гардид. Обрӯву эътибори байналмилалиаш дар арсаи ҷаҳон афзуд. Лекин рӯирост гуфтан даркор аст, ки барои ҲНИТ торафт марҳалаи масъулиятнок ва нозук фаро мерасад. Чунки агар мо пештар ба як ҷомеъаи на он қадар саводнок сару кор дошта бошем ва дар байнашон фаъолият пеш мебурдем, ҳоло бошад аҳли ҷомеъаи кишварамон аз лиҳози маърифати сиёсӣ ва худогоҳӣ хеле пеш рафтааст, бо ҷаҳони муосир сару кор дорем. Як қисм ҷавононе, ки пештар дар ҳизб хеле фаъол буданд, имрӯз аз саҳнаи сиёсат дур рафтаанд, бархеи дигар худро ба арсаи сиёсат зада, маълуму машҳур гардидаанд. Қонуни зиндагӣ ҳамин аст, насли нав насли кӯҳанро иваз мекунад. Ба андешаи камина ҲНИТ беш аз пеш мақому мартабаи худро дар ҷомеъаи кишварамон пайдо намуда истодааст. Фаъолияти ислоҳталабӣ ва истиқлолхоҳие, ки дар давраи бозсозии горбачёвӣ, дар давраи ҷанги дохилӣ ва муяссар гардидан ба сулҳу якдигарфаҳмӣ, ҲНИТ ба ҷо овард, хидмати бузурге аст, ки нодида гирифтани ин пешравӣ ва комёбӣ аз рӯи инсоф нест. Барои ҲНИТ марҳалаи наву масъулиятнок фаро расидааст ва бояд аъзо ва ҷонибдорони ин ҷунбиши исломӣ дар муборизаҳои осоиштаи сиёсӣ худро чун нерӯи пешбаранда ва созандаи ҷомеъа нишон диҳанд.
– Шумо солиёни зиёд дар паҳлӯи устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ кору фаъолият кардед, ишонро аз наздик мешиноседу рафоқату дӯстӣ доред, бигӯед ки шахсияти устодро чӣ гуна арзёбӣ мекунед?
– Агар бигӯям, ки устод Саид Абдуллоҳи Нурӣ як шахсияти бузурги сиёсию фарҳангӣ ва мазҳабист, муболиғае нахоҳам кард. Чунки зиндагӣ нишон дод, ки ин шахсият дар фарозу нишеби ҳаёт устувору матин, пуртамкину ботаҳаммул, инсоншиносу мавридшинос аст. Инро бо камоли масъулият мегӯям ва ин хислатҳои наҷиби ӯро ҳатто душманону рақибонаш эътироф кардаанд. Ба устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ пешвоӣ, сарварӣ ва роҳбариро Худованди бузург ато намудааст. Ӯ на танҳо чун донишманди илмҳои исломӣ, балки чун сиёсатмадори варзида ба камол расидааст. Устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ ҳамчун як роҳбар аз ҷиҳати устуворӣ дар ақидааш, матонаташ, тамкину бурдбориаш аз дигарон фарқ карда меистад. Мардум аз лиҳози ақлу фитраташ ӯро эътироф карда, дар атрофаш сарҷамъ гардидаанд. Шахсияти устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ дар ҷомеъаи кишварамон камназир аст. Вақту замон собит сохт, ки дар бисёр мавридҳо фикру андешаҳои баёнкарда ва раъйи пешгирифтаи ишон дуруст ва рост будааст. Устод шахси ботаҳаммул ва ботамкин аст, бисёр вақт медидам, ки ба суханони дурушту дағали дигарон бо нармӣ, бо хушсуханӣ, бо меҳрубонӣ ҷавоб медод. Шахсан ман дар бисёр мавридҳо ба суханонаш мухолифат варзидаам, гапҳои пасту баланд ҳам гуфтаам, аммо устод аз ман намеранҷиданд, ботаҳаммул маро мутақоид месохтанд, ки фикри ман нодуруст аст, саҳеҳ нест. Баъди чанд рӯз дар ҳақиқат ба саҳву хатои худ пай бурда, омада узрхоҳӣ мекардам.
Маҳз сабру таҳаммул, дурандешӣ ва тамкину суботаш устод Сайид Абдуллоҳи Нуриро чун пешвои сиёсию мазҳабӣ, сиёсатмадори варзида на танҳо дар кишварамон, балки дар минтақаи Осиёи Марказӣ, Шарқи исломӣ ва сатҳи байналмилалӣ машҳуру маъруф гардонидааст. Ман ифтихор

дорам, ки бо чунин шахсияти нотакрор, донишманди бузург, сиёсатмадору сиёсатшиноси варзида солиёни зиёд кор кардаам ва робитаҳои дӯстона ва бародарона дорам.
– Ташаккур барои сӯҳбати самимӣ!

Чун чароғи лола сӯзам дар хиёбони Шумо

Муҳовараи мушовири фарҳангии раиси ҲНИТ Мавлавӣ Саъдиддини Рустам

- Мавлавӣ соҳиб, Шумо, ки зодаи водии Қаротегин ҳастед, бигӯед, ки афкори нави ислоҳотхоҳии исломӣ дар ин водӣ, бахусус дар ноҳияи Ғарм кай пайдо гардид, ҳомилони он киҳо буданд ва чӣ тавр Шумо ба ин ақоиди пешқадам ошно шудед?
- Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон.
Пеш аз ҳама аз Шумо, бародар Қиёмиддин, ташаккур мекунам, ба хотири он ки Шумо лоиқ дидед ва бо ман мусоҳиб мегардед. Сониян, хидмати Шумо арз кунам, ки зодгоҳи банда-деҳаи Қазноқи ноҳияи Ғарм дар гузашта маркази донишмандон, шахсиятҳои рӯҳониву инсонҳои фозил ба шумор мерафт. Аз ҷумла мегӯянд, ки эшони Уроқ, домулло Сӯфӣ ва амсоли инҳо, ки дар мадрасаҳои Бухорои Шариф таҳсили илм карда, дастпарвари чунин як маркази бузурги тамаддуни исломӣ ба шумор мерафтанд ва дар диёри кӯҳистони мо мактабу мадрасаҳо ташкил дода буданд ва чароғи илму маърифатро дар ин водӣ фурӯзон нигоҳ медоштанд. Албатта, банда он шахсиятҳоро надида будам, вале турбатҳои онҳоро зиёрат кардаам. Обрӯву эътибори чунин уламои исломӣ дар байни мардуми мо баъд аз фавташон низ бузург буд. Мо низ аз овони тифлӣ ва наврасӣ орзӯ мекардем, ки ба мисли чунин донишмандон дар риштаи улуми дини Ислом соҳиби илм ва маърифат гардем. Ҳамин орзӯву омол боис гардид, ки банда соли 1973 баъди ба итмом расонидани мактаби миёна барои такмили дониш ба шаҳри Душанбе омадам. Дар ин ҷо дар назди яке аз олимони маъруфи улуми исломӣ, ки зодаи деҳаи мо буданд, домулло Тоҷиддин ва сипас дар назди шодравон Махдуми Бурҳониддин, таҳсилро идома додам.
Дар бораи ҳаракати исломӣ ё ҷунбиши ислоҳотхоҳии исломӣ чунин гуфта метавонам. Вақте, ки дар маҳаллаи Южнии шаҳри Душанбе таҳсил мекардам, як рӯз ҷавони бисёр зебое, тақрибан 25-26 сола, вориди хонаи акои мулло Эшонҷон гардиданд. Ба мо гуфтанд, ки ин кас мулло Абдуллоҳ аз водии Вахш ҳастанд ва яке аз уламои пешқадам ва рӯшанфикр ба шумор мераванд. Мо дар сӯҳбати ин шахсият нишастем, чуноне ки гуфтам, хеле ҷавон буданд, вале осори ақл ва фазилат аз ҷабини фарохаш, аз чашмони шӯълабораш ҳувайдо буд. Он кас зимни сӯҳбат қайд карданд, ки Худованди мутаъол мефармояд: «Инналлоҳа ло юғайиру мо биқавмин, ҳатто юғайиру мо бианфусиҳим» (сураи Раъд, ояи 11), яъне «Худованд ҳолати ҳеҷ қавмро тағйир намедиҳад, то худаш онро тағйир надиҳад» ва дар одобу ахлоқу фарҳангашон тағйироту дигаргунӣ ворид насозанд. Вай дар ҳузури уламои дар он сӯҳбат ширкат дошта, даъват ба сӯи каломи Ҳақ, назаре ба сирати Паёмбари бузурги Ислом (с) ва саҳобагонаш мекард. Ман он вақт тақрибан ҳабдаҳсола будам ва бори аввал чунин ақидаҳои пешқадамро мешунидам ва ба онҳо аз самими қалб гӯш медодам ва орзӯ дар дил пайдо кардам, ки пайрави маслаки ин ҷавони донишманду ғаюр, ки моро ба сирати Паёмбари Ислом (с) даъват мекунад, бигардам. Ин ҷавони донишманд устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ буданд.

- Бори нахуст афкори ислоҳотхоҳии исломиро Шумо дар шаҳри Душанбе шунидед ва дар шуури Шумо ангезаи дигарандешӣ ба вуҷуд омад. Яъне гуфтан мумкин аст, ки чунин афкору ақоид ҳоло ба водии Қаротегин густариш наёфта буд. Ҳамин тавр не?
- Бале, зеро водии Қаротегин назар ба дигар водиҳо ҷои танг ба ҳисоб мерафту нисбат ба Душанбе дурафтода буд. Мардум ба афкори гузаштагони худ пайравӣ мекарданд. Ба Шумо маълум аст, ки баъди омадани болшевикҳо осоре аз бузургон ва донишмандони улуми динӣ намонда буд, зеро ҳамаашро сӯзонида буданд ё худи мардум аз тарси ҷон он осори гаронбаҳоро бурда, ба дарёҳо партофта ё гӯр карда буданд, ки ҳамаашон, мутаассифона, талаф ёфтанд. Ба ёдам мерасад, тағое доштам бо номи Махдуми Сайидалӣ, Худо раҳматаш кунад, вақте мехост Қуръон бихонад ба каҳдон мерафт, ҳамон ҷо мутолиа мекард ва он китоби муқаддасро дар ҳамон ҷо пинҳон мекарду бармегашт. Яъне на танҳо мардуми оддӣ, балки якто-нимто муллоҳои чашми хат ва саводдошта низ хеле боэҳтиёт рафтор мекарданд, ки ба азобу уқубати болшевикон дучор нагарданд. Бинобар ин дар диёри кӯҳистони мо чунин афкори пешқадам ва ислоҳотхоҳии исломӣ дар он даврҳо ҳоло пайдо нагардида буд ва табиъист, ки мо ба Душанбе омада, бо чунин афкори пешқадам ошно гардидем. Шумо таърихро беҳтар медонед, ки то он дам Исломро танҳо дар симои он медиданд, ки касе шахси рӯҳонӣ шавад, бояд беморонро дуъо бихонад, тӯмору таштоб диҳад, бояд гӯру кафану таҷҳиз кунад ва ғайра, вале ҳеҷ кас ҳақ надорад, Қуръонро тарҷума кунад, зеро он каломи Худост ва донистани бандагонаш шарт нест. Онҳо тафсир кардани Қуръонро гуноҳи кабира медонистанд. Чунин афкори барғалатро ҳукуматдорони болшевик тавассути муллотарошон, ки саводи дурусте ҳам надоштанд ва дасти чапашонро аз рост фарқ намекарданд, дар байни мардум паҳн менамуданд, то ки халқ дар гирдоби ғафлату гумроҳӣ монад. Ба ибораи дигар мардумро аз асли Ислом, ки дастурамалаш Қуръони карим ва аҳодиси набавист, дур месохтанд. Баъдтар вақте ки ашъори алломаи бузург Муҳаммад Иқболи Лоҳуриро мутолиа кардам, дар ҳақи чунин муллотарошон ё ба қавли мардум «нимчамуллоён» чунин суханонро дарёфтам:

Ба банди сӯфию мулло асирӣ,
Ҳаёт аз ҳикмати Қуръон нагирӣ.
Ба оёташ туро коре ҷуз ин нест,
Ки аз «Ёсин»-и ӯ осон бимирӣ.

***

Зи ман бар сӯфию мулло саломе,
Ки пайғоми Худо гуфтанд моро.
Вале таъвилашон дар ҳайрат андохт,
Худову Ҷабраилу Мустафоро.

Вале чуноне ки дар боло қайд кардам, вақте бори аввал шунидам, ки чӣ гуна устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ оёти Қуръони каримро мехонду тарҷума ва тафсир мекард, рости гап, дар шуури камина як дигаргуние, як таҳаввулоте ба амал омад ва ман тасмим гирифтам, ки дар ҷодаи густариши ақоиди наву пешқадами исломӣ ва ислоҳоти ҷомеъа қадам бизанам, то ки барои пешрафти халқу миллати тоҷик заррае кӯмак карда бошам.
Баъд ман ба хулосае омадам, ки қабл аз он ки «Мухтасару-л-виқоя», «Шарҳу-л-виқоя», «Сарфу наҳв» бихонам, бояд ба каломи Худованд бештар ошноӣ пайдо кунам. Бинобар ин сафар кардам ба ҷумҳурии Ӯзбекистон, ба шаҳри Андиҷони водии Фарғона ва он ҷо дар назди Қорӣ Ҳусайн, намедонам, ки алҳол зинда аст ё не, Худованд дунёву охираташро обод кунад, ба ҳифзи Қуръони маҷид пардохтам ва бо фазли парвардигор 15 пораи онро азхуд кардам ва баъди ду сол, яъне соли 1977 ба Ватан баргаштам.
Чуноне гуфтам, ман орзӯи мулоқот бо ҷавони донишманд ва мубориз, яъне устод Сайид Абдуллоҳи Нуриро дар дил мепарваридам. Аз ин рӯ ҳамроҳи мулло Абдуғаффори Ҷафрӣ (алайҳираҳма) озими Вахшонзамин шудем ва ба хонаи устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ меҳмон гардидем. Он кас моро бисёр хушу самимӣ истиқбол гирифтанд ва баъди сӯҳбат ваъда доданд, ки ба наздикӣ ба шаҳри Душанбе меоянд ва бароямон ҳалқаи дарсӣ ташкил медиҳанд. Дар ҳақиқат дере нагузашта устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ ба қавлашон вафо карданду ба Душанбе омада, барои мо,

чанд нафар толибилмон як ҳалқаи дарсӣ таъсис доданд, ки он дар асл яке аз созмонҳои ибтидоии «Наҳзати Ҷавонони Исломии Тоҷикистон» ба шумор мерафт. Ман аз ҳамон сол, яъне соли 1979 ба таври расмӣ узви ҳамин созмони сиёсӣ гардидам ва алҳамдулиллоҳ, то ба имрӯз дар сафҳои он фаъолият дорам.

- Шумо то соли 1979 аз мавҷудияти ҳаракати сиёсии исломӣ дар кишварамон огоҳӣ доштед?

- Бале, ман аз фаъолияти ин созмони исломӣ ҳанӯз соли 1977 иттилоъ ва чуноне ки гуфтам ду сол ман барои таҳсил ба Ӯзбекистон рафта будам. Соли 1979, ки бо ибтикори устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ чунин ҳалқаи омӯзишӣ ё созмони ибтидоӣ ташкил гардид, дар ҷаласаи нахустинаш маро ба узвияти ин ҳаракати сиёсии исломӣ қабул карданд ва масъулияти бахши таблиғ ва иршоди онро ба дӯши ман гузоштанд. Домулло Абдуғаффорро раиси бахши таълиму тарбияи созмони ибтидоии «Наҳзати Ҷавонони Исломии Тоҷикистон» дар ноҳияи Марказии шаҳри Душанбе интихоб карданд. Мо бо як шавқу завқ ба фаъолияти таблиғотию ташвиқотӣ дар байни гурӯҳҳо ва табақаҳои мухталифи ҷомеъа пардохтем. Зеро мо ҷавон будем ва бо ғайрати ҷавонӣ ин масъулияти муҳимро ба ӯҳда гирифта, дар ин роҳ кӯшишҳо ба харҷ медодем. На шабро шаб мегуфтем, на рӯзро рӯз мегуфтем, ҳамеша дар талошу фаъолият будем. Масалан, як бегоҳ дар ноҳияи Қубодиён ҷамъомаде буд, ба он ҷо рафтем, мавъиза кардем, амри маъруф ва наҳйи мункар намудем ва шабона баргашта, субҳи рӯзи дигар ба ноҳияи Кофарниҳон рафта, дар маъракаи дигар ширкат варзидем. Ҳазорон нафар мардум суханони моро бо қаноатмандӣ гӯш мекарданд, яъне ба қадри тавоноӣ дар густариши ҳаракати ислоҳотхоҳии исломии Тоҷикистон хидмат кардем.

- Шумо дар фаъолияти минбаъдаатон чӣ вазифаҳои масъулро ба ӯҳда доштед?

- Камина то соли 1986, яъне то ҳабси устод С.А.Нурӣ раиси бахши таблиғ ва иршоди шӯъбаи ноҳияи Марказии Душанбегии ҲНИТ–ро ба дӯш доштам. Ҳангоме ки устод Нуриро дар роҳи Қӯрғонтеппа – Ёвон боздошт намуданд, мо ҳамроҳи мулло Абдуғаффори Ҷафрӣ ба ҷои истиқомати он кас–совхози Туркманистони ноҳияи Вахш рафтем ва мулло Абдуғаффор хешу таборон, ёру дӯстон, шогирдону пайравони устодро ба тазоҳуроти эътирозӣ даъват карданд ва худашон пеш даромаданд. Дар натиҷа дар назди бинои кумитаи ҳизби коммунисти вилояти Қӯрғонтеппа як гирдиҳамоии серодам ташкил додем, ки ин ба ҳукуматдорони вақт таъсири калон бахшид. Онҳо маҷбур шуданд, ки сӣ- чил нафарро чун намоянда ҷудо карда, ба шаҳри Душанбе бурда, устод С.А. Нуриро нишон диҳанд.

Баъде ки устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ зиндонӣ шуданд, аз маҳбас пайғом фиристоданд, ки дар атрофи устод Муҳаммадшариф Ҳимматзода гирд биёем ва фаъолиятамонро идома бидиҳем. Мо дар ҳалқаҳои дарсӣ дар радифи улуми мардумии динӣ, асарҳои Саид Қутб, Мавдудӣ ва дигар мутафаккирони бузурги олами Исломро ба толибилмон меомӯзондем, то ки дар шуури онон афкори нави ислоҳотхоҳӣ ва озодандешӣ бедор гардад. Ин китобҳо «Шаҳодату-л-ҳақ», «Шубҳаҳот ҳавла Ислом» ва ғайра буданд, ки ҷавононро дар рӯҳи худшиносӣ ва худошиносӣ тарбия мекарданд. Чунки дар ин асарҳо роҷеъ ба корномаи Паёмбари бузурги Ислом (с), саҳобаҳои кибор, маҷрои ҳаракати Ислом, азобҳои кашидаи ҳазрати Аммору Билолу Ёсиру Абубакру Умару Усмону Алӣ, ҷонбозиҳои онон дар ин роҳ нақл карда мешуд, барои ҷавонони кишвари мо намунаи ибрат буданд. Шумо хуб огоҳ ҳастед, ки дар Тоҷикистон дар он замон чунин адабиёт тамоман мавҷуд набуд. Ба ғайр аз китобҳои «Мухтасару-л-виқоя», «Ҳидоя», «Шарҳи ҳидоя», «Фиқҳи Кайдонӣ», «Кофия» дигар адабиёти фиқҳие набуд, ки аз онон таълим бигирем. Китобҳои нави ақидатӣ, таърихи дини Ислом, сирати Паёмбар (с), аҳодиси набавиро, ки меомӯхтем, бо афкоре ошно мегардидем, ки инсонро ба бедорӣ, навандешӣ ва истиқлолталабӣ ҳидоят мекарданд. Ҳамаи ин тадбиру омилҳо барои қавӣ гардонидани ҳаракати сиёсии исломӣ ҲНИТ мусоидат мекард. Баъди ҳабси устод С.А.Нурӣ мо таҳсилро то соли 1990 дар пеши устод Муҳаммадшариф Ҳимматзода бомуваффақият идома додем. Соли 1990 Донишгоҳи исломии Тоҷикистон ба номи Тирмизӣ таъсис ёфт ва маро ба ин даргоҳи улуми исломӣ ба сифати омӯзгори риштаи забон ва адабиёти форсӣ, барномаи махсуси Иқболшиносӣ ба кор даъват карданд. Ман бо роҳбарияти ҲНИТ маслиҳат кардам ва онҳо салоҳ донистанд, ки ба мақсади пурзӯр кардани корҳои таблиғотӣ ва иршоди исломӣ дар байни ҷавонон ин даъватро бипазирам. Ҳамин тавр, ман устоди донишгоҳи мазкур таъйин гардидам ва ба улуми

тарбиявию ахлоқӣ, паҳн кардани ақоиди пешқадами мазҳабӣ ва миллӣ дар байни донишҷӯён бо шавқу завқ машғул шудам. Ба ростӣ, он солҳо авҷи ҳаракати озодихоҳӣ ва истиқлолталабӣ дар ҷумҳуриямон буд ва омӯзгорону донишҷӯёни Донишгоҳи исломии Тоҷикистон дар тамоми чорабиниҳои миллӣ-озодихоҳӣ ва фарҳангиву мазҳабии кишварамон иштироки фаъолона доштанд.
- Устод, ба вижа маҳфили Иқболшиносии Шумо дар байни донишҷӯён дар дигар мактабҳои олии шаҳри Душанбе, аҳли илму фарҳанг хеле маъруфият пайдо карда буд. Ҳамин тавр не?
- Бале, рост гуфтед. Маҳфили Иқболшиносӣ чунон машҳур гардид, ки бо даъвати бародарон Давлат Усмон, Сайидумари Ҳусайнӣ, Муҳаммадсиддиқи Комил ва дигарон ҳар ҳафта як бор дар бинои Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон маҳфили Иқболшиносӣ доир мегардид ва дар онҳо садҳо нафар омӯзгорон ва донишҷӯён ширкат меварзиданд ва перомуни эҷодиёти аллома Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ, ақоиди фалсафӣ, афкори пешқадаму нави ислоҳотхоҳии исломии ишон баҳсу андеша мекарданд. Ширкаткунандагони ин маҳфил озодона баромад намуда, дар баҳсҳо нуқтаи назари хешро баён мекарданд. Бинобар ин гуфтан мумкин аст, ки яке аз сарчашмаҳои бедории миллӣ ва исломии мардуми мо, ба вижа ҷавонони тоҷик дар солҳои 1988-1992 осори гаронқадри аллома Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ буд ва бесабаб набуд, ки шеъри машҳури ишон «Аз хоби гарон хез» ба як навъ гимни тазоҳуркунандагон табдил ёфта буд.

- Ҷанги таҳмилӣ барои саркӯб кардани ҷунбиши истиқлолталабӣ ва исломӣ дар Тоҷикистон ба роҳ андохта шуд. Шумо бигӯед, ки Шуморо дар куҷо ва кай дастгир карда зиндонӣ намуданд?
- Баъди даргириҳои ҷанги дохилӣ ман низ маҷбур шудам бо аҳли хонаводаам ба зодгоҳам ноҳияи Ғарм биравам. Ин 12 декабри соли 1992-ум буд. Дар он ҷо тақрибан 1,5 -2 моҳ будем. Вақте ки ҳуҷуми нерӯҳои давлатӣ ба минтақаи Қаротегин авҷ гирифт, салоҳ донистем ба диёри Мастчоҳи Кӯҳӣ, ки бо ноҳияи мо ҳаммарз аст, биравем. Фасли зимистон, дар кӯҳистон барф ба чаҳор метр мерасид, мо дар чунин шароити вазнин тавассути ағба бо сад азобу уқубат худро ба деҳаи Пакшиви Мастчоҳ расонидем. Дасту пои як қисм аз ҳамроҳони моро хунук зада буд, вале шукри Худованд, ки камина осебе надида будам. Дар ҳамин деҳа будем, ки моро милисаҳои ноҳияи Айнӣ дастгир карда, ба Душанбе фиристоданд.
Маро чун ҷонишини оқои Хоҷӣ Акбар Тӯраҷонзода муаррифӣ карданд, ҳол он ки ман фақат омӯзгори оддии Донишгоҳи исломии ба номи Тирмизӣ будаму дигар вазифаеро дар Идораи Қозиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ӯҳда надоштам. Ман аз органҳои давлатӣ хурсандам, ки бо он иттиҳоме, ки сари камина бор карда буданду метавонистанд бе пурсишу таҳқиқ ба як тир аз байн бибаранд, вале онҳо ба ин кор даст назада, тамоми айбҳои эълонгардидаро якто-якто санҷида ба таҳқиқ расониданд, ки ман ҳеҷ гуноҳе надорам. Бо вуҷуди ин маро бо ҷурми «хиёнат ба Ватан», «даст доштан дар табаддулоти давлатӣ дар Тоҷикистон» зиндонӣ карданд.
- Дар вақти зиндонӣ буданатон ба Шумо имкони хондани китоб, навиштану таълиф кардан медоданд?
- То даҳ моҳи аввал шароити мутолиа ва таълиф набуд, баъд аз ин ба мо имкони хондани китоб бахусус Қуръонро доданд. Ба ғайр аз ин ман дар зиндон хотироти худро болои саҳифа оварда будам, ки онҳоро Ризвон баъди озодӣ аз дасти ман чун гарав гирифт ва дигар онҳоро бебозгашт аз даст додем.

- Шумо чӣ гуна аз ҳабс озод шудед?
- Шумо хабар доред, ки дар байни ИНОТ ва ҳукумати Тоҷикистон барои озод кардани асирони низомӣ ва маҳбусони сиёсӣ тавофуқ ҳосил гардид, камина, Аҳмадшоҳи Комил, Мирбобои Мирраҳим, Хуршеди Назар, Хайриддини Қосимро ба шаҳри Хоруғи Бадахшон бурда, дар ҳузури намояндагони СММ ва созмонҳои дигари байналмилалӣ озод карданд. Касе, ки куҷое мехост, мерафт. Мо чанд нафар роҳи Афғонистонро пеш гирифтем, то назди устоди гиромӣ Сайид Абдуллоҳи Нурӣ биравем. Мутаассифона, ба гуфти зарбулмасали халқӣ «аз борон гурехта, ба новадон дучор гардидем» ва ба дасти Ризвон Садиров, ки он вақт дар мавзеъи Баҳораки Афғонистон аз нерӯҳои мухолифин ҷудо шуда буд, ба асорат афтодему 19 рӯз он ҷо мондем. Сипас бо сад ҳилаву

найранг китобу навиштаҳои зиндонии худро пеши ӯ чун гарав гузошта, ба назди устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ ба шаҳри Толиқон расидем.

- Хуш, дар ҳиҷрат чӣ вазифаҳоро ба дӯш доштед?

- Баъди мулоқот бо устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ ишон диданд, ки дар зиндон хеле хаста ва ба табобат мӯҳтоҷ гардидаем, маро ба Ҷумҳурии Исломии Эрон фиристоданд. Дар беморхонаи «Хотам-ул-анбиё» гурда ва чашмонамро муолиҷа намуданд, биниамро, ки зада шикаста буданд, ҷарроҳӣ карданд. Баъди бемористон боз як моҳи дигар истироҳат кардам. Сипас дубора бо даъвати устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ баргаштам ба Афғонистон ва масъулияти бахши фарҳанги ИНОТ ва ҲНИТ ба ӯҳдаи ман гузошта шуд. Бо нерӯи тоза боз ба даъвату таблиғ дар байни мардуми муҳоҷир ва муҷоҳид пардохтам.

- Шумо дар музокироти байни тоҷикон бевосита ширкат доштед?

- Танҳо як бор, дар давраи гуфтушиниди сулҳи тоҷикон дар шаҳри Ишқободи Туркманистон чун узви ҳайати музокирот аз ҷониби ИНОТ ширкат доштам. Дигар имкони ширкат надоштам чун маро бо супориши роҳбарияти ҲНИТ ба Ҷумҳурии Исломии Эрон ба ҳайси сарпарасти ҷавонони донишҷӯи тоҷик фиристоданд, ки ин масъулиятро то соли 2000 ба ӯҳда доштам.

- Баъди бозгашт то ба имрӯз Шумо мушовири фарҳангии Раиси ҲНИТ устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ мебошед? Ҳамин тавр?

- Оре, дар ҳамин вазифаи гуфтагиатон фаъолият дорам. Боз сарварии қабулгоҳи муроҷиаткунандагони ҲНИТ – ро низ ба ӯҳда дорам.

- Устод мебинам, ки Шумо китобҳои бисёре ҷамъ оварда истодаед, мехоҳед ягон китобхона бунёд кунед?

- Устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ тақрибан аз соли 2002 – ум ҳамеша таъкид мекарданд, ки бояд қароргоҳи марказии ҲНИТ китобхонае дошта бошад, ки ҳамаи аъзо ва ҷонибдорони ин ҳаракати сиёсии исломӣ тавонанд аз ин ганҷи бебаҳо истифода баранд. Шукри Худованд, ин китобхонаро алҳол бунёд карда истодаем, то ин дам беш аз 700 номгӯй китобҳои динӣ, фалсафӣ, сиёсӣ ва ғайраро ҷамъ оварда, дар рафҳо ба тартиб гузоштем. Умед дорем, ки теъдоди китобҳо дар ин ганҷина беш аз пеш зиёд гардад. Худо хоҳад, ин китобхона дари худро дар рӯзҳои таҷлили ҷашни сисолагии таъсиси ҲНИТ ба рӯи хонандагон боз хоҳад кард.

- Мавқеъ ва мақоми ҲНИТ-ро дар ҷомеъаи имрӯзаи Тоҷикистон чӣ гуна арзёбӣ мекунед?

- Алҳамдулиллоҳ, рӯз ба рӯз мисли офтобе, ки абрҳо аз болояш пароканда мегарданд, ин ҳизб нурафшонӣ мекунад ва умед дорем, ки дар оянда низ мақому манзалати ҳизби мо болотару волотар мегардад. Зеро ҲНИТ ифодагари умеду армонҳои мардуми мусалмони Тоҷикистон аст.

- Чуноне ки дар боло қайд кардем, Шумо яке аз муфассирон, донандагон ва тарғибгарони асори аллома Муҳаммад Иқбол дар кишварамон мебошед. Пораи шеъри дӯстдоштаи Шумо аз ашъори шоир ва мутафаккири бузурги Шарқ кадом аст?

- Чун чароғи лола сӯзам дар хиёбони Шумо,
Эй ҷавонони Аҷам, ҷони ману ҷони Шумо.
Мерасад марде, ки занҷири ғуломон бишканад,
Дидаам аз равзани девори зиндони Шумо...

- Гули дӯстдоштаи Шумо?
- Садбарг.
- Ранги дӯстдоштаи Шумо?
- Сафед.
- Аз хислатҳои хуби инсонӣ кадоме бештар бароятон писад аст?
- Тавозӯъ ва хоксорӣ.
- Бадтарин хислати инсон, ки нафрат доред?
- Кибру манманӣ.
- Мусиқиро дӯст медоред?
- Бале, мусиқии асилро хеле дӯст медорам.
- Садои кадом сози мусиқӣ ба Шумо лаззати маънавии бештар мебахшад.

- Овози най. Зеро устод  Ҷалолиддини Румӣ фармуда:

Бишнав аз най чун ҳикоят мекунад,
Аз ҷудоиҳо шикоят мекунад.

ҲНИТ  -  мактаби  бузурги сиёсиву динист

Мусоҳиба бо раиси шӯъбаи ҲНИТ дар шаҳри Душанбе ва навоҳии тобеъи ҷумҳурӣ  Ҷалолиддин Маҳмудов

Соли 1960 дар ноҳияи Ҳисор дида ба дунё кушодааст. Баъди мактаби миёна, соли 1983 омӯзишгоҳи касбӣ-техникии  №63 ва соли 1988 Донишгоҳи давлатии Тоҷикистонро хатм кардааст. Соли 1990 муассис ва раиси шӯъбаи ҲНИТ  дар ноҳияҳои Фрунзе, Варзоб, Ҳисор, Регар ва Шаҳринав буд. Аз соли 1992 то ноябри 1994 дар ҳиҷрат умр ба сар мебарад. Аз моҳи  ноябри соли 1994 ба ҳайси ҷонишин ва аз соли 1996 ҳамраиси Комиссияи  муштараки  назорат бар оташбас фаъолият дошт. Соли 1997 раиси кумитаи танзимии ҲНИТ ва  баъд аз ба қайд гирифта шудани он раиси шӯъбаи ҲНИТ дар шаҳри Душанбе ва навоҳии тобеъи ҷумҳурӣ  интихоб гардид.  Дар Анҷумани дуввуми ҲНИТ ба узвияти Раёсати Олӣ ва ҳам узви Шӯрои Раёсати Олии ҲНИТ интихоб шуд. Аз соли 1998 узви Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии ЧТ  мебошад.

* * *

Соли 1994 дар шаҳри Чимкенти ҷумҳурии Қазоқистон, ки дар муҳоҷират ба сар мебурдам, бо Ҷалолиддини Маҳмуд аз наздик ошно шудам. Ӯ  ба мӯҷиби маъмурияте, ки ба ӯҳда дошт, аз Маскав ба Чимкент омад ва  бо мо дидору гуфтугӯ кард. Баъдан моҳи октябри ҳамон сол бо супориши устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ банда маъмур шудам, ки ба Маскав биравам ва масъулияти намояндагии Ҳаракати Наҳзати Исломии Тоҷикистон дар давлатҳои муштаракулманофеъро ба дӯш бигирам. Ба ҳукми тақдир бо Ҷалолиддин як моҳ бо ҳам будем.
Вақте миёни ҷонибҳои даргир дар Тоҷикистон пас аз чанд даври музокироти сулҳ оташбас эълон гардид, ҷониби мухолифинро лозим омад, ки як ҳайат барои назорат бар оташбас омода кунад ва ба Душанбе бифиристад. Аз мақомоти раҳбарӣ  ба мо дастур шуд, ки  аз аъзои Ҳизби Наҳзати Исломӣ  як шахси боимону ақида, устувору ҷиддӣ, соҳиби ғайрату шуҷоат ва ватандӯсту дорои номуси миллиро интихоб кунем ва ба Душанбе бифиристем. Вақте дар ҷаласа фармони мақомоти раҳбарӣ ба самъи ҳозирин расонида шуд, Ҷалолиддини Маҳмуд аз ҷой бархост ва ба аҳли маҷлис гуфт: «Агар бандаро ба ин масъулияти сангин сазовор бинед, ҳозирам ба Ислому Ватан ва Миллат, ки муддатҳо ин орзӯро дар дил мепарварам, хидмат намоям». Бархе аз ёрон ба чашми нобоварӣ ва қисмате  ба ҳайрат  ба ӯ нигаристанд. Лаҳзае ҳуҷраро хомӯшӣ фаро гирифт. Вазъи онрӯзаи ҷумҳуриро ҳар кӣ дар ёд дошта бошад, аз ин ҷуръати ӯ  наметавонад  ба шигифт наояд. Гумон мекунам ҳақиқати он даҳшатро, ки он рӯзҳо дар саросари кишварамон ҳукмфармо буд, касе наметавонад қаламдод кунад. Дар як чунин вазъият аз ҷои амну оромӣ, сериву фаровонӣ, ба мисли Маскав довталабона ба Душанбе, ки он рӯз дар ҳар кӯчаву паскӯча пагоҳиву бегоҳӣ кушторҳо рух

медоданд ва мардум нони ҷаву ҷуворӣ ва ҳатто сабӯс мехӯрданд, омадан имон ва фидокорӣ мехост. Чун ӯ довталаб шуд, ҳама розӣ шуданд...

Имрӯз дар Тоҷикситоне, ки аз неъмати сулҳу амонӣ фазои амну ором дар он ҳукмрон аст ва мардум аз ҳавои беғубори он нафас мекашанду осмон болои сарашон соф аст ва дар ин ҳама саҳми Ҷалолиддини Маҳмуд низ кам нест, нишастаем ва сӯҳбат оростем:

- Дар ҳамин робита хуб мешуд дар бораи кору бори Комиссияи муштараки назорат бар оташбас ёдовар мешудед, ки Шумо дар аввал чун узв ва баъдан ба ҳайси ҳамраиси Комиссияи мазкур фаълият пеш бурдед.

- Баъди даври дуввуми музокироти ҷонибҳои даргири тоҷик дар Теҳрон, моҳи сентябри соли 1994, дар бобати оташбас миёни нерӯҳои мухолиф дар Тоҷикистон тавофуқномае ба имзо расид. Дар даври сеюми музокирот охирҳои моҳи октябри ҳамон сол дар шаҳри Исломободи Ҷумҳурии Исломии Покистон Комиссияи муштараки назорат бар оташбас таъсис ёфт. Моҳи ноябри соли 1994 Комиссияи мазкур вориди Ватан гашт ва оғоз ба фаъолияти густурда намуд.

Ҳоҷӣ Музаффари Раҳмонӣ ба ҳайси раис, Муҳиддин Ҳасанов, Сайидмухтор Мирзоев, Маҳмадюсуфи Ҳаким чун аъзои он шомили Комиссияи назорат бар оташбас буданд.Ман бошам, баъдтар чун узви комиссия ба Душанбе омадам. Чуноне ки ба ман нақл карданд, шабона онҳоро кормандони мақомоти амниятиву давлатӣ дар майдони ҳавоии пойтахт гарму самимӣ истиқбол намуданд.Шаҳр ҳолати даҳшатноке бар худ дошт. Дар майдони ҳавоии шаҳри Душанбе ба ғайр аз низомиёни мусаллаҳ афроди мулкӣ ба чашм намехӯрд, баъзан-баъзан мошинҳо дар кӯчаҳо рафту омад доштанду халос. Гумон мерафт, ки сокинони шаҳр ба тамом тарки ҷову макон кардаанд. Онҳоро дар меҳмонхонаи «Октябр»-и пойтахт, ки ҳоло номи «Авесто»-ро дорад, ҷой доданд. Ҳарчанд ки дар Ватан буданду ватандор, аммо дар асл чун меҳмонони хориҷии аввалин бор ба Душанбе қадамгузошта худро бегонаву нобалад ҳис мекарданд.

- Фаъолияти Комиссияи назорат бар оташбас аз чӣ кор оғоз гашт?

-Қадами аввалини фаъолияти кориамон аз навоҳии атрофи Душанбе, бавижа ноҳияи Кофарниҳон шурӯъ гардид. Зеро қабл аз омаданамон панҷ нафар аз афроди мулкиро дар постгоҳи дараи Ромит ба иттиҳоми муҷоҳид буданашон ваҳшиёна ба қатл расонида буданд ва баъд аз номи мардуми ин дара арзномае ба СММ фиристода шуд, ба хотири ҳаллу фасли қазияи мазкур ҳамроҳ бо нозирони созмони байналмилалӣ озими дараи Ромит шудем.

- Дар он лаҳзаҳои ҳассос шумо чӣ хатаре эҳсос мекардед?

-Албатта, он замон низомиён ба амсоли гурги дарранда буданд ва гуфтугӯву музокиротро тамоман намеписандиданд. Дар постгоҳи дараи Ромит моро боздошт намуданд ва низомиён аз ин ҳайат суол карданд, ки кадоме аз шумо намояндаи мухолифин, яъне ИНОТ ҳастед?

Корманди Вазорати амнияти кишвар, ки моро ҳамроҳӣ дошт, ҳушёрию зиракӣ намуда, бандаро ба сифати тарҷумони забони арабии нозирони СММ муаррифӣ кард. Дигар бародарони ҳамроҳамро чун нозирони байналмилалӣ ба сарбозон шиносонд. Бинобар сабаби забони арабиро донистану тарҷумони забони арабӣ буданам, силоҳбадастон кӯшиш карданд, ки маро боздошт намоянд, аммо ба фазлу марҳамати Худованди бузург ба ин амал муваффақ нашуданд.

-Комиссияи назорат бар оташбас чӣ аҳдофу мақсаде рӯи даст дошт?

-Маълуми ҳамагон аст, ки ҳангоми мулоқоти ҷонибҳои даргир Комиссияи муштараки назорат бар оташбас дар Тоҷикистон амал мекард. Вазифаи мо иборат аз он буд, ки пеши роҳи ҳар гуна даргириҳоро гирифтаву шароити мусоид барои тарафҳои музокиракунанда муҳайё созем. Ва мо он ӯҳдадории бар дӯши мухолифини ҳукумат вогузоштаро дар мавриди риояи оташбас таҳти назорати қатъии хеш қарор медодем. Чун вайрон кардани оташбас аз ҷонибе сурат мегирифт, намояндагони мухолифин, ҳукумат ва СММ ҳар як ҳодисаро мавриди санҷишу омӯзиши ҷиддӣ қарор дода, баъдан хулосаи лозимаи хешро мебаровардем ва барои барҳам додани камбудиҳои ҷойдошта дасту остин барзада, то андозае риояи оташбасро пиёда месохтем.

Агар вайрон кардани оташбас аз ҷониби нерӯҳои мухолифин сурат мегирифт, онро мавриди гуфтугӯи хеш қарор дода, бо машварати роҳбарони ИНОТ, ки бо ишон дар иртиботи доимӣ будем, ҳар як қазияро ҳаллу фасл менамудем ё бо фармондеҳони мухолифин сӯҳбат карда, ба хулосае

меомадем.Чун камбудӣ аз ҷониби нерӯҳои ҳукуматӣ рӯй медод, ҳаллу фасли  он мушкилоти зиёдеро пеши рӯ меовард. Фармондеҳони онвақтаи нерӯҳои ҳукуматӣ худашон шоҳ буданду табъашон вазир, аз ин рӯ ба таҳдиду ҳақоратҳои доманадори онҳо тоқат намуда, то андозае муваффақ ба ҳалли мушкилот мегаштем.
- Аз дастоварду бурду бохти комиссияи мазкур  чӣ гуфтаниҳо доред?
- Дастовардҳои мо шояд ба ҳамагон маълум бошад. Яъне мо тавонистем, ки оташбасро то замони ба имзо расидани Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар кишвар таъмин намоем. Агар оташбас таъмин намегашт, ҳамагон медонанд ки сулҳи кишвар низ ба хатар мувоҷеҳ мегашт. Ин дастоварду бурди комили мост. Вале мутассифона,  ҳангоми фаъолияти хеш ду тан аз узви комиссия: Ҳоҷӣ Музаффар Раҳмонӣ ва Муҳиддин Ҳасанов бенишон гаштанд, ки то ба ҳол дар бораи онҳо маълумоти мушаххасе дар даст надорем. Ҳоҷӣ Музаффарро афроди мусаллаҳи номаълум аз пойтахт рабудаву ба тарафи номаълум  бурданд. Муҳиддин Ҳасанов бошад, ҳангоми сафар ба шаҳри Толиқони Давлати Исломии Афғонистон беному нишон гашт ва аз даст додани ин ду ҷавонмард бохти мо буд.
Албатта, ҷанг қонунҳои нонавиштаи худро дорад: қатлу куштор, туздиву харобкориву хонасӯзӣ ва чунин ҷиноятҳо дар кишварамон бисёр рӯй доданд. Чун таҷовузу куштор ба авҷи аълояш расид, мардуми заҳматкаш, ҷабрдида дар симои собиқ  нерӯҳои мухолифин пуштибону озодибахши хешро медиданд ва интизор буданд, ки қуваҳои солимақл вориди кишвар гаштаву сулҳу оштӣ аз болои қатлу таҷовуз дастболо мегардад. Афсус, ки  баъд аз бозгашти мухолифин аз ҳиҷрат, бархе аз онҳо дунболи ҳадафҳои шахсии хеш гашта, ҷонибдорони хешро ба кӯи фаромӯшӣ партофтанд ва ин амал боиси он гашт, ки болои захми шифонагаштаи мардум  намак рехтанду умеди мардум  бар ҷуз Худо ба каси дигаре намонд.
- Комиссияи назорат бар оташбас чанд муддат дар кишварамон фаъолият дошт?
- Гарчанде фаъолияти мо расман то рӯзи ба имзорасии Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон, яъне то 27-уми июни соли 1997 таъйин шуда буд, аммо ин комиссия то замони ба фаъолият оғоз намудани Комиссияи Оштии Миллӣ (КОМ)  пайи иҷрои вазифаҳо буд.
- Оё метавонед бигӯед, ки дар истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ саҳме аз худ гузоштед?
-Бале, то андозае саҳми худро дар барқарории сулҳу субот ва ризоияти миллӣ дар кишварамон гузоштем.Бояд ёдовар шавам, ки  ҲНИТ  аз рӯзи оғози фаъолияти худ  ҳеҷ гоҳ пайи ҷангу хунрезӣ ҷаҳду талош наварзида буд ва аз рӯзи аввал дар дил  орзӯ мепарваридем, ки баҳри мардуми кишвар сулҳу ваҳдат биёрем. Аз он лиҳоз хешро хурсанду масрур меҳисобам, ки назди халқу миллат, билохира назди Худованди бузург  қарзи хешро адо намудам. Боиси тазаккур аст, ки агар дар Комиссияи Оштии Миллӣ ҳам корҳои бештару назаррасе дар роҳи сулҳу оштӣ анҷом мегирифт, он гоҳ сулҳу оштӣ  комилтар мегашт ва иҷрои  бандҳои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ба дарозо намекашид.
- Оё заҳмату талоши аъзои Комиссияи назорат бар оташбас аз ҷониби Ҳукумат ва давлати Тоҷикистон мавриди қадрдонӣ қарор  гирифт?
- Мутаассифона, на ИНОТ заҳмату меҳнати моро қадр карду на Ҳукумати ҶТ. Танҳо СММ  баъд аз анҷоми кори мо тавсияномае пешниҳодамон кард, ки тибқи он салоҳияти дар корҳои низомию сиёсии кишвар фаъолият карданро дорем ва аз моҳи сентябри соли 1997  то имрӯз дигар на касе аз ҳоли мо мепурсаду на расонае аз  он рӯзҳо ёд мекунад.
Тавсияи намояндагии Созмони Милали Муттаҳид он буд, ки фаъолияти зермаҷмӯъи низомии КОМ-ро  Комиссияи назорат бар оташбас ба ӯҳда дошта бошад, зеро дар ин ҷода мо таҷрибаи бою ғанӣ доштем. Аммо ин пешниҳоду тавсияи намояндагии СММ дар кишварамон эътибор пайдо накард ва баъдан маълум шуд, ки зермаҷмӯъи низомӣ дар фаъолияти худ ба чӣ мушкилоте рӯ ба рӯ гашт.
Оре, ба ростӣ, пештар сарфаҳм намерафтем, ки муаллифону тарҳрезони ҷанги дохилӣ дар кишварамон бегонагонанд ва албатта, ба чунин хулосарониҳо наметавон камбудиҳову гуноҳони хешро рӯпӯш созем. Ҳар амали зиштеро, ки  бегонагон дар мулки мо пиёда сохтанд, пеш аз ҳама бо

дасти худи мо  амалӣ карданд. Вазифаи душман он аст, ки бо  ҳар роҳу василае набошад, бояд харобию бедодӣ биёрад ва моро лозим аст, ки ҳушёру огаҳ аз ҳар гуна иғвою дасиса бошем. Афсус, ки баъди он ҳама ҷангу ҷидолҳо имрӯз ҳам ғофилу бегонапарварем. Бегонагон дар ҳар гуна ниқобу либос моро ба коми оташ партофтаниаанд, мо  бошем аз таги нохуни ҳамдигар чирк мекобем.
- Пас чӣ бояд кард, ки аз ин бадбахтиву мушкилот раҳоӣ ёбем?
- Ягона роҳи наҷот ва халосӣ ин ба даст овардани истиқлоли комил дар кишвар аст. То он даме, ки истиқлолияти комил надорему чашми умед ба дигарон дӯхта, эҳтиёҷмандем, аз дасисаву тавтеъаи бегонагон ҳеҷ гоҳ эмин нахоҳем буд. Худшиносиву худошиносӣ истиқлолиятталабиву озодихоҳӣ бояд мағз андар мағзи мо ҷойгир бошад. Замоне ки дар Комиссияи муштараки назорат бар оташбас кору фаъолият доштем, бо чашми сар дидам, ки он ниҳодҳои хайрияю кӯмакрасони байналмилалиро чӣ аҳдофу мақсад дар пеш буд. Ҷанги шаҳрвандӣ доираи фаъолияти онҳро васеътар намудаву имконоти бештареро дар ихтиёрашон  вогузошт.
Ба андешаи камина ҷумҳурии Тоҷикистон давлати хурд аст ва агар ҳар кадом табақа ва гурӯҳҳои ҷомеъа ҳизб ташкил диҳанд, он гоҳ Тоҷикистон ғарқи ҳизбҳои сиёсӣ хоҳад гашт. Ва ҳар киро ки дар замир аҳдофу ормони диниву дунявист, метавонад  бо пайвастан ба  сафи ҲНИТ орзӯю омоли хешро дар ҷомеъа пиёда созад ва дигар ҳоҷат ба аҳзоби гуногуни мазҳабӣ ҳам намемонад. Агар дар оянда  бародарону хоҳарон ҳизббозӣ намудаву даъвоҳои беасос кунанд, ба ҷуз нооромсозии кишвар нафъе бар ҷомеъаи кишварамон намерасад.
- Ҷанги шаҳрвандӣ дар кишварамон чанд мӯҳлат идома дошт?
- Агар рӯзи оғози ҷангро расман панҷуми майи соли 1992 ва анҷоми онро рӯзи 27-уми июни соли 1997, рӯзи ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон эътироф кунем, пас ҷанги шаҳрвандӣ дар  кишварамон  панҷ солу як моҳу 22 рӯз идома доштааст. Ба ибораи дигар бигӯем, душманони миллати тоҷик ва халқи Тоҷикистон тавонистанд, ки 1879 рӯзи тамом оташи ҷанги бародаркушро фурӯзон нигаҳ доранд.
Дар муқоиса Ҷанги Бузурги Ватанӣ 1418  рӯз давом кардааст. Аслан, ҷанги шаҳрвандие ки дар Тоҷикистон гузашт, барои мо тоҷикон бо Ҷанги Бузурги Ватанӣ муқоисана-шаванда аст. Бояд тазаккур дод, ки дар ин ҷанг теъдоди 25 ҳазор нафар занони ҷавон бева ва қариб шаст ҳазор кӯдакон ятиму бепарастор монда, ба хоҷагии халқи кишвар ба маблағи беш аз ҳафт миллиард доллари амрикоӣ зарар расидааст.Тақрибан як миллион нафар шаҳрвандони кишвари мо ба тариқи иҷборӣ фирорӣ гардида буданд. Шумораи деҳаву хонаҳои сӯхтаву валангоршуда беҳисоб аст.
- Намояндагони ҳукумат дар Комиссияии муштараки назорат бар оташбас чӣ гуна фаъолия пеш мебурданд?
- Ҳангоми фаъолият дар Комиссияи дуҷонибаи назорат бар оташбас ҳар лаҳзаю ҳар соат ба мушкилот рӯ ба рӯ мешудем, ки бо кӯмаку мусоидати ҳамдигар ҳаллу фасли онро пайдо менамудем.
Дар осон кардани мушкилоти фаъолиятамон  Амирқул Азимов - дабири Шӯрои Амнияти ҷумҳурии Тоҷикистон кӯмакҳои зиёде ба мо расонд. Дар таъмини амнияти аъзои комиссияи мазкур собиқ вазири амнияти кишварамон Сайидамир Зуҳуров ҷонбозиҳои зиёде намуда буданд. Ҳамчунин муовини вазири амнияти ҶТ Баҳодур Абдуллоев дар бехатарии ҳаётамон саҳми арзанда гузоштанд.
- Шумо бори аввал вақте аз Маскав чун узви Комиссияи муштараки назорат бар оташбас ба Душанбе омадед, чӣ  эҳсосе шуморо фаро гирифт?
- Аз ҳамон лаҳзаи кушодашавии дари ҳавопаймо то охирин рӯзи оташбас, ки ҳазор рӯз идома дошт, дар фазои даҳшатбор ба сар мебурдем. Ба муҷарради кушода шудани дари ҳавопаймо афроди мусаллаҳи зиёде ба дохили ҳавопаймо зада даромаданд. Дар фурӯдгоҳ, кӯчаҳои шаҳр тӯда-тӯда аз ин гуна мусаллаҳон гашту гузор доштанд, ки ба чӣ касе итоат кардани онҳо маълум набуд.Аз як тараф эҳсоси хатар қалби маро фишор медод, вале такя ба Худованди тавоно доштан тарсу бимро аз ман бартараф кард. Аз тарафи дигар сарнавишт омад карду банда аз Маскав якҷоя  бо сарвари намояндагии СММ дар Душанбе ҷаноби Ливиу Бота омадам ва хушбахтона, касе аз силоҳбадастон маро нашинохт. Дар давоми кор дар муддати 1000 рӯзи оташбас борҳо мавриди дашному таҳқир,

лату кӯб, ҳабсшавию гаравгонгирӣ қарор гирифтем, вале ба ин ҳама ба хотири ҳадафи олӣ, ки доштем, сабру таҳаммул кардем.
- Оё Комиссияи назорат бар оташбас ба ҷуз рисолати хеш ба корҳои дигар низ иқдом дошт?
- Мо берун аз вазифаи худ корҳои дигарро низ анҷом медодем. Комиссияи назорат бар оташбаси мухолифин ба унвони ниҳоди намояндагии мухолифин дар дохили кишварамон корҳои зиёдеро сомон дод. Вазифаи мо аслан таъмини оташбас ва назорат бар он буд, вале ба изофа тамоми робитаҳои созмонҳои байналмилалӣ дар Тоҷикистон, дар манотиқе, ки зери тасарруфи муҷоҳидин буд, тавассути комиссияи мазкур амалӣ мешуд. Аз ҷумла созмонҳои байналмилалии Салиби Сурх, Табибони бидуни марз, Бунёди Оғохон ва чанде дигар барномаҳои худро бо кӯмаку мусоидати комиссияи мазкур амалӣ мекарданд. Ҳамчунин табодули асирони ҷангӣ тавассути комиссияи мазкур сурат гирифт. Борҳо музокироти дуҷониба қатъ шуда, вазъият муташаннич гашт ва бо кӯшишу талош, маслиҳату далолати ин комиссия музокирот аз нав оғоз ёфта буд. Ҳатто соли 1996 робитаи Президенти ҶТ Э.Ш.Раҳмонов бо сарвари мухолифин устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ қатъ гашт. Бандаро, ки он замон ҳамраиси комиссияи номбурда будам, ҷаноби Президенти ҶТ Э.Ш. Раҳмонов даъват карда, бо ман сӯҳбат ороcт ва хоҳиш кард, ки алоқаро ҳарчӣ зудтар миёни он кас ва устод С.А. Нурӣ барқарор кунам. Пас аз саъю талошҳои зиёд алоқаи устод бо ишон аз сари нав барқарор шуд. Аз ин кори хеш то ҳол хушнудам, зеро он ба манфиати мардуми Ватани азизамон буд. Ҳамчунин то ба Душанбе омадани аъзои Комиссияи Оштии Миллӣ заминаро барои фаъолияти ҳайати сиёсиву низомии ИНОТ фароҳам оварда, онҳоро аз Толиқон ба Душанбе ҳамроҳӣ кардем ва афроди баталёни 25-ро, ки вазифааш таъмини кафолати бехатарии муҳоҷирин буд, аз минтақаҳо овардем ва дар ташкили он саҳм гирифтем. Пеш аз омадани аъзои КОМ аз ҷониби мухолифин гурӯҳи коршиносон ба Душанбе омад, ки пешвозгирӣ, ҷобаҷогузории онҳо низ тавассути мо анҷом гирифт. Ҳамчунин ташриф ва истиқболи аъзои КОМ низ ба дӯши мо гузошта шуда буд, алҳамдулиллоҳ, онро ба хубӣ ва дар сатҳи баланд анҷом додем. Дар КОМ дар баъзе мавридҳои зарурӣ барои ҳаллу фасли низоъҳо аз таҷрибаҳои Комиссияи муштараки назорат бар оташбас истифода мешуд.
- Рӯшан аст, ки хидматҳои шумо ва аъзои Комиссияи назорат бар оташбас қадр нашуд. Ягон нафари шуморо ба ҳеҷ гуна мақоме пешбарӣ накарданд ва ҳатто бо ифтихорномае ҳам сарфароз нагардонданд. Оё шумо дар робита ба ин аз касе гила доред?
- Бояд гуфт, ки шахсан ман танҳо ба хотири Худо, Ислом, Сулҳ, Ватан ва Миллати азизам хидмат кардаам. Бинобар ин аҷри онро аз Худо мехоҳам. Банда вақте барои анҷоми амале, ҳар қадар хатарнок бошад ҳам, иқдом мекардам, ниятам холис барои Худо буд, ҳаргиз расидан ба кадом мартаба ва ё мансабу мақомро мадди назар надоштам. Аммо ба ҳар ҳол мо ҳам одами хокием, фаришта нестем, қадр кардан он тараф истад, ҳатто ба ҷаласаҳое, ки ба муносибати рӯзи Ваҳдат ҳар сол баргузор мегардад, даъват намешавем. Албатта, инаш аламовар аст.
-Дар арафаи ҷашни сисолагии ҲНИТ аз Шумо пурсиданиам, ки омилҳои дар саҳнаи сиёсии кишварамон зуҳур намудани ин ҳизбро чӣ гуна арзёбӣ мекунед?
- Омилҳо зиёданд, аммо омили асосӣ аз саҳнаи ҳаёти сиёсӣ ва умуман аз зиндагӣ дур кардани рӯҳониён аст. Шумо худатон шоҳид будед, ки дар замони Шӯравӣ на танҳо ҳуқуқи рӯҳониёни мусалмон, балки тамоми муқаддасоти Ислом зери по ва хору зор гардида буд. Кор то ҷое расида буд, ки ҳама уламои диниро Кумитаи бехатарии давлати Шӯравӣ, яъне КГБ душмани дохилӣ мепиндошт ва аз паи онҳо таҷассус мекард ва онҳоро таъқиб месохт. Ин амр донишмандонро ба тадриҷ то ба ҷое бурд, ки ишон яқин карданд, агар ба ҳамин усул мусалмони хомӯшу гапдаро ва аз масоили сиёсӣ дур бошанд, ҳуқуқи аздастрафтаи онҳо ҳаргиз барнамегардад.Аз ин нигоҳ метавон гуфт, ки ҳаракати сиёсии исломӣ, яъне ҲНИТ пеш аз ҳама ба хотири дифоъ аз арзишҳои дин ва ҳуқуқҳои мусалмонон ба миён омадааст.
- Шумо боре гуфта будед, ки сабаби аз байн рафтани империяи бузурги коммунистӣ сари душманӣ доштани он ба дин аст. Ҳоло ҳам бар ҳамон ақидаед?
- Оре, ин қудрати ҷаҳонӣ зиддияти оштинопазир бо арзишҳои мазҳабиро зери пӯшиши мубориза бо дин анҷом дод, бавижа бузургтарин зарбаро ба дини Ислом зад ва дар натиҷа ба хости Худованд

аз байн рафт. Инро ман нагуфтаам, Худованд дар Қуръони Маҷид сароҳатан фармудааст:«Касоне, ки бо Худо ва расулаш душманӣ кунанд, хор шаванд, ҳамон гуна, ки пешиниёни онҳо хор шуданд». На фақат Иттиҳоди Шӯравӣ, балки ҳамаи ҳукуматҳои зиддимазҳабӣ ва зиддихудоӣ бақои дарозмуддат надоранд, умрашон кӯтоҳ ва сарнавишташон мисли тақдири ҳамин абарқудрати ҷаҳонӣ-Иттиҳоди Шӯравӣ хоҳад буд.

- Дар арафаи ҷашни сисолагии ҲНИТ, ки Шумо яке аз собиқадорони ин ҳизб ҳастед, бигӯед, ки ба ҳаракати сиёсии исломӣ кай ва тавассути кӣ ҷалб шудед?

Банда дар ойилае ба дунё омадаам, ки ниёз набуд ба восита шудани касе барои ба ҳаракати сиёсӣ, бахусус ҳаракати сиёсии исломӣ қадам ниҳодани ман. Чун ҳар як мусалмони асил, аз ҷумла бобоёни ман низ дар солҳои мубориза алайҳи болшевикони ғосиб аз Ислому Имону Ватан ва нангу номуси ин сарзамин ба қадри тавони хеш дифоъ карда, чанд тан аз онҳо шаҳди шаҳодат нӯшиданд. Қисмате аз ишон роҳи ҳиҷратро пеш гирифтанду дар ғарибӣ сукунат ихтиёр карданд ва дар ҳасрати Ватан дунёи фониро падруд гуфтанд. Дар дили падари бузургворам шӯълаҳои озодихоҳӣ аз падару амакҳояш асар дошт ва дили банда аз баракати он шӯълаҳо файзёбу шодоб гашта. Падари бузургворам ҳам моҳи январи соли 1993 дар роҳи дини мубини Ислом ҷоми шаҳодат нӯшид...

Аз кӯдакӣ дар назди қариб даҳ нафар аз устодони улуми динӣ сабақ омӯхтаам, вале таълими ҳеҷ як аз онҳо маро қаноатманд накард. Аз ин хотир, чун аз яке қаноатманд намешудам, мактаби ӯро тарк мекардам ва мерафтам ба мактаби дигаре. Ба қавли аллома Иқболи Лоҳурӣ:

Дили мулло гирифтори ғаме нест,
Нигоҳе ҳаст, дар чашмаш наме нест.
Аз он бигрехтаам аз мактаби ӯ,
Ки дар реги Ҳиҷозаш Замзаме нест.

Ба ҳамин минвол аз мактаби даҳ нафар устодон гузаштам ва ниҳоят чун ба назди Мавлавӣ Абдулғаффори Бурҳонӣ омадам, услуби дарси ӯ ба ман хеле хуш омад. Ғунчаҳои умед дар чаманистони қалбам аз нури офтоби саҳарӣ оҳиста-оҳиста лаб во карданд. Ин шахси бомаърифату фаҳмида тобишҳои сиёсии оёти Қуръони маҷид, аҳодиси Паёмбари гиромӣ (с) ва ақоиди диниро ба мо ба равшанӣ баён мекарданд. Хулоса, худро дар макони шодоб дидам ва аз боғи маърифати ин устоди гиромиям гулҳо чиндам. Ин марди наҷиб маро ба афкори наву пешқадам ошно сохта, соли 1980 баъди паймудани чанд марҳала ба ҷунбиши сиёсии исломӣ пурра ҷалб кард.

- Аз рӯи шунидам, Шумо дар Анҷумани таъсисии Ҳизби Наҳзати Исломии Иттиҳоди Шӯравӣ дар шаҳри Аштархони Русия низ ширкат доштед?

- Бале, ман соли 1990 дар Анҷумани мазкур ҳамчун вакили ҳизб аз Тоҷикистон ширкат варзидам, аз он бо илҳоми тозаву рӯҳияи баланд баргаштам ва дар ноҳияҳои Ҳисору Регар, Фрунзе, Варзоб ва Шаҳринав барои таъсиси бахшҳои Ҳизби Наҳзати Исломӣ саъй ва кӯшиши зиёд ба харҷ додам.

- ҲНИТ ҳамчун ҷунбишиислоҳотхоҳии исломӣ соли 1973 ташкил шуд. Бигӯед, ки оё ин ҳаракат бар мабнои заминаи омодашуда аз қабл бино шуд, ё заминагузорӣ аз ҳамон соли 1973 оғоз ёфт?

- Заминаҳои Ҳаракати Исломӣ аз рӯзи аввали таҷовузи болшевикон ба ин сарзамин пайдо шуда буд, аммо ба шаклҳои гуногун ва ба таври номуназзам, то замони Ҷанги Дуввуми Ҷаҳон. Баъд аз ҷанг, бахусус пас аз он ки диктатори ашаддии ҷаҳон- Сталин аз олам гузашт, ҷо-ҷо уламои дин ба тарбияи насли ҷавон оғоз карданд. Ин ҷараён то соли 1973 инкишоф ёфт ва қариб тамоми Тоҷикистону Ӯзбекистонро фаро гирифт. Афкори озодихоҳии исломӣ ва ҳимоя аз ҳарими дини Худо ба таври пароканда дар ин сарзамин густариш пайдо кард ва саранҷом ҷавонони ҳушёру фаҳмида солҳои ҳафтодум тасмим гирифтанд, ки онро ба мактаби ягона табдил диҳанд ва тамоми афроди рӯшанфикрро муттаҳид созанд. Хидмати арзишманди устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ дар ин аст, ки ин ҷунбиши сиёсии исломиро ба вуҷуд овард ва он ҳамчун мактаби ягонаи муназзам афроди рӯшанфикри кишварамонро гирди ҳам овард.

Қабл аз таъсиси ҲНИТ дар кишварамон ва дигар мамолики мусалмоннишини Иттиҳоди Шӯравӣ мусалмонон аз мактабҳои сиёсии исломии берун аз кишвар истифода мекарданд, ки ба муҳити мазҳабӣ ва маънавии мардуми ин сарзаминҳо созгор набуд. ҲНИТ созмони сиёсиест, ки хусусияти

мазҳабӣ дорад ва ба нигоҳи динӣ, сиёсӣ ва рӯҳияи мардуми мо хеле мутобиқ ва мувофиқ аст. Имрӯз метавонем бо ифтихор бигӯем, ки мусалмонони кишвари мо дорои мактаби сиёсии исломиянд ва медонанд, ки дар масоили ақидатӣ, фиқҳӣ ва сиёсӣ аз кадом мактаб пайравӣ кунанд. Метавон гуфт, ки ҲНИТ мактабест дорои ҷойгоҳи муҳим ва нақши ҳаётӣ дар ҷомеъаи кишварамон..Зеро аз баракати ҳамин мактаб мардуми Тоҷикистон огоҳии сиёсии мазҳабӣ пайдо карданд ва барои дифоъ аз ҳуқуқҳои шаҳрвандии худ саъю талош доранд. Имрӯзу фардо аз уламои дини мубини Ислом ҳар кӣ дар ҳар ҷое ҳарфи сиёсӣ бизанад, дастпарвари ин мактаби бузург-ҲНИТ аст. Ҳизби мо имрӯз аз вуҷуди қавӣ ва пайкари устувор бархӯрдор аст. Воқеъият он аст, ки пайкари ҲНИТ аз афроди содиқу фидокор таркиб ёфтааст. Онҳо дар роҳи густариши ақоиди дини мубини Ислом ва амалӣ гардидани ҳадафҳои созандаашон барои ободӣ ва сарсабзии кишварамон ва хушбахтии мардуми он бо қалби пур аз имон қадам мезананд.
Давлати Тоҷикистон ҳаштодсола мешавад. Дар ин муддат мусалмонони кишварамон танҳо баъди расмӣ гаштани фаъолияти ҲНИТ тавонистанд ба таври ошкор қадам ба майдони сиёсӣ ниҳанд, ки дар ин муваффақият хидмати поягузорон ва собиқадорони ин ҷунбиши сиёсии исломӣ басо бузург аст

- Имрӯз роҳбарони як қатор кишварҳои олам аз ҷунбишҳои сиёсии исломӣ сари тарс доранд ва ҳамеша аз он ҳазар мекунанд. Аз нигоҳи Шумо оё вуҷуди расмии ҳизби сиёсии исломӣ ба нафъи ҳукумат аст ё не?

- Ба андешаи ман вуҷуди якчунин ҳизб бо тақозои замон ба нафъи ҳама гуна ҳукуматҳост. Дар сурати вуҷуд надоштани ҳизби сиёсии исломии расмӣ мусалмонони кишвар худро ба чандин ҷараёнҳои дигар, аз ҷумла ба сафи Ҳизби Таҳрир мезананд ва аз ин мухолифони ҳукумат ва гоҳо шояд душманони миллату кишвар аз мусалмононе, ки зери назорати ҳизби дорои хусусияти динӣ нестанд ва аз раҳбари донишманду хирадманде пайравӣ намекунанд, ба нафъи хеш истифода мебаранд. Имрӯз дар бархе аз ҷумҳуриҳои ҳамсоя, ки ҳукуматдорон ба рӯҳониёни кишварашон ба чашми шубҳа менигаранд ва бо онон муросо намекунанд, вазъ чандон хуб нест ва якдигарро чашми дидан надоранд. Ҳукумат дар фикри аз байн бурдани рӯҳониён ва онон бошанд дар навбати худ дар фикри сарнагунии ҳукуматанд. Ду ҷониб пайваста аз якдигар эҳсоси хатар доранд. Имрӯз дар Тоҷикистон сиёсатмадорони секулярӣ ва динӣ канори ҳам омадаанд, ки ин созиш ва якдигарфаҳмӣ чун падидаи нодиру ҷадид мавриди таваҷҷӯҳ ва омӯзиши оламиён қарор гирифтааст. Дар кишвари мо ризоияти миллӣ комил шудааст, зеро қариб ҳама аз якдигар розианд. Фикр мекунам ҳеҷ гурӯҳе бар гурӯҳи дигар сари душманӣ надорад. Ин ҳам барои мардуми кишвар ва ҳам барои ҳукуматдорон хуб аст.
Сӯҳбаторо Зубайдуллоҳи Розиқ

Кадрҳои ҷавону варзида ояндаи ҳизбанд

Мусоҳиба бо муовини раиси шӯъбаи ҲНИТ дар шаҳри Душанбе ва навоҳии тобеъи ҷумҳурӣ оид ба кадрҳо ва омӯзиши сиёсии ҲНИТ Акоша Кабирӣ

Зодаи ноҳияи Файзобод. Соли таваллудаш 1955. Мактаби ҳашт-соларо соли 1969 хатм карда, ба техникуми омории шаҳри Кофар-ниҳон дохил гардид ва онро бо ихтисоси баҳисобгирии хоҷагии халқ бомуваффақият ба итмом расонид. Сипас аз соли 1974 то соли 1978 дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳи собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ хидмати низомиро ба ҷо оварد. Баъди адои хидмати аскарӣ то

соли 1990 дар соҳаҳои гуногун ифои вазифа намуд. Аз соли 1990 то соли 2001 раисии бахши ҲНИТ дар ноҳияи Файзободро бар ӯҳда дошт. Аз соли 2001 то ин дам ба ҳайси муовини раиси шӯъбаи ҲНИТ оид ба кадр ва омӯзиши сиёсӣ дар шаҳри Душанбе ва навоҳии тобеъи ҷумҳурӣ фаъолият дорад.
Соли 2001 шӯъбаи ғоибонаи факултаи иқтисодии Донишгоҳи кишоварзии Тоҷикистонро бо ихтисоси ҳисобдор  хатм намуд. Алҳол аспиранти шӯъбаи ғоибонаи факултаи иқтисодии ҳамин донишгоҳ мебошад.
Оиладор, соҳиби шаш фарзанд.
* * *
- Шумо яке аз собиқадорону фаъолони ҲНИТ мебошед. Дар арафаи ҷашни сисолагии таъсиси ҳизб мехостем чанд лаҳза ёддошту хотироти хешро, ки солиёни зиёд дар сафи он фаъолият доред, мухтасаран нақл мекардед.
- Ба номи Худованди бахшояндаи меҳрубон. Маълум аст ҳеҷ чиз, бахусус ҳеҷ гуна падидаи сиёсӣ бе замина арзи вуҷуд карда наметавонад. Қабл  аз  он ки як ҷунбишу ҳаракат ва ё ҳизбе, ки дар ҷомеъа чун ифодакунандаи афкори сиёсӣ ва иҷтимоъӣ зуҳур кунад, шахсони ташаббускор, ҳалқаҳои таълимӣ, маҳфилу созмонҳои аввалия пайдо мегарданд, ки дар натиҷаи муттаҳид  шудани онҳо ва пеш бурдани фаъолия-ташон ҳизб  ё ҷунбишу ҳаракат ба миён меояд. Пайдоиш ва таҳаввулоти ҲНИТ ҳам чунин аст ва бе замина, бе таҳкурсӣ дар ҷомеъаи кишварамон ба вуҷуд наомадааст. Ҳамагон медонанд, ки дар солҳои бистум ва сиюми асри гузашта ҷунбиши ислоҳотхоҳии исломӣ, ки онҳоро маъорифпарварон, ҷадидон ё худ ҷавонбухориён  меномиданд, аз ҷониби болшевикон пурра аз байн бурда шуданд. Аксари сарварону фаъолони ин ҷунбиш  ё кушта шуданд ё  зиндониву бадарға гардиданд. Донишмандоне ки монда буданд, аз тарси ҷон имкони тарғиб ва тадриси афкору ғояҳои ислоҳотхоҳи исломиро надоштанд ва ба қавли мардуми тоҷик «об дар даҳон гирифта мегаштанд». Баъди маҳкум кардани шахспарастии Сталин ва сари кор омадани Хрушеву Брежнев сиёсати ҳизби коммунист ва ҳукумати Шуравӣ нисбати дину мазҳаб, афкори диниву ахлоқӣ, фарҳангиву маънавӣ хеле тағйир ёфт, ки дар натиҷа дар ҷомеъаи Шӯравӣ ашхосе пайдо шуданд, ки афкори наву пешқадам доштанд, озодандеш буданд ва мехостанд мардумро аз зери зулму султаи болшевикӣ бираҳонанд. Чунин шахсони худогоҳ ва донишманд дар Осиёи Миёна, бахусус дар кишварамон Тоҷикистон зуҳур карданд, ки ақоиди ислоҳотхоҳии  исломиро дар байни мардум, бавижа дар байни ҷавонон интишор медоданд. Дар натиҷа як гурӯҳи ҷавонони равшанфикр, ки ҳам дониши динӣ ва ҳам саводи дунявӣ доштанд, қомат рост карданд ва барои аз бунбаст раҳонидан ва ислоҳи ҷомеъаи кишварамон камари ҳиммат бастанд.
Солҳои ҳафтодуми асри гузашта дар шаҳри Кофарниҳон ва навоҳии атрофи он чун дар дигар манотиқи ҷумҳуриамон афкори нави ислоҳотхоҳии исломӣ дар байни мардум, бахусус толибилмони ҷавон интишор ёфт ва пайравони худро пайдо карда буд. Ин ҷавонон, ки асосҳои шариъати исломиро меомӯханд,  дар паи ислоҳи ҷомеъа азму талош меварзиданд. Онҳо кӯшиш ба харҷ медоданд, ки дар изҳори ақида ва иҷрои расму ойинҳои дини Ислом озод бошанду дар пешрафти зиндагии мардум саҳмгузорӣ намоянд. Чунин шахси донишманд ва соҳиби афкори пешқадами исломӣ ва  замонавӣ дар минтақаи мо устод Муҳаммадшариф Ҳимматзода буданд. Зери роҳбарии он кас созмони аввалияи Ҳизби Наҳзати Исломи Тоҷикистон дар шаҳри Кофарниҳон ташкил гардид, ки ба он шогирдашон Абдулмалик Зокиров сарварӣ мекард. Ба ин созмон як идда ҷавонони равшанфикр, пешқадаму озодандеш ва босавод шомил гардиданд. Камина низ ба ин созмон пайвастам. Ҳадафу мақсади мо асосан ислоҳи ҷомеъа, ба тартибу низом даровардани расму ойинҳои мардумӣ, таълиму тарбияи наврасону ҷавонон, тарбияи ахлоқии насли наврас тибқи шариъати исломӣ, тайёр кардани кадрҳо дар риштаҳои мухталиф, густариши улуми исломӣ, ҳимояи ҳуқуқҳои мусалмонон дар иҷрои маросимҳои мазҳабӣ ва ба эътибор гирифтани ниёзҳои онҳо буд. Дар аввал ҷунбиши мо ранги ислоҳотхоҳии иҷтимоӣ дошт, вале рафта-рафта дар натиҷаи муттаҳид гардидани ин нерӯҳо ба як ҳаракати озодихоҳӣ ва билохира ба як ҳизби тавонои сиёсӣ табдил ёфт. Камина фаъолияти худро аз ҳамин созмони аввалияи ҳизб оғоз намудам ва инак, солиёни зиёд аст дар соҳаҳои мухталифи ҲНИТ адои вазифа дорам.

Дар арафи таҷлили сисолагии ҲНИТ ман мехостам аз он ашхосе, ки дар паҳлӯямон буданд, вале имрӯз дар байни мо нестанд, ёддоварӣ намоям. Зеро бисёр бародарону хоҳарони мо дар роҳи амалӣ гардонидани ҳадафу ормонҳои ҲНИТ ҷони худро фидо намуданд. Рӯҳашон шод ва хонаи охираташон обод бошад! Мо бояд онҳоро ҳеҷ гоҳ аз хотир набарорем ва ҳамеша дар ёд дошта бошем, ки барои озодиву истиқлол ва ободиву хушбахтии мардуми Тоҷикистон чӣ қадар ашхоси соҳибдил гулгункафан гардидаанд ва орзӯву ормонҳои худро ба хок бурдаанд.

- Аз рӯи шунидам Шумо узви кумитаи тадорукотии ҲНИ собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ будед. Дар ин бора чӣ хотирот доред?

- Баъди бекор кардани моддаи 6-уми Қонуни Асосии Иттиҳоди Шуравӣ, ки танҳо ба ҳизби коммунист ҳақи фаъолият медоду таъсису фаъолияти дигар ҳизбу ҳаракатҳои сиёсиро манъ мекард, ба рӯи ҷомеъаи собиқ Шӯравӣ як фазои мусоид боз гардид. Дар даврони бозсозии горбачёвӣ сарварону фаъолони тамоми ҷунбишҳои исломии ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Шӯравӣ, ки пештар дар зери фишор, ҷабру зулм қарор доштанд, бо ҳам машварат карда, дар тараддуди таъсиси ҳизби исломии Умумииттифоқӣ гардиданд, то ки ҳуқуқу манфиатҳои мардуми мусалмонро бо роҳи муборизаи сиёсӣ дар сатҳи баланди давлатӣ ҳимоя намоянд. Ба ҳамин ният 9 июни соли 1990 дар шаҳри Аштархони Русия Анҷумани таъсисии ҲНИ Иттиҳоди Шӯравӣ баргузор карда шуд, ки хушбахтона, ман ҳам дар қатори як гурӯҳи вакилон аз Тоҷикистон дар ин чорабинии муҳим ширкат доштам. Бояд бигӯям, ки ташаббускор ва бахши пешқадами Ҳизби Наҳзати Исломии Умумииттифоқ тоҷикон буданд. Вале доғистониҳо, чеченҳо, озарбойҷониҳо, тоторҳо, бошқирдҳо, ӯзбекҳо низ буданд, ки дар доир гардидани Анҷумани мазкур саҳмгузорӣ карданд.

Ҳеҷ аз ёдам намеравад, ки мо бо чӣ гуна душвориҳо тавонистем, 650 нафар вакил ва нозирро қабул карда ҷо ба ҷо намоем ва то хабардор шудани ҳукуматдорони шаҳру вилояти Аштархон қисмати асосии Анҷуманро анҷом додем ва Ҳизби Наҳзати Исломии Иттиҳоди Шӯравиро таъсис кардем. Шукри Худованд, ки ба ин кор муваффақ шудему ба Ватан бо сари баланд баргаштем. Дар ин ҷо низ дар паи гузаронидани конфронси таъсисии шӯъбаи тоҷикистонии ҲНИ Иттиҳоди Шӯравӣ гардидем ва бо вуҷуди он, ки ҳукуматдорони Тоҷикистон ба мо иҷозат надоданд, мо аз як гиребон сар бароварда, 6 октябри соли 1990 чунин конфронсро дар деҳаи Чортути ноҳияи Ленин доир намудем. Ман низ дар қатори дигар фаъолони ҳизб, узви кумитаи тадорукоти конфронси мазкур будам.

- Шумо чӣ вазифаро дар кумитаи тадорукот ба ӯҳда доштед ?

- Ман вазифаи ба қайд гирифтани вакилону даъватшудагон, ҷо ба ҷо гузории онҳо, овардани онҳо ба ҷои Конфронс ва билохира тақсими мандатҳоро ба ӯҳда доштам.

- Шоҳидон нақл мекунанд, ки кор чунон ботартибу низом ташкил шуда буд, ки нерӯҳои амниятии ҷумҳурӣ натавонистанд, пай баранд ки конфронс кай ва дар куҷо барпо мегардад.

- Бале, ҳамаи корҳои ташкилиро мо ба тарзи махфиёна ба роҳ монда будем. То дараҷае бо эҳтиёт ва пинҳонӣ амал мекардем, ки то саҳарии рӯзи 2-уми октябри соли 1990 ғайр аз 3-4 нафар аз роҳбарони ҳизб ҳеҷ кас намедонист, ки конфронс кай ва дар куҷо барпо мегардад. Мо тамоми вакилону меҳмононро пешвоз гирифта, дар хонаҳои худамон дар шаҳри Душанбе ҷо ба ҷо кардем. Барои бурда овардани ҳар як ҳайати вакилон махсус мошинҳо таъйин кардем, ки дар мӯҳлати муқарраргардида онҳоро гирифта биёрад. Барои ҷои истиқомат, хурду хоб ва амнияти вакилон нафарони махсусро масъул намуда будем. Саҳарии барвақт ба масҷиди деҳаи Чортут ба таври фаврӣ ҷамъ омадему то хабардор шудани ҳукумати ноҳияи Ленин ва нерӯҳои амниятии кишвар қисми асосии конфронси муассисонро гузаронидем ва ба таври расмӣ шӯъбаи тоҷикистонии ҲНИ Иттиҳоди Шӯравиро таъсис додем. Вақте ки моро ба шӯъбаи корҳои дохилии ноҳияи Ленин гирифта burданд, худашон эътироф карданд ва гуфтанд: “Он коре, ки шумо ба таври махфӣ анҷом додед, ҳатто мо кормандони ҳифзи ҳуқуқ ва амниятро дар ғафлат гузоштед”.

- Яъне ба ташкили кори Шумо қоил шуданд ?

- Бале, қоил шуданд. Дар ҳақиқат кумитаи тадорукотии Конфронси таъсисии шӯъбаи тоҷикистонии ҲНИ Иттиҳоди Шӯравӣ чунин кори бузургро дар он давра анҷом дод, ки кори

чандон саҳл набуд. Банда ифтихор дорам ва сарфарозам, ки дар ҳайати ин кумитаи тадорукотӣ дар ташкилу гузаронидани ин чорабинии муҳим саҳм гузоштам.

- Баъди таъсиси шӯъбаи тоҷикистонии ҲНИ Иттиҳоди Шӯравӣ чӣ вазифаро ба дӯши Шумо гузоштанд?

- Сипас ман чун узви комиссияи тафтишотии шӯъбаи шаҳрии Душанбе ва навоҳии атроф, ки раёсати онро Абдулмалик Зокиров ба ӯҳда дошт, адои вазифа намудам. Дар ин вазифа то Анҷумани аввалини ҲНИТ, ки дар соли 1991 дар қасри «Экомпт» (алҳол «Кохи Ваҳдат») баргузор гардид, кор кардам.

Бояд бигӯям, ки маро узви кумитаи тадорукотии Анҷумани нахустини ҲНИТ интихоб карданд ва ҳамон вазифаи пештара: қайди вакилону меҳмонон, ҷобаҷогузории онҳо, тақсими мандатҳо ва дигар корҳои ташкилии Анҷуманро ба дӯши ман гузоштанд. Анҷумани мазкур дар фазои мусоид, ошкоро бо иштироки хабарнигорони дохиливу хориҷӣ доир гардид ва Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистонро ба таври мустақил таъсис дод, Раёсат ва дигар органҳои идории онро интихоб намуд, Ойиннома ва Барномаи ҳизбро қабул кард. Ба арсаи сиёсати Тоҷикистон ба таври расмӣ ворид шудани ҲНИТ на танҳо дар ҳаёти сиёсии кишварамон, балки минтақаи Осиёи Марказӣ як падидаи нодир ба ҳисоб мерафту таваҷҷӯҳи сиёсатмадорону сиёсатшиносон ва коршиносону муҳаққиқони ҷаҳониро ба худ ҷалб месохт.Зеро баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ нахустин шуда ҷунбиши исломии сиёсӣ вориди майдони муборизаи сиёсӣ ба таври расмӣ дар чаҳорчӯбаи Қонуни Асосӣ ва қонунҳои ҷории кишварамон гардид.

-Баъди Анҷуман дар кадом вазифа кор кардед ?

- Маро раиси бахши ҲНИТ дар ноҳияи Файзобод интихоб карданд ва камина то даргириҳои ҷанги дохилӣ ҳамин вазифаи масъулиятнокро ба ӯҳда доштам ва кӯшиш ба харҷ медодам, ки ҲНИТ дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияамон фаъол бошаду саҳми арзанда бигирад. Шукри Худованд, дар ин самт низ дар ин давра ба пешравиҳо ноил гардидем.

- Оё дар давраи ҷанги дохилӣ Шумо ба хориҷи кишвар ҳиҷрат карда будед?

- Бале, он рӯзҳои даҳшатнок ба ҳамагон маълум аст, ки мо дар чӣ вазъи ногувор қарор доштем. Як зумра бародарони мо ба шаҳодат расиданд ва азбаски илоҷи дигаре надоштему ҷонамон дар хатар буд, салоҳ донистем, ки ҳиҷрат кунем. Баъди имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ дар Тоҷикистон ба Ватан баргаштем ва инак, боз дар сафи аъзои ҲНИТ ба кору фаъолият машғулем.

- Дар арафаи ҷашни 30-солагии таъсиси ҲНИТ қарор дорем, Шумо аз он бародарону дӯстонатон, ки дар ин роҳ ҷонбозӣ намудаанд, киҳоро пеши назар оварда метавонед?

- Дар ҳақиқат беҳтарин фаъолони ҳизби мо барои расидан ба ҳадафҳои хеш ҷони худро нисор кардаанд. Албатта, ҷои афсусу надомат аст, ки чунин ашхоси муборизу покдил дар айни камолоти умри худ аз байни мо рафтанду ба раҳмати худовандӣ пайвастанд. Аз тарафи дигар мо ифтихор дорем, ки онҳо дар роҳи расидан ба озодиву истиқлол ва тарғибу густариши афкори исломӣ ҷони худро фидо намуданд. Мо имрӯз номи неки шаҳидони роҳи Ҳақ: Қорӣ Муҳаммадҷони Муҳиддин, Ҳоҷӣ Музаффар, Мулло Амриддин, Мулло Абдуллоҳи Хитоб, Мулло Аъзам, Баёзиддин, Муҳаммаднабии Сабури Авсат, Қутбиддин, Эшони Абулқосим ва садҳо нафар гулгулкафанонро ба забон гирифта метавонам, ки дар ин роҳи пуршараф қурбон шуданд. Ёдашон ба хайр, Худованд ҷояшонро ҷаннатулмаъво гардонад.

Ва имрӯз мо касоне ки боқӣ мондем, масъулияти мо дар назди Худо ва дар назди арвоҳи ин шаҳидони гулгункафан даҳчанд гардидааст. Мо бояд ҳаргиз ин бародарони шаҳиди худро фаромӯш насозем, аз ҳолу аҳволи аҳли байташон, наздиконашон хабар бигирему орзӯву умеди онҳоро дар нимароҳ намонем ва барои ҷомаи амал пӯшонидани ормонҳои наҷиби онҳо бо дилу ҷон кӯшиш намоем. Ман чунин мешуморам, мо, зиндагон як умр дар назди онҳое, ки дар ин роҳ ҷон нисор кардаанд, қарздорем ва бояд дар ҳар лаҳзаву соат аз онҳо ёдоварӣ намоем.

Имрӯзҳо ки мо дар арафаи ҷашни сисолагии таъсиси ҲНИТ истодаем, бояд ин санаи таърихиро бошукӯҳ таҷлил намоем ва дар пайи тақвияти ин ҳаракати сиёсии исломӣ бошем, на дар пайи баланд бардоштани шахсиятҳо ва чеҳрасозӣ. Албатта, обрӯи ҳар як шахсияти намоёни ҳизб обрӯи

ҳар яки мост ва дар маҷмӯъ обрӯи ҲНИТ,  вале ман бо ин суханам гуфтанӣ ҳастам, ки шахсиятҳо бо мурури замон пайдо мешаванду мераванд, вале бояд ин ҷунбиши сиёсии исломии мо чун ифодагари орзӯву ормонҳои мардум доимӣ  боқӣ монад. Дар он сурат мо ҳизби худро ба як нерӯи тавонои ислоҳотхоҳ, истиқлолталаб ва озодихоҳ  ба таври доимӣ дар ҷомеаи кишварамон табдил дода метавонем.
- Роҷеъ ба кору бори имрӯзаатон чанд сухан мегуфтед ?
- Ба ҳамагон маълум аст, ки ҳеҷ кор бе кадрҳои баландихтисос ва босавод ба ҷой оварда намешавад. Зеро ҳатто дар даврони Шӯравӣ мегуфтанд, ки «ҳама чизро кадрҳо ҳал мекунанд». Дар ҳақиқат ҳамин тавр аст. Роҳбарияти ҲНИТ, бахусус раиси мӯҳтарам устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ ин нуктаро хело хуб дарк мекунанд ва аз ҳамин ҷост, ки дар мақомоти роҳбарикунандаи ҳизб шӯъбаи кадрҳо ва омӯзиши сиёсиро таъсис доданд, ки барои пешрафти кори ҳизбӣ бисёр иқдоми хайр гардид. Ин бахш дар як муддати кӯтоҳ корро тавре ба роҳ монд, ки дар ниҳоду сохторҳои ҲНИТ, бавижа дар шӯъбаҳои вилоятӣ, шаҳриву ноҳиявӣ, созмонҳои ибтидоӣ як такони сахти мусбат ба амал  омад. Корҳои сиёсӣ, ташкиливу тарғиботӣ ва фарҳангӣ ривоҷу равнақи тоза гирифтанд.Барои баланд бардоштани савияи донишу маърифати сиёсии кадрҳои ҳизб курсҳои кӯтоҳмуддат ва семинарҳо баргузор карда шуд, ки дар онҳо садҳо нафар  аъзои ҳизб саводи сиёсии худро такмил доданд ва бо роҳу равиши нави корбарӣ дар байни мардум ошно гардиданд. Шӯъбаи ҳизбии мо низ дар ин самт як қатор чорабиниҳоро дар амал татбиқ карда, самараву сифати корҳои сиёсиву ташкилӣ ва тарғиботиро баланд бардошт, вале ҳоло ҳам дар кори мо камбудиву норасоиҳои зиёде мавҷуданд ва онҳоро дар ояндаи наздик бартараф бояд кард.
-Барои пешрафти кори ҲНИТ чӣ таклифу пешниҳоди мушаххас доред?
- Ман чунин андеша дорам, ки дар сохтори ҲНИТ дар оянда як бахши умдаи идеологӣ таъсис дода шавад. Чунки таҷриба нишон медиҳад, ки бе мавҷудияти ин шӯъба  фаъолияти сиёсии ҳизб суст аст. Бахши идеологӣ бояд тамоми чораҳоро андешад, корҳои дигар шӯъбаҳоро ҳамоҳанг созад, то ки фаъолияти ҳизб беш аз пеш баланд гардад. Аз тарафи дигар интихоб, тарбия, ҷобаҷогузории кадрҳо дар тамоми бахшҳои ҳизб пурра ба ӯҳдаи шӯъбаи кор бо кадрҳо гузошта шавад. Бояд дар оянда ба ҳизб кадрҳои ҷавону босавод  ҷалб карда шаванд. Акнун ки асри нав, садсолаи нав фаро расидааст, мо дигар бо тарзу усули пештараву кӯҳна кор карда наметавонем. Барои он ки ҳамқадами ҳаёт бошем ва ҲНИТ чун як нерӯи ислоҳотхоҳ дар оянда дар ҷомеъаи кишварамон мавқеъ ва нақши муҳим дошта бошад, ҳатман ин корҳоро амалӣ намуданамон лозим аст.

Ҳар  кӣ  бар душмании халқ равон аст чу бахр

Муҳовара бо  узви Раёсати Олии ҲНИТ Воҳидхон Қосиддинов

- Акои Воҳидхон, Шумо зодаи шаҳри бостонии Исфара ҳастед ва ин шаҳр на танҳо дар водии Фарғона, балки дар диёри Мовароуннахр бо мардуми ҳунарманду соҳибистеъдод, суннатҳои фарҳангии миллию исломӣ ҷойгоҳи хосеро ишғол мекунад,  дар бораи таърихи пайдоиши афкори ислоҳотхоҳи исломӣ дар ин шаҳр ва пазироии он аз ҷониби мардуми ин сарзамин чанд сухан мегуфтед.
- Ба номи Худованди бахшояндаву меҳрубон.
Бояд  гуфт,  ки афкори ислоҳотхоҳу пешқадами исломӣ дар шаҳру ноҳияи бостонии Исфара, бахусус дар деҳаи Чоркӯҳ  дар тамоми давраҳои Иттиҳоди Шӯравӣ чун ахгари зери хокистар вуҷуд дошт. Зеро чуноне ки Шумо қайд кардед, Исфара на танҳо дар водии Фарғона, балки умуман дар диёри Мовароуннахр  чуняке аз марказҳои муҳими тамаддуни исломӣ шӯҳрат дошт ва  баъди Инқилоби Уктабр ҳам, донишмандони зиёде дар ин шаҳр кору зиндагӣ мекарданд. Бо вуҷуди куштору бадарғаву фишороварихо як зумра донишмандони шаҳири улуми исломӣ, ки олимони пешқадам ва дорои афкори ислоҳотхоҳу пешқадами исломӣ буданд, ба таври махфӣ ҳалқаҳои дарсӣ доштанду толибилмони ҷавонро таълим медоданду тарбия мекарданд. Хусусан солҳои шастум ва ҳафтодум бар асари мулоим шудани сиёсати ҳукумати Шӯравӣ нисбати дину мазҳаб ва риояи русуми динӣ дар шаҳри Исфара, бахусус дар деҳаи Чоркӯҳ, ки он вакт 20 ҳазор нафар аҳолӣ дошт, як навъ ҷунбиши нави афкори исломӣ ба миён омад. Агарчанде рӯшанфикрони исломӣ ягон созмони расмие таъсис надода буданд, вале дар маҳфилҳо, нишастҳо, ҷамъомадҳо, ҳалқаҳои дарсӣ дар атрофи масъалаҳои муҳими ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангию мазҳабӣ баҳсҳои гарме барпо мекарданд ва баҳри ислоҳи ҷомеъа, бахусус ба тартиб овардани расму ойинҳои мардумӣ, решакан кардани анъанаҳои серхарҷи хурофотию ғайриисломӣ, таълиму тарбияи насли наврас дар партави ақоиди исломӣ  кӯшишу ғайрат ба харҷ медоданд. Ҳамин тавр афкори ислоҳотхоҳи исломӣ беш аз пеш дар байни қишрҳо ва табақаҳои гуногуни ҷомеаи шаҳру ноҳияи Исфара роиҷ мегардид ва густариш пайдо мекард. Ҳамаи ин бедорандешӣ ва озодандешӣ зарурати таъсиси созмони аввалияи ҲНИТ-ро дар ин минтақа ба миён овард.

- Шумо бигӯед, ки созмони аввалияи ҲНИТ дар шаҳру ноҳияи Шумо кай таъсис ёфт?

- Бори аввал соли 1989 чунин созмон бо ибтикори шодравон Абдурауф Довудов дар деҳаи Чоркӯҳи ноҳияи Исфара таъсис ёфт, ки дар ташкили он камина, Абдуманнон Каримов,  Ҳошимҷон  Амаков ва чанде дигарон ҳамдастӣ ва ҳамкорӣ намудем. Бояд гуфт, ки ин нахустин созмони ибтидоии ҲНИТ дар шимоли Тоҷикистон буд, ки дар ҷаласаи нахустини он ҷонишини раиси ҲНИТ Давлат Усмон ширкат дошт.
Созмони ибтидоии ҲНИТ дар деҳаи Чоркӯҳ аз 19 нафар аъзо иборат буд, ки чандин бахшро дарбар мегирифт. Яке аз бахшҳои муҳими ин созмон, бахши фарҳангӣ ва иршоду таълим ба шумор мерафт. Маҳз бо ташаббуси ин бахш бисёр чорабиниҳои муҳими фарҳангӣ, таълимию тарбиявӣ дар байни мардуми на танҳо деҳаи Чоркӯҳ, балки дар байни сокинони дигар деҳот ва худи шаҳри Исфара гузаронида мешуд, ки барои густариши ақоиди нави исломӣ, афкори ислоҳотхоҳӣ ва озодихоҳии исломӣ мусоидат намуданд. Сипас дар шаҳри бостонии Исфара ва дигар шаҳру навоҳии вилояти Суғд, ба мисли Ӯротеппа(алҳол Истаравшан), Ашт, Панҷакент, Конибодом, Мастчоҳ, Кӯҳистони Мастчоҳ низ пайи ҳам созмонҳои ибтидоии ҳизб ва билохира шӯъбаи вилоятии ҲНИТ таъсис ёфтанд.

- Созмони ибтидоии ҲНИТ-ро дар деҳаи Чоркӯҳ кӣ сарварӣ мекард?

- Дар ҳамон ҷаласаи нахустини созмони ибтидоии ҲНИТ дар деҳаи Чоркӯҳ маро ба ҳайси раиси созмони мазкур интихоб намуданд ва банда чанд сол дар ҳамин вазифаи масъул фаъолият пеш бурдам ва нахустин таҷрибаи фаъолияти ҳизбии худро аз кори ҳамин созмон омӯхтам. Баъдтар созмони ибтидоии мо фаъолияти худро ҷоннок намуда, сафи аъзои худро беш аз пеш зиёд кард.

Соли 1992 ҲНИТ дар шаҳру ноҳияи Исфара беш аз 10 ҳазор аъзо дошт, ки ин ни-шондиҳанда аз фаъолияти хубу пурсамари созмонҳои ибтидоии шаҳру ноҳияи мазкур шаҳодат медиҳад.

-Чуноне ки дар боло қайд кардем, шаҳри Исфара яке аз марказҳои муҳими тамаддуни исломӣ на фақат дар водии Фарғона ба ҳисоб меравад ва мардуми ин сарзамин аз қадимулайём ба дини мубини Ислом дилбастагии хосса доранд, Шумо равшанӣ меандохтед, ки пайдоиш ва густариши афкор ва ақоиди ислоҳотхоҳи исломии ин шаҳр бо дигар шаҳру навоҳии водии Фарғона алоқаманд буд ё ба таври хосу мустақил дар ин ҷо ба вуҷуд омад?

- Ман дар боло ба таври мухтасар гуфта гузаштам, ки чунин афкори ислоҳотхоҳӣ ва озодихоҳии исломӣ ҳама вақт дар ҳама давру замон дар шаҳри Исфара вуҷуд дошт, зеро дар ин маркази тамаддуни исломӣ нерӯҳои муқтадир ва тавоно буданд, ки чун вулқон аз худ гармӣ хориҷ мекарданд ва чунин ақоидро густариш медоданд. Исфара бо ин нерӯи ақлонӣ ва зеҳнии худ манбаъ ва сарчашмаи афкори наву пешқадами исломӣ дар водии Фарғона буд ва ҳамеша барои дигар шаҳру навоҳии ин водӣ намунаи ибрат ба шумор мерафт ва меравад. Бинобар ин, ман бо қатъият гуфта метавонам, ки афкори ислоҳотхоҳии исломӣ як афкори худҷӯши дохилӣ аст, ки дар ҳамин ҷо, яъне дар байни мардуми тоҷики сарзамини худамон ба вуҷуд омадааст, барои пайдоиш ва густариши ин ақоиду афкор дар дигар шаҳру навоҳии водии Фарғона аз ҷумла, Андиҷон, Марғелон, Намангон, Чуст, Ош, Конибодом, Хуҷанд, Хуқанд, Ашт, Косонсой ва ғайра таъсири файзбахши худро расонидааст. Аз ин рӯ ин афкори исломӣ бешубҳа бо дигар афкори марказҳои тамаддуни исломии водии Фарғона алоқамандӣ дорад. Вале ин афкор реша дар ҷомеъаи кишвари худамон дорад ва моли маънавии мардуми мост. Инро набояд аз хотир баровард. Дар шаҳри бостонии Исфара поягузорони афкори ислоҳотхоҳии исломӣ мулло Муҳаммадсамеъ ва дар деҳаи Чоркӯҳи ин ноҳия мулло Сафиуллоҳхон буданд, ки ҳар ду дастпарварони мадрасаҳои олии шаҳрҳои Бухорою Самарқанд ба ҳисоб мерафтанд. Чунин донишмандони бузурги улуми исломӣ дар шаҳру ноҳияи мо хеле бисёр буданд, ки ҳар кадоме дар бедорӣ ва рушду нумӯи ҷунбиши сиёсии исломӣ дар ин сарзамин саҳми муносиб гузоштаанд. Ҳамин бедории афкори мардум буд, ки ҳанӯз дар соли 1990 бародари мулло Сафиуллоҳхон - мулло Ҳадяхон аз деҳаи Чоркӯҳ ба таври алтернативӣ намояндаи мардумӣ дар Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб карда шуд, ки ин падида аз авҷу ҷунбиши сиёсии исломӣ дар ин шаҳру ноҳияи бостонӣ шаҳодат медиҳад.

- Баъди соли 1992, дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ, ки фаъолияти ҲНИТ бо қарори Додгоҳи Олии ҶТ мамнӯъ гардонида шуда буд, шумо чӣ тавр амал мекардед? Оё саратон фишор намеоварданд?

-Албатта, чуноне ки дар боло гуфтам, дар арафаи даргириҳои ҷанги шаҳрвандӣ ҲНИТ дар байни гурӯҳҳо ва табақаҳои мухталифи шаҳру ноҳияи мо маҳбубияти зиёде дошт, ки шумораи аъзои он ба 10 ҳазор нафар мерасид. Вале мутаассифона, дар он давра фаъолияти ҳизби мо мамнӯъ эълон гардид ва дар байни обу оташ мондем. Агар ошкоро фаъолият мекардем ба ҷавобгарӣ мекашиданд, агар фаъолият намекардем, ҲНИТ мавқеъи худро дар ҷомеъа аз даст медод. Агар камина чун раиси бахши ноҳиявии ҲНИТ амал мекардам, роҳбарони шаҳру ноҳияро бармеангехтам ва шояд фитнае мехесту аъзо ва фаъолони ҳизбро боздошт ва зиндонӣ менамуданд. Аз ин рӯ салоҳ донистем, ки ман худро канор бигирам ва фаъолони ҳизби мо ба таври махфӣ фаъолияти худро пурзӯр намоянд. Ҳамин тавр ҳам кардем. Роҳбарони шаҳру ноҳия диданд, ки ман ба таври расмӣ фаъолият пеш намебарам, дигар ба ҳизби мо он қадар кордор нашуданд.

- Ба ҳама маълум аст, ки дар шаҳру навоҳии вилояти Ленинобод (алҳол вилояти Суғд) дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ роҳбарони шӯъбаҳои вилоятӣ, шаҳрию ноҳиявӣ, фаъолони созмону ҳаракатҳои мухолифин бо ҳар баҳонаҳо боздошт ва зиндонӣ карда мешуданд. Оё дар шаҳру ноҳияи Шумо ба ин кор даст назаданд?

- Бале, чанд бор чунин ҳодисаҳои нохуш ва фитнаҳо рӯй доданд, вале шукри Худованд мо ҳушёрӣ зоҳир намуда, ба ин кор роҳ надодем ё ин ки худи ҳукуматдорон нерӯи тавонои ҷунибиши сиёсии исломиро дар шаҳру ноҳияи Исфара ба инобат гирифта, ба чунин қонуншиканиҳо даст назаданд.

- Баъди имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияи миллӣ дар Тоҷикистон, Додгоҳи Олии ҶТ қарори худро аз соли 1993 дар бораи манъи фаъолияти ҲНИТ ва дигар ҳаракату

созмонҳои шомили ИНОТ бекор намуд, фаъолияти ҲНИТ дар шаҳру ноҳияи Шумо чӣ гуна аз сар гирифта шуд?
- Чуноне  дар боло зикр кардам, фаъолияти ҲНИТ ҳатто дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ дар шаҳру ноҳияи мо қатъ нагардида буд ва ба таври пинҳонӣ амал мекард. Бо бекор шудани қарори Додгоҳи Олии ҶТ аъзо ва ҷонибдорони ҲНИТ аз пинҳонкорӣ баромада, ба фаъолияти ошкоро шурӯъ карданд. Алҳол дар шаҳру ноҳияи мо ҲНИТ беш аз ду ҳазор нафар аъзо дорад, вале бояд гуфт, ки ҷонибдорони ҳизби мо хеле зиёданд ва бовар дорем, ки дар маъракаҳои дар пешистодаи интихоботӣ номзадҳо ба вакилӣ ба мақомоти маҷлисҳои маҳаллӣ ва Маҷлиси намояндагон аз ҷониби ҲНИТ-ро дастгирӣ менамоянд ва ба тарафдории онҳо овоз хоҳанд дод.
Мо ба таври расмӣ  ба ҳукумати шаҳру ноҳия муроҷиат кардем ва хоҳиш намудем, ки барои бахши ноҳиявии ҲНИТ қароргоҳе муқаррар намояд. Боиси хурсандист, ки ҳукумати шаҳру ноҳияи мо хоҳиши моро пазируфта, дар  бинои ҳукумат барои ҳизб қароргоҳ ҷудо кард. Баъдтар аз сабаби тангӣ дар дигар бинои мувофиқ барои  ҲНИТ қароргоҳи муносиб дод. Алҳол бахши ноҳиявии ҲНИТ дар ҳамон қароргоҳи нав ба кору фаъолият машғул аст.

- Баъди овозаву ҳангомаҳои зиёде, ки се нафар ҷавонони исфарагӣ дар маҳбаси Гуантанамои Куба зиндонӣ будаанд, вазъи сиёсию иҷтимоии шаҳру ноҳияи Исфара тезутунд гардид. Дар ин бора як силсила мақолаҳои ҷиддӣ, ба мисли «Тобистони гарми Исфара», «Бӯи кӯрдуди соли 37 меояд...» ва ғайра ба табъ расиданд.  Вазъи  шаҳру ноҳияи  мазкур имрӯз чӣ гуна аст?
- Рост гуфтед, баъди он ки Раиси Ҷумҳури Тоҷикистон Э.Ш. Раҳмонов ба шаҳру ноҳияи Исфара сафар кард ва дар бораи се нафар ҷавони исфарагӣ, ки дар зиндони Гуантанамо маҳбусанд, маълумот дод ва дар қатори дигар нуқсонҳо фаъолияти ҲНИТ-ро дар ин минтақа танқид  кард, ки гӯё аз ҷониби аъзои ҳизб қонуншиканӣ сурат мегирад, вазъият дар ин шаҳру ноҳия  муташанниҷ гардид. Зеро ин як баҳонае буд, ки сари ҲНИТ фишор биёранду пеши фаъолияти густардаи ҳизбро бигиранд. Ҳол он ки он се нафар маҳбуси Гуантанамо ҳеҷ иртиботе бо ҲНИТ надоштанд ва надоранд. Аз тарафи дигар нӯҳ нафар имом-хатибони масҷидҳо, ки аъзои ҲНИТ буданд, бо вуҷуди он ки узвияти худро аз ҳизб қатъ карданд, аз кор барканор карда шуданд.
Сипас дар шаҳру ноҳияи Исфара чанд куштору ҷиноят ба амал омад, вале ҳамаи ин воқеъаҳо ва ҳодисаҳо натавонистанд иродаи мустаҳками мардуми моро бишикананд ва онҳоро ба гирдоби бало андозанд. Гумон мекунам, ки дар ин ҷинояту кушторҳо дасти нерӯҳои кишварҳои ҳамсоя низ ҳаст. Зеро онҳо намехоҳанд чунин як маркази тамаддуни исломиро дар водии Фарғона бубинанд, аз ин рӯ онҳо кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки дар шаҳри бостонии Исфара нооромӣ вуҷуд дошта бошад, то бо ҳар роҳу восита пеши роҳи нерӯҳои исломиро бигиранд ва мардуми мусалмонро саркӯб созанд. Лекин бо хости Худованд тири онҳо хок мехӯрад ва онҳо ҳеҷ гоҳ ба мақсадҳои нопокашон намерасанд. Зеро дар урфият дар ин маврид барҳақ мегӯянд:

Ҳар кӣ бар душмании халқ равон аст чу бахр,
Зуд бошад, ки сари хеш чу гирдоб хӯрад.

Аз шуъои орзӯ тобандаем
Сӯҳбат  бо собиқадори ҲНИТ, узви  Раёсати Олӣ,  раиси шӯъбаи табъу  нашри  ва  сардабири ҳафтаномаи «Наҷот» Зубайдуллоҳи Розиқ

- Вуруди шумо  ба улуми исломӣ  аз  чӣ тариқ сурат гирифт ва дар ин роҳ кӣ шуморо роҳнамо буд?

- Ба номи Худованди ҷонофарин,
Ҳакими сухан  бар забон офарин.

Тифл вақте дар оилаи мусалмон ба дунё меояд, бидуни шак дар он ойила фазо исломӣ аст, дар он муҳит падару модар кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки фарзанд  дар рӯҳияи дине, ки худ аз он пайравӣ

доранд, тарбият ёбад. Ҳамчунин деҳ ва маҳаллае, ки кӯдак дар он бузург мешавад, агарчӣ олуда бошад ҳам, усулан муҳит дар он исломист.
Бо ин ҳама омӯхтани улуми динӣ боз ҳам устоди махсус мехоҳад. Ҳанӯз, ки дар мактаби миёна мехондам, дар дил орзу доштам Қуръон бихонам, аммо он вақт ин орзӯ бор наовард. Соли 1965 ба Институти омӯзгории шаҳри Кӯлоб дохил шудам, дар он ҷо дарси форсӣ омӯхтам ва ба ин тариқ бо ҳуруфи арабӣ ошно шудам. Аз дарсҳои расмӣ танҳо бар-номаҳои таъйиншударо аз худ кардам. Он шавқу завқ, ки дар дил доштам, маро ором намегузошт, китобҳои форсиро бо роҳи худомӯзӣ хондам ва ба тадриҷ форсихон шудам. Баъд аз хатми донишкада хондани Қуръонро бо ёрии ҳамдиёрам Исмоил Холов омӯхтам. Баъдан дар назди устодони мутаъаддид таҳсилро идома додам. Ҳазрати эшони Бахтиёр, эшони Сайид Имомиддини Ғозӣ, эшони Қиёмиддин, мулло Аҳрориддин, домулло Ҳикматуллоҳ ва устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ аз ҷумлаи устодони мананд.
- Чӣ гуна бо афроди таъсисдиҳандаи ҳаракати исломӣ шинос шудед ва кай ба ин ҳаракат шомил гардидед?
- Агар воқеъбинона назар кунем, майли озодихоҳӣ, адолатҷӯӣ ва ҷӯёии ҳақиқат асосан сиришта дар фитрати бархе аз ашхос аст. На ҳама фитратҳо аз ин сиришт бархӯрдоранд. Банда ҳанӯз аз синни хурдсолӣ чунин як сифат доштам. Аз муаллими тарбиятнодидаи мактаби миёна ва бригадиру ҳисобчии ҷафопеша, то ба раиси ҳадношиноси колхозу котиби аввали кумитаи ноҳиявии ҳизби коммунист муқовимат доштам. Албатта, муборизаи ман хеле содда буд. Ҷабру зулми ба мардум намудаи онҳоро дар мақолоти танқидӣ ба идораҳои рӯзномаҳои ҷумҳуриявӣ мефиристодам ва баъди тафтиш муборизаҳои рӯирост оғоз ёфтанд. Ҳанӯз солҳое, ки дар синфҳои 9–10 мехондам, аллакай як гурӯҳи мардуми мазлуми деҳа дар мубориза алайҳи истибдод бо банда буданд. Албатта, муборизаҳо дар чаҳорчӯби қавонини рӯз сурат мегирифтанд, ин талошҳо такягоҳи ақидатӣ надоштанд. Пас аз он ки ба донишкада шомил шудам, мавзӯъи афкори ҳақиқатҷӯии мо ба худ шакли худшиносии миллиро гирифт. Чун ба омӯзиши улуми исломӣ пардохтам, фишору тазйиқи Кумитаи давлатии бехатарии онвақта ва соири ниҳодҳои ҳукуматиро аввал ба устодон ва баъдан ба худам ва соири дӯстон эҳсос намудам. Бар замми ин, таҳқиру интиқодоти бемавриду бемавзеъ ва масхаракуниҳои зиёд аз тариқи радио, телевизион ва маҷаллаву рӯзномаҳо нисбати олимони дин ҳамвора сурат мегирифт. Мо дарёфтем, ки чорчӯбаи қавонин ва муқарраpоти вақт барои мусалмонон хеле танг аст ва ягона омили хафақон ҳукумати илҳодист. Гузашта аз ин идеологияи ҳукмрон ба ҳадде номаъқул ва ғайримантиқӣ буд, ки ба ақида ва расму ойини мо мусалмонон на танҳо заррае арзиш қоил намешуд, балки қасд дошт арзишҳои волои исломиро аз байн бибарад. Ба замми ин режими илҳодӣ равиши зӯргӯёна ва шароратомезро нисбати пайравони Ислом ихтиёр карда буд. Ин ҳама андешаҳое буданд, ки маро ором намегузоштанд. Пайваста роҳи бурун омадан аз ин манҷалобро меҷӯстам ва ниҳоят он рӯз фаро расиду равзанаи умед пеши чашмонам кушода шуд. Охирҳои солҳои ҳафтодум, дақиқтар соли 1978 ман ва як гурӯҳ ҷавонон дар мадрасаи махфии устоди гиромӣ, домулло Ҳикматуллоҳ саргарм ба илмомӯзӣ будем. Оқои Давлат Усмон ҳам аз мадрасаи хусусии олими дигар аз шаҳри Душанбе омада бо мо пайваст. Дар як муддати кӯтоҳ бо ҳам унс гирифтем. Ӯ шабе маро ба ҳуҷрааш даъват кард. Мо он шаб дуру дароз бо ҳам сӯҳбат доштем. Саранҷом дӯсти ҳамдарсам сари мақсад омад ва мавриди ташкил намудани як ҳаракати исломӣ ишора кард ва чун аз ин таклифи ӯ истиқбол кардам, ҳадафро ошкор баён бинмуд. Ӯ ба ман дастури махфии устодамон домулло Ҳикматуллоҳро расонд, ки он кас ба банда ишора кардаанд, то дар байни толибилмони боҳушу фаҳмида ва ҷӯёи ҳақиқат ба тадриҷ бо шеваҳои гуногун ин назарро илқо карда, дар омода сохтани ишон саъю талош ба харҷ диҳам.
Ногуфта намонад, ки ин тарзи амал дер давом накард. Баъди як сол уламои нисбатан ҷавони ҳаракати исломӣ аз дигар минтақаҳо нисбати ҳазрати домулло Ҳикматуллоҳ беҳурматӣ ва гоҳҳо дар ҳузури он кас беодобиҳо карданд. Онҳо аз асрори кори устоди мо огоҳӣ надоштанд, зеро намешуд ба тамоми афроди ҳаракат ҳама чизро ошкор кард. Лозим ба зикр аст, ки чанд тан аз аъзои ҷунбиши исломӣ хеле эҳсосӣ буданд, мехостанд тамоми уламои қадим ва эшонҳо мисли онҳо нияти мубориза бар алайҳи душманони динро дошта бошанд. Касе аз бузургон мувофиқи хости онҳо ҳарф намезад ё амал намекард, ба шӯр меомаданд ва ӯро суханони пасту баланд

мегуфтанд. Яке аз манбаъҳои аслии эҷоди ихтилоф миёни ашхоси ҳаракати исломӣ ва домулло Ҳикматуллоҳ ва соири бузургони мухолифи ҷунбиши мазкур ҳамин гуна бархӯрд буд. Он кас қудрату тавони ҳукумати Шӯравӣ, таҷассус ва адами тағофули Кумитаи бехатарии давлатиро бо кӯтоҳандешӣ, каммулоҳизагӣ ва беэҳтиётии ин зумра аз атбоъи ҳаракат муқоиса карда, гирифтори яъсу ноумедӣ гашт. Гузашта аз ин, бархе аз рӯҳониёни куҳансол ҳам ба ишон дахолат карданд. Саранҷом он кас аз фикри худ баргаштанд ва ҷабҳаи муҳофизакор ва аксулҳаракатро ихтиёр намуданд. Маро низ борҳо даъват карданд, ки аз баҳри ин кор гузарем. Рости гап, зери таъсири сӯҳбатҳо ва панду андарзҳои ишон, дуруст аст, ки аз роҳи интихоб кардаам қафо нагаштам, вале тундравиро дар баробари уламои куҳансол амали қабеҳ шумурда, аз он парҳез кардам. Бо рӯҳониёне, ки аз ҳақиқати аҳдофи мо огоҳ набуданд, дуруштиро раво намедидам, ҳамеша бо мулоҳиза ва эҳтиёткорона муносибат мекардам.
- Баъди узви ҳаракати сиёсии исломӣ гардидан дар кадом ҷабҳаи он хидмат кардед?
- Равшангарии насли ҷавон нисбат ба Ислом, мубориза бо  фосидиҳо  ва истифода аз равишҳои таъсиргузор  барои мактаби Қуръони маҷид аз аҳдофи умдаи ин ҳаракат буд. Пас аз шомил шудан ба ҳаракати исломӣ  вазифаи аввалини мо пиёда намудани ҳамин аҳдоф буд, ки  он ҳадафҳо бидуни омӯхтану омӯзондан файзи таҳаққуқ пайдо намекард. Зеро шабу рӯз мо ба омӯхтану омӯзондан ва даъвати мардуми дар зулмоти таблиғоти бехудоии болшевикон аз ҳақиқати Ислом дурмонда саъю талош менамудем. Аз тамоми роҳу усулҳои дар ихтиёрдоштаамон истифода мекардем. Дар ҳар ҷое, бо кадом баҳонае ду, се ё зиёда аз он одамон ҷамъ меомаданд, албатта, аз ишон даъват мешуд. Ҳар китобе ё маҷаллае дар дастараси мо қарор мегирифт, онро мутолиа мекардем. Оид ба масъулияти хоси бар ӯҳдаи банда гузошташуда, шояд баъдтар дар ҷои муносиб ёд шавад.
- Аз рӯи шунидам Шумо солҳои ҳаштодум сардабири моҳномаи “Ҳақиқати Ислом“ нахустин нашрияи ҲНИТ будаед. Бигӯед  чӣ гуна маводи онро таҳия ва дар куҷо чоп мекардед?
- Бале, нимаи дуввуми даҳаи солҳои ҳаштодум буд, банда дар сӯҳбат бо устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ зикр кардам, ки зарурати таъсиси маҷаллаи хосе пеш омадааст. Ишон бандаро ба ин кор мувазаф карданд. Бо машварати устод  Сайид Абдуллоҳи Нурӣ моҳномаи “Ҳақиқати Ислом” – ро, агарчӣ хеле содда буд, таъсис додем. Бо дарназардошти шароити рӯз, ки наметавонистем онро дар матбаъае ба табъ бирасонем, чанд тан бо мошинкаҳо дар варақҳо чоп мекарданд, баъд онро симдӯзӣ ва паҳн мекардем. Маҷалла ҳар моҳ мебаромад, вале шумораащ муайян набуд, гоҳ  сад дона, гоҳ зиёдтар ва гоҳо камтар чоп мешуд. Мундариҷаи онро асосан тарҷума ва тафсири Қуръони Карим,  аҳодиси Паёмбари бузурги Ислом (с), қавонини фиқҳӣ ва маводи равшангари афкори насли ҷавон ташкил медод.
- Мегӯянд, ки Шумо яке аз муаллифони китоби дарсии “Заруриёти динӣ“ мебошед. Оё ин шунидаи мо воқеият дорад?
- Сараввал мо чанд тан аз навоҳии гуногун, ки  мавриди эътимоди якдигар будем, ҷамъ шуда, бо сарварии эшони Қиёмиддини Ғозӣ як бахшро таъсис додем. Ин  бахш дар ноҳияҳои Ғозималик, Ёвон, Данғара, як қисмати Хоҷамастон ва як қисмати Ҷиликӯл фаъолият мекард. Дар ин бахш банда ба заммии омода кардан ва чоп намудани моҳномаи “Ҳақиқати Ислом“ масъулияти назорат  ба таълим ва тарбия дар ин минтақаҳоро ба ӯҳда доштам. Бо тақозои масъулияти  бар  дӯшдошта ба ҳалқаҳои дарсии навоҳии зикршуда рафта, дар миёни толибилмони наврас мусобиқаҳои илмӣ баргузор мекардем ва савияи дониши ишонро месанҷидем. Таҷрибаҳо нишон доданд, ки барномаи кӯҳна ва китобҳои дарсии ибтидоии пешин барои афроди навхон мушкилӣ мекунанд. Аз ин рӯ, чун ҳадафи мо ҳар чӣ зудтар ва дар муддати кӯтоҳ саводнок  кардани ҷавонон буд, тасмим гирифтем ба хотири беҳбуд бахшидан ба кори таълим китобе тартиб диҳем. Ба ин мақсад  банда, ҳазрати эшони Сайид Имомиддини Ғозӣ ва Абдулмуталлиб ном ҷавоне, ки  ӯ ҳам мутахассиси забон ва адабиёт буд, ҷамъ шуда, китобе ба номи “Заруриёти динӣ“ таълиф намудем, ки мардум  аз он хеле истиқбол карданд. Ба хусус қисмати назми он, ки ба қалами ҳазрати эшони Сайид Имомиддин тааллуқ  дошт, хеле пазиро афтод.
Бори дигар онро банда бо ҳамроҳии шаҳид мулло Абдуллоҳи Хитоб таҳрир кардем. Дар таҳрири он маслиҳатҳои бародаронро ба назар гирифта, хеле ҷиддӣ бар он машғул шудем. Дар натиҷа ин

китоб мавриди писанди мардум қарор гирифт. Имрӯз ҳам то он ҷо, ки хабар дорам, толибилмон аз он истифода мебаранд.
- Шумо яке аз муассисон ва ташаббускорони ҲНИ Иттиҳоди Шӯравӣ мебошед. Хотироти худро дар ин бора мухтасар мегуфтед?
- Аз соли 1981 сар карда банда бо бархе ҳамфикрон пайваста ба шаҳрҳои Маскаву Ленинград, Тошканду Ашқобод ва Боку сафар мекардем ва бо мусалмонони ин сарзамин алоқа барқарор менамудем. Аз якрангии сӯзи дарун буд, ки мо бо мусалмонони он манотиқ зуд унс мегирифтем. Дар натиҷаи сафарҳои фаровон ва гуфтушунидҳо ҳамфикрони зиёде дар он ҷо пайдо кардем. Замина омода шуд. Ниҳоят соли 1990 ҳамроҳи бародар Абдулмалик Зокиров бо дастури устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ аввал ба Боку баъд ба Махачқалъа сафар кардем. Аз Маскав ҳам бародарон омаданд. Мо аз чанд минтақаи Иттиҳоди Шӯравӣ гирдиҳам ҷамъ шуда, барои таъсис додани ташкилоти исломӣ машварат намудем. Бародарони тотору доғистонӣ ва чеченҳо пешниҳод карданд, ки ҷамъияти исломӣ таъсис диҳем. Ба ростӣ, масъалаи таъсис намудани ҳизби исломиро банда пешниҳод кардам. Мо бо далелҳои мӯътамад эшонро қонеъ гардонидем, ки "ҳизб" аз "ҷамъият" беҳтар аст. Онҳо низ ин таклифро пазируфтанд ва замони Анҷумани таъсисиро ҳам маълум кардем. Пешбинӣ шуд, ки Анҷуман дар шаҳри Аштархони Федератсияи Русия баргузор шавад, на дар ҷумҳуриҳои мусалмоннишин, зеро ҳокимони ин ҷумҳуриҳо бемуҳобо аз "бародари калонашон" метарсиданд ва ба таъсиси ҳизби исломӣ иҷоза намедоданд, балки барои саркӯб кардани мо аз тамоми тавону қудрати дар ихтиёрдошта, истифода мекарданд. Мо дар садади он будем, ки агар ҳизбро дар Русия таъсис надиҳем, дар Тоҷикистон роҳбарони ҳукумат таҳаммули таъсиси якчунин ҳизби сиёсии дорои хусусияти диниро надоранд. Аз ин хотир, хостем ҳизби мазкур ҳизби умумииттифоқӣ шавад.
Аз Махачқалъа баргаштем ва ба Анҷуман вакилонро интихоб кардем. Ба хотири амният маслиҳат шуд, ки вакилон дунафарӣ, сенафарӣ аз ҳар тариқ худро ба шаҳри Аштархон ҳозир созанд. Бародарони аштархонӣ ҳам ҳукумати шаҳрро гӯл заданд. Як толорро муайян карда пули иҷораашро пардохтанд ва ба таври пинҳонӣ толори дигареро низ иҷора гирифтанд. Намояндагони прокуратура, кормандони умури дохила ва кумитаи бехатарӣ дар назди толори аввала интизор шуданд, то аз вакилони анҷуман "истиқбол" намоянд. Вале мо ба толори дигар омадем. Онҳо ҷои моро соати 12 пайдо карданд, ки аллакай қисмати асосии анҷуман сипарӣ гашта буд. Чанд тан аз кормандони умури дохила бо ҳамроҳии ҷонишини сардори идораи корҳои дохилии шаҳри Аштархон ба толор омада, пӯписа карданд, ки кори анҷуманро қатъ кунем, дар акси ҳол ҳама вакилонро ба ҷавобгарӣ хоҳанд кашид. Вале анҷуман бо ин ҳама таҳдид ба кори худ идома дод.
- Дар гузаронидани конфронси муассисони шӯъбаи тоҷикистонии ҲНИ Иттиҳоди Шӯравӣ дар деҳаи Чортут ва анҷумани нахустини ҲНИТ дар шаҳри Душанбе чӣ масъулиятро бар дӯш доштед?
- Банда ҳамзамон имом-хатиби масҷиди ҷомеъи ба номи ҳазрати Алӣ дар ноҳияи Ғозималик будам. Баъди аз Аштархон баргаштан Қозикалони ҷумҳурӣ, оқои Ҳоҷӣ Акбар Тӯраҷонзода маро даъват намуда, барои ин рафторам маломат кард. Аз ин хотир бо машварати устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ дар конфронси мазкур иштирок накардам. Дар Анҷумани нахустини ҲНИТ дар шаҳри Душанбе ҳамчун вакил ширкат доштам.
- Оё кормандони кумитаи бехатарии давлатӣ аз он ки дар сафи ҳаракати исломӣ фаъолият мекардед, бевосита Шуморо таъқиб мекарданд?
- Азбаски созмони «Наҳзати Ҷавонони Исломии Тоҷикистон» фаъолияти густарда дошт ва ончуноне қаблан зикр кардам, аз беэҳтиётии бархе аз ҳамфикрон таваҷҷӯҳи кумитаи мазкур ба он ҷалб шуд ва аъзои ҳаракат мавриди таҷассус ва фишори кормандони кумита қарор гирифтанд. Аммо аъзои мӯъмин ва ботақвои он аз таъқиботи ин ниҳоди муҳиб наҳаросида, пайваста вазифаи илоҳии худро анҷом медоданд.
Миёни ману кормандони кумитаи ба ном бехатарӣ, вале хеле хатарнок кашмакашу мубориза дуру дароз идома ёфт. Он вақт ноҳияҳои Ғозималик ва Хоҷамастон як ноҳия буданд ва Ортиқов ном шахс сардори шӯъбаи кумитаи бехатарӣ дар ноҳияи мазкур буд. Вай аввал як гумоштаи кумитаи бехатариро барои кашфи ман вазифадор кард. Саравval ман ӯро нашинохтам, ба иллати он ки ҳар

ду дар як ташкилот кор мекардем, дӯсти наздик будем ва ҳам шахси солхӯрда буд, намоз мехонд, рӯза медошт, гоҳҳо бархеро амр ба маъруф мекард, дар набудани имоми масҷид имоматӣ ба зиммаи вай буд. Аз ин рӯ натавонистам ӯро аз рӯзи аввал бишносам. Албатта, аз ҳадафҳои хеш ба ӯ чизе нагуфтам, вале чун ба суолҳои зиёди ӯ ҷавоб медодам, шояд аз ҷавобҳоям чизе пай бурд ё суолҳоро хоҷааш таҳия мекард ва ҷавобҳои маро ба ӯ мерасонд ва ӯ аз мӯҳтавои посуххо чизе пайдо мекард. Баъдтар Ортиқов бевосита ба назорату ҷамъ кардани маълумот дар бораи ман пардохт. Ва ниҳоят соли 1982 комиссарияти ҳарбии ноҳия даъватнома фиристод. Вақте ба он ҷо ҳозир шудам, корманди баландрутбаи комиссариат ба ман гуфт: "Дар фалон ҳуҷра бош, ман ҳозир меоям". Ба муҷарради ба он ҳуҷра ворид шудани ман ду тан ҷавонони зиёичехра, вале нигоҳашон ваҳшатзо бо ҳайбату карру фар вориди ҳуҷра шуданд ва ҳуҷҷатҳояшонро ба шеваи хоси "чекистӣ" бароварда, худро муаррифӣ карданд. Маълум шуд, ки яке аз онҳо подполковник Давлатхуҷа Назиров - корманди кумитаи бехатарии собиқ вилояти Кӯрғонтеппа ва дигар ёрдамчии Ортиқов будааст. Онҳо ба хотири эҷоди шигифт дар дили ман як дона расми нусхабардоришуда аз расмҳои даврони донишҷӯӣ гирифтаамро бо як расме, ки вақти шиносномагирӣ гирифта будам, аз куҷое ёфта оварда буданд, ба ман намоишкорона нишон доданд. Пас аз он суолҳои зиёдеро пурсон шуданд. Хулосаи гуфтори онҳо ҳамин буд, ки ман бояд ба Ватан хидмат кунам. Банда сараввал бар ӯҳда гирифтам, ки албатта, ба Ватан хидмат хоҳам кард. Баъдтар огоҳӣ ёфтам, ки онҳо дар зери ибораи "хидмати ватан", ки касе наметавонад аз он сар бипечад, гумоштаи кумитаи бехатарӣ шуданро дар назар доштаанд ва бо ин ибораи назарфиреб ҳар шахсеро метавонанд гӯл зананд.
Мубориза шиддат гирифт. Ман хоҳиши онҳоро ба ҷо намеовардам, онҳо маро ба воситаи комиссариати ҳарбӣ даъват мекарданд. Хулоса, ин кашмакаш то соли 1985 давом кард, на онҳо даст аз ман бармедоштанд, на ман ба оҳанги онҳо суруд мехондам. Ниҳоят моҳи октябри соли 1985 комиссариати ҳарбии ноҳияи Ғозималик даъватнома фиристод. Дар ин ҷо аввал сардори шӯъбаи бехатарии собиқ ноҳияи Куйбишев Бобоев ва ёрдамчиаш Полвонов хеле афсун хонданд, зориву тавалло карданд, ман ҳамчунон ба гуфтаам пофишорӣ мекардам. Ногоҳ ба ҳуҷра Руслан Раҳимов, ки ҷонишини сардори раёсати бехатарии вилояти Кӯрғонтеппа буд, ворид шуд. Пас аз чанде нарму мулоим ҳарф задан вай бандаро таърифу тавсиф кард ва чун посухи қатъии маро шунид, якбора ба шӯр омада маро дашном дод, ман ҳам ҷавоби муносибаш додам. Ҳар чизе мегуфт, ба тарзе посух медодам. Асабонӣ шуд ва худро дошта натавонист, зеро ӯ аз майзадагӣ ба ҷое расида буд, ки лаёқати корро дар ин ниҳоди муҳими давлатӣ надошт. Хуллас, кор то ҷое расид, ки онҳо умедашонро канданд ва Руслан Раҳимов берун рафт. Бобоев ва Полвонов аз ман забонхат гирифтанд, ки ин шармандагии онҳоро ба касе нагӯям. Пас аз муддатҳо маълум шуд, ки дар ҳамсояҳуҷра сардори идораи бехатарии вилоят Горохов ҳузур дошта ва сӯҳбати моро мешунидааст. Бо ҳамин як фазоеро ба вуҷуд оварданд, ки гӯё касе ба ман кор надорад, касе назорат намекунад. Ин "озодӣ" то моҳи июли соли 1986 идома ёфт. Аммо ман баръакс аз ин озодгузорӣ дар андеша будам ва ҳамвора худро ба ҳуҷуми ногаҳонии онҳо омода месохтам.
Рӯзи 25 июли соли 1986 соати 8,20 дақиқаи пагоҳӣ баногоҳ панҷ мошин пайи ҳам ва хеле босуръат омада, дар назди хонаи мо истоданд ва чанд тан ба як бор бе пушт – пушт ба ҳавлӣ зада даромаданд. Он шабу рӯз аз тариқи телевизион филми "Ҳабдаҳ лаҳзаи баҳор" – ро намоиш медоданд. Дар ёдам нест, ҳамон шаб буд ё шаби пеш аз он қисматеро, ки "Эс-Эсҳо" хонаи Штирлитсро печонда, зада даромаданд, намоиш дода буд. Писарам Асрориддин он вақт чаҳор сол дошт. Ба ҳавлӣ ворид шудани онҳоро дида, ҳамон лаҳзаи филм ба ёдаш омад, ки бо овози баланд: "Оча, оча ба хонаамон немисҳо омаданд" гуфт. Хона, оғили гову гӯсфандҳоро, хулас ҳама ҷоро бодиққат кофтанд. Тамоми ҳуҷраҳои манзилро тагурӯ намуданд, аммо чизе пайдо накарданд. Дар охир сардорашон, ки зоҳиран як афсари милиса буд, аз ман пурсид, ки «ако дар хона ягон ҳуҷҷати зиддидавлатӣ надоред»? Аз ӯ пурсидам, ки манзури ӯ аз санади зиддидавлатӣ чист. Вай гуфт: "Ягон маҷалла ё рӯзнома". Гуфтам ман ба рӯзномаву маҷаллаҳои давлатӣ обунаам, агар кадоме аз онҳо зиддидавлатӣ бошад... Онҳо ду дона китоби маро гирифта рафтанд. Он рӯзу он соат хонаи зиёда аз бист нафар бародарони узви ҳаракати исломиро кофтуков карданд.

Баъди ин воқеъа ба сардори идораи оби ноҳия, ки ман дар он ҷо кор мекардам, фишор оварданд. Ӯ дар танҳоӣ аз банда хоҳиш кард, ки аз кор биравам. Хоҳиши ӯро ба ҷо овардам ва ба корхонаи пахтатозакунии Уялӣ ба кор даромадам. Ҷӯрақул ном як нафар корманди кумитаи бехатарии ноҳия буд, ки фамилияаш ҳоло дар хотирам нест, ҳар рӯз аз соати 8.30 дақиқа омада, то соати 17 бегоҳ дар чойхонаи рӯ ба рӯи дарвозаи корхона менишаст ва ба кор омадану аз кор рафтани маро назорат мекард. Ҳар қадар кӯшид, ягон амали хилофи қонун аз ман содир нашуд, ки ӯ ба муродаш бирасад. Тамоми аъзои бригада, ки ман бо онҳо кор мекардам, аз ин асрор огоҳ буданд. Саркор ва дигар ҳамкорон ӯро дашном медоданд. Гоҳо касе аз ҳамкоронам аз берун меомаданд ва масхара карда мегуфтанд, «домулло, ҳоло ҳам «ҷӯраатон» пушти дар поида нишастааст, эҳтиёт кунед». Ин кор қариб як сол давом дод. Баъд аз он ки устод С.А.Нурӣ ва чанд тан аз афроди ҳаракатро ба зиндонҳо фиристоданд, билохира бар асари сиёсати бозсозии Горбачёв каме нафаси озод кашидам.

- Дар давраи ҳиҷрат дар куҷоҳо будед ва чӣ масъулиятро ба дӯш доштед?

- Дар роҳи ҳиҷрат мушкилоти зиёдеро аз сар гузаронидам. Мо нӯҳ тан 27- декабри соли 1992 хостем аз тариқи ағбаи Анзоб худро ба Самарқанд ва аз он ҷо ба шаҳри Ашқобод расонем. Ағбаро тай намудем, вале дар вақти аз ағба поин рафтан як қисм ҳамроҳонам зери тарма монданд. Чаҳор танро наҷот додем, як нафар бародар Саидумари Алиакбар ҳалок шуд. Ду шаб дар майдон мондем, ба ҷое расида натавонистем. Дар роҳ Мирзо Паҳлавон бо зану кӯдаконаш ба мо пайваста буд, ҷамъ 14 нафар шуда будем. Дар асари хунукзадагӣ ва сармо ҳашт нафари дигар низ ҳалок шуданд. Мирзо Паҳлавон бо зану фарзандонаш ҳалок гардид. Пойҳои ман ва Низом ном ҷавонро хунук зад. Мо панҷ тан то ба деҳаи Анзоб расидем. Дар он ҷо пости кормандони умури дохила будааст, моро дастгир карданд. Аввал ба ноҳияи Айнӣ, баъдан ба шаҳри Панҷакент, аз он ҷо ба шаҳри Хуҷанд ва ниҳоят ба шаҳри Душанбе ба вазорати умури дохила оварданд. Ҳафт рӯз аз як ноҳия ба ноҳияи дигар бурданд. Ҳашт рӯз дар Вазорати умури дохилаи ҶТ истинтоқ шудем. Дар ин муддат зери лату кӯби ваҳшиёнаи ҳаммиллатонамон қарор гирифтем, чун ҷиноятеро пайдо накарданд, моро ҷавоб доданд. Пас аз берун омадан аз истинтоқ дар Ватан озод нафас гирифта натавонистем, бинобар ин моҳи сентябри соли 1993 аввал ба Екатеринбург, баъдан ба шаҳри Чимкенти ҷумҳурии Қазоқистон рафтам. Дар шаҳри Чимкент то моҳи октябри соли 1994 ба кори таълиму тарбияи толибилмон ва тарвиҷи ақоиди дини мубини Ислом машғул шудам. Моҳи октябр дастури устод С.А. Нурӣ аз Афғонистон расид, ки масъулияти намояндагии Наҳзати Исломии Тоҷикистонро дар кишварҳои муштаракулманофеъ бар ӯҳда бигирам. Аз ин хотир то моҳи маи соли 1996 дар Маскав будам ва моҳи май аз сабаби болоравии иҷораи хонаҳо аз Маскав боз ба шаҳри Чимкент омадам. Аз соли 1995 дар тамоми давраҳои гуфтушуниди тоҷикон ба ҳайси узви ҳайати мухолифин ширкат варзидам.

- Шумо қабл аз даргириҳои таҳмилӣ ончунон ки ёдовар шудед, мавриди фишору тазйиқи кормандони кумитаи бехатарӣ қарор гирифтед. Дар ҳама ҷо бо истифода аз роҳу усулҳои гуногун шуморо азобҳои рӯҳӣ доданд. Ҳамчунин дар замони даргириҳо ногузир шаш сол аз Ватан берун дар ғарибӣ, дар диёри бегона ба сар бурдед. Пойҳоятонро хунук зад, дастгир ва мавриди лату кӯб қарор гирифтед. Ин ҳама мусибат ба хотири узви ҲНИТ буда ба саратон омад. Оё лаҳзае эҳсоси пушаймонӣ аз ихтиёр кардани ин роҳ доштед ё ҳолатҳое воқеъ шудааст, ки худро маломат карда бошед?

- Шоире мефармояд:

Ба нури ту барафрӯзам нигаҳро,<br>
Ки бинам андаруни меҳру маҳро.<br>
Чу мегӯям мусалмонам, битарсам,<br>
Ки донам мушкилоти «лоилаҳ»-ро.

Банда ба ин ҳаракат аз рӯи булҳавасӣ ё кӯркӯрона шомил нашудаам, балки аз сари худогоҳӣ ва бо диди равшан омадаам. Қабл аз он ки ин роҳро интихоб кунам, таърихи анбиё салавотуллоҳи алайҳимро омӯхта будам ва то ба ҷунбиши исломӣ дохил шудан ин ҳама мусибатҳоро тасаввур мекардам. Бахусус, баъди ба сафи ҳаракат омадан, азобу шиканҷа, тазйиқу фишор, хуллас ҳама гуна нокомиҳо ва мусибатҳоро интизор будам. Аз ин рӯ, банда ҳеҷ гоҳ эҳсоси пушаймонӣ надоштаам ва

иншоаллоҳ, нахоҳам дошт. Чун мақсад ризои Худост, барои расидан ба мақсади олитарини хеш тайёрам ҳама гуна мушкилотро паси сар кунам.

Мо зи тахлиқи мақосид зиндаем,
Аз шуъои орзӯ тобандаем.

- Баъди имзои Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ба Ватан баргашта, дар сафи ҲНИТ чӣ вазифаро ифо намудед?
- Баъди баргаштан ба кишварамон то соли 2000 мудири омӯзишгоҳи касбӣ – техникии рақами 7 шаҳри Душанбе будам. Аз моҳи сентябри соли 2000 то ба ҳол ба ҳайси мудири шӯъбаи табъу нашри ҲНИТ ва сардабири ҳафтавори "Наҷот" фаъолият дорам, ҳамзамон узви раёсати Олии ҲНИТ мебошам.

ҲНИТ-ро бар дигар аҳзоб афзалтар шуморидам

Мусоҳиба бо узви Раёсати Олии ҲНИТ, собиқадори ҳизб Убайдуллоҳи Файзуллоҳ

- Акои Убайдуллоҳ, қабл аз ҳама мехостам, ки ба таври мухтасар худро муаррифӣ мекардед.
- Соли 1952 дар шаҳри Тошканди ҷумҳурии Ӯзбекистон дар оилаи хизматчӣ чашм ба дунё кушодаам. Миллатам тоҷик. Сипас аҳли хонадони мо ба зодгоҳи аслиашон шаҳри Ӯротеппа бармегарданд. Мактаби таҳсилоти ҳамагонии № 5-и ба номи устод Рӯдакии шаҳри мазкурро хатм намуда, ба Институти политехникии Тоҷикистон дохил шудам. Соли 1974 донишкадаи мазкурро бомуваффақият хатм намуда, барои кор ба ноҳияи Шаҳристон роҳхат гирифтам. Фаъолияти кории худро ба ҳайси васлгар шурӯъ намудам. Сипас дар колоннаи сайёри механи-конидашудаи №1 ба ҳайси усто кор кардам. Аз соли 1980 то соли 1985 дар ташкилоти сохтмониву роҳсозии №9 шаҳри Ӯротеппа вазифаҳои корманди шӯъбаҳои техникӣ, бехатарӣ, прораб, сардори қитъаро ба ӯҳда доштам. Аз соли 1985 ба колоннаи сайёри механиконидашудаи №118 ҳамчун сармуҳандис гузаронида шудам. Соли 1990 барои дар корҳои сиёсӣ дахолат карданам (ҳар чанд мувофиқи қонун бошад ҳам) – азбаски шахси боэътимоди номзад ба депутати рӯҳонӣ - мулло будам, аз ман талаб намуданд, ки ариза навишта, бо хоҳиши худ аз кор равам. Ҳол он ки дар фаъолияти касбиам ягон камбудӣ ба чашм намерасид...
Умуман, дар фаъолияти касбиам дар сохтмони 150 км роҳ дар вилояти Суғд, 6 пули калон, корхонаи асфалтбарорӣ, бунёди корхонаи консерваи шаҳри Ӯротеппа, коргоҳи ҷӯроббофӣ, даҳҳо хонаи истиқоматӣ, истироҳатгоҳи «Ӯротеппа», таваллудхона, обанбори Даҳанасой ва даҳҳо иншоотҳои муҳим иштирок намуда, дар ободонии Ватан саҳми худро ба қадри тавон гузоштаам.
- Бигӯед, ки Шумо ба афкори ислоҳотхоҳии исломӣ чӣ тавр ва ба василаи киҳо шинос гардидед?

Ба ҳамагон маълум аст, ки баъди эълон шудани бозсозӣ ва пайдо гаштани андешаҳои озод, дар рӯзномаю маҷаллаҳои марказӣ, хусусан чопи мақолаи академик Дмитрий Лихачёв дар маҷаллаи «Советский Союз» дар бораи эҳёи дини насронӣ, ба ман таъсири бузург гузоштанд. Ман ки дар оилаи диндор тарбия ёфта будам ва аз овони кӯдакӣ бо ақоиди дини мубини Ислом ошноӣ доштам, баъди мутолиаи мақолаҳои мазкур дар сари ин масъала андеша мерондам, ки қазияи мавриди баррасӣ қарордодаи рӯшанфикрони рус ба дину мазҳаби мардуми мо низ тааллуқ дорад. Зеро дини Ислом аз дигар динҳо дида, дар давраи султаи болшевикӣ аз ҳама бештар зери фишор қарор дошт. Аксари донишмандони улуми исломро қатл карда ё ба зиндонҳои Сибир ва Қазоқистон бадарға намуда буданд. Ҳазорҳо масҷиду мадраса ва китобҳои нодир, ки ҳар кадоме аз онон порае аз ҳунар ва фарҳанги мардуми мусалмони диёри Мовароуннахр ба ҳисоб мерафтанд, бебозгашт аз байн бурда шуданд. Дур нарафта, мадрасаи Рустамбекро мисол мегирем. Ин мадрасаро, ки чаҳорсад сол қабл бо усули меъмории олӣ дар шаҳри Истаравшан бунёд ёфта буд, солҳои сиюми асри гузашта чун боқимондаи замони феодалӣ вайрон карда, аз хишти он маҳбасхона сохтанд. Кӯҳансолон нақл мекунанд, ки соли 1937 ҳаммомҳои шаҳри бостонии мо се моҳи дароз бо китобҳои қадимаи ҳалқамон, ки аз соҳибонашон ба зӯрӣ кашида гирифта буданд, гарм карда мешуданд. Ҳамаи ин ҳақиқати талх чашми моро мекушоданд ва ба афкори мо таъсири калон мегузоштанд. Бинобар ин ман дар байни ҳамкоронам аз ақоид ва афкори исломӣ сӯҳбатҳо мерорастам, яъне аз пеши худ як навъ ташвиқоту тарғибот дар ин мавзӯъҳо мебурдам.

Дар давраи бозсозиии горбачёвӣ сохтани масҷиду мадрасаҳо дар шаҳру навоҳии мо низ сар шуд ва густариши ақоид ва афкори динӣ беш аз пеш афзуд. Аз рӯи вазифа ва касбам, инчунин бо шарофати диндории аҳли хонаводаамон ман зери назари уламои варзидаи шаҳрамон: мулло Маъруфҷон ва мулло Абдураҳим қарор гирифтам. Дар ҳамон давраҳо, яъне соли 1987 то 1989 ман бо бародарони Ҳизби Демократи Тоҷикистон, созмони «Растохез», аъзои гурӯҳи «Рӯ ба рӯ» мулоқотҳо доштам, дар ҷаласа ва маҳфилҳои онҳо фаъолона иштирок менамудам. Аммо барномаи фаъолияти онҳо маро қонеъ намегардониданд, аз ин рӯ таклифи онҳоро барои шомил шудан ба ин созмонҳо рад менамудам. Рӯзе мулло Абдураҳимхон ба воситаи додарам Насибуллоҳ пешниҳод кард, ки бо чанде аз бародарон вохӯрӣ намоям. Ин моҳҳои феврал–марти соли 1989 буд. Ман, додарам Насибуллоҳ ва писари аммаам Раҳматуллоҳ Абдуллоев ба деҳаи Чоркӯҳи ноҳияи Исфара равон шудем. Дар роҳ ҳангоми сӯҳбат фикре пайдо шуд, ки ҷое мо равон ҳастем, онҳоро нашинохтаву надониста куҷо меравем? Дар ин вақт додарам Насибуллоҳ далеле аз Қуръони карим ва ҳадисе аз Паёмбари Ислом (с) оварда ва гуфт, ки он бародарони исфарагие, ки мо бояд наздашон равем, инсонҳои шариф ва мӯъмину мусалмонанд. Бинобар ин ҳатман ба он ҷо рафтанамон лозим аст. Мо фикри бародарамонро қабул карда, роҳро идома додем...

Вохӯрӣ ва пазироии бародарони исфарагӣ хеле самимӣ буд. Баъди аз ҳадафҳои ҳамдигар огоҳ шудан ва як будани онҳо хело хурсанд шудем ва тасмим гирифтем, ки дар оянда бо реҷаи муайян вохӯриҳоро ташкил менамоем.Ин вохурӣ дар деҳаи Чоркӯҳ дар манзили бародари шаҳид мулло Абдурауф писари амаки Ҳоҷӣ Набиуллоҳ сурат гирифт. Сӯҳбат дар алоҳидагӣ бо мулло Абдурауф баргузор гардид. Дар охир амаки Ҳоҷӣ Набиуллоҳ омада аз мо пурсиданд: «Шумоён кистед? Аз кадом авлод мешавед? Ва ҷавоби моро нашунида илова карданд: «Раҳматӣ падарам, ки номи муборакашон мулло Довуд аст, солҳои пеш дар Ӯротеппа дӯсти олиме ба номи Ҳоҷӣ Қорӣ Файзуллоҳ доштанд. Он касро Шумо мешиносед?» – гӯён аз мо суол карданд. Дар ҳамин лаҳза бо шунидани исми шарифи бобоямон аз забони Ҳоҷӣ Набиуллоҳ беихтиёр аз чашми ҳар сеямон ашк ҷорӣ шуд...

Мувофиқи машварат бо ҳамдигар робитаи доимӣ барқарор намудем ва оҳиста- оҳиста бо бародарони ҳамақидаамон аз дигар ноҳияҳои вилоятамон низ алоқа пайдо кардем. Ин бародарон эшони Мирзоюсуф, Қорӣ Абдуманнон, Ҳоҷӣ Набиуллоҳ, Бобо Ҳаким, эшони Шамсиддин, мулло Абдурауф, шаҳид Сақоваддин, эшони Қозихон, Набихон, Хайруллохон, Мирзо Олим, Қорӣ Ҳодихон ва дигарон буданд, ки маҳфилҳо ва ҳалқаҳо дарсӣ ташкил дода буданд.

Фаъолияти ҷунбишии ислоҳотхоҳии исломӣ дар Ӯротеппа (Истаравшан) бо шакли ҳалқаҳо ташкил шуд, ки дар ин маҳфилҳо бародарони зерин хеле фаъол буданд; Ҳоҷӣ Раҳматуллоҳ, Ҳоҷӣ

Анвархоҷа, Неъматуллоҳ, Зикруллоҳ, Маъруф, Муҳаммадӣ, Рауф, Абдуворис, Абдуҳаёт, Юсуфхон ва дигар бародарон. Дар ҳар чорабинии аз ҷониби мо барпо мешуда, фаъолона ширкат меварзиданд...

Рӯзҳои воқеъаҳои февралии соли 1990 ман барои хабар гирифтан аз ҳоли амакам Ҳадиятуллоҳ ва бародарам Ҳамидуллоҳ Ҳабибуллоев ба шаҳри Душанбе омадам. Ҳодисаҳои баҳманмоҳи хунинро бо чашми худ дидам ва боварӣ ҳосил кардам, ки ин фитна ва тавтеъаҳо аз ҷониби ҳукуматдорони вақти Шӯравӣ бо мақсади саркӯб кардан ва тарсонидани чашми мардум ташкил карда шудааст. Баъди дидани ин ҳодисаҳо ба қарори қатъӣ омадам, ки ман бояд ба масъалаҳои сиёсӣ дахолат намуда, ҳуқуқҳо ва манфиатҳои мардуми мусалмонро ҳимоя намоям. Ҳамин тавр ман вориди саҳнаи сиёсат шудам ва ба ҷунбиши ислоҳотхоҳи исломӣ бо ҷону дил пайвастам.

Сипас моро чун вакил ба нахустконфронси шӯъбаи тоҷикистонии ҲНИ собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ дар деҳаи Чортути ноҳияи Ленин дар қатори Насибуллоҳ ва Маъруфҷон даъват намуданд ва дар кори он ширкат доштам. Баъди конфронси мазкур аз тарафи бародарон мулло Амриддин, мулло Аҷикуллоҳи шаҳид, Қорӣ Муҳаммадҷони шаҳид камина ба ҳайси раиси шӯъбаи ҲНИТ дар вилояти Ленинобод (алҳол вилояти Суғд) пешниҳод шудам. То соли 1996 алоқадри ҳол ва тавоноиям дар ин вазифа фаъолият пеш бурдам.

- Дар арафаи ҷашни сисолагии ҲНИТ чӣ таманно доред ва кадом лаҳзаи ҷолибро дар робита ба ин санаи муҳим ёдоварӣ кардан мехоҳед?

- Аввалан, камина ҳамаи бародарону хоҳаронро бо фарорасии ин ҷашни фархунда табрику таҳният гуфта, ба онҳо дар ҷодаи интихоб намудаашон бурдборӣ ва матонатро аз даргоҳи илоҳӣ таманно дорам.Дар иртибот ба санаи муҳим мехоҳам, хидмат, талош, ҷасорат ва тавоноии бархе аз раҳнавардони ин роҳи пурпечутоб Қорӣ Муҳаммадҷон, домулло Аҷик, мулло Абдуллоҳи Хитоб ва дигаронро ба хотир оварда, аз ҳамагон хоҳиш дорам, ки дар ҳақи ин шаҳидони роҳи Ҳақ дасти дуъо бардоранд.

Ҳоло мехоҳам қиссаеро ба ёд орам. Дар яке аз рӯзҳои баҳорӣ се ҷавонӣ нуронӣ аз мошин фаромада, тарафи хонаи Қорибобо равон шуданд. Қорӣ дар хона ҳузур надоштанд ва аз хонаи ӯ ҷавоб доданд, ки чанд рӯз баъд меояд. Ин се тан ҳайрон шуданд, ки ба куҷо раванд.Мӯйсафеде, ки дар назди масҷид нишаста буд, ҷавононро ба хонаашон даъват кард.

Вақти намози пешин ҳам наздик буд ва ҷавонон хостанд таҳорат кунанд. Соҳибхона аз хурсандӣ барои худ ҷои нишаст намеёфт.Пирамард, ки худ донишманди илмҳои исломӣ буд, аз ҷевон китоберо гирифту ба яке аз онҳо дод. Ҷавон китобро озод хонд ва ибораҳои онро шарҳу тафсир намуд. Вақти намози пешин фаро расид. Яке аз ҷавонҳо хост азон гӯяд. Соҳибхона хоҳиши паст гуфтани азон шуд. Бо далели он, ки он замон барои ин кор ба ҷавобгарӣ мекашиданд. Ҷавон дар ҷавоб гуфт:- «Оё барои пайравии роҳи Худову Пайғамбари гиромиқадри Ислом (с) ҳабс шудан айб аст?»

Соҳибхона фарёде заду гиря кард.Меҳмон азонро бо овози баланд гуфт.Ҳамин тавр онҳо се шабонарӯз дар ин хонадон базми ирфонӣ оростанд.Баъди рафтани меҳмонони душанбегӣ пирамарди донишманд ба фарзандон, наберагон ва аҳли хонадон васият кард, ки ҳаёт ва фаъолияти хешро ба ин роҳи пурифтихор, роҳи саҳобагони гиромӣ ва Расули Худо (с) бибахшанд. Алҳамдулиллоҳ, ҳоло аҳли хонавода, хурду калон васияти бобои худро ба ҷо меоранд.

Ин ёдоварии лаҳзаҳоеанд, ки солҳои пешин муассисони Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон дар вилояти Суғд тарғиби ормону ақоиди худро шурӯъ намуда буданд.

Қуввати Қуръону миллат модарон

Мусоҳиба бо узви Раёсати Олӣ ва раиси шӯъбаи бонувони ҲНИТ Розия Сайфуллоева

Соли 1950 дар ноҳияи Колхозобод ба дунё омадааст. Маълумоти ибтидоиро дар мактаби таълимоти ҳамагонии ноҳияи мазкур гирифтааст. Дастпарвари Дониш-гоҳи давлатии Тоҷикистон, факултаи филологияи тоҷик аст. Пас аз хатми донишгоҳ се сол дар зодгоҳаш аз забону адабиёти тоҷик ва рус дар мактаби миёна дарс гуфтааст. Аз соли 1976 то соли 1989 ба ҳайси хабарнигор дар Кумитаи давлатии телевизион ва радиои ҷумҳурии Тоҷикистон, рӯзномаи «Тоҷикистони Советӣ», баъдан дар рӯзномаҳои «Ҷумҳурият», «Кургантюбинская Правда», кумитаи телевизион ва радиои вилояти Қӯрғонтеппа ба сифати муҳаррири барномаҳои русӣ фаъолият кардааст. Соли 1989 ӯро ба кумитаи иҷроияи вилояти Хатлон ба кор гирифтанд ва то соли 1992 чун мудири шӯъбаи аснод ва иртибот адои вазифа намудааст. Аз соли 1992 то соли 1997 чун дигар муборизони роҳи озодиву истиқлол дар ҷумҳуриҳои собиқ Шӯравӣ, аз ҷумла бештари вақт дар ҷумҳурии Туркманистон дар хиҷрат умр ба сар бурдааст. Баъди имзои Созишномаи умумиии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ба Ватан баргашта, аввал дар Вазорати иқтисод ва робитаҳои иқтисодии хориҷӣ мудири шӯъбаи умумӣ ва сипас дар корхонаи «Тоҷиккоммунсервис» ба ҳайси ёвари раис кор кардааст. Аз соли 1999-ум ба сафи ҲНИТ пайваст. Алхол раиси бахши бонувони ҲНИТ ва узви Раёсати Олии он мебошад.

Оиладор, соҳиби се фарзанд.

***

- Апаи Розия, чӣ сабаб шуд, ки шумо ба истилоҳ як зани замонавӣ ба ин ҳаракати сиёсии исломӣ ва умуман ба дини мубини Ислом рӯ овардед? Ин афкор ва иқдоми Шумо аз куҷо сарчашма мегирад?

- Бояд бигӯям, ки як хусусияти хуби падари шодравонам он буд, ки мехостанд фарзандонашон аз улуми исломӣ бохабар бошанд. Ҳарчанд он кас вазифаи масъулро бар ӯҳда доштанд ва борҳо ӯро барои узви ҳизби коммунист шудан даъват мекарданд, рад менамуданд ва роҷеъ ба ин созмони сиёсӣ нуқтаи назари худро доштанд ва таъкид мекарданд, ки мо низ узви ин созмон нашавем.

Аз соли 1975 то соли 1987 ҳар вақте ба зодгоҳам–ноҳияи Колхозобод мерафтам, ҳамроҳи амаам Нозукой дар сӯҳбату маъракаҳои занҳои дорои маълумоти динӣ иштирок мекардам ва аз ҳамон давра ишқу муҳаббати қироати Қуръони маҷид, рағбати хондани доруду салавот дар дилам маҳкам ҷой гирифт. Азбаски дар факултаи филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатиии Тоҷикистон забони арабӣ ва форсӣ хонда будем, китобҳои Ҳафтяку Қуръони маҷидро дастрас кардам ва аз бонуи донишманди улуми исломӣ Обидахон аз илми таҷвид сабақ гирифтам. Вақте аз улуми исломӣ бохабар гардидам, дарк кардам, ки то кадом дараҷа ҷомеъаи мо ба бунбаст дучор гардидааст ва бароиислоҳи он тадбирҳо мебояд ва ҳамаи ин боис шуданд, ки дар давраи бозсозӣ ба сафи ҷонибдорони ҳаракатҳои озодихоҳиву демократӣ пайвастам. Аз ҳамон вақт сар карда, тарафдори сохти демократии ҷомеъа ҳастам, ки дар он озодии виҷдон ва дигар ҳуқуқҳои инсон риоя карда шаванд. Яъне ҷонибдори сохти ҷамъиятие будам ва ҳастам, ки дар он ҳуқуқи инсон поймол нашаваду ба ақидаву эътиқоди динӣ арҷу эҳтиром гузошта шавад. Ман мехостам, ки фарҳанги волои миллии исломӣ дар ҷомеъа роиҷ бошад ва мардуми мусалмони мо аз ҷиҳати иқтисодӣ зиндагии хубу осуда дошта бошанд.

Баҳри қонеъ гардонидани талаботи маънавии худ бисёр мутолиа менамудам ва мехостам дар ин дарёи бекарони зиндагӣ ҷои худро пайдо кунам ва чӣ хеле ки дар боло гуфтам, барои пайдо кардани мавқеъ ва мақоми хеш хеле роҳҳои пурпечутоби зиндагиро аз сар гузаронидам. Аз он чӣ худ омӯхта будам, ба шогирдонам аз соли 1993 то 1997 таълим медодам. Ҳар ҳафтае бо ҳамфикрону ҳамақидаҳоямон вомехӯрдем ва изҳори ақида мекардем ва баояндаи дурахшон, сулҳу сафо, оромиву осудагӣ умед мебастем. Шукри Худованд, ба қавли шоир сулҳи деринтизори мо омаду пас аз имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон, ба азорати иқтисод ва равобити хориҷӣ ба ҳайси мудири шӯъбаи аснод ва иртибот ба кор даромадам ва машғули адои ин вазифа гардидам. Баъд аз ин чанд муддате дар ширкати «Тоҷиккомунсервис» чун ёвари раиси ин корхона фаъолият доштам. Маҳз дар ҳамин давра узви расмии Ҳизби Наҳзати

Исломии Тоҷикистон шудам ва дар Анҷумани ҳизб маро узви Раёсати Олии он интихоб намуданд ва ин масъулият маро водор сохт, ки нисбат ба худ бештар серталаб бошам.
- Дар бораи фаъолияти худатон дар шӯъбаи бонувони ҲНИТ мухтасаран маълумот медодед? Шумо дар навбати аввал аз чӣ шурӯъ кардед?
-. Дар ҳақиқат, вақте фармонро доир ба иҷрокунандаи вазифаи раиси бахши бонувони ҲНИТ таъйин шуданам дар ҷаласа хонданд, ман ба ростӣ, каме дасту по гум кардам ва андешидам, ки оё чунин вазифаи басо масъулиятнокро ӯҳда карда метавониста бошам? Дар ҳамон лаҳза таҳаввулоте дар вуҷудам рух дод ва беихтиёр як ҳадиси ҳазрати Паёмбари Ислом (с) ба ёдам омад: «Киштиро таҷдид кунед, ки дарё жарф аст, нерӯро таҷдид кунед, ки роҳ дур аст». Ҳамин ҳадиси набавӣ ба ман боварӣ ва тавоноӣ илқо кард ва ба фаъолият пардохтаму пеш аз ҳама барои ба низом даровардани кори бахши бонувон тибқи Ойинномa ва Барномаи ҲНИТ даст задам. Яъне тасмим гирифтам, ки фаъолияти масъулони бахши бонувон дар ин ё он соҳа мушаххас гардад ва барои ин малакаи сиёсии ҳар як корманд ба воситаи курсҳои махсус бояд баланд бардошта шавад ва ҳамин тавр ҳам кардем.
- Вақте ки шумо ба фаъолият шурӯъ намудед, мушкилоту монеъаҳо дар сари роҳи Шумо зиёд буданд?
- Албатта, кадом кор бемушкилӣ ҷомаи амал пӯшидааст? Душвории асосии кори мо дар он буд, ки бисёр мехостем бо дигар ташкилоту созмонҳои занону духтарони кишварамон ҳамкорӣ намоем, вале мутаассифона, на ҳамаи роҳбарони ташкилотҳову созмонҳои ҳукуматии бонувон бо мо ҳамкорӣ кардан мехостанд ва ҳизби моро эътироф ҳам намекарданд. Дар ин ҷо порае аз номаи эътирозии раиси бахшибонувони ҲНИТ дар вилояти Суғд Наҷотхон исомуддиноваро барои мисол оварданиям, ки ҳақиқати ҳолро ба таври возеҳу равшан арзёбӣ мекунад.
«Бахши бонувони ҲНИТ дар вилояти Суғд тамоми кӯшишу ғайрати худро ба хотири якпорчагию ваҳдати миллат ва армонҳои таърихии он ва пешгирӣ намудани рафторҳои номатлуб дар ҷомеъаи имрӯзаи Тоҷикистон сарф намуда, барои эҳёи суннатҳои аслии миллӣ ва тарбияи ҷомеа, ки бештар ба зиммаи Зан-Модар гузошта шудааст, талош меварзад. Аммо вақте ки мо масъулини гузаронидани чорабиниҳои фарҳангию сиёсӣ зимни муроҷиат ба мақомоти расмӣ, аз қабили шӯъбаи идеологии ҳукумати вилоят, шӯъбаи занони шаҳри Хуҷанд ба бархӯрдҳои номатлубе дучор меоем, мӯҷиби дилсардиамон мегардад. Надоштани ҳусни муносибат, маданияти роҳбарию рафтору гуфтор, бесаводӣ аз таъриху ҷомеашиносӣ, дурӣ аз сиёсат ва тафоҳум мӯҷиби таассуф мегардад. Ҳанӯз ҳам таҳқири шаҳррвандон ба хотири ақоиди исломӣ, бахусус занону духтарон барои риояи ҳиҷоби исломӣ дар донишгоҳҳо ва корхонаҳо идома дорад.
Ёдовар мешавем, ки дар тӯли ду-се соли фаъолиятамон мо дари идораҳои ҳукуматиро ба хотири ҳамкорӣ хӯрда карда бошем ҳам, ягон маротиба ба чорабиниҳои сиёсиву фарҳангиашон мо, бонувонро даъват намекунанд. Аммо вақте ки мо онҳоро ба чорабиниҳои худ таклиф менамоем, садҳо хӯрдагириву айбҷӯӣ менамоянд. Рӯзномаву маҷаллаҳо воқеъиятро дурусту рост инъикос намекунанд. Масалан, чорабиние, ки 9-уми июни соли гузашта ба муносибати панҷумин солгарди имзои Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ва мавлуди Набӣ (с) гузаронидем, дар рӯзномаи вилоятии «Нилуфар» инъикоси лозимӣ наёфт. Хабарнигор ҳатто аз навиштани номи ҲНИТ ва масъулини он худдорӣ кард».
Чунин мисолҳоро бисёр овардан мумкин аст, ки мо ҳар сари қадам ба онҳо рӯ ба рӯ мегардем. Умед дорем, ки оянда кумитаи занон ва дигар ташкилотҳои кор бо занони кишварамон масъулиятшиносӣ зоҳир карда, бо бахши бонувони ҲНИТ ҳамкорӣ менамоянд ва саҳми худро дар раванди демократикунонии ҷомеъаи ҷумҳуриамон мегузоранд.Дар ин кор аз ҷониби мо ҳам бояд ташаббус ва кӯшишу ғайрат зоҳир карда шавад.
- Апаи Розия, дар бораи робитаҳои бахши бонувони ҲНИТ бо дигар созмону ҳаракатҳои занони ҷумҳурӣ ва хориҷи кишварамон чанд сухан мегуфтед? Ин робитаҳо алҳол чӣ гунаанд?
- Ҳоло мо бо бисёр созмону ташкилотҳои занони кишварамон робитаҳои хубе барқарор кардаем ва дар гузаронидани чорабиниву тадбирҳои сиёсиву фарҳангӣ ва иҷтимоӣ бо онҳо ҳамкории зич

дорем. Умедворем, ки дар оянда ин робитаҳо ва ҳамкориҳои мутақобилаи мо боз ҳам хубтару беҳтар мегарданд.
Мо ният дорем, ки алоқаҳои худро бо созмонҳои байналмилалии занон ва ташкилотҳои бонувони мамолики хориҷа беш аз пеш вусъат дода, истеҳком бахшем. Аз ҷумла, ман чанде пеш бо ҳамроҳии раиси бахши бонувони ҲНИТ дар вилояти Суғд Наҷотхон Исомуддинова як сафари корӣ ба Русия доштем, ки бисёр самарбахш сурат гирифт. Дар он ҷо бо бисёр роҳбарону намояндагони созмону ташкилотҳои бонувони он кишвар вохӯрда, бо онҳо робитаҳои дӯстиву ҳамбастагиро барқарор кардем. Бо роҳбарони Бунёди хайрияи «Хадича» -и Русия мулоқот доштем. Бояд гуфт, ки созмони мазкур фаъолияти худро барои таълиму тарбияи насли навраси мусалмон дар партави ақидаҳои дини мубини Ислом равона кардааст, ки дар шароти Русия кори бисёр хайр аст.
Дар ин сафар мо бо даъвати раиси Донишгоҳи Исломии Маскав ҷаноби Марат Фахрулисломович Муртазин дар кори семинари имомҳо ва таълимгарони исломӣ дар мавзӯъи «Масъалаҳои рӯзмарраи таълимоти исломӣ дар шароити ҷомеаи сермазҳабӣ» ширкат варзидем. Ба мо махсусан маърӯзаҳои М. Муртазин дар мавзӯъҳои «Маълумоти диниву касбӣ ва маърифати имрӯзаи исломӣ», А. Нуруллоев «Маърифати исломӣ дар Русияи бисёрмазҳабӣ», олими араб Шайх Сайид «Илми равоншиносӣ ва Ислом», А.С.Молков «Хусусиятҳои хоси маърифати исломӣ дар муҳити низомиён», профессор, раиси Маркази рушди фарҳанги исломии шаҳри Маскав Саид Комилов дар мавзӯъи « Маърифати исломӣ ва омӯзиши фарҳанги ҷаҳонӣ», «Бисёрзанӣ ва мақоми зан дар Ислом» хеле писанд омаданд. Мо низ дар навбати худ дар семинар ҲНИТ-ро муаррифӣ кардем, ҳозирин бо диққати том суханронии моро шуниданд ва бо мо дар бобати нақш ва мақоми зану духтарон дар ҷомеъаи имрӯзаи Тоҷикистон ва умуман фаъолияти ҲНИТ табодули афкор ва назар намуданд. Дар рӯзҳои баргузории семинар инчунин бо олимаи маъруфи ингуш, доктори илми сиёсатшиносӣ Фотима Алиакова вохӯрӣ доштем. Ҳангоми мулоқот мо аз кору бор ва зиндагонии занону духтарони минтақаи Қафқоз, бахусус бонувони ҷумҳуриҳои Доғистону Ингушистон ва Чеченистон пурсон шудем ва посуххҳои қаноатбахш гирифтем. Дар навбати худ дар бораи фаъолияти ҲНИТ, нақши бонувон дар ин ҷунбиши сиёсии исломӣ ва умуман дар кишварамон маълумоти муфассалу муфид додем.
Умуман, дар ин сафар мо доираи равобити байналмилалии бахши бонувони ҲНИТ –ро хеле васеъ намудем ва Худо хоҳад, дар оянда алоқаҳои хориҷии мо густурдатар ҳоҳанд шуд, ки ин ба мафиати кор аст.
-Пас Шумо бигӯед, ки Ислом дар ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоъӣ, фарҳангӣ ва маънавии мардуми Русия чӣ нақше дорад?
-Беш аз ҳазор сол аст, ки Ислом дар таърихи Русия нақши муассир мебозад. Дар ин мамлакат алҳол беш аз 20 млн нафар мусалмонон зиндагӣ ба сар мебаранд. Ба ҳамагон маълум аст, ки дар даврони Шӯравӣ пайравони дини Ислом дар қатори масеҳиёну яхудиён, буддоиён ва мӯътақидони дигар мазҳабҳо зери фишору ранҷу азоб буданд ва расму ойинҳои худро ошкоро ва бе душворӣ ба ҷо оварда наметавонистанд. Масҷиду китобсӯзӣ аз ҷониби болшевикон дар Қафқозу Тотористон ва Бошқирдистон ба авҷи аълои худ расида буд. Маҳз барои дифоъ аз ҳуқуққои мусалмонон 9 июни соли 1990 дар шаҳри Аштархони Русия Ҳизби Наҳзати Исломии Иттиҳоди Шӯравӣ таъсис ёфт, ки он то охири соли 1991 амал кард ва бо пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ ин ҳизб низ барҳам хӯрд. Мутаассифона, ба ғайр аз шӯъбаи тоҷикистонии ҲНИ Иттиҳоди Шӯравӣ, ки он ба ҲНИТ табдил ёфт, тайи ин солҳо дигар бахшҳои ҳизби мазкур пойдории худро нигоҳ дошта натавонистанд. Боиси хурсандист, ки 15 сентябри соли 2002 Анҷумани таъсисии Ҳизби Ҳақиқати Русия баргузор гардид, ки дар он 167 нафар вакил аз панҷоҳ ноҳияи Русия ширкат варзиданд ва ин ҳизби исломист ва онро вазорати адлияи Федератсияи Русия ба қайд гирифтааст.
Инчунин дар Русия донишгоҳҳо ва марказҳои исломӣ хеле зиёд гардидаанд ва онҳо дар риштаҳои мухталиф ба фаъолият машғуланд. Дар ин кишвар ба забони русӣ ва дигар забонҳо адабиёти гуногуни динӣ, рӯзномаву маҷаллаҳо ба табъ мерасанд. Дар телевизиони Русия дар ду канал ҳар ҳафта як барнома дар мавзӯъҳои исломӣ омода ва пахш карда мешавад. Ба ғайр аз ин дар бахши фарҳангии ҳафтаномаи «Ҳама дар бораи Ислом» Сергей Маркос, ки худаш мусалмон аст ва

тахаллуси исломиаш Ҷаннатҳоҷӣ мебошад, матолиби дилчаспу пурмазмунро дар мавзӯъҳои гуногуни дини мубини Ислом ва мусалмонон ба табъ мерасонад. Ӯ ҳамроҳи завҷааш Аня (Айнахонум), ки вай ҳам пайрави дини Ислом гардидааст, дар радиостансияи «Садои Русия» барномаи «Садои Ислом»-ро ҳар ҳафта ду бор таҳия карда, мешунавонанд. Мо бо Сергей Маркос ва завҷааш Айнахонум вохӯрдем ва ишон ба мо китобҳо ва маводи зиёдеро тӯҳфа карданд, вале мутаассифона, ҳангоми бозгашт аз сафар аксари онҳоро дар майдони ҳавоӣ аз дастамон гирифтанд. Умуман, аз рӯи мушоҳидаҳои мо дини мубини Ислом беш аз пеш дар ҳаёти ҷомеъаи Русия ба мисли дигар мантақаҳои ҷаҳон мақому манзалати худро пайдо мекунад.
- Акнун бигӯед, ки ҲНИТ ба масъалаи кору зиндагии занону духтарон, баланд бардоштани мақоми онҳо дар ҳаёти хонаводагӣ, тарбияи фарзандон ва умуман дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоъӣ, фарҳангиву маънавии ҷомеъаи кишварамон чӣ гуна аҳамият медиҳад?
- Бояд бигӯям, ки мавзӯъи занону духтарон яке аз масъалаҳои муҳиме аст, ки ҲНИТ дар муддати сӣ соли фаъолияташ ба он диққати асосӣ медиҳад. Ин нукта дар барномаи ҲНИТ инъикоси равшани худро ёфтааст ва ҳар як узви ҳизб новобаста аз ҷоҳу мақомаш барои амалӣ гардидани нишондодҳои мазкур саъю кӯшиш ба харҷ медиҳад. Раиси ҲНИТ устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ масъалаи кору зиндагии Зан-Модарро ҳамеша дар madди назар доранд ва доим таъкид мекунанд, ки ба ин қазияи басо муҳим диққати ҷиддӣ додан лозим аст. Аз ҷумла устод Нурӣ зимни суханронӣ дар Анҷумани ҲНИТ 18 сентябри соли 1999 чунин гуфта буд: «Ба қишри зан дар ҷомеъа таваҷҷуҳи бештар дода шавад, зеро онҳо имрӯз аз ҳама чиз дур мондаанд».
Аз ҳамин ҷост, ки чаҳор зан ба Раёсати Олии ҲНИТ интихоб ва низ дар интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагон чаҳор зан чун номзад аз ҷониби ҳизб пешбарӣ шуда буд. Аз суханронии раиси ҲНИТ устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ дар мулоқот бо кормандони созмони ғайриҳукуматии «Модар» низ бармеояд, ки мавзӯъи зан, мушкилоти зиндагии ӯ ҳамеша дар madди назари роҳбарияти ҳизбамон аст. Аз ҷумла устод С. А. Нурӣ гуфта буд: «Ман аз ҳаёту зиндагии зан розӣ нестам. Аз ин рӯ мехоҳам, ки мо мардон ба занон бештар таваҷҷӯҳ дошта бошем, масоили зиндагии онҳоро аз ёд набарорем. Чизи дигаре, ки ҳоло мо зиёд мушоҳида менамоем, ин ба маводи мухаддир сару кор доштани занон мебошад. Ин барои миллат аслан айб аст, як чизи нанговар аст, ки зани моро аз тариқи телевизион нишон бидиҳанд... Аслан , мо бояд биандешем, ки чаро занони мо даст ба чунин корҳо мезананд. Охир, бо зиндон кардани ин зан панҷ - шаш фарзанди ӯ бепарастору бетарбия мемонанд, ки ин чиз низ дарди ҷомеъаро сабук не, вазнинтар мегардонад. (Нигаред, ба мақолаи «Сӯҳбати устод Нурӣ бо занон», рӯзномаи «Наҷот», рақами 3, соли 2001).
Ҳамаи ин гуфтаҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки ҲНИТ дар фаъолияти дирӯза, имрӯза ва минбаъдаи худ ба масъалаи Зан – Модар, мушкилоти рӯзафзуни кору зиндагии бонувон, нақши онҳо дар тарбияи ахлоқии насли наврас дар асоси ақоиди исломӣ, беҳтар кардани вазъи иқтисодӣ ва маъишии онҳо ва боз ҳам баланд бардоштани мақому манзалаташон дар ҷомеъаи кишварамон аз ҳарвақта дида бештар таваҷҷӯҳ зоҳир менамояд. Аз ҳамин ҷост, ки сафи аъзои ҲНИТ аз ҳисоби занону духтарон сол то сол зиёд мегардад.
- Дар оянда чӣ нақшаҳо доред?
- Масъулиятшиносӣ ва дарки масъалаҳо водор месозанд, ки мо масъулони бахши бонувони ҲНИТ бори дигар нақшаҳои кории минбаъдаамонро такмил диҳем. Аз таҷрибаи собиқадорон роҷеъ ба ташкилу танзими кор ҳамаҷониба таҷриба омӯзем, зеро машғулияти корӣ аз мо талошҳо ва кӯшишҳои зиёдеро талаб мекунад. Ҳамчунин як ҷиҳати дигари масъулияти шӯъбаи бонувонро қайд карданӣ ҳастам, ки беш аз 47 фоизи аъзои ҲНИТ-ро занон ва духтарон ташкил медиҳанд, ки ин теъдоди хеле зиёд аст ва ҳамчунин беш аз 67 дар сади интихобкунандагони кишвари мо низ занону духтаронанд. Барои пирӯзӣ дар муборизаҳои сиёсӣ шӯъбаи бонувони ҲНИТ-ро лозим аст, корҳои зиёди сиёсиву ташкилиро дар сатҳи баланд ба анҷом бирасонад.
Қайд кардан месазад, ки дар шӯъбаи бонувони ҲНИТ ва бахшҳои вилоятӣ, шаҳриву ноҳиявӣ кадрҳои хуб гирд омадаанд. Дар арафаи сисолагии таъсиси ҲНИТ мехоҳам, кори хуби бахшҳои бонувони шаҳри Душанбе, бахши бонувони вилояти Суғд, бахши бонувони вилояти Хатлон, бахши бонувони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшонро зикр кунам. Масъулини шӯъбаи бонувони

ҲНИТ Шарофат Ҳусайнӣ,  Сабзнигор Ҳасанзода, узви Раёсати Олии ҳизб Мағфирати Одил ва дигарон  дар ислоҳи ҷомеъа, инкишофи илму фарҳанги миллӣ, тақвияти ташаккули худогоҳӣ  ва худшиносии миллии занону духтарон саҳми шоиста мегузоранд. Ин бонувони фаъол ба хубӣ дарк мекунанд, ки ҳолати имрӯзаи илму фарҳанг, афзоиши  бесаводӣ  дар байни кӯдакону наврасон ба ояндаи кишвар таъсири басо манфӣ дорад. Аз ин рӯ онҳо дар фаъолияти ҳамарӯзаи худ ба ин масъалаҳои муҳим таваҷҷӯҳи махсус зоҳир намуда, барои ислоҳи камбудиву норасоиҳо кӯшишҳои фаровон ба харҷ медиҳанд.

Шӯъбаи  бонувон мисли дигар шӯъбаҳои ҲНИТ ба хотири  эҳёи дини мубини Ислом, фарҳанг ва суннату русуми ниёгон, дар  талоши  онанд, ки  бо  мадади Худованди бузург ҳамроҳи дигар нерӯҳои солиму созанда ҷомеъаи кишварамонро аз  бӯҳрони сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангиву маънавӣ раҳоӣ  бахшад. Зеро дар ин мавврид барҳақ  фармудаанд:

Ҳофизи рамзи ухувват  модарон,<br>
Қуввати Қуръону миллат модарон.

Мусоҳиб Зарафои  Раҳмонӣ

## ҲНИТ дар  Бадахшон  маҳбубияти мардумӣ дорад

Мусоҳиба бо намояндаи вижаи раиси ҲНИТ дар Бадахшон Неъматуллоҳи Бадахшӣ

- Мӯҳтарам Неъматуллоҳ, оё қаблан ҳам афкори таҷаддудхоҳӣ ва ислоҳотхоҳии исломӣ дар Боми Ҷаҳон вуҷуд дошт?
- Ба номи Худованди бахшояндаи меҳрубон. Албатта, афкори таҷаддудхоҳи исломӣ дар мулки Бадахшон аз қадимулайём мавҷуд буд ва мувофиқ ба шароити сиёсиву маънавӣ  дар ҳар давру замон бештару камтар мегардид. Аз ҷумла ҳаёт ва фаъолияти Носири Хусрави Қубодиёниро ба ёд биёрем, ки ӯ барои тарғиби ақоиди ислоҳотхоҳии исломӣ бо тавтеъаи рӯҳониёни мутаассибу муҳофизакор аз мулки Хуросон ронда шуд, ба Бадахшон омада, Юмгондарaро ҷои истиқомати хеш қарор дод. Ин мутафаккири бузург афкори пешқадаму озодихоҳӣ ва таҷаддудхоҳии исломии хешро миёни мардуми Бадахшон густариш дод. Боиси хурсандист, ки имсол бо қарори ЮНЕСКО 1000-солагии ин мутафаккири бузурги исломии халқи тоҷик дар сатҳи байналмилалӣ ботантана ҷашн гирифта мешавад.

Мутаассифона, баъди Инқилоби Октябр чун дар дигар минтақаҳо дар Бадахшони Тоҷикистон низ шахсиятҳои бузурги динию мазҳабӣ  саркӯб  карда шуданд. Бояд арз кунам, ки дар Помир як силсилабандии мураккаби мазҳабӣ то соли 1939 вуҷуд дошт. Дар ин мулк як қатор шахсиятҳои бузурги мазҳабӣ, яъне пирҳо, халифаҳо ва сайидзодаҳо зиндагӣ ба сар мебурданд ва дар байни мардуми мусалмони ин сарзамин нуфузи калон доштанд. Боиси афсӯс аст, ки охирин шахсияти бузурги таърихӣ, сиёсиву мазҳабӣ дар Бадахшон — Пир Сайид Юсуфалишоҳ ба таври фоҷеъавӣ аз ҷониби султаи болшевикон ба шаҳодат расид. Баъдан масҷиди ҷомеъи ишон дар деҳаи Поршнев, ки бо номи «Саройбаҳор» машҳур буд, масҷиди ҷомеъи дигаре, ки дар қисмати Сиҷи Шуғнон воқеъ буд, комилан аз байн бурда шуданд, ҳавзаи таълимии динию мазҳабӣ ба соҳили дигари дарёи Панҷ-Бадахшони Афғонистон кӯчид. Барои он ки бештар авлодони Пир Сайид Юсуфалишоҳ ва дигар сайидзодагону халифаҳо баъди кушта шудани он кас ба Шуғнони Бадахшони Афғонистон ҳиҷрат карданд. Аслан дар ин маврид ҳиҷрат ҳам он қадар рост намеояд, зеро сарзамини он тарафи

дарёи Панҷ ҳам ватани аслии мо буд, ки мутаассифона, бо дахолати ду абарқудрати ҷаҳонӣ: Русия ва Британия ба давлати Афғонистон дода шуд. Дар ин миён як воқеъаи дигари мудҳиш ба вуқӯъ пайваст. Писари Сайид Юсуфалишоҳ-Сайид Фаррухалишоҳро бо фиребу найранг ба Бадахшони Шӯравӣ даъват карда, ба шаҳодат расониданд. Дар қатори ин шахсиятҳои намоёни мазҳабӣ бисёр уламои маъруфи динӣ зиндонӣ шуданд ё ба Шарқи Дуру Сибир ва Қазоқистон бадарға карда шуданд. Бинобар ин уламову донишмандони улуми шаръи исломӣ дар Бадахшон ангуштшумор монданд.

-Ба ҳар ҳол баъзе донишмандон боқӣ монда буданд, аз ҷумла Сайид Адими Шуғнонӣ, ки аз зумраи шоирон ва мутафаккирони барҷаста ба шумор мерафтанд ва охири солҳои ҳаштодум вафот карданд. Ҳамин тавр не?

- Бале, рост гуфтед. Сайид Адими Шуғнонӣ, ки бо тахаллуси Ҷайҳун ашъори худро эҷод кардааст, яке аз шахсиятҳои бузурги мазҳабию фарҳангӣ ба ҳисоб мерафт ва яке аз ҳомилони ақоиди таҷаддудхоҳии исломӣ буд. Вале мутаассифона, ишонро ҳам имконият намедоданд, ки дар Бадахшони Шӯравӣ ба таълиму тарбияи толибилмон машғул шавад. Ва ӯ маҷбур шуд бештари умри худро дар Бадахшони Афғонистон сипарӣ намояд. Дар Афғонистон низ ӯро ором нагузоштанд ва бо иттиҳоми фаъолияти зиддидавлатӣ ва барои ақоиди озодихоҳияш чандин сол зиндонӣ намуданд.Аз ин рӯ афкор ва ақоиди ислоҳотхоҳии исломӣ дар Бадахшони Шӯравӣ то солҳои ҳафтодум ва ҳаштодуми асри гузашта хеле кам интишор ёфта буд.

- Пас чӣ гуна ва тавассути киҳо ин афкор ва ҷунбиши сиёсии исломӣ ба Бадахшон роҳ ёфт?

- Аслан, афкори таҷаддудхоҳии исломӣ охири солҳои ҳафтодум ба василаи намояндагони бадахшиасл, ки дар шаҳри Душанбе ва дигар минтақаҳои Тоҷикистон зиндагӣ мекарданд ва ба ҳаракати сиёсии исломӣ, яъне ҲНИТ пайваста буданд, ба Бадахшон роҳ ёфту густариш пайдо кард.Ин бародарони гаронқадри мо, ба мисли домулло Салимшоҳ, мулло Муҳаммадсайид, шайх Мирзониёз, шодравон Ҳоҷӣ Абдурашид, Абдуносири Алӣ, Шоҳнаими Карим ва чанде дигарон мебошанд. Онҳо на танҳо барандагону таблиғгарони ақоиди таҷаддудхоҳии исломӣ дар Бадахшон буданд, балки ишон муассисони ҲНИТ дар ин диёри кӯҳистон ба шумор мераванд ва дар ин ҷода саҳми бузург гузоштаанд. Натиҷаи фаъолияти густурдаи онҳо буд, ки бори аввал дар Бадахшон соли 1986 ба таври махфӣ шӯъбаи Наҳзати Исломии Тоҷикистон таъсис ёфт. Оҳиста-оҳиста ҳаракати сиёсии исломӣ дар ҷомеъаи Бадахшон мавқеъи устувор пайдо кард.

- Баъди даргириҳои ҷанги шаҳрвандӣ ва ҳиҷрати нерӯҳои исломию демократӣ ба қаламрави Афғонистон таъсири Ҳаракати Наҳзати Исломии Тоҷикистон, ки баъдан ИНОТ ном гирифт, ба ҷомеъаи Бадахшон хеле пурзӯр гардид. Ҳамин тавр не?

- Бале, дар солҳои 1993-1997 Бадахшон ба пойгоҳи қавии муқовимати сиёсию низомии собиқ нерӯҳои мухолифини тоҷик табдил ёфт. Тавассути Бадахшон муҷоҳидин вориди Тоҷикистон мегардиданд ва барои ҳуқуқҳои аздастрафтаи худ мубориза мебурданд. Мардуми кӯҳистони мо агарчанде худ на он қадар сарватманду доро буданд, ба собиқ муҷоҳидин ва муҳоҷирини иҷборӣ кӯмаку ёрии худро дареғ намедоштанд. Маҳз дар ин давра таъсири ақоиди таҷаддудхоҳӣ ва озодихоҳии исломӣ дар Бадахшон пурзӯр гардид ва ҲНИТ беш аз пеш ҷонибдорони худро дар байни мардум пайдо намуд. Дар ин кор бародарони зиёде саҳми муносиб гузоштанд. Яке аз чунин шахсиятҳои варзидаи мазҳабӣ ва сиёсӣ мулло Айёмиддин Сатторзода мебошад, ки тайи се-чор соли дар Бадахшон ифои вазифа карданаш, ба ҳайси як мубаллиғ ва тарбиятгари маъруф дар байни мардум маҳбубияти зиёде пайдо кард. Ӯ бо хулқу рафтори нек донишу фарҳанги худ дар дилу дидаи мардуми Боми Ҷаҳон ҷой гирифт, ки имрӯз ҳам ишонро бо некӣ ба ёд меоранд.

Аз ҷониби дигар як қисм мардуми Бадахшон дар давраи ҳиҷрат ба кишварҳои дигар рафт, дар донишгоҳҳои мухталиф улуми исломиро фаро гирифтанд ва сипас ба диёри худ баргашта, дар таблиғу густариши афкори пешқадами исломӣ ҳиссаи арзанда гузоштанд. Хулоса, ин давра барои дар ҷомеъаи Бадахшон мақому манзалат пайдо кардани ҷунбиши сиёсии исломӣ марҳилаи муҳим ва босамар ба ҳисоб меравад. Аз ҳамин ҷост, ки мардуми мо ба афкор ва ақоиди дини мубини Ислом майл ва гироиши бештаре пайдо карданд ва онҳо итминони комил ҳосил намуданд, ки чизи дигаре ба ҷуз Ислом ба дардашон намехӯрад.Таҳти таъсири афкори ҳаётбахши исломӣ мардуми

Бадахшон дар ҷустуҷӯ ва такопӯи исломӣ афтоданд ва онҳо кӯшиш доранд, ба аслу насаби хеш баргарданду асолати исломӣ ва миллии худро дарёбанд. Ба андешаи камина ин бисёр раванди хуб аст ва дар оянда Худо хоҳад, самараи нек медиҳад.

- Дар Бадахшон ҲНИТ чӣ мавқеъ ва чӣ мақом дорад?

- Дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ҲНИТ дар байни аҳзоби сиёсӣ мавқеъи муҳимеро соҳиб гардидааст. Ҳизби мо воқеъан дар ин шабу рӯз фаъол аст ва таваҷҷӯҳу майли қишрҳои гуногуни ҷомеъаи вилоят ба ин ҷунбиши сиёсии исломӣ торафт бештар мегардад. Мардум ҳам акнун медонанд, ки ҲНИТ нерӯи тавонои ҷомеъа ва як минбари бузург: чӣ аз лиҳози сиёсиву мазҳабӣ, чӣ аз ҷиҳати фарҳангию маънавӣ мебошад ва ба дарди онҳо мехӯрад, бинобар ин тибқи ваъдаи Худованди бузург мардум гурӯҳ-гурӯҳ ба ҲНИТ мепайванданд, ҳаводорону ҷонибдоронаш низ бамаротиб зиёд мегарданд.

- Дар кадом ноҳияҳо кори шӯъбаҳо ва бахшҳои ҲНИТ беҳтару хубтар ба роҳ монда шудааст?

- Феълан дар аксар навоҳии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ба ғайр аз ноҳияи дурдасти Мурғоб корҳои сиёсиву ташкилӣ, таблиғотию фарҳангии шӯъбаи ҲНИТ хеле хуб ба роҳ монда шудааст.Аз ҳама бештар бахшҳои ҳизби мо дар ноҳияҳои Дарвоз, Ванҷ, Рӯшон, Ишкошим, Роштқалъа хеле фаъоланд. Боиси хурсандист, ки ба наздикӣ дар ноҳияи сернуфустарини вилоят-Шуғнон шӯъбаи ҲНИТ ба таври расмӣ таъсис ёфт ва ба фаъолияти густурда шурӯъ кард. Ният дорем, ки дарояндаи наздик дар ноҳияи дурдасти Мурғоб низ шӯъбаи ҲНИТ-ро таъсис диҳем... Чанд рӯз қабл ман аз сафари Бадахшон баргаштам. Дар давраи сафари хидматиам ба фаъолият ва кору бори аксари шӯъбаҳои ҲНИТ аз наздик шинос гардидам, бурду бохти онҳоро мавриди баррасӣ қарор додам ва мушкилоти ҷойдоштаро бо ҳамдастии фаъолони ҳизб ҳаллу фасл намудам. Умед дорам, ки иншоаллоҳ, дар оянда фаъолияти шӯъбаҳо ва бахшҳои ҲНИТ дар Бадахшон беш аз пеш самарбахштар мегардад.

- Шумо аз фаъолони ҲНИТ дар Бадахшон як чанд нафарро ном бурда метавонед?

- Бале, фаъолони ҳизби мо дар Боми Ҷаҳон хеле бисёранд. Аз ҷумла Салимшоҳ аз ноҳияи Ванҷ, Раҳмиддин аз ноҳияи Дарвоз, Меҳровар аз ноҳияи Ишкошим, Ҳамид аз ноҳияи Роштқалъа, Мунир аз ноҳияи Шуғнон ва дигарон воқеъан фаъоланд ва дар корҳои сиёсиву ташкилӣ, таблиғотию фарҳангии ҳизб саҳми шоиста доранд. Инчунин метавонам фаъолияти хуби бахши бонувони ҲНИТ дар Бадахшонро қайд карда гузарам. Ба ин бахш хоҳари гиромии мо-Муслима Броимшоева сарварӣ мекунад ва дар байни занону духтарони мо корҳои зиёди сиёсию оммавӣ, тарғиботиву фарҳангӣ мебарад ва аз ҳамин ҷост, ки аъзо ва ҷонибдорони ҳизби мо аз ҳисоби бонувон хеле афзудааст.

- Муносибати ҳукумати вилоят, мақомоти маҳаллии ҳокимияти шаҳриву ноҳиявӣ нисбати ҲНИТ чӣ гуна аст?

- Дар маҷмӯъ хуб аст. Аксар роҳбарони ҳукуматҳои маҳаллӣ бо шӯъбаву бахшҳои ҲНИТ муносибати хубу хайрхоҳона доранд ва ҳизби моро дар қатори дигар аҳзоби сиёсӣ мешиносанд ва эътироф мекунанд. Вале ҳолатҳое рӯи медиҳанд, ки роҳбарони мақомоти маҳаллии ҳокимият дар роҳи фаъолияти ҳизби мо монеъаҳои сунъӣ ба вуҷуд меоваранд. Мо умед дорем, ки мушкилоти мавҷуда дарояндаи наздик бартараф хоҳанд шуд. Ин кор пеш аз ҳама ба кордонию сиёсатмадории роҳбарони шӯъбаҳо ва бахшҳои ҳизб вобаста аст. Агар онҳо саводи хуби сиёсиву ҳуқуқӣ дошта бошанд, ҳуқуқҳои қонунии худро талаб карда тавонанд, дар байни ҳукуматҳои маҳаллӣ ва роҳбарони шӯъбаву бахшҳои ҲНИТ тафоҳум ва ҳамкории хубу самарабахш ба вуҷуд меояд. Боз таъкид карданиям, ки пешрафти кор дар ин самт ба лаёқату кордонӣ ва босаводии кадрҳои ҳизбӣ вобастагии зич дорад. Бинобар ин лозим аст, ки дар оянда ба сафи ҲНИТ бештар ҷавонони босавод, мутахассис ва зиёӣ ҷалб карда шаванд, то ки самара ва сифати фаъолияти ҳизбӣ беҳтару хубтар гардад.

-Маълум аст, ки ҲНИТ созмони сиёсии хусусияти динидошта мебошад ва бештар ба ақоиду арзишҳои исломӣ дар доираи мазҳаби роиҷи ҳанафӣ такя дорад, дар Бадахшон, ки қисмате аз сокинони он пайрави ҷараёни исмоилияи дини мубини Исломанд, оё ин қазия дар ҷалби аъзо ва

ҷонибдорони ҲНИТ дар Боми Ҷаҳон монеъа эҷод намекунад? Мегуфтед, ки роҳбарони ҷараёни исмоилия ба ҳаракати исломии сиёсӣ, яъне ҲНИТ чӣ гуна муносибат доранд?
- Бояд бигӯям, ки ҲНИТ созмони сиёсиест, ва дар асоси арзишҳои умумии маънавии дини мубини Ислом бунёд ёфтааст ва фикр мекунам, ки дар масъалаҳои умдаи ақидатӣ дар байни ҷараёнҳоимо ҳеҷ ихтилофе вуҷуд надорад. Зеро Худованд, Паёмбари бузурги Ислом (с) Қуръону аҳодиси набавӣ барои ҳамаи мо як аст ва маҳз ҳамин чиз имконият медиҳад, ки мо аз як гиребон сар бароварда, аз масъалаҳои ҷузъӣ сарфи назар намоем ва дар атрофи ҲНИТ муттаҳид гардем.
Аз тарафи дигар раиси ҲНИТ устоди гиромиқадр Сайид Абдуллоҳи Нурӣ бо сарвари исмоилиёни ҷаҳон Шоҳзода Оғохони IV муносибатҳои хубу ҳасана доранд. Агар хато накунам, аз давраи ҳиҷрат то ба ҳол онҳо ҳашт маротиба дар хориҷ ва дохили кишварамон мулоқоту дидори самимӣ доштанд. Қайд кардан месазад, ки ҳазрати Шоҳзода Шоҳкарим Ал-Ҳусайнӣ Оғохони чаҳорум ба сарвари ҲНИТ устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ назари неку дӯстона дорад ва бовар дорам, ки дар оянда ин муносибатҳо боз ҳам қавитару самимитар мегарданд.
- Пешомади ҲНИТ-ро дар Бадахшон чӣ гуна арзёбӣ мекунед?
- ҲНИТ дар ҷомеъаи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон беш аз пеш мавқеъи устувор пайдо мекунад, зеро ин созмони сиёсӣ барои дифоъ аз ҳуқуқҳо ва манфиатҳои мусалмонони кишварамон ҷидду талош дорад ва ҳадафу мақсадҳояш ба ҷуз хушбахтии мардуми кишварамон, озодии дину мазҳаб, ақида, виҷдон, имон ва ободии диёрамон чизи дигаре нест. Бинобар ин бе муболиға гуфта метавонам, ки ҲНИТ дар Бадахшон ҷойгоҳ ва бунгоҳи қавӣ дар байни ҷомеъа пайдо намуда, аз маҳбубияти мардумӣ бархӯрдор аст ва Худо хоҳад, дар оянда мақому манзалати бештареро касб хоҳад кард. Зеро беҳуда дар урфият намегӯянд: «Соле, ки накӯст, аз баҳораш пайдост».
- Дар шахси Шумо ҳамаи аъзо ва ҷонибдорони ҲНИТ дар Бадахшонро ба муносибати ҷашни сисолагии таъсиси ҳизб табрику муборакбод менамоям.
- Ташаккур аз Шумо.

Мо, ки дарбони ҳисори миллатем

Мусоҳиба бо раиси бахши бонувони ҲНИТ дар вилояти Суғд Наҷотхон Исомуддинова

Зодаи ноҳияи Исфара, маълумоташ олӣ, дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи шаҳру ноҳияи мазкур, аз ҷумла бонки давлатии шаҳри Исфара ва дигар корхонаҳо ба ҳайси ҳисобдор ва иқтисоддон адои вазифа намудааст. Аз соли 1995 вазифаи мудири кӯдакистони «Нури саодат»-ро ба ӯҳда дошт. Аз соли 2000 раиси бахши бонувони ҲНИТ дар вилояти Суғд мебошад.
Ӯ муаллифи ду китоб «Хишти аввал» ва «Нури саодат» аст ва ин дастурҳо доир ба тарбияи ахлоқии кӯдакон баҳс мекунад. Узви Анҷумани байналмилалии тоҷикони ҷаҳон «Пайванд» мебошад. Оиладор, соҳиби се фарзанд.

***

- Апаи Наҷотхон, мавқеъи дини мубини Исломро дар ҷомеъаи имрӯзаи кишварамон чӣ гуна арзёбӣ мекунед?
- Ислом эътиқод аст, ихлос ба дини ҳақ аст. Ислом оромӣ, сулҳу осоиштагӣ аст, гузаштаи моро тамаддуни исломӣ зебу фаро мебахшад. Ислом ободӣ, озодӣ, ростиву поксириштӣ ва ниҳоят хонаободӣ ҳаст. Камина ҳангоми сафари муборaки ҳаҷ фарҳанг ва ахлоқи баланди инсониро эҳсос кардам. Албатта, дар олам дину ойинҳои зиёде ҳастанд, аммо Ислом беҳтарин, волотарин ва охирин дини Худост. Ба ҳама динҳо эҳтирому арҷ мегузорам, зеро кулли динҳои яккахудоӣ ҷанбаҳои тарбиявию ахлоқии зиёд доранд. Шоири бузурги Олмон Гёте дар ин маврид гуфтааст: «Дин хазинаи муҳими ҳикмату таҷрибаи инсонӣ буд ва мемонад. Ин мероси ҳамагон аст. Ҳар кӣ ба таърихи сеҳазорсола такя намесозад, фикри фардоро намекунад». Олими бузурги ҷаҳонӣ Алберт Энштейн низ дар ин бора гуфтааст: «Қуллаҳои баланди илму маърифат шинохтани якка ва ягонагии Худост. Дар ҳақиқат илм бе дин зараровар аст ва дин бе илм нобиност».
Сарчашмаи ҳама гуна ахлоқи хубу ҳамида, маърифатнокӣ, донишмандӣ, бофарҳангӣ аз дину ойин ғизо мегирад. Яке аз рукнҳои асосии дини мубини Ислом имон ба Худои якка ва ягона овардан аст. Тавре ба ҳамагон маълум аст, асоси пешравии ҷомеа ва арзишҳои ахлоқии он ба бунёди арзишҳои солими оила вобастагии зич дорад. Ин чиз дар дину мазҳаб арзишҳои фаровон дорад, ки барои пешрафти ахлоқии ҷомеа зарур аст. Ин арзишҳо: ростӣ, имон, виҷдон, шарму ҳаё, иффат, покдоманӣ, муҳаббат, эҳтиром, хушахлоқӣ, хоксорӣ ва ғайра мебошанд. Ҳамин арзишҳои воло ба таълими инсон мепардозанд ва ба зиндагии ӯ маънӣ мебахшад.

- Нигоҳи Шумо ба мусалмонии мардуми мо?
- Агар имрӯз нафаре аз бонувони коргар, савдогар ё зиёиро пурсед, ки Шумо мусалмонед, албатта, ҷавоби «ҳа»-ро медиҳад, ки ин боиси хушнудист. Аммо амалан нигоҳ кунед, аз ҷиҳати маънавӣ ва сару либос аз маданияти исломӣ дур ҳастанд. Гумон наравад, ки ман ин суханонро чун як нафар тарғибгари дини Ислом мегӯям. Табиати ман чунин аст, чизе, ки ҳаст, бояд бигӯям. Лекин ман дар ин маврид хушгумон ҳастам ва бовар дорам, ки мо ба аслу насаби худ рӯзе бармегардем.

- Ахлоқи ҷомеъаи имрӯза, хусусан бонувони миллати тоҷик аз назари Шумо?
- Мо, ки дарбони ҳисори миллатем,
Кофир аз тарки шиори миллатем.

Дар ҳақиқат, ҷомеъаи имрӯзаи мо ниҳоят давраи мушкилу вазнинро аз сар мегузаронад. Бӯҳрони иқтисодӣ, маънавӣ, фарҳангию ахлоқӣ дар ҳаёт амиқ реша давондааст. Кулли занону модарон барои ёфтани ризқу рӯзӣ худро ба роҳи тиҷорату савдо задаанд ва бо ҳамин сабабҳо аз тарбияи фарзандонашон дар канор мондаанд. Ҳатто аксари онҳо бону ва олиҳаи зебоӣ буданашонро фаромӯш кардаанд.
Чӣ хуш ки дар panду андарзҳои худ Паёмбари бузурги Ислом (с) фармудаанд: «Хуш ба ҳоли касе, ки модараш покдоман аст. Модар, пеш аз он ки модар бошад, як зан аст ва як зан дар дараҷаи аввал бояд солеҳа, покдоман, хуб, босавод, бо шарму ҳаё ва шоиста бошад». Дар ҳақиқат, ахлоқи ҷомеаи имрӯза қалби моро басо нороҳат мекунад, зеро аксари ҷавонон ва ҳатто калонсолон маънии ҳаёти ҳақиқии худро дарк намекунанд.

- Нигоҳи Шумо ба тарзи либоспӯшии бонувони тоҷик?
- Бояд зоҳиру ботини занону духтарони мо аз фарҳанги гузаштагон, анъанаву расму суннатҳои хуби ниёгонамон намояндагӣ кунад. Шоири тоҷик Абдулло Қодирӣ хуб гуфтааст:

Пос бояд дошт, ойини куҳан,
Ҳусни инсон мояи шарму ҳаёст.
Дар садоқат омили якто шуданд,
Шарқиёнро хислате аз ибтидост.

Ё ин ки ба қавли шоираи маъруфи халқамон Зебуннисо бигӯям:

Гарчӣ ман Лайлиасосам дил чу Маҷнун бенавост,
Сар ба саҳро мезанам, лекин ҳаё занҷири пост.

Аз ин нуқтаи назар яке саропо бо либос ва дигаре дар тақлиди аврупоиён нимбараҳна ба назар мерасад. Суоле бармеояд, ки кадоме аз онҳо ба мероси гузаштагон наздиктаранд? Агар андеша кунем, пас хоҳ нохоҳ пӯшидани либоси миллӣ барои занону духтарони мо бартарӣ ва афзалият дорад. Тақлиди беҷо ҳеҷ вақт оқибати нек надорад. Халқи ҳинд бо одобу маданияти шарқӣ ба мардуми мо хеле наздиканд. Шодравон Сарвазири Ҳиндустон Индира Гандӣ, ки то нафаси охирин бо либоси миллӣ буд, ӯро ба ёд оред.

-Ба андешаи Шумо ҳиҷоб чӣ зарурат ва асроре дорад?

- Дар Қуръони карим Худованд ба Паёмбар (с) чунин муроҷиат кардааст:«Эй Пайғамбар, ба занони худ бигӯ (мурод ҳамаи занони мӯъмина аст), то онҳо зебоиҳои худро (иффату назокати худро) аз чашму нигоҳи номаҳрамон пинҳон доранд». Дар ин фармудаи Худо ҷои баҳс нест, зеро дар ҳар кору талаби Худованд ҳикмат аст. Бинобар ин бандаи мӯъмин ва мусалмон бояд сари ин масъала чуқуртар андеша кунад ва фармудаи Худовандро бечунучаро ба ҷо биёрад.

- Мавқеи занро дар ҷомеъаи имрӯза чӣ гуна тасаввур мекунед? Оё зарурат дорад, ки бонувон дар корхонаҳои давлатӣ ё созмонҳои ҷамъиятӣ кор кунанд ва фаъолият пеш баранд?

- Зан бояд тибқи кору касби интихобкардаи худ кор кунад. Оё пешрафти ҷомеаро бе иштироки зан тасаввур кардан мумкин аст? Зан узви фаъол ва асосии ҷамъият аст, аммо зан, тавре ки мегӯянд, ҳадду андозаи худро донад ва ҳамеша эҳтиёткор бошад.

- Шароити зисту зиндагонии занону духтарони тоҷик Шуморо қаноатманд месозад?

- Бо як назари сатҳӣ ба вазъи имрӯзии занон нигаред. Метавон гуфт, ки ба ҳар ҳол занони шаҳрӣ зоҳиран зиндагии хуб доранд, аммо занони деҳотӣ чӣ? Ба ҳоли ишон бояд ғам хӯрд, гӯё шоир Осафӣ аз забони занони деҳотӣ гуфтааст:

Шӯълаем, аммо зи сӯзи дил сияҳпӯшем мо,
Чун чароғи лола месӯзему хомӯшем мо.

- Агар зан дар зери фаранҷӣ бошад, чӣ гуна ба муваффақияту комёбиҳо ноил мегардад?

- Ба андешаи ман бигузор занон сатри ҳиҷобӣ дошта бошанд ҳам, илмро, ахлоқи ҳамидаи инсониро, ҳунару касбро омӯзанд, аз одоби зиндагидорӣ, Оиладорӣ ва дигар таълиму тарбия на танҳо фарзандонаш, балки шаҳварашро шинос ва огоҳ кунад. Хулоса дар ин роҳ орзӯ ва ниятҳои зиёде дорам.

Ғаразҳо тира доранд дӯстиро,
Ғаразҳоро чаро аз дил наронем.

Афсӯс, ки дар зиндагӣ ғараздилон ва нотавонбинон садди роҳи фаъолиятамон мегарданд:

Аз хушиҳои мо ҳасудон нохушанд,
Мо намемирем, моро мекушанд.

Ман мехоҳам, чанд сухан дар бораи истилоҳи фаранҷӣ гуфта гузарам. Дар дини мубини Ислом истилоҳи фаранҷӣ нест, балки ҳиҷоб-рӯипӯш ҳаст. Чеҳраи зан агар кушода бошад, аз рӯи шариат боке надорад. Аммо ҳар касе аз занон эҳтиётро хоҳад, рӯи худро бо як пардаи ҳарири сабук мепӯшонад, аммо нахоҳад рӯи кушода гашта метавонад. Дар асри нуздаҳ ин амалро дар Бухоро ва манотиқи дигари Мовароуннаҳр дар тақлид ба занони аҷнабӣ ба ҳадди ифрот расонида буданд. Агар Шумо дар кинофилмҳо дида бошед, занони аврупоӣ бо тӯри сиёҳ рӯй ва бо дастпӯшакҳои ҳарири сиёҳ дастони худро мепӯшанд. Занону духтарони ашрофзода дар тақлид ба занони аврупоӣ, ки онҳоро фарангӣ меномиданд, сару либосе бо чашмбанд дӯхта пӯшиданд ва онро ном гузоштанд, либоси фарангӣ. Бо таъсири забони арабӣ, ки дар он ҳарфи «г» ба «ҷ» табдил ёфт ва шуд «фаранҷ»ӣ ва то имрӯз чун истилоҳ ба замони мо омада расид. Дар боло қайд кардам, ки истилоҳи фаранҷӣ дар Ислом нест ва албатта, шахсан камина ин навъи либосро намеписандам, вале ман ҷонибдори ҳиҷоб ҳастам. Ман фикр мекунам, ки ҳиҷоб мояи шарму ҳаёи занону духтарони мусалмон аст ва зебу фарри ҳақиқии онҳост.

- Тамаддуни исломӣ ва ҷомеаи кунунии Тоҷикистон, миёни ду мафҳум чӣ иртиботе мебинед?

- Ростӣ, имрӯз ҷомеъаи мо ба гирдоби мушкилоти иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва маънавию ахлоқӣ гирифтор гардидааст.Ин бӯҳронҳо ояндаи ҷомеъаи кишварамонро зери суол қарор медиҳанд. Чунки ҳар як мушкилот оқибатҳои нохубу ногуворро ба дунбол дорад. Инро ҳар як

фарди солимфикр ба хубӣ медонад ва эҳсос мекунад. Аз ин рӯ  рӯзгори ҷомеъаи кунунии кишварамон аз ҳар вақти дигар дида, имрӯз бештару зиёдтар ба дармони ахлоқию маънавӣ ва фарҳангӣ ниёз дорад. Бе дармони ахлоқу маънавиёт ва фарҳанги аҳли ҷомеъа мушкил аст, ки вазъи иқтисодӣ ва иҷтимоиро беҳбуд  бубахшем. Аз маънавиёт ва ахлоқи ҳамида дар маҷмӯъ заминаи мустаҳкамй беҳбуди иқтисодию иҷтимоӣ фароҳам меояд. Чунин маънавиёт ва ахлоқу фарҳанги волоро дини мубини Ислом  ба ихтиёри мо гузоштааст. Ислом сарчашмаи маънавиёти баланд ва ахлоқи ҳамида аст ва мо агар тибқи фармудаҳои он амал намоем, аз бисёр мушкилоту саргумиҳои кунунӣ раҳида метавонем. Бинобар ин аҳли ҷомеъаи моро лозим аст, ки рӯ ба фарҳангу маънавиёти волои исломӣ биёранд. Имрӯз аз фарҳанги асилу ноби  исломӣ тамоми дунёи мутамаддин истифода мебараду шахсиятҳои номдори кишварҳои  Ғарб рӯ ба Ислом меоранд. Дар партави ин ҳама боиси таассуф аст, ки мо аз ин фарҳангу таълимоти созандаву ҳаётбахш дар зиндагиву рӯзгори хеш ба таври бояду шояд истифода намебарем. Ва аз ин ҷост, ки  сатҳи маърифати исломии ҷомеъаи мо хеле поин  рафтааст.

Бояд гуфт, ки тамаддуни исломӣ беш аз 1400 сол аст, ки бо тору пӯди беҳтарин арзишҳои миллии мардуми ориёинажоди мо тавъам гардида, кайҳо ба расму ойини неки аҷдодиву бобоиамон табдил ёфтааст. Вале мутаассифона, бар асари таҳмили ҷаҳонбинии атеистӣ дар даврони Шӯравӣ ва баъдан ҷанги хонумонсӯзи шаҳрвандӣ дар кишварамон ва аз ҳама бештар таҳоҷуми фарҳанги ғарбӣ бар сари ҷомеъаи анъанавии диёрамон, асолати тамаддуни исломию миллии мо ба таври ҷиддӣ коста гардид ва мардуми мусалмони мо, бахусус насли наврас аз ин сарчашмаи поку лоязолӣ хеле дур мондаанд. Бинобар ин ягона роҳи раҳоӣ аз ин бӯҳрони шадид ва бунбаст бозгашт ба асолати миллию исломии худамон аст. Бояд ҳар яки мо таълимоти дини мубини Исломро ҳамаҷониба биёмӯзем ва онро дар зиндагонӣ сармашқи кору фаъолияти худ намоем, то ки ба пешрафту комёбиҳои назаррас ноил гардем.

- Шумо мухтасаран дар бораи бахши бонувони ҲНИТ дар вилояти Суғд чанд сухан мегуфтед?

- Камина аз рӯзи аввали фаъолиятам ба ҳайси раиси шӯъбаи бонувони ҲНИТ дар вилояти Суғд барномаи кориамонро тибқи Ойиннома ва Барномаи ҳизб таҳия намуда, фаъолони ин соҳаро гирд оварда, ба фаъолият пардохтам. Тибқи ҳамин барномаи тарҳрезикардаамон бомуваффақият амал карда истодаем.

- Барномаи кории бахши Шумо кадом мавзӯъҳо ва масъалаҳои муҳими кору ҳаёти занону духтарони вилоятро дар бар мегирад?

- Қабл аз ҳама мо дар барномаи худ, ҳифзи саломатии занону духтарон, боло бурдани қадру эътибори онҳо дар хонавода ва умуман ҷомеъа, нақши занон дар беҳтар гардонидани одоби оиладорӣ, ахлоқи ҳамидаи бонувон, ҷалби духтарон ба омӯзишгоҳҳо ва мактабҳои олӣ, густариши таълимоти исломӣ дар байни занону духтарон, риоя ва ҳифзи ҳуқуқи бонувон дар ҷомеъаи кишварамон ва ғайраро дохил кардем, ки мувофиқи он дар байни табақаву гурӯҳҳои мухталифи занону духтарон кор мебарем, то ки дар ниҳоду шуури онҳо афкори худшиносиву худошиносӣ ба вуҷуд биёварем, ки ишон соҳиби ҳақиқии ҳуқуқ ва имтиёзҳои худ дар хонавода ва ҷомеъа бошанд. Аммо мутаассифона, на дар ҳамаи шаҳру навоҳии вилояти Суғд ҳукуматҳои маҳаллӣ, бахусус кумитаҳои кор бо занони онҳо мехоҳанд, бо бахши бонувони ҲНИТ ҳамкорӣ ва робита дошта бошанд. Зеро онҳо ба қавли худ ҳозир ҳам намехоҳанд, ки ҳизби моро ба расмият бишиносанд ва эътироф кунанд. Аз ин рӯ роҳбарони баъзе кумитаҳои кор бо занони ҳукуматҳои маҳаллӣ, сарварони созмону ташкилотҳои бонувон ҳамкорӣ он тараф истад, ҳатто дар гузаронидани баъзе чорабиниҳои сиёсию оммавӣ ва фарҳангӣ садди роҳи мо мегарданд. Вале қайд кардан лозим аст, ки соли гузашта яъне соли 2002 барои на танҳо бахши бонувон, балки барои умуман шӯъбаи вилоятии ҲНИТ соли пешрафту комёбӣ ба шумор меравад. Дар ин сол самар ва сифати корҳои тарғиботию ташвиқотӣ, сиёсию оммавӣ, фарҳангию маънавӣ  беш аз пеш баланд гардид, ки боиси хурсандӣ ва сарфарозии ҳар яки мост. Роҳбарияти ҲНИТ ва  шӯъбаҳои вилоятӣ, шаҳрию ноҳиявии он тавонистанд, ки бо фаъолияти густурдаи худ муваффақона чеҳраи ҳизб ва мақсаду мароми созандаи онро дар байни табақаҳои гуногуни мардум муаррифӣ намоянд. Ба ин васила маҳбубияти ҳизби мо

дар байни сокинони Суғдзамин торафт бештар гардид, ки ҳамаи ин аз фаъолияти пурсамари ҳизби мо дар вилоят шаҳодат медиҳад.

- Шумо чорабиниҳои зиёдро баргузор мекунед, бигӯед, ки бо занону духтарон сари кадом мавзӯъҳо бештар сӯҳбат мероед?

- Моро пайваста як андеша азоб медиҳад. Мақоми Зан-Модар дар ҷомеъаи кишварамон, бахусус бар асари ҷанги дохилӣ ахлоқи хуби мардуми мусалмон хеле поин фаромадааст. Охир, имрӯз занони тоҷик, ки бо ҳазорон дарду ранҷи бенавоӣ гирифтор гардидаанд ва барои таъмини аҳли ойилаашон худро ба ҳар як кӯю дар мезананд, мутаассифона, як зумра бонувоне низ ёфт мешаванд, ки ба корҳои ношоиста, аз ҷумла нашъаҷаллобӣ ва танфурӯшӣ машғуланд, оё моро бетараф гузошта метавонад. Дар урфият мегӯянд, ки бетарафӣ бешарафист. Бинобар ин мо сари мавзӯъи он ки чӣ кор кунем, занону духтаронро аз гирдоби бӯҳрони иқтисодӣ ва маънавию ахлоқӣ бираҳонем, сӯҳбатҳо мероем ва машварат мекунем. Дар ин ҷамъомаду сӯҳбатҳо якҷоя бо кумитаҳои кор бо занону ҷавонон, ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ, созмонҳои байналмилалӣ ва ғайра машварат ороста, барои ёфтани роҳу василаҳои халосӣ аз ин вартаи хатарнок нақшаҳо тарҳрезӣ менамоем. Боиси хушнудист, ки хусусан дар масъалаи бунёди корхонаҳои хурд ва бо кор таъмин кардани занону духтарон як қатор корҳои ҷолибу самарабахшро амалӣ сохтем. Умед дорем, ки дар ин самт дар оянда фаъолияти худро пурзӯртар гардонем. Зеро мо хуб медонем, ки тамоми бори вазнини зиндагӣ дар ҷомеъаи имрӯзаи кишварамон ба дӯши занон гузошта шудааст ва барои баланд бардоштани сатҳи зиндагии онҳо роҳу воситаҳои хуброо биҷӯем ва амалӣ созем. Ин тақозои зиндагӣ ва ҳаёти имрӯзаи мост.

- Дар оянда чӣ нақшаҳо доред?

- Пеш аз ҳама ба Президенти кишварамон, мӯҳтарам Э. Ш. Раҳмонов ва раиси ҲНИТ устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ изҳори миннатдорӣ менамоем, ки ба сарзамини мо ва барои мардуми Тоҷикистон сулҳу салоҳ оварданд. Бо дастгирӣ ва якдигарфаҳмии ин ду сарвар ҲНИТ дар ҷумҳурии соҳибистиқлоли мо дубора расман дар чаҳорчӯбаи қонунҳои ҷории Тоҷикистон ба фаъолият пардохт. Чӣ тавре, ки алломаи бузург Муҳаммад Иқбол фармудаанд:

Фикри равшанбин амалро раҳбар аст,
Чун дурахши барқ пеш аз тундар аст.

Камина чун раиси бахши бонувони ҲНИТ дар вилояти Суғд нақшаҳои доманадор дорам. Нахуст мехоҳам дар ҷодаи таълиму тарбияи насли наврас беҳтарин роҳу воситаҳоро биҷӯем ва онро дар амал ҷорӣ кунем, то ки аз натиҷааш ҷомеъа баҳравар гардад. Мехоҳам тарбияи духтарон, модарони ояндаи миллатро дуруст ба роҳ монем, то ки онҳо чун шахсиятҳои озодфикр ва озодандеш ба камол бирасанд ва фарзандони хубу солеҳ ба дунё биоранд ва тарбия намоянд. Зеро медонем, ки имрӯз дар ҷомеъа занҳои зиёде ҳастанд, ки бо кӯдакони зиндаятими худ сарсону саргардонанд ва аз баробарҳуқуқӣ бо мардон низ маҳруманд. Ҳол он ки дар ҳадиси Расули акрам (с) возеҳу равшан омадааст: «Шуморо ба занон ҳақ ва ҳуқуқ аст ва онҳо низ бар Шумо ҳуқуқ доранд». Дар аксар ҳадисҳои Паёмбари Ислом (с) занонро мавҷудоти шариф, зеби хонадон дониста, бо зарбу калтак танбеҳ додани онҳоро аз ҷониби шавҳаронашон қатъиян манъ кардааст. Аз ҷониби дигар, аз илму савод ва маърифати замонавӣ дур сохтан ва ба зери паранҷӣ кашидани занон низ писандида нест. Зеро шариати Ислом чунин нафармудааст. Занон бояд озод ва баробарҳуқуқ бо мардон дар ҷомеъа бошанд ва аз ҳуқуқҳои худ дифоъ карда тавонанд.

- Ба муносибати таҷлили ҷашни сисолагии ҲНИТ чӣ гуфтанӣ ва табрикот доред?

- Сисолагии ҲНИТ ҷашни бузург аст ва камина тамоми аъзои ҳизб, бавижа занону духтаронро ба ин муносибат табрику муборакбод намуда, ба онҳо умри дароз, саломатӣ, худшиносӣ, худошиносӣ, бозгашт ба сӯи асолати хеш - фарҳанги исломиву миллиро таманно дорам.

- Мо дар симои Шумо ҳамаи бонувон: аъзову ҷонибдорони ҲНИТ-ро низ ба ин муносибат табрик мегӯем.

- Ташаккур!

Ҳиҷоб монеъи илму ҳунар нест

Мусоҳиба бо муовини раиси шӯъбаи бонувони ҲНИТ Шарофати Ҳусайнӣ

Зодаи шаҳри Кӯлоб. Соли 1961 дар оилаи коргар ба дунё омадааст. Баъди хатми мактаби миёна, соли 1978 донишҷӯи техникуми кооперативии ш. Душанбе гардида, соли 1980 онро бомуваффақият ба итмом расонидааст.Фаъолияти кории худро ба ҳайси ҳисобдор шурӯъ намуда, сипас дар шӯъбаи кадрҳои ҷамъияти матлуботи собиқ вилояти Кӯлоб кор кардааст.Ба омӯзиши улуми исломӣ аз соли 1988 пардохтааст.Узви ҲНИТ аз соли 1989 мебошад. Солҳои ҷанги шаҳрвандӣ бо аҳли оилаашон ба шаҳри Душанбе мекӯчанд. Аз соли 1996 то соли 1999 дар Донишгоҳи исломии ба номи Имом Тирмизӣ чун омӯзгор дарс додааст.Аз соли 1999 вазифаи муовини раиси шӯъбаи бонувони ҲНИТ-ро ба дӯш дорад.
Оиладор, соҳиби чаҳор фарзанд.
***
- Апаи Шарофат, Шумо бигӯед, ки дар кадом муҳит ба камол расидед, улуми диниро дар куҷо омӯхтед ва чӣ тавр ба ҳаракати сиёсии исломӣ шомил шудед?
- Ман дар шаҳри Кӯлоб таввалуд ёфтаам. Агарчӣ падару модарам дониши исломӣ надоштанд, вале бо вуҷуди ин ба дини мубини Ислом мӯътақид буданд ва моро дар ҳамин рӯҳия тарбия мекарданд.Шароити он давра ба ҳамагон маълум аст.Ман низ дар қатори дигарон мактаби таҳсилоти ҳамагониро бомуваффақият хатм карда, ҳуҷҷатҳоямро ба факултаи иқтисодии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон супоридам, вале корам омад накарду аз имтиҳонҳо нагузаштам. Баъд ба техникуми кооперативии шаҳри Душанбе дохил шуда, онро бо баҳои хубу аъло хатм кардам ва бо роҳхат ба зодгоҳам баргаштам.Дар ҷамъияти матлуботи собиқ вилояти Кӯлоб ба кор даромадам.
Солҳои ҳаштодуми асри гузашта дар байни сокинони шаҳри мо низ як навъ бедории афкор пайдо гардида буд. Мардум бо даъвати як зумра донишмандони пешқадаму ислоҳотхоҳ ба дини мубини Ислом рӯй оварда буданд ва бо шавқу завқ асосҳои улуми шаръиро меомӯханд.Бо ташаббуси мулло Айёмуддин Сатторзода ва ду нафар аз донишҷӯёни Донишкадаи омӯзгории шаҳри Кӯлоб Ваҳоҷиддин ва Қамариддин Афзалӣ ҳалқаҳои дарсӣ ташкил ёфтанд, ки ман низ аз ҷумлаи толибилмон будам.Маҳз бо даъвати ин бародарон ман ба омӯхтани илмҳои динӣ шурӯъ кардам ва оҳиста-оҳиста хеле донишҳоро фаро гирифтам.
- Оё Шумо он вақт аз вуҷуд доштани ҳаракати ислоҳотхоҳии исломӣ хабар доштед?
- Албатта, не. Моро фақат дар ин ҳалқаҳои дарсӣ таълиму тарбияи исломӣ медоданд, вале намегуфтанд, ки чунин созмон вуҷуд дорад. Аммо ман аз тартибу танзим ва фаъолияти густурдаи онҳо ҳис мекардам, ки ягон ташкилот ва созмон мавҷуд аст, ки ҳамаи ин корҳоро тарҳрезӣ намуда, амалӣ месозад. Баъди чанд сол аз вуҷуд доштани ҳаракати сиёсии исломӣ, яъне ҲНИТ хабардор гардидам ва огоҳона, бо амри дил ариза навишта, ба сафи он пайвастам. Ин соли 1989 буд.
- Шумо баъди ба узвияти ҲНИТ пазируфта шуданатон дар кадом самт фаъолият пеш бурдед?
- Аз соли 1989 то давраи ҷанги шаҳрвандӣ ман дар бахши бонувони ҲНИТ дар минтақаи собиқ Кӯлоб фаъолият доштам.Бештар дар байни занону духтарон корҳои ташвиқотию тарғиботӣ, фаҳмондадиҳӣ ва маънавию фарҳангӣ мебурдем.Хусусан дар давраҳои занону духтарон мавъизаҳо мекардем ва кӯшиш менамудем,ки урфу одатҳои хурофотиеро, ки асли исломӣ надоштанд, аз байн бибарем. Дар бисёр маҳаллаҳо ҳалқаҳои дарсӣ ташкил намуда, занону духтаронро дар партави ақоиди исломӣ тарбия мекардем. Умуман, дар самтҳои гуногуни бахши бонувони ҲНИТ фаъолияти густурда пеш мебурдем.
- Дар давраи ҷанги дохилӣ Шумо ба чӣ кор машғул шудед?
- Баъди даргириҳо мо низ маҷбур шудем, ки ба шаҳри Душанбе кӯчида биёем. То соли 1996 хонанишин будам. Баъд дар Донишгоҳи исломии ба номи Имом Тирмизӣ чун омӯзгор ба кор даромада, дар гурӯҳҳои духтарона аз фаннҳои сарфу наҳви арабӣ, таҷвид, «Чаҳоркитоб»,

«Заруриёти диния» ва ғайра дарс мегуфтам.Баъди анҷумани навбатии ҲНИТ, ки моҳи сентябри соли 1999 баргузор гардид, боз ба кори ҳизбӣ баргаштам ва алҳамдулиллоҳ, то ин дам дар шӯъбаи бонувони ҳизб фаъолият дорам.
- Акнун чанд сухан дар бораи фаъолияти шӯъбаи бонувони ҲНИТ мегуфтед?
- Шӯъбаи бонувони ҲНИТ, ки ба он Розия Сайфуллоева сарварӣ мекунад, аслан дар чанд самт дар байни хоҳарону модарон тибқи нақшаи тартибдодаамон машғули фаъолият аст. Вале бояд бигӯям, ки аз ҳама бештар мо ба чорабиниҳои маърифатию омӯзишӣ, бахусус омӯзиши сиёсии онҳо диққат дода мешавад. Зеро таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки бар асари ҷанги шаҳрвандӣ маънавиёт, ахлоқи ҳамида ва фарҳанги мардуми мусалмони мо, бахусус занону духтарон хеле поин рафт. Аз ҳамин буд, ки дуздию ҷинояткорӣ, мардумфиребию ҳаромхӯрӣ, нашъаҷаллобию танфурӯшӣ дар ҷомеъаи мо хеле афзуд.Мутаассифона, ба ин корҳои номуносибу паст на танҳо мардон, балки бонувон низ даст мезананд.Ба андешаи ман яке аз иллатҳои асосии ин рафтори онҳо камбағалӣ ва қашшоқист. Дар давраи ҷанги дохилӣ ҳазорҳо нафар занони ҷавон беваю бесаробон монданд. Чунки шавҳаронашон дар ҷангҳо кушта шуданд ва бори асосии зиндагӣ, таъминоти фарзандон ва тарбияи онҳо ба дӯши занон афтид. Зан - модари бечора барои дарёфти як луқма нон ба чӣ корҳое машғул намешавад. Бинобар ин барои он ки теъдоди ҷиноят ва дигар корҳои номатлуб дар ҷомеъа кам карда шавад, мақому манзалати  бонувонро дар ҳаёти кишварамон баланд бардоштан лозим аст. Пеш аз ҳама барои занону духтарон ҷои кор муҳайё мебояд кард. Мутаассифона, қисми зиёди корхонаҳои саноатии мо, ки дар даврони Шӯравӣ занону духтарон кор мекарданд, аз фаъолият бозмондаанд. Дар як худи  иттиҳодияи бофандагии шаҳри Душанбе дар се баст 14 ҳазор нафар зан кор мекарданд. Ба ғайр аз ин садҳо корхонаҳои ресандагию дӯзандандагӣ, атласбофӣ ва ғайра занону духтаронро бо кор ва маош таъмин мекарданд. Ҳоло аксари ин корхонаҳо аз кор мондаанд. То ин мушкилот ҳал нагардад, проблемаҳои зисту зиндагонии занону духтарон, таъминоти моддии оилаҳо, тарбияи ахлоқию маънавии фарзандон, таълиму касбомӯзии онҳо ҳали худро худро намеёбанд.
Шӯъбаи бонувони ҲНИТ солҳои охир дар ҳамкорӣ бо кумитаҳои кор бо занони назди ҳукуматҳои маҳаллӣ барои ҳаллу фасл кардани ин масъалаҳои муҳим дар самтҳои гуногун фаъолият пеш мебарад. Мо дар бисёр шаҳру навоҳӣ бо дастгирии созмонҳои байналмилалӣ курсҳои касбомӯзӣ, омӯзиши забонҳо, бахусус забони англисӣ доир намуда, барои ташкили созмонҳои ғайриҳукуматӣ, бунёди корхонаҳои хурди бофандагию дӯзандагӣ, қаннодию консервабарорӣ, баланд бардоштани сатҳи маърифатнокӣ ва бофарҳангии занону духтарон кӯшиш ба харҷ дода истодаем, ки Худо хоҳад, ҳамаи ин барои рафъи мушкилоти ҷомеъаи мо мусоидат мекунанд. Ба ғайр аз ин маълум аст, ки дар чунин вазъияти душвору бӯҳронӣ маъсулияти ба дӯш доштаи ниҳоди ибтидоии ҷомеъа - оилаҳо ба маротиб меафзояд. Зеро агар дар ҳар як оила модарон ҳам мураббия ва ҳам омӯзгор барои фарзандони хеш гарданд, аз  болои рафтору аъмоли онҳо сахт назорат кунанд, бовар дорам, ки дар ин самт корҳои ҷолибе ба ҷо оварда мешаванд. Кормандони бахшҳои шаҳрию ноҳиявии бонувони ҲНИТ дар ҷамъомаду вохӯриҳо ва маҳфилҳое, ки мегузаронанд, аз ҳамин хусус бо модарону хоҳарон сӯҳбатҳои пурмазмун мероянд ва онҳоро мефаҳмонанду даъват мекунанд, ки нисбати тақдири фарзандони худ бетараф набошанд,чун беэътиноӣ дар ин масъала оқибатҳои нохушу номатлуб ба дунбол дорад.
Бузурге фармудааст: «Дараҷаи озодӣ  ва пешрафти ҷомеъаро аз мақоми зан дар он фаҳмидан мумкин аст». Дар ҳақиқат ҳамин тавр аст. То Зан - Модар дар ҷомеъа нақши фаъол надошта бошад, то замоне мақому манзалати зан ба сатҳи баланд бардошта нашавад, ҳеҷ гоҳ мо ба пешрафту тараққиёти на иқтисодӣ, на маънавию ахлоқӣ ноил шуда метавонем. Ҳамаи инро ба эътибор гирифта, шӯъбаи бонувони ҲНИТ барои беҳтар намудани шароити зисту зиндагонии занону духтарон, дифоъ аз ҳуқуқҳои қонунии онҳо, ки барояшон дини мубини Ислом муқаррар кардааст, баланд бардоштани сатҳи фарҳангу маърифат, донишу саводи сиёсиву ҳуқуқӣ ва маънавиёти бонувон пайваста ҷидду ҷаҳд мекунад.
- Оё дар байни аъзои ҲНИТ занону духтарони бомаълумот ва босавод зиёданд?

- Бале, бар хилофи пиндори баъзеҳо, сафи аъзои ҳизби мо аз ҳисоби занону духтарони дорои маълумоти олӣ торафт меафзояд. Бисёр занони мо маълумоти олии пурра ё нопурра доранд. Мо бештар кӯшиш мекунем, ки сафи аъзои ҲНИТ-ро дар оянда аз ҳисоби кадрҳои ҷавону варзида ва дорои маълумоти олидор бештар созем. Зеро роҳбарияти ҳизб хуб медонанд, ки сифат ва самари корҳои сиёсиву оммавӣ, маърифатию фарҳангӣ бе кадрҳои  босаводу маълумотнок, бахусус занону духтарон, ғайриимкон аст.
- Дурнамои фаъолияти шӯъбаи бонувони ҲНИТ-ро чӣ гуна арзёбӣ мекунед?
- Шӯъбаи бонувон ба мисли дигар шӯъбаву бахшҳои ҲНИТ нишондодҳои сарварамон, устод Сайид Абдуллоҳи Нуриро, ки соли ҷориро соли ислоҳот ва бозсозӣ номидааст, сармашқи кори худ карда, дар самтҳои гуногун фаъолияти ҳамаҷониба бурда истодааст. Тибқи нақшаи тартибдодаамон, ният дорем, ки дар оянда корҳои сиёсиву оммавӣ, ташвиқотиву фарҳангӣ ва иҷтимоию маънавиро боз ҳам пурзӯртар ва ҷонноктар намоем.
- Шумо дар масъалаи иштироки занону духтарон дар корҳои ҷамъиятӣ чӣ назар доред?
- Аз дидгоҳи Ислом занон баробари мардон ҳуқуқ доранд.Онҳо ҳақ доранд, ки аз тамоми неъматҳои моддию маънавии ҷомеъа бархӯрдор бошанд. Аз ҷумла онҳо метавонанд, дар корҳои давлатдорӣ, корхонаҳо, донишгоҳҳо, мактабҳо, муассисаҳои томактабӣ ва ғайра ширкати фаъолона дошта бошанд.Танҳо бояд ҳиҷоби исломиро риоя кунанд. Дигар ягон мамониат нест.Онҳо метавонанд, ки дар ҳамаи сатҳҳо дар баробари мардон фаъолият пеш баранд. Вале мутаассифона, бисёр вақт мушоҳида мекунем, ки агар занону духтарон дар вазоратхонаҳо, корхонаву коргоҳҳо ё таълимгоҳҳо ҳиҷобро риоя намоянд, ба онҳо аз ҷониби роҳбарон муносибати хуб карда намешавад. Ва аз онҳо ҳатман талаб мекунанд, ки ишон сару либоси аврупоӣ бипӯшанд. Ҳол он ки тибқи қонунҳои ҷории ҶТ занону духтарон дар пӯшидани либос ихтиёри комил доранд.Ба фикри ман бояд дар оянда ин қазия ҳалли мусбии худро ёбад. Зеро аксари сокинони ҷумҳуриямон мусалмонанд ва касоне, ки мехоҳанд расму ойини мусалмониро риоя кунанд, барояшон имконият ва шароит муҳайё карда шавад.Набояд ҳукуқи занону духтаронро маҳдуду поймол созанд. Ба андешаи банда ҳиҷоб монеъи илму ҳунар нест ва бонувон бояд бо риояи русуми исломӣ аз тамоми пешрафтҳои илму техника, фарҳангу ҳунари муосир бархӯрдор бошанд.
- Аз роҳи интихобкардаатон розӣ ҳастед?
- Бале, ба андешаи ман дар роҳи Ислом қадам задан  беҳтарин роҳ аст.
- Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки занону духтарон зару зеварро дӯст медоранд? Шумо чӣ?
- Албатта, зару зевар сарвату дороист ва ҳар як инсон, бахусус бонувон мехоҳанд, онро дошта бошанд. Лекин дар зиндагӣ барои ман сарват чизи дуюмдараҷа аст. Барои камина пеш аз ҳама илму дониш, маънавиёту ҳунар сарват аст ва инсонҳо, хусусан занону духтарон бояд кӯшиш намоянд, ки пеш аз ҳама ин дороиро соҳиб шаванд. Зару зеварро бошад, бо пул харидан мумкин аст, вале сарвати маънавиро не.
- Беҳтарин хислате, ки дар зани тоҷик дидан мехоҳед?
- Иффат ва покдоманӣ.
- Шумо гулҳоро дӯст медоред?
- Албатта, ман дар хона гулҳои зиёдеро парвариш мекунам. Аз ҳама бештар гули сурхи садбаргро дӯст медорам.
- Аз хушбӯиҳо чӣ?
- Атриёте, ки ҳоҷиён аз сафари хонаи Худо меоранд ба ман бисёр писанд аст. Шавҳарам, ки ду бор ҳаҷ кардааст, барои ман атриёти гуногун овардааст.
- Дар арафаи ҷашни сисолагии ҲНИТ чӣ гуфтании дигар дар дил доред?
- Пеш аз ҳама аъзои ҲНИТ, бахусус хоҳарону модарони азизро ба ин санаи муҳим табрик гуфта, барояшон аз даргоҳи Худованди карим умри дароз, саломатӣ, барори кор ва хушбахтӣ орзӯмандам.

## БОБИ II

## ШАҲИДОНИ  РОҲИ  ХУДО

«Онҳоеро, ки дар роҳи Худо кушта мешаванд, мурда махонед онҳо зиндаанд ва шумо дарнамеёбед».

(Сураи Бақара, ояи 154)

«Мурда гумон макун, касонеро ки кушта шудаанд дар роҳи Худо, балки зиндаанд назди Парвардигори хеш ва рӯзӣ дода мешаванд».

(Сураи Оли Умрон, ояи 129)

«Ҳар кас таърихи зиндагонии мӯъминеро бинигорад, гӯё ӯро зинда намудааст»

(Ҳадиси Паёмбари Ислом (с)

*Лабханди ӯ гули лаббайк буд*
(Ёде аз шаҳид Қорӣ Муҳаммадҷон)

Аз миёни дуди кабуди хотираҳо чеҳраи гарм, нурбор ва меҳрубони Қорӣ Муҳаммадҷон ба сӯи ман лабханд мезанад. *Лабханди осмонӣ, лабханди бишкастану пайвастан. Лабханде*, ки чун тиловати Қуръони маҷид ва чун дуъои хайр дилнишин аст. Вақте аз ӯ ёд меорам, овози парастуҳоро дар зеҳнам ҳис мекунам. Вақте аз ӯ ёд мекунам, аз ишқ, аз имон мехоҳам ҳарф бизанам.
Вақте аз ӯ ёд мекунам, холӣ аз худ мешавам ва пур аз ҳақиқат. Аз қайди дунёи дун берун мешавам, ёдам диламро кибриёӣ мекунад. *Аз лабханди авлиёии мисли* андӯҳи дарё неку зебо хотирам шукуфабор мешавад. Саломи сабзи обҳоро мешунавам… *Дили сахтгирифтаам аз атри ҳавои лабханди осмонӣ* тоза мешавад. Касе дар ман аз шаҳид Қорӣ Муҳаммадҷони Муҳиддин ҳикоят мекунад ва ман гӯш ба ҳикояти ӯ медиҳам. Ин марди баландназар кӯдакона ошиқ буд. Кӯдакона дӯст медошт. Чашмҳояш достони васл буду дастҳои намозиаш достони ғурбат. Чӣ шокир буду чӣ қодир… *Лабханди зебояш гули лаббайк* буд, ки мо надонистем.
Маънии гулбонги қаду қомати намози ишқро аз ӯ фаҳмидем. Ӯ тафсири намози шаб буду чилланишини хонақоҳи тариқат. Қорӣ Муҳаммадҷон барои худ ҳаргиз гиря накард. Вале барои Ватан, барои Тоҷикистон, барои миллати садпорааш чӣ талх гиристу гирист… Дар замин як осмон дарди хуфта дошт. Садҳо захми найзаҳои ҷаҳл бар шонаи имон…
Тасбеҳи ёди ӯ дар ҳавои маҳолуди шаб маро пур аз ишқ мекунад. Сукутамро садои ёди ӯ мешиканад. Каромоти ишқро ба чашмони хеш мебинам… Эй дасти боронӣ, номи ӯро дар шерозаи сабзи баҳор гулдӯзӣ кун. Эй бод, хутбаҳои доғашро барои дарахтон бихону бихон. Эй насими ҷангалҳо, сураҳои ёдашро бароям тиловат кун. Чӣ марде буд, чӣ марди солоре. Ҳар чӣ ғам дошт,

дар худ ғарқ мекард. Ҳар чӣ аз шодӣ дошт, тақсим… Ғам ӯро мебалъид, вале ӯ гули лабханд мекошт. Ба рӯи марг механдид, ошиқона механдид. Пилтаи доғе буд дар фонуси ғамҳои Ватан. Як қатра ашки ятим ӯро об мекард, ӯ тафсири зиндаи дастҳои сабз буд… Ҳар субҳ пеш аз ҳама саломи сабзи обҳоро посух мегуфт. Мисли сарвҳо қиём  мекард. Мисли обшор ба саҷда мерафт… Дар ин қаҳтии рӯйидан ба мо аз худ рӯйиданро омӯхт. Дар ин қаҳтии бишкуфтан моро дарси шукуфтан омӯхт… Дар дили шабҳо намози ғурбат мехонд. Бӯса ба ҷонамози гул мезад. Бо гули лабханд дили шикаста ва чашмони ғамзадаашро мепӯшид…

Аммо имрӯз иксири хотираҳояш ҳарфҳои хокиамро зар мекунад. Хуш бод ёди шӯридасари ошиқ! Машриқи табассумаш пур аз катибаи баҳор буд. Бар лолаҳо нисбате дошт, зеро сарои доғ  буду андӯҳ. Ман бар он боварам, дар намози ҷанозааш фариштаҳо низ ҳозир буданд. Тобуташ вақте дӯш бар дӯш мерафт, фариштаҳо тобуташро тавоф мекарданд ва ёрон барои гусел омада будем, фариштаҳо барои истиқболи ӯ. Зеро Қорӣ Муҳаммадҷони шаҳид тимсоли покӣ ва имон буд. Намунае буд аз мусалмонӣ ва бародариву ҷавонмардиву озодагӣ. Чеҳраи нурбор, пайкари баланд ва маҳками шаҳид Қорӣ Муҳаммадҷон маро ба ёди ҳазрати Амирҳамза - диловари Ислом мебурд. Ҳарду шабоҳатҳое ба ҳам доштанд. Шикастанафсӣ, паҳлавонӣ, диловарӣ, ҷавонмардии ҳазрати Амирҳамзаро Қорӣ Муҳаммадҷон дар худ такрор мекард. Ҳикоят мекунанд ҳазрати Амирҳамза дар овони ҷавонӣ қабл аз ислом, ҳар гоҳ набард мерафт, кӯлаҳхӯд ва зиреҳ бар тан мепӯшид ва сипар барои дифоъи худ мегирифт. Чун Ислом  овард ва дигар ҷавонӣ ҳам надошт, ҳар гоҳ набард мерафт, танҳо як шамшер мебардошт. Ӯро гуфтанд: «Ҳини ҷавонӣ вақте набард мерафтӣ, кулоҳхӯду зиреҳ мепӯшидӣ ва сипар барои дифоъи хеш мегирифтӣ. Ҳоло ки ҷавон ҳам нестӣ, вақте набард меравӣ танҳо як шамшер бо худ мегирӣ.» Ҳазрати Амир Ҳамза дар посух гуфт: «Дар ҷавонӣ чун набард мерафтам, бар истиқболи марг мерафтам. Ҳоло бошад, ба истиқболи зиндагӣ ба дидори дӯст меравам. Сипаре дорам аз ишқ ва зиреҳе дорам аз имон».

Оре, шаҳид Қорӣ Муҳаммадҷон ҳам аз ҳамин қабилаи мардони роҳи Худо  буд. Чунин ба дидори дӯст рафт. Сипараш ишқ буду зиреҳаш имон. Касе бовар надошт, ки чунин бесаброна ва ошиқона ба дидори дӯст меравад. Ҷода мемонад ва дарахтҳои сӯгвор аз пушти ӯ…

Кӯлборе аз ишқ басту ба дидори дӯст рафт. Дар ойина ба тамошо нанишаст, балки дар ойинаҳо рафт,  ойинае шуд дар ойинаҳо…

Муҳаммадалии Аҷамӣ

Ҳаргиз намирад, он ки дилаш зинда шуд ба Ишқ

ОҒОЗ

Мулло Абдуллоҳи Хитоб. Ин ном аз охири солҳои ҳафтодум то ба имрӯз дар байни донишмандони улуми исломӣ, доираҳои илмӣ, толибилмон ва умуман мухлисону ҳаводорони илму маърифат шӯҳрат пайдо кардааст. Бисёр ҷавонони толибилм дар назди он кас таълиму тарбия гирифта, ба камол расидаанд. Худи камина борҳо аз забони бародарам, ки яке аз дӯстони наздики шодравон буданд, дар бораи фазилатҳои он кас нақлҳо шунида будам. Вале бо таассуф қайд кунам, ки мулоқоту дидор бо ин шахсияти маъруфи исломии кишварамон боре ҳам ба ман иттифоқ наафтод...

Мулло Абдуллоҳи Хитоб мутахаллис ба мулло Абдуллоҳи Хурдӣ дар айёми шубоби зиндагонӣ ҷоми шаҳодат нӯш карду моро ва ин ҷаҳони фониро падруд гуфту ба раҳмати худовандӣ пайваст. Суоле маро ҳамеша ором намегузорад, чаро ҷавонмардони роҳи Ҳақ ҳамеша ғурамаргу ҷавонмарганд. Чаро Худованд тақдириононро, ки бо тамоми ҳастӣ дӯсташ медоранд, чунин муайян кардааст? Оё умри кӯтоҳу пурбаракати онҳо шабеҳи шамъ нест, ки худафрузӣ мекунанд, обу адо мешаванд, то манзиле, роҳе, ҷодаеро равшан созанд? Шояд ҳикматаш дар ҳамин бошад? Шояд... Барои андаке ҳам пай бурдан ба рози ин ҳикмати илоҳӣ, рӯй меорам ба суннати аҷдодӣ, яъне рамзкушоӣ бо девони ашъори бузургон, бавижа Хоҷа Ҳофизи лисонулғайб. Вале ман ин дафъа бо девони алломаи бузурги олами Ислом Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ рамзкушоӣ карданиам. Ба ёди шаҳид мулло Абдуллоҳи Хурдӣ китоби «Куллиёти форси»-и шоирро мекушоям ва ба саҳифаи рости ӯ менигарам ва мехонам:

Саҳар мегуфт, булбул боғбонро:
«Дар ин гил, ҷуз ниҳоли ғам нагирад.
Ба пирӣ мерасад, хори биёбон,
Вале гул чун ҷавон гардад, бимирад».

Оре, шоир хеле хуб гуфт, ки нокасон чун хори биёбон солҳо умр мебинанд, вале накӯкорон чун гулҳои хушнакҳату бӯ, ки оламро зебоиву таровват мебахшанд, тез хазон мегарданд. Боз ба ёди шаҳид, саҳфаеро аз девони мазкур мекушоям. Гӯё мутаффакири бузург азму талош, набарду муборизаи шодравонро дар роҳи хушбахтии мардуми мусалмон бароям бо забони шеър богӯӣ мекунад:

Ба баҳри хеш чу мавҷе тапидам,
Тапидам, то ба тӯфоне расидам.
Дигар ранге аз он хуштар надидам,
Ба хуни хеш тасвираш кашидам.

Дар ҳақиқат шодравон мулло Абдуллоҳи Хурдӣ дар баҳри зиндагонӣ чу мавҷи беқарор метапиду, чун чароғи лола дар хиёбони ҷавонони мусалмони диёрамон месӯхту месохт, то ки роҳи ояндагонро рӯшан созад. Умри ҷавони худро сарфи муборизаҳо ва талошҳо карду дар ин роҳ ҷавонмардона ва содиқона бодаи шаҳодатро ошомид ва муқарраби даргоҳи Худованд гардид...

Аз рӯи таомул бори сеюм даст ба сӯи девон мебарам, то бидонам, ки алломаи шаҳир дар ин маврид чӣ мегӯяд ва ин рози ниҳониро чӣ гуна бо забони шоирона тавзеҳ медиҳад.:

Напиндорӣ, ки марди имтиҳон мурд,
Намирад, гарчӣ зери осмон мурд.
Туро шоён чунин марг аст, варна
Зи ҳар марге, ки хоҳӣ метавон мурд.

Бале, шаҳиди роҳи Ҳудо мулло Абдуллоҳи Хурдӣ бо дили саршор аз имону эътиқод ба Худованд, ҷустуҷӯву такопӯ ва азму талоши худ, дар овони ҷавонӣ ба дараҷаи олими тавонои улуми динӣ ва чун сиёсатмадору сиёсатшиноси варзида ба камол расид.

ЗИКРИ ХАЙР

Аз дафтари хотироти хоҳари шодравон Оростамоҳ:

«Бародарам Абдуллоҳи Хитоб, ки номи аслиаш Абдураҳмон буд, соли 1958 дар деҳаи Ҷӯибодоми ноҳияи Ленин дар оилаи деҳқони асил чашм ба олами ҳастӣ кушодааст. Падари бузургворамон Додихудо кишоварзи хуб ва шахси дар роҳи Ислом устувор, ҳалолкор ва ботақво буд. Аз чаҳордаҳ

нафар фарзанде, ки аз як падару модар ба дунё омада будем, ҳамагӣ чор нафар боқӣ мондем: камина, яъне Оростамоҳ, Ҳуснбону, Абдураҳмон (мулло Абдуллоҳи Хурдӣ) ва Мирҳусайн...
Дар бораи бародари шаҳидам ёд кардан бароям басе гарон аст. Аз овони хурдӣ шахсе буд хушмуомила, хушгуфтору хушрафтор, бофарҳангу беозор ва умуман дорои хислатҳои хуби инсонӣ. Хонданро аз синни ҳафтсолагӣ шурӯъ карда буд. Аввал дар назди падарам улуми ибтидоии диниро фаро гирифт. Сипас дар назди писари тағоям домулло Шомаҳмад таҳсили худро давом дод. Қайд кардан месазад, ки бародари шодравонам бисёр завқи баланди омӯзиш аз айёми хурдӣ дошт. Ҳамин ишқу муҳаббати беандозаи илму дониш буд, ки ӯ ба назди домулло Қиёмиддин аз деҳаи Қалъача барои такмили илуми исломӣ рафт. Баъд аз ин омӯзишро дар назди мулло Сайидумрони Заргарӣ давом дод. Сипас ба шаҳри Душанбе омад ва дар назди домулло Эшонҷон ва Маҳдуми Убайдуллоҳ ва билохира дар пеши устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ маърифати улуми илоҳиро қавитар гардонид ва чун олими маъруфу шинохтаи улуми исломӣ ба камол расид. Дар бораи хидматҳои бародарам чизе намегӯям, зеро ба ҳамагон маълум аст. Танҳо ҳаминро гуфтаниам, вақте ки падару модарам дастгир ва шаҳид шудани писарашонро шуниданд, бистарӣ гардиданд. Ин зарбаи сахте буд, ки қалби онҳоро шикофт, бо ҳамин дард, бо ҳамин алам онҳо олами фониро падруд гуфтанд. Аҳли ойила бо марги бародари азизам аз падару модарамон низ маҳрум мондем. Чӣ чора кунем, тақдири Худо ҳамин будаст. Ман афсӯс мехӯрам, ки бародарам дар айни ҷавонӣ ва хубии умраш ҷавонмарг шуд, вале боз ифтихор дорам, ки акаи меҳрубони мо бо дараҷаи шаҳодат ба даргоҳи Худо рафт...”

Аз ёдҳо, азёдҳо

Қобили зикр аст, ки шодравон мулло Абдуллоҳи Хурдӣ на танҳо дар густариши ақоиди исломӣ, таълиму тарбияи шогирдон, балки чун яке аз собиқадорон, фаъолон ва роҳбарони ҲНИТ дар пешбурди фаъолияти ин ҷунбиши сиёсии исломӣ низ нақши босазо дорад. Мулло Абдуллоҳи Калонӣ, яъне устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ роҷеъ ба мақому манзалати шодгирди рашиди худ - мулло Абдуллоҳи Хурдӣ чунин изҳори назар менамоянд :
«Ба номи Худованди бахшояндаи меҳрубон. Худованди бузург фармудааст: «Аз ҷумлаи мӯъминон касоне ҳастанд, ки дар он аҳду паймоне, ки бо Худо карда буданд, содиқона истоданд, баъзеи аз онҳо вазифаи худро анҷом дода рафтанд ва баъзеи дигар мунтазир ҳастанд». Воқеъан, Абдуллоҳи Хитоб маъруф бо тахаллуси Абдуллоҳи Хурдӣ бо Худо аҳду паймони дуруст доштанд ва дар он аҳду паймонашон содиқ монданд ва вазифаву масъулияте, ки аз ҷониби Худо барояшон дода шуда буд, онро бошарафона анҷом дода, рафтанд. Шодравон Абдуллоҳи Хитоб фазилатҳои зиёде доштанд. Бесабаб набуд, ки ӯро Абдуллоҳи Хурдӣ тахаллус гузошта буданд, ин нишонаи фазилати ӯст. Зеро дар он вақт як мулло Абдуллоҳе буд, ки дар як мақоме ҷойгоҳи худро дошту касб карда буд, бинобар ин азбаски он кас низ номаш мулло Абдуллоҳ буд ва ӯ низ ҷойгоҳи худро дар байни уламои исломӣ, шогирдоне, ки толиби улуми динӣ буданд, дошт, гоҳҳо иштибоҳ меафтод. Дар ҳақиқат кору фаъолияташ, илму фазилаташ то дараҷае расида буд, ки ба устоди худаш хеле наздик рафта буд, аз ин рӯ мардум маҷбур шуданд, ки ӯро мулло Абдуллоҳи Хурдӣ ном бубаранд, ки байни ишон фарқ гузошта шавад. Фазилатгузории мардум ҳам, бемаъно ва беҳикмат нест. Ин воқеъият дорад. Масалан, бо як дастуру қарор ба касе фазилату обрӯ медиҳанд, ки ин пойдор нест, як чизи муваққатӣ аст, сохта аст ва ба ҳамон шахсият намечаспад. Як симату обрӯе, ки мардум ба ин ё он шахсият медиҳад, табиъӣ, арзандаву муносиб аст ва ҳеҷ вақт аз он кас дур намешавад. Барои ман воқеъан, мулло Абдуллоҳи Хурдӣ ба манзалаи як фарзанд, як бародар буд. Хеле серзеҳн буд, ман ҳамчун устод метавонам, ӯро мадҳу ситоишаш кунам, ки зеро барои устод пеш аз ҳама зеҳни шогирдаш муҳим аст. Он кас дар ҳақиқат дарсҳоро, масъалаҳои душворро хеле хуб дарк мекард. Мутолиаи китобҳои арабӣ, адабиёти араб, тафсиру ҳадис, сарфу наҳв, маъонӣ, мантиқаш дар сатҳи олӣ буду аз шогирдони пешқадам ва рашиди мо ба шумор мерафт.
Вақте ҷунбиши ислоҳотхоҳии исломӣ шурӯъ шуд, мавсуф яке аз собиқадорони ин ҳаракат буд ва хидматҳои сазоворе барои амалӣ гардидани ҳадафҳои он анҷом дод. Дар танзими пинҳоние, ки мо ташкил дода будем, масъулияти бахши таълиму тарбияро бар ӯҳда дошт. Дар ин соҳаи муҳим хеле

навгониҳо ва дигаргуниҳо ворид карда шуданд, ки ташаббускори асосии ин иқдомоти наҷиб шодравон мулло Абдуллоҳи Хитоб буданд. Бо ҳамроҳи чанд нафар бародарон китоби «Заруриёти диния»-ро таълиф кард, ки ҳоло ҳам маълуму мақбул аст ва толибилмон аз он асосҳои ибтидоии дини мубини Исломро меомӯзанд. Дар он китоб ашъори эшони Имомиддини Ғозӣ ва дигар шоирон мавриди истифода қарор гирифтааст, вале заҳмати асосии таълиф ва тадвини китобро мулло Абдуллоҳи Хурдӣ ба дӯш дошт.
Шодравон бо вуҷуди ҷавон буданаш шогирдони хеле зиёд дошт, ки ҳатто дар охир баъзан аксарият шогирдони камина ҳам, дар ягон соҳа ба сатҳи баланд расида буданд, метавон гуфт, ки чизе мехостанд аз ман бигиранд, аз он кас гирифта метавонистанд. Яъне дигар онҳо эҳтиёҷ надоштанд, ки ба ноҳияи Вахш пеши камина барои ҳаллу фасл ва донистани масъалаҳои душвор бираванд, балки омада аз мулло Абдуллоҳи Хурдӣ мепурсиданд ва посухи суолҳояшонро дарёфт мекарданд. Ба қавли мардум: «Турфа шогирде, ки дар ҳайрат кунад устодро". Дар ҳақиқат мулло Абдуллоҳи Хурдӣ шогирди болаёқати мо ва ба дараҷаи устодӣ расида буд.
Шодравон аз ҷиҳати ахлоқӣ хислатҳои хубу ҳамида доштанд. Бисёр шахси ботаҳаммул, ботамкин, хоксору ботавозӯъ ва хеле ором буд, бисёр сабру матонат дошт ва шогирдони зиёдеро тарбия карда, ба камол расонид. Кам истироҳат мекарду бештар мутолиа менамуду ба толибилмон таълим медод. Воқеъан, агарчӣ шогирд буд, вале дар муддати хеле кӯтоҳ бо донишу фазилати худ аз ҷониби уламои кишварамон эътироф гардид ва сазовори унвони устодӣ шуд. Дигарон ӯро чун донишманди варзида, шахсияти донову бофазилат, қабул ва эътирофаш доштанд.
Мулло Абдуллоҳи Хурдӣ суханвари тавоно буд, нутқи фасеҳ дошт ва хулоса аз ҳама ҷиҳат чун як олими варзида ба камол расида буд. Вақте, ки ҳаракати сиёсӣ исломӣ, яъне ҲНИТ ба таври расмӣ ба фаъолият шурӯъ кард, мулло Абдуллоҳи Хитоб ҷонишини устод Муҳаммадшариф Ҳимматзода-раиси ҲНИТ буданд ва яке аз шахсиятҳои наздики ишон ба ҳисоб мерафтанд ва корҳои зиёди ҳизбиро ба ҷо меоварданд. Тавре Шайх Саъдии бузургвор фармудааст:

Васфи туро гар кунад, в-ар накунад аҳли фазл,
Ҳоҷати машшота нест рӯи дилоромро.

Дигар ҳоҷати васф ва таърифи ман нест. Агар як шахс тамоми фазилатҳоро таҷассум кунад, дигар ӯ одами индунёӣ нест, яъне ӯ ба даргоҳи Худованд муносибу муқарраб мешавад. Яздони пок ҳамин хел шахсиятҳои бузургро зуд ба наздаш мехонад. Барои як мусалмон беҳтарин мақом мақбул шудан назди даргоҳи илоҳӣ аст. Шодравон мулло Абдуллоҳи Хурдӣ дар давоми умри ҷавониаш яке аз муқаррабони дарбори илоҳӣ шуд, ки Худованди бузург барояш мақоми баланди шаҳодатро арзонӣ бидорад. Аз ин ҷо фаҳмида мешавад, ки ӯ дар муддати умри кӯтоҳаш хеле корҳои бузургеро анҷом додааст. Имрӯз аз он кас садҳо шогирдон боқӣ мондаанд, ки онҳо нишонае аз устоди худ ҳастанд ва кору фаъолияти наҷиби он касро бошарафона идома медиҳанд.
Бояд бигӯям, ки агар китоби «Заруриёти диния»-ро варақ бизанед, хусусан муқаддимаи онро, ки барои омӯзгороне, ки ҳамин китобро дарс медиҳанд, навишта шудааст, бихонед, навовар ва ислоҳхоҳ будани Абдуллоҳи Хитобро дар ҷодаи таълими улуми исломӣ равшан дида метавонед. Ҳамчунин як хислати дигараш огоҳии комил доштани ӯ дар соҳаи сиёсат буд. Масалан, таҳлилҳои вай дар масъалаҳои байналмилалӣ хеле хубу санҷидашуда буданд. Дар раъйзанӣ шахсияти варзидаи мустақил буд. Яъне шахсе набуд, ки касе чизе бигӯяд, ӯ ҳақ аст, ботил аст, қабулаш дошта бошад. Мустақилияти фикрӣ дошт, ба афкору андешаи мо сарвати нав, нуктаҳои наву тоза зам мекард, онҳоро афзун ва ғанӣ мегардонд. Ӯ ҳамеша фикри ҷадиди мустақил дошт, андешаҳояш амиқу дурандешона буданд ва аз фаросату фазилаташ гувоҳӣ медоданд. Ман фикр мекунам, ки ҳамаи хислатҳои хубу ҳамидааш, имону эътиқодаш ба Худо ва хидматҳояш дар роҳи дини мубини Ислом барои беҳбуду хушбахтии мардум боис шуданд, ки дигар Худованд ӯро талаб карду ба даргоҳаш бурд.
Воқеъан, фарзанди шодравон, шаҳид мулло Абдуллоҳи Хурдӣ - Зиёулҳақро мо дар назди худ нигоҳ доштем, ки бесабаб нест. Зеро ман дар симои ҳофизи Қуръон - Зиёулҳақ фарзанди маънавии худ Абдуллоҳи Хурдиро мебинам. Дар ҳақиқат аз дидани ин кас ёде аз шогирди рашиди худ, ки ба дараҷаи устодӣ расида буд, мекунам, вайро ба хотир меорам. Ва ҳамчунин Зиёулҳақ чун пули

иртибот байни мо ва аҳли оилаи онҳо аст, ки мо мутаассифона, то ба ҳол натавонистем, хидматеро ки лозиму лоиқ аст, барои хонаводаи шодравон мулло Абдуллоҳи Хитоб анҷом бидиҳем. Ва ба ҳар ҳол ба қадри имкон ва тавоноӣ мекӯшем, ки тавассути ин кас як хидматҳои ночизеро барои аҳли оилаи марҳум, наздиконаш, пайвандонаш ба ҷо биоварем».

АНҶОМ

Чуноне устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ қайд карданд, шодравон Абдуллоҳи Хурдӣ ё Хитоб дар натиҷаи кӯшишу ғайрат, ақли расои фитрӣ, заҳматписандӣ ва илму донишдӯстӣ дар муддати умри кӯтоҳу бобаракаташ дар байни аҳли уламо ва мардуми мусалмони кишварамон чун як олими комилу варзида, донишманди пурдон ва шахсияти бофазлу ботақво шинохта шуда буд. Мутаассифона, нахли умри ҷавони ӯро нокасон номардона буриданд ва аз ин рӯ ба назарам ҷойгоҳ ва мақоми ишон дар байни уламои исломии диёрамон холист. Аз ҷониби дигар боиси ифтихор ва сарфарозист, ки шаҳид мулло Абдуллоҳи Хурдӣ чун шахси содиқ ва боимон дар роҳи Худо ва дини мубини Ислом, дифоъ аз ҳуқуқу манфиатҳои мусалмонон ҷуръаи шаҳодат нӯшид ва аз худ осори гаронбаҳои зиёде: шогирдону дӯстон, фарзандон, китобу таълифоти пурарзише ба ёдгор гузошту чун тире аз камон рафт. Агарчӣ ӯ ҷисман дар байни мо нест, рӯҳан дар олами малакутӣ зиндаву ҷовид аст ва корномаи ӯ дар солномаи таърихи миллатамон сабт гардидааст. Зеро ба қавли шоир:

Ҳаргиз намирад он ки дилаш зинда шуд ба Ишқ,
Сабт аст бар ҷаридаи олам давоми мо.

Як каф дуъои хайр

Дар қадамроҳи орзӯҳои дар нимароҳмондаи яке аз фарзандони дилсӯзи диёрамон, аввалин раиси шӯъбаи ҲНИТ дар собиқ вилояти Кӯлоб шодравон Муҳаммадлоиқ, ки қурбони ҷаҳолат гашт ва ба шаҳодат расид

Андешаҳои имрӯз думболи орзӯҳои амалинагаштаи ту ба парвоз меоянду дар айни авҷи камолоти парвоз ях мебандад болу парам. Кай мо ба қадри беҳтарин фарзандони диёрамон мерасем?

«Баъди мурданашон»- мерасад аз дуриҳои дур ҷавоб, вале ман онро қабул кардан намехоҳам. Муноҷоти шоири ширинбаёну дардошно Муҳаммад Ғоиб ба имдодам мерасад:

Мурда бесоҳиб намонад, зиндаро соҳиб шавад,
Зиндаи дорандаи ояндаро соҳиб шавад.

Ба ҳар ҳол ҳиммати ҷавонмардонаи туро дар он рӯзҳои даҳшатбори ба сари халқу диёр омада ба хотир оварда, аз номи ҳамзабонони ҳамдину мазҳаби кишвари кулфатзадаат узр пурсиданиам. Намедонам, ки ин бахшиши бадтар аз гуноҳи ман чӣ медиҳад, аммо боварии комил дорам, ҳазорҳо шоҳидони он лаҳзае, ки номарде, одамкаҳаке туро пешандози силоҳи оташфишон ба байни анбӯҳ ворид сохту сари баланди туро нишон гирифта, аз издиҳом пурсид:

« - Чӣ кор кунам ин хоинро?!

Бале, айнан ҳамин тавр пурсид ва ҷавоби мувофиқи табъашро низ шунид:

- Парронедаш!

Дару девори замину замон ба ларза омад. Аммо гӯши мо атрофиён вазнинтар гашт, гӯё ба майнаамон сурби гудохта рехтанд, баробари вориди майдони даҳшат сохтани ту …

Ман, ки аз зиндагии туву атрофат то андозае бохабар будаму мақсадҳои некатро ҳам медонистам, аз ақл бегона гаштам. Ба ҷои он ки ба ҳимоят бархезам, гурехтам аз даҳшати рӯйи коромада, паноҳ бурдам ба хилвати торике. Бехабар аз он ки ҷаҳолати бологирифта моро дар ҳама кунҷу канор дармеёбаду дар танҳоӣ ва алоҳидагӣ зудтар ва сабуку осонтар месозад. Охир, ту ки танҳо ва танҳо ба хотири бедории миллат, ободии диёр, озодии бародарони ҳамхуну ҳамзабони роҳгумат ба майдон баромада будиву чунин рӯзи сиёҳро ба сарат оварданд, мо чӣ қиммату арзише дорем? Аммо чӣ чора, ки замин сахту осмон баланд, на зери замин даромада метавонаму на ба осмон баромада. Аз ҳама даҳшаташ аз мост, ки бар мост.

Бо васвасаи чанд савдоии ба ҷоҳу ҷалол гирифторшуда аз кӯдаки ширхора то пири по ба лаби гӯр вориди майдони сиёсӣ гаштем ва сиёсатмадорони асосиро ба танг оварда, аз мавқеъи хеш берунашон сохтем. Мо фарзандони овозадори миллати олинажод мушкилоти дохилихудиро ба кӯргиреҳ кашидем ва роҳи ҳаллашро ба корду камон андохтем. Аввалин қурбониҳо беҳтарин ва накӯтарин фарзандони диёр чун ту буданд.

Ёдам меояд, вақте ки мамлакат дучори сахти бӯҳрони иқтисодиву ахлоқӣ ва сиёсӣ гашт, ту яке аз аввалинҳо шуда мардумро ҳушдор доданӣ шудӣ.

- Мо фарзандони мусалмононро танҳо дини мубини Ислом аз вартаи ҳалокат раҳонда метавонад, - гуфтӣ ва масъала гузоштӣ, ки вобаста ба шароити имрӯзаи олам ҳизби сиёсии диниро дастгирӣ мебояд.

Камбағал худ шахси раҳгум аст ва ӯро ҳар кас ба ҳар роҳе хоҳад фанду фиреб медиҳад. Бадбахтии камбағалӣ дар он аст, ки бар ҷаҳолат наздик аст. Барои ҳамин бечораву бенаво гумон дорад, ки зиндагӣ бе дасти зӯр пеш намеравад. Ҳамин аст, ки бештар аз ҳамаи табақаҳои аҳолӣ камбағалон майл ба сохти ғуломдорӣ мекунанд ва аз озодӣ метарсанд. Озодӣ дар ҳақиқат барои он гурӯҳ даҳшат аст, зеро онҳо мустақил буда наметавонанд, яъне онҳо бо корфармо одат кардаанд ва сарчашмаи зиндагиашонро бе роҳбарии дигарон тасаввур карда наметавонанд. Ана, маҳз ҳамин касифӣ сабаби раҳгумӣ ва бадбахтиҳои гӯшношуниди мо гашт, чунки навад дар сади аҳолии кишварамон камбағалу нодор ва муфлису бечора буд. Вақте ба онҳо гуфтанд, ки исломиҳо шуморо роҳгум месозанд , демократия ҳамаи дороиятонро кашида мегирад, бовар карданд. Чунки ҳафтод сол мардумро дар рӯҳияи бадбинӣ нисбати сармоя тарбия карда омада буданд ва онҳо наметавонистанд, ки ба ҳақиқат сарфаҳм раванд. Барои ҳамин чор шахси нисбатан доро, ки ба ҳақиқат сарфаҳм рафтанду туро тарафдорӣ ва дастгирӣ карданд, душман эълон шуданду молу маводашонро мусодира карданд ё ғорат ва ё оташ заданд.

Ман бо овардани далелҳои боло худ ва атрофиёнамро дар назди рӯҳи ту софу беайб сохтанӣ нестам, балки ҳақиқати рухдодаро исбот карданиам, ки мо, бале, худи мо бояд даҳшати ба сари худ овардаамонро дарк кунему ояндаи фазандонамонро андеша намоем.

Албатта, замони шӯравӣ сабукиҳои зиёдеро ҳам дошт, ки дили ҳамагонро бурда буд ва то ҳол онро ба ёд оварда афсус мехӯрему бозгашташро орзӯ мекунем. Аммо ҳамаи сарчашмаҳои бадбахтии

насли моро асос ҳамон давру замон буданашро қабул карда наметавонем. Ҳол он ки маҳз ҳамон замони «тиллоӣ» пошандаи тухми низоъҳо ва кудурату хусумати байни қавмҳову миллатҳо буд ва оқибат ба хун оғушта кард нисфи оламу одамро, чунки пояаш бо хун бунёд ёфта буду ниҳоят бо хун шуста шуд. Аммо даҳшаташ дар он аст, ки ҷурму азобашро мо кашидем. Азобу шиканҷа ва аз ҳама бадбахтӣ бадномиаш ба сари насли мо рехт. Борҳо исбот шудааст, ки насли замони гузариш, насли раҳгуму бадбахт аст. Аммо то ба ин дараҷа насли моро ҳеҷ кас чашмдор набуд. Кӣ гумон мекард, ки бародар барои гуноҳи ким кадом як шахси дигар гулӯи бародари худро медарад, шиками хоҳари хешро чок мекунад ва хуни фарзандашро мерезад. Ин болотар аз пиндошти ҳатто аҳриманҳо буд. Ҳамаи инро мехоҳам аз лавҳи хотирам хат бизанам ва достони «Хиради бемислу монанд ва фарҳанги олии гузаштагонамон»-ро давом диҳам, аммо ақлам тира мегардаду дар худ раҳгум мезанам: кадом хирад, кадом фарҳанги олӣ? Ғазали оламгири Одамшуъаро, устод Рӯдакӣ ба ёдам меояд, ки ӯро барои амалаш ҳамзабонони нотавонаш кӯр сохтанд, ба чашмаш мил кашиданд, то дигар олами рӯшанро набинад, Синои оламгирро аз хонаву дараш маҳрум карданд, дар ба дар гардонданд, муаллифи «Шоҳнома»-и бузургро дар сари пирӣ гуреза намуданд, булбули Хуҷанд Хоҷа Камоли ширинсуханро ғарибгӯр сохтанд, Ҳилолиро сангсор кар-данд… Дирӯз ҳамдиёрон Нақибхон Туғралро тирборон намуданд. Наход ҳамин бошад хираду фарҳанги олии мо?
Ҳамаи инро душманони миллатамон кардаанд, таскин медиҳад маро зиёие. Кадом душман, аз куҷо омад ӯ, ки дар ғафлат мондем? Не, душмантарошиҳои мо худфиребиҳои рӯирост аст. Дигарон карда бошанд, ҳам бо дасти худи мо кардаанд...
Ва ин амалҳои мо ҳазорсолаҳо давом дорад, вале мо ҳеҷ сабақ намебардорем. Баръакс рӯз то рӯз аз асолати хеш дуртару дуртар гашта истодаем, ҷавҳари одаму одамгариро аз даст додаем. Як рӯз моро ба муқобили олимону шоиронамон мешӯронанд, рӯзи дигар ба муқобили сиёсатмадоронамон ва рӯзи саввум ба муқобили ҳамсояву ҳамдеҳаву ҳаммузофотамон … Барои ҳамин мо хатлию бадахшию фарғонию бохтарию кӯлобию ғармию ҳоитию ҳисорию зарафшонию … ю … юем, на тоҷик, на мусулмон! Ва дар алоҳидагӣ маҳв мегардем ё чун ту танҳо дар миёни анбӯҳ!

Ту мардумро ба муттаҳидӣ ва эҷод, ба ободиву озодӣ мехондӣ, аммо ба пешониат тамғаи душмани миллат заданду пешандози «калашников» ба назди анбӯҳи ҳамзабонони ҳамдиёрат баровարданд, лекин ақаллан як нафаре ёфт нашуд, ки овоз рӯшан кунад, забон кушояду ҳақиқатро гӯяд, ки эй мардуми соддаву фиребхӯрда, ба худ биёед, ки ин ибтидои ғуломгардонии навбатии шумост. Охир, ин ҷавонмарди пеш аз мӯҳлат сарсафедгашта маҳз ба хотири халқу миллат, дину мазҳаб майдон хоста буд ва бояд ӯро муҳофизат кунем. Вале афсӯс сад афсӯс, ки ҳама ҷони азизи худро аз ҳама азизу боло дошту ба рӯи ҳақиқати кулл по гузошт ва мо сар то сар поймол гаштем. Шаш соли бутун хуни ноҳақ сар то сари диёри моро гулгун сохт, рӯдҳои кишварамон хуноба шуданд, кӯҳу пуштаро мурда гирифт, деҳаҳои бутун холӣ гаштанд, сангу чӯби диёр ба фиғон омад. Аммо ҷаҳли бародарони ақлбохтаи ту ҳеҷ поён намеёфт, баръакс ҳар рӯз иғвои наве эҷод шудан дошт ва бародарон аз таъқиби якдигар дар гурез буданд. Оқибат ҳамдиёронат гӯё ғалаба карданд ва аввалин нишонаи давлатдориашон хешу таборашонро аз рӯшаниву гармӣ маҳрум гардониданд. Дар диёре, ки аз ҷиҳати захираҳои энергетикӣ дар олам нодир аст, ҳамагӣ се – чор соат барқ медиҳанду бас. Он ҳам танҳо ба хотири назарфиребист: «Хоҷам боғ дорӣ, дорам». Ана ҳамин аст хираду фарҳанги олии мо. Гумон мекунам, ки ту яке аз он хушбахтҳое ҳастӣ, ки ҳамаи ин даҳшатҳои ба сари хеш овардаи моро надидӣ, шоҳид нагаштӣ.
Имрӯз бошад мо боз қаҳрамонтарошиҳо дорем, ки корнамоиҳо нишон додему миллатро аз вартаи ҳалокат бурун кашидем. Берун кашидани халқу диёр пеш аз ҳама дар озодиву ободист, ки нишонаи он дар ҳар хонадони мо ҳувайдост. Аммо тоҷики бахтбаргашта имрӯз муздури дари хонаи бегонагон гашта. Ҳар сол ба ҳисоби миёна беш аз як миллион мардуми кишварамон барои ёфтани қути лоямут ба Росия сафар мекунанд, ки қувваи асосии қобили меҳнати диёрамонро ташкил менамоянд. Ҷавонмарди тоҷик, ки мушт занад, кӯҳ ба ларза меояд дар бозорҳои Росия аробакашӣ мекунад, кӯча мерӯбад, ғаждӣ тоза менамояд. Ӯро дар ҷои тозаву озода роҳ намедиҳанд, ба ӯ боварӣ

надоранд. Зеро ӯ ба бародару хоҳар ва волидони худ, ки соз нагирифт, чӣ тавр бо бегонагон ёру бародар мешавад? Бале, андешаи бегонаҳо чунин аст дар бораи мо!
Ва даҳшатҳои гӯшношуниде дунболи тоҷики бахтбаргашта эҷод шудан дорад. Моро дар кадом гузаргоҳе шиносанд, аз ҳаллоҷӣ мегузаронанд. Гӯё дар шармҷоямон ҳероин дорем. Модару хоҳар ва духтари мо дар тухмдон ба ҷои нутфа гӯё ҳероин мегардонад ва бо ин баҳона чӣ расвоие ба сари зани тоҷик омаду омада истодааст. Аз ин зиндагӣ мурдан ҳазор бор авлотар буд ва ман ба ту ҳасад мебарам акаи Муҳаммадлоиқ, ки зуд рафтиву ин рӯзи сиёҳро чун мо надидӣ...
Аз афташ Парвардигорамон фарзандони асили одамро, ки бо ҳаромию ноадолатиҳо муросо карда наметавонанд, бо мо одамакҳои бандаи нафсу чизу молу давлату сарвати бебақо баробар гаштан намемонад ва онҳоро тезтар ба даргоҳаш мехонад, то барои пасояндагон дарси ибрат шавад. Атрофиёни мо ақаллан ҳамин паҳлӯи зиндагии шаҳидонро дарк мекарданд, гумон мекунам, ки наберагону аберагони мо дар оянда хушбахт мешуданд. Охир, ин дунёи бебақои фанду фиреб ба кӣ вафо карда буд, ки ба мо кунад?
Дар қадамроҳи орзӯҳои дар нимароҳмондаи ту гом бардоштан мехостам ва ба ҳамин умед зерсарлавҳа низ гузоштам. Аммо узрномаи бадтар аз гуноҳ рӯи кор омад. Алҳол дудилаам, ки ба чоп супорам ё на? Охир, ин ғамномаи пур аз гилаву озори банда ба дарди кӣ мехӯрад ва умуман ин шабу рӯз кӣ вақти хондану мулоҳиза кардан дорад?...
«Аз ноумедиҳо басе умед аст»,- мерасад садое аз дуриҳои дур ва маро ба амалам дилгарм сохтанӣ мешавд. Қоматат дар дами марг пешандози камони номард дар лавҳи назари хотирам рӯшан мегардад, ки ба истиқболи марг ҳам мардона қадам мебардоштӣ ва китфи аз ҳама анбӯҳи атрофиён баландат намоёнтар мегашт. Кош ҳамон лаҳзаро шоҳидони дигар ҳам ба хотир биёранду ба ҳиммати ҷавонмарде, ки ба хотири озодиву ободӣ, покиву адолат ва дину мазҳаби хеш ҷонашро нисор кард, як каф дуъои хайре аз сари сидқ дареғ надоранд…
Омин!!!

Воқифи Асрор

ЭЪТИкоф дар ҳарами Ишқ

Дебоча

Бояд иқрор кард, ки навиштан худ як корест сахт, мушкил ва ҷонкоҳ. Ҳар он кӣ бо қаламу коғаз ва эҷод сару коре дорад, хубтар ва беҳтар инро мефаҳмад. Оре, навиштан корест сахту душвор. Аммо навиштан дар мавриди як марди ошиқ, марди роҳи ишқ, ҷавонмарди шаҳид боз ҳам душвортар аст. Ин ҷо бояд дигар пеши пои калимаҳо ба зону биафтӣ, аз калимоту вожаҳо таваллo бикунӣ, ки фирор накунанд. Барои ман низ чунин ҳолат пеш омад. Бояд дар бораи Ҳоҷӣ Музаффар, ки дар

роҳи истиқрори сулҳ ва оромиши Ватан ҷони ҷавони худро аз даст дода, суҳбатеро аз зиндагонии ӯ рӯи коғаз меовардам. Ва шукр мар Худойро, ки худ калимаҳову вожаҳо дасти маро гирифтанд ва дар баёни андеша ёриам расониданд, то битавонам чанд ҳарфи парешонро даври ҳам биёварам ва назри рӯҳи Ҳоҷӣ Музаффар бисозам. Марде, ки воқеъан дар барқарории сулҳу ризоияти миллӣ дар Тоҷикистони азиз саҳми боарзише гузоштааст. Ҷавонмарде, ки воқеъан сарзамини камзаминамонро, мардуми саховатпеша ва заҳматкашамонро самимона дӯст медошт. Инак, ин навиштаҳо ба хотири ҳамин марди Худост. Ҷавонмарде, ки ёди ӯ ёди Ишқ, ёди садоқат ва ёди меҳрубониҳост...

Руҷӯъ

Он рӯз офтоб таҷаллии дигаре дошт. Он рӯз субҳи ишқ ҷойнамози аҳли дилро бо сапедаи эътиқод ва имон муъаттар мекард. Он рӯз аз дуру наздик муштоқони меҳрубонӣ, иштиёқмандони муҳаббат ба зиёрати маъбади Ишқ меомаданд. Манзили шаҳид Ҳоҷӣ Музаффарро дар назар дорам. Дар он рӯз манзили ишон ҳарами Ишқ, ҳарами исор ва ҳарами миъод буд, ки ёрон ба эътикофаш меомаданд. Барои эътикоф дар ҳарами Ишқ. Дар ҳарами хотироти ишқ тавоф буду муҳаббат. Муҳаббат ба Ислом, муҳаббат ба Ватан, муҳаббат ба хонадони шаҳид ва худи шодравон Ҳоҷӣ Музаффар. Ҷавонмарде, ки атри хаёлаш, бӯи хотираҳояш ҷонҳоро навозиш медиҳад. Дарахти хушки ҳасратҳоро, ёди лабханди зебояш шукуфабор мекунад. Он рӯз ёрон, дӯстон, пайвандон ва наздикон аз пайроҳаи хотироти Ҳоҷӣ Музаффар гузаре доштанд. То ин марди дар роҳи Ҳақ содиқ ва ҷавонмарди вафодорро бори дигар бишносанд. Аз шаҳомати ӯ ишқро биомӯзанд, аз лабханди зебояш вафодориро, муҳаббатро, меҳрубониро. Аз сукут ва нигоҳаш ифтихор ба дини мубини Исломро, ифтихор ва садоқат ба Ватанро биомӯзанд. Чунин ҷавонмарде буд Ҳоҷӣ Музаффар. Ёди ӯ, садоқату шаҳомати вай ошиқонро, зоирони ишқро ба сарзамини лолаҳо, сарзамини нур, сарзамини пайвастанҳо раҳнамоӣ мекунад.. Овози ширини ӯ, ки оромиши обро дорад аз он сӯи хотираҳои сабз, сабук ба ёдҳо меояд.

Илоҳӣ, ишқ моро зеру рӯ кун,зеру рӯтар кун,
Саҳаргоҳи ҷунун ҳар қатра хунамро кабӯтар кун.
Ҳама андӯҳу доғам, бо шақоиқ нисбате дорам,
Ғуломи он шаҳидонам, маро чун лола пар-пар кун.
Чӣ ҳасратҳо, ки бишкасту чӣ ғурбатҳо, ки дар дил монд,
Диламро шустушӯе деҳ, нигоҳамро муъаттар кун.
Дигар безорам аз олам, дигар ночорам аз одам,
Шабе чун Шамси Табрезӣ, маро бепову бесар кун.
Ҳадиси лолаҳои даштро танҳо ту медонӣ,
Фурӯзон шамъи ҷони мурдаро аз барқи ханҷар кун.
Дами сӯри туро мехоҳаму шӯри туро эй Ишқ,
Ба иксири нигоҳат ҷисми хокии маро зар кун.

Ҳоҷӣ Музаффар ҳамин гуна шӯри ишқро, ҷалоли дӯстдориро, висоли муҳаббатро аз даргоҳи Худованд орзӯ мекард. Нигоҳаш аз меҳру муҳаббат ва ишқ муъаттар буд ва дил дар оби зулоли ишқ шӯста. Ҳадиси лолаҳои даштро фаҳмида буд. Ва он гуна, ки худ месуруд, дар ниҳоят шамъи ҷонашро фурӯзон кард аз барқи ишқ. Аз барқи садоқат ба Ватан, ба Тоҷикистони азиз. Дар як сухан шаҳид Ҳоҷӣ Музаффар таҷассуме буд аз ишқ, меҳрубонӣ, ҷавонмардӣ, бузургворӣ ва озодагӣ. Ростӣ, ба қавли ҳазрати Румӣ худ ӯ аз олами боло буд, ки ба боло рафт, бо ҳамон лабханди ширин ва шукуфон... Дар сафари он сӯйҳо шояд дар охирин нафасҳо бо ҳамон лабханди зебо чунин ҳам мехонд:

Тангчашмон назар ба мева кунанд,
Мо тамошокунон бистонем.

Дастҳои пур аз отифа, пур аз ҷавонмардӣ, пур аз сафову вафо барои ӯ пуле буд ба сӯи хуршедҳо, пуле буд ба сӯи осмонҳо, пуле буд барои гузаштан аз худ то он тарафҳо, ки номаш Диёри Қудсиён

аст. Ёди дастҳои меҳрубонаш ҳанӯз ҳам ошиқони Ҳақро, ошиқони покро ба сӯи осмони нур, ба сӯи меҳрубонӣ, ба сӯи шукуфоӣ, ба сӯи сулҳ ва сафо ҳидоят мекунад. Имрӯз ин ҳама аҳли дил, ки дар ҳарами ишқи ӯ ба эътикоф нишастанд, ғурбати ғарибии ӯро ситоиш мекунанд. Аммо ёди ӯ, ҳадиси вай чун офтоб баландасту рӯшан, ки тавсифи он бар мо саҳлу осон нест. Чун тинати хокиён чунин аст. Барои убур аз марзи хок мисли ӯ бояд рози парвозро донист. Рози парвози баландро...
Ба ростӣ худ бигӯ, эй марди парвозҳо, бар кадом як ситора парвоз кардӣ, ки ҳатто ба гардат нарасидем? Аз сӯҳбати аҳли дил, ки аз ту мерафт, боз ҳам донистам, ки чӣ қадар Тоҷикистонро, ин сарзамини офтобиро, ин диёри зебоӣ ва ашку оҳро дӯст медоштӣ. Чӣ қадар дилат мехост дарахти сулҳро дар Ватан шукуфабор бубинӣ. Барои сулҳу оромиш, барои ободӣ ва озодии Ватан намози шукр бигузорӣ. Орзӯи сулҳ ва оромиш, орзӯи ободии Ватанро ошиқона замзама мекардӣ, ошиқона месурудӣ. Дар намозҳо барои сулҳ ва ободии Ватан дуъо мекардӣ. Аз Худои бузург барои Ватани хеш сулҳро мехостӣ....
Ҳоҷӣ Музаффар ҳамеша хандон буд, садои хандаҳои зебояш ғамро аз дил мезудуд. Оре, марде ки дар роҳи ишқи Худо қадам бармедорад, бояд чунин бошад. Мардоне ки аз ин қабилаанд, қабилаи Ишқ фасеҳтарин достони рӯзгоранд, ки ҳаргиз кӯҳна нахоҳанд шуд. Ин мардон достоне ҳастанд барои ҳамеша. Инҳо ҳастанд, ки таърихи ишқ ҳамеша шодоб аст. Инҳо ҳастанд, ки ҳамеша достони ҷавонмардӣ тоза ва нав ҳаст.
Ҳоҷӣ Музаффар аз табори ононест, ки дар лаҳзаҳои оганда аз дилтангӣ, дар хилвати шигарф таронаҳои парвозро наҷвогар буданд. Ёди ин мардони роҳи Ҳақ, номи онҳо садоқат ва ҳақиқатро бар забону дили мо ҷорӣ месозад. Ҳоло ки аҳли дил дар ҳарами Ишқи шаҳид Ҳоҷӣ Музаффар ба эътикоф омадаанд, ҳамин садоқатро, ҳамин ҳақиқатро дар ӯ пайдо кардаанд.

## Ҳарфи ёрон

Он гуна, ки ишораҳо шуд, Ҳоҷӣ Музаффари Раҳмонӣ барои барқарории сулҳ дар Тоҷикистони азиз саҳми арзандаи худро гузоштааст. Дар ин роҳ вай танҳо набуд. Яке аз онҳо Муҳаммадюсуфи Ҳаким аст, ки дар фарозу нишеби роҳи сулҳ бо Ҳоҷӣ Музаффар ҳамкорӣ дошт. Ӯ мегӯяд: «Бо шаҳид Ҳоҷӣ Музаффар дер боз дӯстӣ дорам, ки ҳикояти он тӯлонист ва онро бигузорам ба фурсати дигар. Бо шодравон соли 1994 фасли аввали баҳор дидоре доштам. Баъд аз ҳам ҷудо шудем. Моҳи августи ҳамон сол дубора баргашт ба Маскав. Дар ин ҳангом Комисияи назорат бар оташбас бояд таъсис меёфт ва ҳамин тавр ҳам шуд. Ҳоҷӣ Музаффар ба ман пешниҳод кард, ки бо ҳам ба Душанбе биравем ва дар пойдории сулҳ хидмат бикунем. Дар ин марҳала ин бузургтарин ва муқаддастарин амал аст, ки мо бояд онро ба хотири миллат анҷом бидиҳем. Агар сулҳу оштӣ ба Тоҷикистон наояд, мо метавонем ин Ватани хушманзар ва зеборо барои ҳамеша аз даст бидиҳем. Он гоҳ дар пеши таърих ва наслҳои оянда бадном хоҳем монд.
Дар он вақт бо сабабҳое натавонистам ба Душанбе биоям. Бо хости тақдир соли 1995 бори дигар буд, ки Ҳоҷӣ Музаффар ба Маскав омад. Ин бор сахт пофишорӣ кард, ки бо ман меравӣ. Агар ту наравӣ, ман низ нахоҳам рафт. Билохира 30 апрели ҳамон сол бо ҳам ба Душанбе баргаштем. Аз шумо чӣ пинҳон, он сол дар Душанбе зиндагӣ душвор буду ваҳшатбор буду мудҳиш. Ҳатто дар хиёбони марказии пойтахт қариб аз зиндагӣ нишоне вуҷуд надошт.
Аммо эътиқод ба Сулҳ дили моро ба зиндагӣ ва фардо гарм нигоҳ медошт. Ҳоҷӣ Музаффар бовар дошт, ки сулҳи пойдор фаро мерасад ва бо ин боварии хеш ҳатто як сари мӯ шаку шубҳа намекард. Бо он ки дастҳое ниҳону ошкор бар он буданд, ки сулҳу сафо ба хоки Тоҷикистон наояд. Зеро сулҳу оштӣ дубора ин миллатро эҳё мекард. Эҳёи миллати тоҷик, барои ин тоифа марг ҳисоб меёфт. Ҳамин дастҳои душманони сулҳи тоҷикон Ҳоҷӣ Музаффарро рабуданд. Он рӯз рӯзи 24 феврали соли 1996 буд, рӯзи Иди Рамазон. Ошкор буд, ки барномаи махсусе душманон рехтаанд, то ба кори сулҳу оштӣ латма ворид шавад...
Дар он рӯз нафари дигари мо Ҷалолиддини Маҳмуд низ таъқиб мешавад, вале хушбахтона, он кас раҳоӣ меёбад. Иззатулло Ибодов бошад, аз Дарёбод пинҳонӣ ба манзили Ҳоҷӣ Музаффар меояд, баъд аз он ҷо дар қароргоҳи СММ паноҳ мебарад. Оре, бародари гаронқадр Ҳоҷӣ Музаффари шаҳид дар ин роҳ ҷони ширини хешро аз даст дод, аммо боз ҳам ҷойи шукрона, ки дарахти сулҳ,

дарахти орзӯи дӯсти азизам дар Тоҷикистони азиз гулфишон аст. Ҳар гоҳ аз ишқ, аз сулҳу оштӣ ёд карда шавад, ёде аз дӯсти азизи ман мешавад. Ёд кардан аз сулҳ, ёд кардан аз ишқ , ёд кардан аст аз ӯ. Ёди ӯ, меҳри вай барои ҳамеша дар дили дардолудам зинда хоҳад буд»

. Дигар аз дӯстони Ҳоҷӣ Музаффар Изатуллоҳи Ибодзода, собиқ корманди Комиссияи назорат бар оташбас аз он кас чунин ёдовар мешавад: «Банда бо Ҳоҷӣ Музаффар аз соли 1993 ошноӣ доштам. Бояд иброз бидорам, ки Ҳоҷӣ Музаффар шахсияти нотакроре буд, бо хулқ, рафтор, отифа ва меҳрубонии хеш.

Ҷавонмардӣ, садоқат, эътиқод, имондории Ҳоҷӣ Музаффар ҳини фаъолият дар Комиссияи назорат бар оташбас боз ҳам бештар ҳувайдо мешуд. Дӯсти азизи мо ба ҳайси раиси Комиссияи назорат бар оташбас бисёр талош меварзид ва миллатро ба як оштӣ ва сулҳи ҳамешагӣ мужда медод. Ӯ холисона ва софдилона бо қумандонҳои тарафҳо вомехӯрд ва аз сулҳ сӯҳбатҳо мекард. Бо хислати ҳамида, ростқавлӣ, муҳаббат дилҳои нафарҳои муқобилро низ тасхир мекард. Содиқона мегӯям, ӯро аз ҳар ду тараф низ дӯст медоштанд. Ин фарзанди фарзонаи миллатро онҳое хуш надоштанд, ки душмани миллати тоҷик буданд. Нияташон ин буд, ки фарзандони миллати тоҷик ба ҳам наоянд. Ҳамин гурӯҳ барои вайрон кардани сулҳ ин ҷавонмардро ноҷавонмардона рабуданд. Бо ин ҳама гилае низ дорам, ки хидмати ин қабил фидоиёни сулҳ ва оштии миллӣ аз ду тараф шоиста қадр карда нашудааст. Бо ин ҳама шукр мегӯям, ки имрӯз дар Тоҷикистони азизамон сулҳу оромиш барқарор аст. Заҳмати мардони сулҳ, дар ин роҳ ёд мешавад.»

Бобои Сайид қиблагоҳи Ҳоҷӣ Музаффар чунин иброз медорад: «Мисли оби дарё соф буду ростиро бисёр дӯст медошт. Чун аз  дини мубини Ислом огаҳ буд, ҳурмати ман ва модарашро бисёр муҳим ва зарур медонист. Ҳамин хислатро ба дигарон низ ёд медод. Бештар овозашро дӯст медоштам. Ҳар бомдод Қуръони Маҷид  тиловат мекард, бо овози ӯ аз хоби субҳ бедор мешудам. Ҳоло набераам Абубакр  ҷои ӯ  тиловати Қуръон мекунад. Ҳар гоҳ дилам барои Ҳоҷӣ Музаффар танг шавад, набераамро мегӯям, ки  Қуръон тиловат бикунад. Дар ин лаҳзаҳо дилам  ба ёди ӯ оромиш меёбад...»

Холаи Сайёра – модари бузургвори Ҳоҷӣ  Музаффар бо дарду алам чунин мегӯяд: «Ҳанӯз ҳам дар хона, вақте бо хаёле менишинам, гумон мекунам ҳамин ҳоло ханда дар лаб ба хона писарам, лахти ҷигарам медарояд.Бо овози ширин  «модарҷон»  мегӯяд... Ман ба пешвозаш мебароям. Борҳо чашм пӯшидаму ин хаёлро дар худ тасаввур мекунам. Аммо аз сарнавишт ва тақдир куҷо мешавад гурехт. Ёдаш мекунам, дилам реш мешавад, аммо ҳамеша аз покӣ ва имондориаш ифтихор дорам. Медонам ӯ маро интизор аст, боз рӯзи қиёмат бо хости Худо фарзанди азизамро хоҳам дид, иншоаллоҳ».

Ҳикоят–ҳамсари Ҳоҷӣ Музаффари шодравон: «Ҳар шаб ӯро хоб мебинам. Дар хобҳоям гули нилуфар мекорад. Сари фарзандонамро навозиш мекунад. Чор фарзанд дорам: Умар, Абубакр, Маҳина, Фарзона. Дар чеҳраи фарзандонам шавҳарамро мебинам. Дилам таскин меёбад. Шабҳои одина фарзандам Абубакр Қуръон тиловат мекунад ва ба рӯҳи падари шаҳидаш мебахшад. Бо ёду хотираи падари фарзандонам зиндагӣ мекунам ва ягона орзӯям ин аст, ки фарзандонамро ҳушманд ва оқил ба камол бирасонам, то ки онҳо номбардори падари мубориз ва шаҳидашон гарданд».

Охирсухан

Кам-кам рӯз худро ба пушти хирмани шабҳангом мекашид. Аммо эътикоф дар ҳарами Ишқ идома дошт. Зеро ҳар ҷо, ки ишқ ҳаст, эътикоф ҳаст. Ҳар ҷо ки муҳаббат аст, меҳрубонист. Оҳиставу ором бо падари Ҳоҷӣ Музаффар амаки Сайид, бо дӯстону пайвандонаш: Идибек, Мулло Исматуллоҳ, Иззатуллоҳ Ибодзода, Муҳаммадюсуфи Ҳаким худоҳофизӣ  мекунам ва дар дил меандешам, ки имрӯз Тоҷикистон беш аз ҳар вақт ба ҷавонмардоне мисли Ҳоҷӣ Музаффар ниёз дорад. Мардоне, ки ин сарзаминро муқаддас медонанду дӯсташ медоранд. Ин хокро номӯс медонанду бароят ҷон нисор месозанд. Ин марзу бум, ин сарзамини аҷдодӣ барои ҳар яки мо бояд муқаддас бошад.  Бовар дорам, ки ин Ватан ҳамеша ва дар ҳама давра  фарзандони фарзонаи худро дорад ва яке аз онҳо Ҳоҷӣ Музаффари шаҳид аст, ки бароямон сулҳу сафо овардаст ва ин оштиву ҳамдигарфаҳмӣ  бояд насл дар насли мо пойдору ҷовидон бошад. Вагарна пеши рӯҳи Ҳоҷӣ Музаффар ва дигар мардони

роҳи ин ҷода хиҷолатзада хоҳем шуд. Бигузор, дар ин сарзамини офтобии Тоҷикистон, дар сарзамини Сулҳ ва Ишқ умеду орзӯ ва марому ормони Ҳоҷӣ Музаффар ва дигар шаҳидоне, ки барои хушбахтии мардуми мо ҷонбозӣ кардаанд, зинда бимонад. Равонаш шоду ёдаш ҷовидон бод!

Муҳаммадалии Аҷамӣ

Зиндаву ҷовид монд, ҳар кӣ накӯном зист

Ӯро хуб мешинохтам.Тавассути дӯсти шоир ва рӯзноманигорам Воқифи Сироҷ бо он кас шинос гардида будам. Ҳар вақте ба ноҳияи Куйбишев (алҳол ноҳия Хоҷамастон) мерафтам, бо шодравон Амриддини Мӯҳриддин вомехурдам. Марҳум шахси донову кушодачеҳра, ботамкину хоксор буд. Мо бештар дар чойхонаи лаби ҷӯи Боғи фароғат ва фарҳанги ноҳия соатҳо дар болои кат менишастему перомуни масъалаҳои доғи кишварамон сӯҳбатҳо меоростем. Гоҳҳо деги баҳси мо сахт меҷӯшиду соатҳо мунозира мекардем ва гузаштани вақтро намедонистем. Шодравон Амриддин шахси пешқадами озодандеш буд ва ба масъалаҳои сиёсӣ хеле хуб сарфаҳм мерафт. Фикрҳояш мантиқиву равшан буданд ва аз умқи саводи баланди сиёсӣ ва ҷаҳонбинии фарохаш шаҳодат медоданд. Баъдтар, вақте ки мардум ваҳдату якпорчагии худро аз даст доданд ва даргириҳои ҷанги дохилӣ шурӯъ гардиданд, ҳақ будани таҳлилҳои сиёсӣ ва андешаҳо Амриддин бароям равшан гардид, вале афсус дигар худи ӯ дар байни мо набуд ва ба шаҳодат расид. Охирин дидорамон чунин сурат гирифта буд. Айни авҷи даргириҳои ҷанги шаҳрвандӣ камина аз шаҳри Қӯрғонтеппа ба шаҳри Душанбе омада будам ва дар бозгашт ҳамроҳи гурӯҳи эҷодии телевизиони тоҷик бо сарварии Хайриддин Қосимов ба Вахшонзамин сафар намудам. Дар болои пули Қизилқалъаи рӯди Вахш, ки солҳои сиюми асри гузашта Абулқосими Лоҳутӣ дар ҳақаш шеъри машҳури худро гуфта буд, натиҷаи даргириро бо чашми худ дидем. Танки артиши Русия, ки якеашро нафарони Маҳмуд Худойбердиев, ки баъд аз чанд сол бо тахаллуси «полковники исёнгар» машҳур гардид, аз гарнизони шаҳри Қӯрғонтеппа рабуда, ба василаи он тамоми мардуми бечораву бегуноҳ ва шаҳру деҳи водии Вахшро ба хоку хун кашида буд. Танки дигаре, ки дар тарафи рости соҳил сӯхта буд, ба гарнизони Душанбе тааллуқ дошт.Ҷасадҳои сӯхтаи сарнишинони танкҳо дар гирду атроф паҳну парешон буданд. Бисёр манзараи мудҳишу риққатовар буд ва аз харобиву фоҷиъаи ин ҷанги бародаркӯш дарак медод. Гурӯҳи эҷодии телевизиони тоҷик ин манзараро ба навор гирифтанд ва мо роҳи худро идома додем. Қад-қади маҷрои дарёи Вахш то мавзеъи Ғаровутӣ расидему тавассути пули он гузашта, гирдогашт ба шаҳри Қӯрғонтеппа расидем. Даргириҳо дар байни нерӯҳои ба ном «Фронти халқӣ» ва нерӯҳои ҷонибдори Ҳукумати Мусолиҳаи Миллӣ идома доштанд. Хати ҷанг байни нерӯҳои даргир заводи пахтатозакунӣ ва универмаги «Шаҳло» буд. Ситоди нерӯҳои ҷонибдори Ҳукумати Мусолиҳаи Миллӣ дар совхози Туркманистони ноҳияи Вахш воқеъ гардида буд. Ба он ҷо рафтем ва бо узви ситоди мазкур, ҷонишини раиси шӯъбаи ҲНИТ дар вилояти Қӯрғонтеппа Амриддини Мӯҳриддин воxӯрдем. Баъди аҳволпурсӣ Хайриддини Қосим аз он кас хоҳиш кард, ки барои телевизиони ҷумҳурӣ вазъияти водии Вахшро шарҳ диҳад. Ӯ розӣ шуд ва мо баргаштем ба сангари размандагон, ба назди универмаги «Шаҳло». Гурӯҳи эҷодӣ асбобу анҷоми худро омода карданд ва шодравон Амриддин ба таври муфассал, фасеҳу бурро роҷеъ ба вазъи муташанниҷи сиёсию низомӣ дар Вахшонзамин сухан ронд. Кормандони телевизион мусоҳибаи ӯро дар партави манзараи ҷанг ба навор мегирифтанд. Ҳангоме мусоҳиба ба охир расид, як мошини сабукрав аз ҷониби сангари муқобил ба шаст омаду дар назди мағоза истод.Аз дохили он чанд нафар силоҳдорон саросемавор баромада, ба сӯи мо оташ кушоданд. Лаҳзае нагузашта аз тири тарафи муқобил як нафари онҳо аз пой афтиду дигарҳояшон зуд ба мошини сабукрав

нишаста, аз ҷои воқеъа фирор намуданд. Шахси кушта шуда, аз тири оташфишон даргирифту месӯхт. Ҳеҷ кас ҷуръат намекард, ки ба назди ӯ равад. Ӯ месӯхту месӯхт. Бӯи ғализе ба атроф паҳн гардид, тирпарронӣ имкон надод, ки оташро хомӯш кунанд ва ҷасади он камондор, ки ҳеҷ кас ному насаби ӯро намедонист, дар пеши назари ҳама сӯхта ба хокистар табдил меёфт...
Ин охирин дидори ман бо шодравон Амриддини Мӯҳриддин буд. Афсӯс надонистам, ки ин мулоқоти вопасини мост ва дигар ӯро намебинем. Баъди чанд моҳ хабар расид, ки ишон бе ному нишон гардидааст. То ба имрӯз чеҳраи нуронию зебои шаҳиди роҳи озодӣ Амриддин пеши назарам пайдост. Гӯё зиндаасту бо ман майли ҳарф задан дорад...
Баъди сипарӣ гардидани чандин сол барои рӯи саҳфа овардани хотироти ёру дӯстон, аҳли байт ва пайвандони шаҳид Амриддин ба ноҳияи Хоҷамастон рафтам. Ҳамроҳи сармуҳаррири рӯзномаи ноҳиявии «Ба пеш» Шаҳринисо Шерматова ва раиси шӯъбаи ҲНИТ дар ноҳияи мазкур Қурбонмурод Қурбонов ба хонаи шодравон Амриддин рафтем. Моро духтарашон Замира пешвоз гирифта, ба хонаашон таклиф кард. Баъди чанде ҳамроҳи ҳамсари шодравон - Зебуннисо бо фарзандонаш: Адос, Ҳамза, Ҷаъфар, Замира, Ҳизбуллоҳ, Суннатуллоҳ сари дастурхон нишастем ва шаҳид Амриддинро  ба хотир овардем. Апаи Зебуннисо аз ҷумла чунин ёдовар шуд:
«Сутуни хонадони мо, падари фарзандонам Амриддин бисёр инсони хуб буд. Зиндагии хушбахтона ба сар мебурдем. Худораҳматии шавҳарам нисбат ба ман ва фарзандонаш меҳрубон буд ва ҳеҷ гоҳ овози баланди ӯро нашунида будем. Ба ҳама хурду калон баробар рафтор мекард, хусусан бо ҳамсояҳо муносибати хубу самимӣ дошт. Вале афсӯс, ки умраш кӯтоҳ будааст ва моро танҳо гузошту танҳо рафт...
Рӯзи 21 октябри соли 1992 он кас ба ноҳияи Ёвон сафар карду дигар барнагашт. Баъди чанд рӯз хабар ёфтем, ки ӯро ҳамроҳи чанд нафар рафиқонаш дастгир карда, ба шаҳодат расониданд. Дар худи ҳамон рӯз ҳофизи машҳур Кароматуллоҳи Қурбон ва ҳамроҳонашро дар ҳамон ноҳия ба қатл расонида буданд. Гумони ғолиб меравад, ки Амриддинро қотилони Кароматуллоҳи Қурбон – дастаи хуношоми Восити қалуғи ёвонӣ аз байн бурдааст. Вақте ин хабарро шунидем, ба он ҷо рафта натавонистам. Зеро аз як тараф вазъият ноором буд, аз тарафи дигар дар қадам кӯдак доштам, ки баъд аз сари падараш таваллуд шуд ва ба ӯ Суннатуллоҳ ном гузоштем. Баъди гузаштани чанд моҳ ба ноҳияи  Ёвон рафтам, кофтукову ҷустуҷӯ кардам, вале ҳеҷ кас ҳақиқати ҳолро ба ман нагуфт. То ба ин дам аз шавҳарам ному нишоне наёфтам. Бисёр вақт  дар бораш фикр мекунаму андӯҳгин мешавам, вале боз худамро тасалло медиҳам, ки тақдири Худо ҳамин будааст ва шавҳари ман дар роҳи Худо ва дини мубини Ислом ҷони худро фидо намуд. Сад афсӯс, ки бисёр ҷавон дар синни 38-солагӣ сафари охират кард ва ману фарзандонашро дар ин дунёи фонӣ ва ғурбатхона гузошту рафт. Худо биёмурзаш. Хотираҳо хеле зиёданд ва фурсат танг, фақат дар охир гуфтаниям:

Шаҳидон зиндаанду ҷовидонанд,
Ки меҳмони Худои ломаконанд."

Марди наҷиб Амриддини Муҳриддин аз овони кӯдакӣ дар назди уламои маъруф улуми мухталифи диниро фаро гирифта, чун шахси закиву донишманд ба камол расид. Дар ноҳияи Хоҷамастон шогирдони зиёдеро таълиму тарбия дода, ба роҳи рост ҳидоят ва раҳнамоӣ кардааст. Яке аз дӯстони наздики марҳум раиси шӯъбаи ҲНИТ дар ноҳияи Хоҷамастон Қурбонмурод Қурбонов мебошад, ки хотироти хешро дар бораи зиндагӣ ва фаъолияти шодравон ин тавр ба ёд меорад:
- «Шаҳид Амриддини Мӯҳриддин яке аз дӯстони наздики ман буд ва мо якҷоя дар иттиҳодияи «Селхозтехника»- и ноҳиямон кор мекардем. То соли 1992 он кас дар иттиҳодияи мо ба ҳайси сардори автоколонна ифои вазифа мекард. Инсони хубу наҷиб буд. Ба ҳама хурду калон муносибати хоксорона дошт, шахси ботавозӯъ ва бофарҳанг буд. Кӯшиш мекард, ки ба ҳамроҳонаш ҳамеша дар кору зиндагӣ ёрӣ расонад. Беш аз сад нафар ронанда дар зери дасташ кор мекарданд ва ӯро ҳурмату эҳтиром менамуданд.
Бояд гуфт, ки шодравон Амриддин ҷонишини раиси шӯъбаи ҲНИТ дар собиқ вилояти Қӯрғонтеппа буд ва яке аз сарварон ва фаъолони ин ҳизб ба ҳисоб мерафт ва дар ҳама корҳои сиёсӣ, ташвиқотиву фарҳангии ҲНИТ дар Вахшонзамин фаъолона ширкат меварзид. Хусусан дар оғози даргириҳои ҷанги шаҳрвандӣ, ки душманони дохиливу хориҷии халқи тоҷик, мардуми моро ба

гирдоби нобудӣ ва бадбахтӣ тела медоданд. Шодравон Амриддин дар ҳамаи музокироти сулҳ иштирок дошт. Азбаски чандин сол дар Русия кор карда буд ва забони русиро хеле хуб медонисту шахси босавод буд, ҳамеша аз ҷониби ҲНИТ протоколҳо ва асноди гуфтушунидро ӯ менавишт. Нӯҳ бор дар музокирот иштирок намуда, ҳуҷҷатҳои онҳоро оварда, ба мо нишон медод. Ва дар бораи вазъи сиёсиву низомӣ дар вилояти Қӯрғонтеппа ва кишварамон нақлҳо мекард.
Азбаски дар он давра оташи қавму маҳалгароӣ дар байни сокинони ҷумҳурӣ афрӯхта мешуд, мулло Амриддин ҳамроҳи дигар роҳбарону сарварони ҲНИТ дар паст намудани ин оташи манҳус ва ором намудани вазъ ва ҳамдигарфаҳмии мардуми Вахшонзамин худфидоиҳо нишон дод. Вале, мутаассифона, ӯро аз байни мо рабурданд...
Дар охири моҳи октяби соли 1992 Амриддин ҳамроҳи раиси хоҷагии моҳипарварии ноҳиямон Саидбек Шарифов ва чанд нафари дигар ба ноҳияи Ёвон сафар мекунад ва ҳамаи онҳо бе ному нишон мегарданд. Афсӯс, ки умраш дар айёми ҷавонӣ хазон шуд, вале дар роҳи Худо, роҳи озодию адолат шаҳид гардид ва ҳаёти ҷовидон ёфт.»
Дӯстон ойинаи якдигаранд, мегӯянд дар урфият. Агар дӯст боз ба кас ҳақи устодӣ ва тарбиятгарӣ дошта бошад, риштаҳои меҳру муҳаббат, дӯстию рафоқат қавитар ва печидатар мегарданд. Шодравон Амриддини Мӯҳриддин чунин дӯст ва устод дошт, ки он кас Ҳомидхоҷаи Муҳаммадхоҷа аст, ки имрӯз вазифаи ҷонишинии раиси шӯъбаи ҲНИТ дар шаҳри Душанбе ва навоҳии тобеъи ҷумҳуриро ба дӯш дорад. Ишон доир ба шогирд ва дӯсташ шаҳид Амриддин чунин ибрози назар мекунад:
«Ман шодравон Амриддинро аз овони кӯдакиаш мешинохтам. Зеро мо дар як ноҳия ба воя расидаем. Пештар Амриддин дар назди дигар уламо илмҳои диниро аз худ карда буд ва баъдтар солҳои ҳафтодуми асри гузашта дар назди ман дониши худро такмил дод. Мулло Амриддин шахси серзеҳну доно буд. Сабақҳои гирифтаашро зуд азбар мекард, яъне қобилияти зеҳнӣ ва қувваи ҳофизааш қавӣ ва баланд буд. Аз ин рӯ дар як муддати кӯтоҳ дониши худро такмил дода, чун як шахси солимфикр, озодандеш ва пешқадам ба камол расид. Соли 1978 ба ҷунбиши ислоҳотхоҳии исломӣ, яъне ҲНИТ пайваст ва то лаҳзаи охири умраш барои амалӣ гардидани ҳадафу ормонҳои ҳизб ҷаҳду талош карда, дар ин роҳ ҷони худро нисор намуд.
Бояд гуфт, ки Амриддини Мухриддин дар аввал чанд сол ба ҳайси раиси шӯъбаи ҲНИТ дар ноҳияи Куйбишев (ҳоло ноҳияи Хоҷамастон) фаъолият пеш мебурд. Шахси босаводу масъулиятшинос буд ва дар пешбурди корҳои ташвиқотӣ, оммавию сиёсӣ, фарҳангию ташкилии ҲНИТ аз худ садоқату фидокорӣ нишон медод. Баъди баргузории конфронси таъсисии шӯъбаи тоҷикистонии ҲНИ Иттиҳоди Шӯравӣ чун узви кумитаи тадорукотӣ дар таъсиси шӯъбаи ин ҳизб дар вилояти Қӯрғонтеппа саҳми шоиста гузошт ва дар конфронси нахустини он муовини раиси шӯъбаи вилоятии ҳизби мазкур интихоб гардид.
Марҳум Амриддин азбаски саводи хуби сиёсӣ ва қобилияти баланди ташкилотчигӣ дошт, дар давраи душвор - даргириҳои ҷанги шаҳрвандӣ чун як сарвари варзидаи ҳизбӣ ва ҷамъиятӣ ташаккул ёфт ва шинохта гардид. Аз ҳамин ҷо буд, ки дар тамоми чорабиниҳои муҳими сиёсию низомӣ фаъолона ширкат меварзид. Дар тамоми гуфтушунидҳои тарафҳои даргир барои ба даст овардани сулҳу осоиш ва ором намудани вазъи муташанниҷ, чӣ дар сатҳи вилоят ва чӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ ҷидду ҷаҳди зиёд мекард. Вале мутаасифона, охири моҳи октябри соли 1992 аз ҷониби шахсони номаълум ба шаҳодат расид ва то ба имрӯз ҳамроҳи чанд нафари дигар бе ному нишон аст...»
Оре, Амриддини Мӯҳриддин аз зумраи шахсиятҳои озодихоҳу озодандеши кишварамон ба шумор меравад, ки баррои сулҳу салоҳ ва хушбахтии мардуми Тоҷикистон ҷонбозиҳо намудааст. То ба ҳол ҳеҷ кас намедонад, ки дар куҷо ва аз дасти кадом камондор ҷоми шаҳодат нӯшид. То ба имрӯз ҳеҷ кас намедонад, ки ӯ дар куҷо дар паноҳи раҳмати худовандӣ орому осуда хоб аст. Шояд мадфани ӯ дар рӯи замин ҳам набошад Шояд...
Саргузашти шаҳиди роҳи Ҳудо Амриддин қиссаи рӯзгори фоҷиъаомези шоири бузург ва ватандӯсти маҷор Шандор Петефиро, ки дар ҷанги миллию озодихоҳии кишвараш кушта гардид,

вале ҷасадашро дар корзор наёфтанд, ба хотир меорад. Аллома Иқболи Лоҳурӣ бузургию мақоми ӯро дар як пора шеъраш хеле хубу барҷаста ифода намудааст:

Нафасе дар ин гулистон зи арӯси гул сурудӣ,
Ба диле ғаме фузудӣ, зи диле ғаме рабудӣ.
Ту ба хуни хеш бастӣ, кафи лоларо нигоре,
Ту ба оҳи субҳгоҳӣ  дили ғунчаро кушудӣ.
Ба навои худ гум астӣ, сухани ту марқади ту,
Ба замин на боз рафтӣ, ки ту аз замин набудӣ.

Ин гуфтаҳои мутафаккири бузург ба Амриддин ва кулли шаҳидони роҳи Худо тааллуқ дорад.Ба ҳар ҳол ин рози нуҳуфтаи илоҳист ва онро танҳо Яздони пок медонаду бас. Мо аз донистани ин роз оҷизем, вале як нуктаро возеҳу равшан медонем, ки  азбаски ӯ дар роҳи Худо ва озодӣ  ҷони худро нисор кард,  дар радифи дигар шаҳидон зиндааст ва ҳаёти ҷовидон ёфтааст. Зеро Худованд дар Қуръони маҷид фармудааст: «Ононеро, ки дар роҳи Худо кушта мешаванд, мурда махонед. Онҳо зиндаанд ва шумо дарнамеёбед» (сураи Бақара, ояи 154).

Хулоса, мо дар ҳақи шодравон Амриддини Мӯҳриддин ва дигар шаҳидони гулгункафан ба даргоҳи Худо дасти дуъо мебардорем ва онҳоро ба некӣ  ба ёд меорем. Ёдашон ба хайр!

Зиндаву ҷовид монд, ҳар кӣ накуном зист,
К-аз ақибаш зикри хайр зинда кунад номро.

Табассуми хокистарии баҳор

Баҳор дар пушта ва талҳо махмали сабз мекушояд ба истиқболи офтоб. Ҳадиси лолаҳои роз дар китоби офариниш, дар китоби баҳор андак-андак мунташир мешавад. Баҳор дар кӯчаи гулҳо сабзи сабз, сурхи сурх сулаймонӣ дорад. Зарфи осмони обӣ саршор аз гули рангинкамонҳост. Гулхонаи чаманҳост ва соябони абрҳо. Таҷаллии нури ирфон, қатра-қатра аз осмонҳо мебораду ва боз бар осмонҳо уруҷ мекунад. Ҳар киро басирати таҳқиқ ва ҳайрат аст ин нурро мешиносад. Вагарна дар чашми беҳис ин осмон ҳамон осмон асту бас:

Пеши чашме, ки нури ирфон нест,
Гар бувад осмон, намоён нест.

Тафсири нури ирфон дар луғатномаи ошиқони ҳақ бар ин шарҳ аст: ашк, ишқ, шаҳодат...

Ин таъбир чароғи ҳидояти мардони ошиқ аст. Хушо бар он мардони ошиқ, ки бар дари кибриёи ишқ расиданд. Хушо бар он мардони ошиқ, ки рози шаҳодатро бо забони ҷон замзама карданд. Хушо бар он мардони тақво, ки ҳафт осмонро по ба пои ишқ паймуданд. Хушо бар он мардони озода, ки тамоми ин осмон дар онҳо тафсир мешавад. Баҳор бо он, ки забони тозаи тақвимҳост, бо он ҳама ранг-ранг, ки дар бағал дорад, қиссаи ишқи ҳамин мардон аст. Мардони шаҳид, мардони ошиқ, мардони номус, имон ва Қуръон... Баҳор қиссаи шаҳодати мардони роҳи худоро дар хок гулкорӣ мекунад.

Дар канори баҳор то водии андешаҳо рафтам ва аз вақт гузар кардам. Дар ин пайдову нопайдо аз бекарон то бекарон касеро меҷӯстам, ки пайдош кардам. Ӯро шинохтам. Ӯ нарм-нарм бо корвони лаҳзаҳои сабз раҳсипор буд.

Муҳаммадшарифи Қаландарро мегӯям. Шаҳиди роҳи ҳақ. Ӯро садо кардам. Эй родмарди ишқ, бар ман бигӯ аз ҳақиқати ишқ, аз тариқати парвоз. Ба ман аз сӯхтан дар ишқи худо бигӯ.

Муҳаммадшарифи Қаландар лабханде ба осмонҳо бахшид ва гуфт: ҳар он чӣ дилат мехоҳад, ҳар он чӣ меҷӯӣ, аз баҳор, аз рангҳои баҳор хоҳӣ ёфт. Ин баҳорро, ки мебинӣ, бо рангҳову шукуфаҳояш китоби дили ман аст. Агар мехоҳӣ маро бидонӣ, маро хубтар бишносӣ, баҳорро бишинос. Китоби баҳорро бихон. Рози парвози ишқ, рози шаҳодат ва шаҳомат аст дар барг барги баҳор. Бубин чӣ гуна чаман аз нафаси сабз муаттар мешавад. Ин нафаси сабзи шаҳидони роҳи худост. Аз ҳамин баҳор, аз ҳамин рангҳо, аз сукути лолаҳо қиссаи маро бихон. Қиссаи ишқро, қиссаи шаҳодатро. Ман қиссаи нохондаи ишқам, қиссаи нохондаи ашкам, қиссаи нохонда аз гузаштаҳоям. Ин қиссаи шаҳодатро бихон ва дар авроқи рӯзгор бинавис. Агарчӣ ин қисса қиссаи маҳзун аст, дарёи ҳасрат аст, аммо ин дарё дар қаъри худ гавҳарҳо дорад. Ман бо он, ки дар оташ сӯхтам боз ҳам дар ҷон оташи нуҳуфта дорам. Агар аз он оташ маро пайкар сӯхт, аз ин оташ маро рӯҳ месӯзад, маро ҷон месӯзад. Рӯҳам месӯзад, ки ҷамъе аз дини худо дар ғафлат аст. Рӯҳам месӯзад, ки аҳли имонро ғофиле чанд аз дин бедин мекунад. Кош медонистанд, ки чӣ иштибоҳе мекунанд. Кош медонистанд, ки аз зумраи раҳгумзадагон хоҳанд шуд. Охир он ҷо, ки дини мубини Ислом аст, чӣ гуна метавон ба динҳои мансухшуда рӯй овард.

Рӯҳам месӯзад, ки дарди он бисёр сахт аст. Қиссаи дарёи ҳасрат кам-кам сар ба соҳили ишқ мезанад. Муҳаммадшарифи Қаландар бо лаҳни шикастаи дарёӣ мегӯяд: Ҳар сол вақте наврӯз меояд, вақте баҳор меояд, аз осмонҳо фурӯд меоям, ки барои ҷигарбандам Абдулфаттоҳ гули лола бичинам. Ӯ баҳорро дӯст медошт. Оҳ чӣ қадар зебо дӯст медошт. Соф, пок мисли дарё. Аммо дареғу дард пардаи ғафлат соя бар чашмҳо рехта буд. Идрок ва отифа ғарибӣ ғариб буд. Чунин буд, ки ин зебоӣ, ин покӣ ва ин софӣ ғарқа дар хун шуд. Ҷигарбандам бо он ҳама зебоӣ, бо он ҳама покӣ дар хоку хун афтод. Ишқ ва орзӯҳояш дар пеши чашмам пар-пар гардид. Балки худаш буд, ки барг-барг дар хун пар-пар шуд.

Баъд аз он ман худ дар оташи кин, оташи қаҳру ҷаҳл ва оташи хашм сӯхтам. Вақте ки миёни шӯълаҳои оташ месӯхтам Ҳазрати Иброҳимро ёд овардам... бо он, ки месӯхтам пушти пардаҳои оташ гулистоне дидам, шукуфта ранг дар ранг. Миёни шӯълаҳои оташ такбири Аллоҳу Акбар буд, ки дар забонам гул кард ва маро ба осмонҳо бурд. Пушти пардаҳои оташ гулистоне буд тамошоӣ, гулистоне буд аз ишқ, гулистоне буд аз раҳмати илоҳӣ. Месӯхтаму ишқро тамошо мекардам. Месӯхтаму таҷаллии ҷамоли худоро медидам. Сӯхтам, хокистар шудам ва табассумҳои хокистариямро назри баҳор кардам.

Ҳоло аз табассумҳои хокистариям, аз табассумҳои сӯхтаам ҳар баҳор дар талу теппа гули бунафша мерӯяд. Вақте худро дар ойинаи ишқ дидам, донистам, ки ишқ чист. Ҳоло рӯҳам дар пайкари ишқ метапад... Дар дил бар ҳеҷ кас кина надорам ва сабукборам. Меҳмони Худовандам. Лаззати хушҳолӣ рӯҳамро менавозад. Ба хотири Худованди якто ҳар кӣ озорам дод, ӯро бахшидам. Бошад Худованд низ ононро бубахшад. Раҳмати Худованд беинтиҳост. Танҳо хоҳишам ин аст, ки шумо низ ба хотири худо ҳамдигарро бубахшед, ҳамдигарро дӯст дошта бошед. Дини худоро, исломро фаромӯш накунед. Ба намоз рӯй оред ва худовандро ибодат кунед. Ватанро обод созед. Сармояи аслӣ, ки бояд ҳар инсони муъмин онро биҷӯяд ва ба хазина кардани он бипардозад, тоат асту ибодат ва накукорӣ. Ман бар ӯ хира мешавам, мебинам саропо нур аст, саропо ишқ аст, саропо таҷаллӣ аст. Чӣ эъҷозе буд, ки медидам, рӯҳи хуршед буд, ки дар оинаи миъод мешукуфт. Хилвати рӯҳониям аз атри аҷибе пур мегашт. Дар ҳамин ҳолу ҳаво ногоҳ пар кашид ба сӯи бекарон. Ман мондаму шарҳи қиссаи дарёӣ, қиссаи дарёие, ки дар худ аз эътиқод, аз ишқ, аз имон гавҳарҳо дошт. Аз водии андешаҳо ба худ боз гаштам. Борон дар чаман гесу парешон мекард. Ҳаво муаттар буд аз атри баҳор. Баҳор буду зам-замаи ишқ ва атри рӯҳи шаҳидон, атри ёди Муҳаммадшарифи Қаландар. Сукути хаёл ва ёди шаҳид дар чаман гулоб мешуд ва мешукуфт:

Зи хумхонаи ишқ нӯшидаанд,

Хамушони ошиқ шароби сукут.

Дигарбора дар худ гуфтам, бояд баҳорро, осмонро бо чашми таҳқиқ шинохт. Чашми рӯзгор чӣ бисёр барои ҳақиқати ишқ, барои шаҳидони роҳи Худо гиристааст. Аммо чашмҳои мо хушкаст. Зеро аз эъҷози ишқ, аз эъҷози шукуфтан ғофилем. Биёед баҳорро бишносем, ишқро бишиносем ва шаҳидони роҳи Худоро:

Дар баҳоре, ки хоки ин дашт, мисли гулбарги лола пок аст,
Пораҳои дили ману туст, офтобе, зери хок аст.
Розҳои нагуфтаи туст, дардҳои нуҳуфтаи ман,
Баъди ту эй ҳамосаи ишқ, зинда мондан чӣ дарднок аст.
Қиссаҳои туро ба соқӣ, шишаҳои сарбурида мегуфт,
Ин сари мост, найзабоз аст, ин дили мост, чок-чок аст.
Ту мапурс аз муҳаббати мо, ту бипурс аз қиёмати мо,
Пири мо гуфта буд моро, хуни мо хунбаҳои ток аст.
Боз ояд баҳори ошиқ, бар сари мо шукуфа борад,
Пешвози ману ту хезад, офтобе, ки зери хок аст.

Муҳаммадалии Аҷамӣ

Хаёлам, к-ӯ гул аз фирдавс чинад

Дар бораи шахсият ва мақому манзалати Махдуми Убайдуллоҳ чизе навиштан душвор аст. Зеро ишон шахсе буд бисёр донишманду фозил. Диле дошт дар кафи даст. Бо ҳама хурду калон бо эҳтиром муносибат мекард. Ҳамеша дар ҷустуҷӯ ва такопӯ буд. Дар ҷодаи илму маърифат, бахусус улуми динӣ шабу рӯз заҳмат мекашид. Мехост, ки ҳарчи бештар ҷавонони худогоҳу бомаърифат, хештаншиносу бофарҳангро тарбият кунад ва ба камол расонад. Ҳамеша дар куҷое буд, чароғи маҳфили илму маърифатро фурӯзон нигаҳ медошт. Аз ҷониби дигар ӯ донишманде буд дорои афкори ислоҳотхоҳии исломӣ ва шогирдони худро дар ҳамин рӯҳия таълиму тарбият мекард. Вале бо ин ҳама фазилату дониш хеле шикастанафс буд ва худнамоиву ҷоҳу ҷалолро дӯст намедошт. Чӣ хидмате аз дасташ меомад, барои пешрафти ҳаёти мардум дареғ намедошт ва сирф дар роҳи Худо мекард. Подоши худро танҳо аз даргоҳи илоҳӣ умедвор буд...

Махдуми Убайдуллоҳ соли 1934 дар деҳаи Ёфучи ноҳияи Дарбанд (собиқ ноҳияи Комсомолобод) дар хонадони донишманд ва яке аз машоихи тариқати Нақшбандия Шайх Наҷмиддин ибни Махдуми Муҳаммадтайиб ибни домулло Боймуҳаммад чашм ба олами ҳастӣ кушудааст. Мавсуф дар муҳити исломӣ ба воя расида, маълумоти ибтидоиро аз қиблагоҳи бузургвораш омӯхтааст. Ҳаштсола буд, ки падараш бар асари ҷабру зулми ҳукуматдорони вақти кӯҳистон маҷбур шуд кӯчида ба деҳаи Қубури мавзеъи Хоҷанахчирони ноҳияи Регар равад. Дар ҳамин ноҳия Махдуми Убайдуллоҳ овони наврасӣ ва ҷавонияшро гузаронида, дар назди уламои маъруфи ин диёр илмҳои мухталифи диниро фаро мегирад. Сипас ба шаҳри Душанбе омада, дар назди уламои шинохтаи исломӣ: Эшони Тоҷ, Махдуми Саймуддин, Мулло Асомиддин, Домулло Ҳикматуллоҳ ва Мавлавӣ Муҳаммадҷони Хуқандӣ дониши худро такмил дода, чун мударрис ва фақеҳи номӣ ба камол мерасад.

Шодравон Махдуми Убайдуллоҳ солиёни зиёд ба таълими толибилмон машғул шуда, шогирдони зиёдеро тарбият намудааст. Донишмандони маъруфи улуми исломӣ Муҳаммадшарифи Ҳимматзода, Эшони Маҳфузуллоҳ, Махдуми Шамсиддин, Мулло Сӯҳробшоҳ, Мулло Муҳаммаднабӣ, Мавлавӣ Қосими Раҳим, Мулло Айёмиддин, Мулло Сайиднуриддин, Мулло Зариф, Қорӣ Абдулкарим, Мулло Ҳақдод, Эшони Шамсиддинхоҷаи Мастчоҳӣ ва дигарон аз ҷумлаи

дастпарварони мактаби шодравон Махдуми Убайдуллоҳ ба шумор мераванд. Яке аз шогирдони рашиди шодравон Айёмиддини Сатторзода хотироти хешро дар бораи устодаш чунин ба ёд меорад:
«Устоди зиндаёд Махдуми Убайдуллоҳи Ёфучӣ яке аз уламои маъруфи охири асри бисти кишварамон ба шумор мераванд ва алҳақ  аз ҷумлаи касоне аст, ки Худованд барои ӯ хайри бисёре ато карда буд. Бо вуҷуди ин ки кулли улуми исломии даврро медонистанд, вале дар илми фиқҳ камназир буданд. Тамоми умри худро дар ҷустуҷӯи аҳкоми шаръӣ сипарӣ намуда, ҳамеша барои ёфтани ҷавоби суолҳои мардум мекӯшиданд. Устоди мо соҳиби ҳавсалаи зиёд  дар мутолиаи китоб буданд ва ҳамеша ҷавобҳояшонро дар ин ё он масъала бо далелу бурҳонҳои ақлӣ ва нақлӣ  аз сарчашмаҳои мӯътабар пайдо мекарданд.
Камина худро хушбахт меҳисобам, ки дар назди он кас таҳсили илм кардаам. Шодравон устоди мо бисёр шахсияти фозил ва равшанзамир буданд  ва мо - шогирдонро дар рӯҳияи ислоҳотхоҳӣ, озодандешӣ ва истиқлолталабӣ тарбият менамуданд. Бисёр ҷаҳонбинии васеъ доштанд, забонҳои арабӣ ва туркиро хеле хуб медонистанд. Дар ҳалқаи дарсии он кас як фазои озодфикрӣ ҳукмфармо буд. Фикру ақидаи худро ҳеҷ вақт ба тарзи маҷбурӣ ба мо шогирдонаш таҳмил намекарданд. Баръакс он кас чунон моҳирона дарс медоданду мавзӯъ ва масъалаҳоро тавре бо далелҳои мантиқӣ мефаҳмонданд, ки мо толибилмонро мутақоид месохтанд. Дар дарс бисёр озодона рафтор мекарданд. Имкон медоданд, ки шогирдон фикру андешаҳои шахсии худро баён кунанд, яъне ҳеҷ вақт толибилмонро маҳдуд намесохтанд. Дар баъзе мавридҳо ҳангоми дарс байни мо ва устодамон сари ин ё он масъала баҳсу мунозираҳо авҷ мегирифт. Он кас бо таҳаммул ва тамкин посух медоданд. Агар мо аз ҷавобҳояш қаноатбахш намегардидем, ишон рафта, китобҳои дигарро гирифта меоварданду мавзӯъи дарсро шарҳу тавзеҳ медоданд. Рафту агар мо, шогирдон ҳақ мебаромадем он кас ба фикри мо розӣ мешуданд. Ҳамин усули таълим моро ба дарёфти ҳақиқат, ҷустуҷӯву такопӯ дар ҷодаи илм ва зиндагӣ раҳнамоӣ кард.
Устод китобхонаи хеле бузург доштанд. Анъанаи наҷиби  Садри Зиёро идома дода,   дастхатҳои нодир ва китобҳои чопи сангиро дар махзани худ гирд оварда буданд. Мо- шогирдон доимо аз ин китобхонаи  ишон ба таври васеъ истифода мебурдем.»
Қайд кардан месазад, ки нақши Махдуми Убайдуллоҳ дар густариши ақоиди исломӣ дар байни сокинони туркзабони диёри Мовароуннаҳр хеле чашмрас аст. Зеро шодравон  солиёни зиёд дар ноҳияи Регар дар байни мардуми ӯзбактабор зиндагӣ карда буданд, забони туркиро ба дараҷаи аъло медонист. Аз ҳамин ҷо буд, ки аз навоҳии Деҳнаву Сариосиё, водии Фарғона ва ҳатто Хоразми дурдаст толибилмон ба назди шодравон омада, улуми мухталифи диниро ба забони модариашон гирифта, ба ватанашон бармегаштанд. Аз ин рӯ  Махдуми Убайдуллоҳ дар густариши ақоиди дини мубини Ислом дар байни мардуми туркизабони Мовароуннахр  хидмати зиёдеро анҷом додааст.
Чуноне дар боло зикр кардем,  Махдуми Убайдуллоҳ  яке аз донишмандоне буд, ки дар интишори афкори ислоҳотхоҳии исломӣ дар кишварамон кӯшиши зиёд ба харҷ медод. Аз таъсиси ҲНИТ бо сарварии устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ бо қаноатмандӣ  ва хушнудӣ пазироӣ кард  ва дар пешбурди фаъолияти ин созмони сиёсиву динӣ саҳми арзанда мегузошт. Як зумра шахсиятҳои маъруфи ин ҷунбиш, аз ҷумла устод Муҳаммадшариф Ҳимматзода, Мавлавӣ Қосими Раҳим, Шамсиддини Шамсиддин ва  Айёмиддин Сатторзода дар назди шодравон Махдуми Убайдуллоҳ дониши худро такмил дода, аз афкори озодихоҳӣ ва ислоҳталабии исломии он кас баҳравар гардиданд.
Устоди шодравон ба ғайр аз таълиму тарбия ба корҳои илмиву адабӣ низ шуғл меварзид. Аз худ осори гаронбаҳои илмиву адабиро боқӣ гузошт. Аз ҷумла асарҳои  «Фиқҳи акбар»- и Имом Абуҳанифа(р), «Риёзу-с- солиҳин», «Ҳазор ҳадис», «Нуру-л-яқин»-ро аз забони арабӣ ба форсии тоҷикӣ тарҷума кардааст. Дар илми фиқҳ низ якчанд рисола пурарзишеро низ таълиф кардааст, ки китоби «Ҷамъбасти ҳукмҳои шаръи»-и ӯ аз ин силсила ба тозагӣ нашр гардид. Табъи равони шоирӣ ҳам дошт ва осори зиёди адабӣ эҷод кардаст, ки аз ғазал, рубоӣ,  дубайтӣ, маснавӣ, қитъа ва ғайра иборат аст. Аз ҷумла дар вафоти шогирди рашидаш Сайиднуриддин марсияи ҷонсӯзе

сурудааст, ки хеле муассир аст. Якчанд асари адабии шоирону нависандагони туркзабонро низ ба забони форсӣ баргардонидааст.

Дар айёми камолоти зидагӣ дар синни  63- солагӣ  соли 1998-ум ин дунёи фониро падруд гуфта, ба раҳмати худовандӣ пайваст. Рӯзи вафоташон ба зиёрати устод Сайид Абдуллоҳи Нурӣ ба дафтари Комиссияи Оштии Миллӣ, ки дар меҳмонхони «Вахш» ҷойгир буд, меравад. Азбаски бемории дил дошт, ба якборагӣ дардашон хурӯҷ мекунад ва сактаи қалб мешавад ва дар рӯи дастони  шогирдонаш ҷон ба Ҳақ  таслим менамояд...

Устоди шодравон Махдуми Убайдуллоҳ шабеҳи шамъи фурӯзоне буд, ки месӯхт ва обу адо мешуд, то манзиле, ҷодае равшан гардад ва мардум роҳи ростро дарёбанд ва раҳгум назананд. Ва ҳамин сӯхтану сохтанҳо буд, ки дили бузургаш ба таври фоҷиъавӣ аз задан монд. Вале агарчӣ ишон ҷисман аз байни мо рафта бошад ҳам, рӯҳан зинда аст ва бо мост, бо ғаму шодии мо шарик аст. Кору фаъолияти наҷибу неки ӯро садҳо шогирдонаш дар тамоми гӯшаву канори диёри Мовароуннаҳр босарбаландӣ ва бошарафона идома медиҳанд. Рӯҳаш шод ва хонаи охираташ обод бошад. Омин!!

Ин ду рӯзе,  ки ҳаёт аст, чунон бояд зист,
Ба халоиқ, ки каму беш саное бирасад.
Вақти рафтан чу расид, низ чунон бояд рафт,
Ки зи бегонаву аз хеш дуъое бирасад.